ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ
АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АТТ

ISSN 2617-5320

# ПАЁМИ
# ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

# ВЕСТНИК
# ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

# BULLETIN
# OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT
# OF EDUCATION

***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***
***Серия педагогических и психологических наук***
***Series of pedagogical and psychological sciences***

***Маҷаллаи илмиву методӣ соли 2012 таъсис ёфтааст***
***Научно-методический журнал основан в 2012 году***
***Scientific and methodical journal was founded in 2012***

***2022, №1 (37)***

**ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
(Маҷаллаи илмиву методӣ)
***Муассис:*** *Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
(Научно-методический журнал)
***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.
The journal is published in Tajik, Russian and English.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Сармуҳаррир**<br><br>**Главный редактор**<br><br>**Chief editor** | **Иматзода Лутфия Маҳмадулло**<br>доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Иматзода Лутфия Махмадулло**<br>доктор педагогических наук, профессор, директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Imatzoda Lutfiya Mahmadullo**<br>doctor of pedagogical Sciences, Professor, Director of Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Муовини сармуҳаррир**<br><br>**Зам. главного редактора**<br><br>**Deputy editor** | **Туронов Султонмурод Шарофович,**<br>номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Туронов Султонмурод Шарофович,**<br>кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Turonov Sultonmurod Sharifovich,**<br>candidate of pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Котиби масъул**<br><br>**Ответственный секретарь**<br><br>**Responsible Secretary** | **Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна,**<br>номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ | **Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна,**<br>кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени Абдурахмана Джами А | **Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna,**<br>candidate of pedagogical sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by Abdurahman Jomi AET |

Маҷалла ба Феҳристи нашриҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.
Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.
The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.

Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.
Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
The journal is included in the database Of the Russian science citation index

ISSN 2617-5320

**Индекси обуна: Индекс подписки: Subscription index:** **77772**

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2022
©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2022
© IDE named Abdurahmon Jomi, 2022

**Ҳайати таҳририя: Члены редколлегии: Members of the editorial Board:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Саломиён М. Қ. 10.02.22** | доктори илми филология, профессор | доктор филологических наук, профессор | doctor of philological sciences, Professor |
| **Каримова И.Х. 13.00.01** | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Лутфуллозода М. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Нуъмонов М. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Маҷидова Б. 13.00.01** | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, professor |
| **Неъматов С. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, professor |

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**САИДЗОДА М.С.** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**РАҲИМӢ Ф. Қ.** - президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**ҶӮРАЗОДА Ҷ. Ҳ.** - муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**БОБИЗОДА Ғ. М.** - президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**ХУШВАХТЗОДА Қ. Х.** - ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

**САИДЗОДА Р. Х.** – министр образования и науки Республики Таджикистан
**РАХИМИ Ф. К.** – президент Национальной Академии наук Таджикистана
**ДЖУРАЗОДА Дж.Х.** – первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан
**БОБИЗОДА Г. М.** – президент Академии образования Таджикистана
**ХУШВАХТЗОДА К. Х.** – ректор Таджикского национального Университета

**EDITORIAL COUNCIL:**

**SAIDZODA R. H.** - minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan
**RAHIMI F. K.** - president of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**JURAZODA J.H.** - first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan
**BOBIZODA . M.** - president of the Academy of Education of Tajikistan
**KHUSHVAKHTZODA K. KH.** - rector of the Tajik National University

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст, Шаҳодатномаи № 027/МҶ-97, аз 13 ноябри соли 2017.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 027/МҶ-97, от 13 ноября 2017 года.*

*The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.027/МҶ-97, dated November 13, 2017.*

***Маҷалла мақолаҳои илмиро аз рӯи самтҳои 13.00.00 - илмҳои педагогика ва 19.00.00 - психология ба чоп қабул менамояд.***

***Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.***

***The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – pedagogical sciences and 19.00.00 – psychological sciences***

**Матни комили маҷалла дар сомонаи** www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 ҷой дода шудааст.

**Полнотекстовая версия журнала размещена** на сайте www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42.

**The full-text version of the journal is posted** on the website www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42.

**Суроғаи идора:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 126, тел: 2258405, 2258404, e-mail: shohin_7875@mail.ru.

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Садриддина Айни, 126; Тел: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

**Editorial address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin 126 Aini Avenue; Tel: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

**Л.М.ИМАТЗОДА**

## РОЧЕЪ БА ПАЖӮҲИШҲОИ ИЛМИ ПЕДАГОГИКА ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Дар замони истиқлолияти давлатӣ яке аз муҳимтарин вазифаи низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ дастгирии шаклҳои нави ҳамгироии илм ва маориф, муносибати навин ба таҳияи стандартҳои таҳсилот бар асоси тозатарин дастовардҳои илми педагогика, инчунин ташхиси барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ, омода сохтани дастурҳои таълимӣ ва навиштани мақолаҳои илмӣ мебошад.

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон доир ба илмҳои педагогика ва психология, мактабшиносӣ, мазмуни таҳсилот, технологияи таълим ва тарбия, ҷиҳати ба талаботи замони муосир, ниёз ва дархости хонандаву ҷомеа мувофиқ ва мутобиқ намудани мазмуни таҳсилот,такмили стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмию методӣ ва дигар маводи таълимиву тарбиявӣ таҳқиқот анҷом медиҳад.

Аз даврони Истиқлолияти давлатӣ ба даст овардан дар назди муассиса вазифаҳои нав гузошта шуда, тағйироти ҷиддӣ дар мазмуни таҳсилот ворид гардида, нақша ва барномаҳои нави таълим, китобҳои дарсии насли нав барои ҳамаи фанҳои таълимӣ дар ҷумҳурӣ таълиф шуданд. Коркарди Стандарти давлатии маълумоти силсилаи фанҳои таълимӣ, муайян намудани асосҳои илмию методии китобҳои дарсӣ, интихоби мураттибони барномаҳои таълимӣ ва таълифи китобҳои дарсӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб мерафт. Дар фаъолияти минбаъда низ дар раванди таҳқиқот муайянсозии методологияи илмҳои ҷомеашиносию гуманитарӣ, даврабандии нави таърих, маърифати шаҳрвандӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарини таърих ва таълиму тарбия маҳсуб меёфт". [3]

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат (18.03.2020) вазъи илму маориф ва масъалаҳои вобаста ба рушди имкониятҳои зеҳнии мардуми кишвар дар шароити соҳибистиқлолиро таҳлил намуда, аз ҷумла, баён доштанд: "Дар вохӯрии имрӯза тасмим гирифтем, ки андешаҳои худро доир ба дурнамои рушди илм, маориф, беҳтар намудани омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ, ташаккул додани тафаккури техникӣ, вусъат бахшидан ба навовариву ихтироъкорӣ, бурду бохти раёсат ва институтҳои Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сохторҳои онҳо ва сатҳу сифати тарбияи кадрҳои илмӣ баён намоем. Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маорифро зарур аст, ки вазъи амалишавии ислоҳоти соҳаи маорифро ҳамаҷониба омӯхта, ҷиҳати ҷорӣ кардани таҷрибаи наву пешқадам, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот чораҷӯӣ намоянд". [6,14]

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору супоришҳои Ҳукумати мамлакат ва Вазорати маориф ва илмро сармашқи кори худ қарор дода, роҳандозии консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатиро д ар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани онҳо, такмили стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаю барномаҳо, ташхиси монография, китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, таҳлили дастурҳои илмию методиро идома медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқот, дастовардҳои илмӣ ва дархосту тавсияҳои кормандони илмӣ тавассути маҷаллаю рӯзномаҳои илмию педагогӣ ва методӣ дастраси кормандони соҳа гардонда мешаванд. Мутахассисон роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи соҳа ва ҳалли мушкилоти таълиму тарбия семинар, конференсия, мизи мудаввар ва дигар чорабиниҳои оммавӣ доир карда, ба ин васила ба мудирони маорифи шаҳру нохияҳо, директорону муовинон ва мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ёрии амалию методӣ мерасонанд. Инчунин таҷрибаи пешқадами педагогиро таҳқиқ ва пешниҳоди аҳли маорифи ҷумҳурӣ мегардонанд.

Аз ҷумла, зимни таҳқиқи  мавзӯъҳои бунёдӣ низоми муосири таълиму тарбияро ба талаботи замони муосир, ниёз ва дархости хонанда ва ҷомеа мувофиқ ва мутобиқ намуда, аз натиҷаи бадастомада дар нашрияҳои марказӣ мақолаҳо “Гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:  зарурат, мушкилот ва  чашмдошт”, “Тақвияти мазмун ва мундариҷаи таҳсилот - самти муҳими ислоҳот ”, “Татбиқи усулҳои муосири таълим дар осори бадеӣ”, “Таҳсилоти босалоҳият дар таълими якҷоя” ва дигарро ба табъ расонданд.

Озмоишу таҳқиқоти педагогиро  тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №740 аз 14.02.2020  дар  25 муассисаҳои такягоҳӣ  идома бахшида, ҳамкориро ҷиҳати  баланд бардоштани сатҳу сифати таълим густариш дода, ба  муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ  оид ба мавқеи оила ва нақши кумитаи падару модарон дар ҳалли мушкилоти мактабӣ  аз ҷумла,  таълим ва тарбияи хонандагон ёрии методию амалӣ расониданд. Оид ба  паҳн кардани таҷрибаи наву пешқадами педагогӣ чораҳо андешида, роҷеъ ба такмили стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаю барномаҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмию методӣ ва дигар маводи  таълимиву тарбиявӣ бо омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ тадбирҳо андешида шуданд.

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оид ба барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ бамаврид чунин баён шудааст: “Таҷдиди назар намудани стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва умумии асосии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, коркарди барномаҳои таълим дар асоси муносибати босалоҳият барои таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ ва миёнаи умумӣ ба нақша гирифта шудааст. Умуман, стандартҳои давлатии таълим бояд мустақилияти шахсиро барои аз худ кардани дониш таъмин намуда, барои ташаккули малакаҳои коммуникативии идораи иттилоот ва технологияҳо, ҳалли мушкилот, инчунин ташаббускорӣ ва эҷодиёт мусоидат мекунанд, нигаронида шавад”. [11,23]

Ҷиҳати иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илм “Консепсияи таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҷониби Академияи таҳсилоти  Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф таҳия гардида, бо қарори Мушовараи  Вазорати  маориф ва  илми Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз  28.08. 2021, №12/1 тасдиқ гардида, мавриди истифода қарор дода шуд.[5]

Омӯзишу арзёбии мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии зинаи таҳсилоти умумии асосиро дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Левакант, Турсунзода Кушониён, Дустӣ, Шаҳринав назарсанҷӣ намуда,  натиҷаи таҳкиқотро дар шуъбаҳои маориф, кабинетҳои методӣ ва иттиҳодияҳои методӣ мавриди баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор доданд. Мутахассисони  фанҳои математика, забон ва адабиёти тоҷик, забони давлатӣ, санъати тасвирӣ ва меҳнат, забони русӣ, забони англисӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, химияву биологияи муассиса дар ҳайати гурӯҳи кории Вазорати маориф ва илм  ба  бознигариву такмил ва ба талаботи замони муосир мувофиқ кунонидани стандарти давлатии таҳсилот, стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ фаъолият доранд.

Бояд қайд кард, ки муҳаққиқон зимни таҳқиқот  мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсиро бо дарназардошти татбиқи низоми нав, яъне “муносибати босалоҳият ба таълим” низ  таҳлил намуданд, зеро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ  ба нақша гирифта,  дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд  марҳила ба марҳила мавриди амалишавӣ қарор медиҳад. [10]

Дар робита ба амалинамоии  “Консепсияи таҳия ва ба наворгирии дарсҳои видеоӣ” мутахассисони Пажӯҳишгоҳ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд зиёда аз 30 дарси видеоӣ аз ҷумла, 17 дарс аз фанни математика синфҳои 9-11, 10 дарс аз фанни забони русӣ синфҳои 5-6 ва 3 дарс аз фанни физика синфи 7 омода  карданд, ки  ба навор гирифтанд.

Ҷиҳати амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мутахассисон соли ҷорӣ “Роҳҳои  ташаккули сатҳи дониш ва маҳорати касбии омӯзгорони фанҳои математика, технологияи иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ  муайян намуда,  дар соли ҷорӣ масъалаҳои “Роҳҳои ташаккули сатҳи дониш ва маҳорати касбии омӯзгорони фанни математика дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим”, “Шароити педагогии рушди маҳорати касбии омӯзгорони фанни география дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим”,

“Омилҳои баландбардории сатҳи дониши касбии омузгорони фанни физика дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим” ва “Ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ тайёр намудани мутахассисони фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”, “Роҳҳои баланд бардоштани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои табиӣ”ва “Роҳу усули баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанни технологияи иттилоотӣ” мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Инчунин, роҷеъ ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, сатҳи дониши муҳассилин, ҷорӣ намудани усули фаъоли таълим, навгароӣ дар таълим, омӯзишу паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, роҳҳои ба касбу ҳунар фаро гирифтани ҷавонони аз 18-сола боло дар мамлакат, тарбияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худогоҳиву хештаншиносии наврасону ҷавонон, усули интихобу тарбияи кӯдакони болаёқат ва боистеъдод, роҳҳои такмили мазмуни таҳсилот ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ кунонидани он, такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ва роҳҳои рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон аз оғози солиҷорӣ 3 конференсия дар муассиса, 8 конференсия дар дигар муассисаҳо, 3 семинар дар муассиса, 5 семинар дар муассисаҳои дигар, 3-мизи мудаввар баргузор ва бо марӯзаҳо баромад намуданд, ки асосан фарогири масъалаҳои зерин буданд.

- 28.01.2022 конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба иди таърихии миллӣ “Сада” дар мавзӯи “ Мавқеи ҷашни Сада дар рушди тарбияи маънавии хонандагон” ш. Душанбе толори ПРМ (баргузоркунанда мутахассисони шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва стратегияи рушди маорифи ПРМ);
- 23-02.2022 конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 29-умин солгарди Рӯзи Артиши Миллии Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар мавзӯи «Тарбияи ифтихори Ватандории хонандагон зимни баргузории «Рӯзи Артиши миллӣ», ш. Душанбе толори ПРМ (бо иштироки корманди Вазорати мудофиаи ҶТ ва ПРМ ).
- 10.01.2022 конференсияи байналхалқӣ дар мавзӯи The discourse of moral education of goodness and justice of the younger generation in the legacy of Abu Rayhan Beruni. (Мунозира оид ба тарбияи ахлоқӣ-маънавии накӯкорӣ ва боадолатии насли наврас дар дар осори Абӯрайҳони Берунӣ) / «Абӯрайҳони Берунӣ – мутафаккири бузурги Машриқзамин», ш. Душанбе Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- 16.02.2022 конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Психологическая наука в глобальном мире: теория и практика, вызовы и перспективы” бахшида ба хотираи профессор Эргаш Газиевич Газиев ш. Тошкент, Ҷумҳурии Узбекистон;
- 18.02.2022 конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба ҷашни 29-умин солгарди Артиши милии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе МТМУ№51 н.Фирдавсӣ;
- 18.02.2022 конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба ҷашни 29-умин солгарди Артиши милии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе МТМУ№72 н.Фирдавсӣ;
- 04.03.2022 конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи «Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар амалӣ намудани мақом ва нақши шоистаи занон дар ҷомеа» ш. Душанбе толори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- 16.03.2022 Ҷиҳати дастрасӣ ба таҳсилоти босифат дар ҳамкорӣ бо Фонди Шарикии Глобалӣ (ГПО) ва ташкилоти ЮНИСЕФ дар доираи «Ташаббуси беҳтари омӯзиши барвақтӣ ва рушд дар миқёси васеъ» («Улучшение раннего обучения и развития в больших масштабах» (BELDS)) Пажӯҳишгоҳ дар гурӯҳи Ҷамъомади таҷрибакунанда (Практикующие Сообщества) бо тариқи вохуриҳои маҷозӣ (онлайнӣ);
- 29.03.2022 конференсияи байналмилалии ш.Шимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон “Совершенствование преподавания родного языка в условиях полиязычного образования” маърӯза дар мавзӯи «Поликультурное и полилингвальное образование в Республике Таджикистан»;

Ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву фарҳангии миллӣ ва дар ин замина баланд бардоштани руҳияи ватандӯстиву ватанпарастии худогоҳиву хештаншиносии ҷомеа, ҳамчунин омӯзиш ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, таърихию фарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавии таҳсилот зимни таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ” мавзӯи илмию таҳқиқотӣ муайян гардида, дар ин замина масъалаҳои “Нақши илмҳои ҷомеашиносӣ дар тарғиб ва таҳкими арзишҳои миллӣ, таърихию фарҳангӣ”, “Ҷойгоҳи арзишҳои миллӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон”, “Ташаккули худшиносӣ, ифтихор ва ғурури миллӣ тавассути омӯзиш ва эҳёи арзишҳои миллӣ” мавриди пажӯҳиш қарор дораанд.

Боиси зикр аст, ки Пажӯҳишгоҳ бо ташкилоти ЮНИСЕФ ва лоиҳаҳои "Ҳамроҳ бихонем" ЮСАИД, бо Институти "Ҷамъияти кушода" Бунёди мадад дар Тоҷикистон, «Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ҳамкорӣ дошта, вобаста ба ин тадбирҳоро амалӣ месозад. Аз ҷумла, зиёда аз 10 нафар мутахассисони фанҳои математика, забон ва адабиёти тоҷик, забони давлатӣ, санъати тасвирӣ ва меҳнат, забони русӣ, забони англисӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, химияву биологияи муассиса дар ҳайати гурӯҳи кории Вазорати маориф ва илм ба бознигариву такмил ва ба талаботи замони муосир мувофиқ кунонидани стандарти давлатии таҳсилот, стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ машғуланд.

Ходимони илмӣ аз натиҷаи таҳқиқот мақола, китоб ва дастурҳои таълимию методӣ, асарҳои илмиро дар ҳаҷми 81,9 ҷ.ч аз аввали соли 2022 нашр карданд. аз ҷумла,

- маводи умумии чопӣ (мақола, китоб ва дастурҳои методӣ) – 31 номгӯ;
- тақриз ба маводи илмию методӣ ва китобҳои дарсӣ – 86 адад;
- суханронӣ дар ВАО – 6 маротиба;
- баргузорӣ ва иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ ҳамагӣ - 26 ( аз ин 15 конференсия, 10 семинар ва 1 мизи мудаввар).




Тайёр намудани кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогӣ дар пажӯҳишгоҳ яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб рафта, тақвият бахшидан ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар назди шуъбаи докторантура (PHD) ва омодасозии кадрҳои илмӣ бо дарназардошти таҷрибаи корӣ, шароити мусоид ва миқдори кофии доктарони илм ва номзадҳои илм аз рӯйи ихтисосҳо, ҳамчунин ниёз ба мутахассисони баландихтисос аз рӯйи ихтисосҳои педагогика ва психология дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад.

Дар шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ 102-нафар аз ин шумора 22-нафар докторант аз рӯйи ихтисос(PhD) ва 80-нафар унвонҷӯён дар самтҳои гуногун таҳқиқот мебаранд.

Мавриди зикр аст, ки дар робита ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ҷиҳати амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», 6 нафар унвонҷӯён вобаста фанни табии риёзӣ дар мавзӯъҳои зерин таҳқиқот мебаранд: «Ташаккули салоҳияти хонандагони мактаби миёна ҳангоми машғулиятҳои амалии химия», "Ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагони синфҳои 7-9 дар раванди таълими физика», «Хусусиятҳои мазмуни таҳсилот ва салоҳиятҳои касбии омӯзгори математика дар МТМУ-и ҶТ», «Истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ», «Шароити педагогии истифодаи таълими фосилавӣ ҳангоми таълими фанҳои математикӣ дар мактаби олӣ»,

«Майли бозиҳои дидактикии математикӣ ба рушди қобилиятҳои зеҳнии мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ» ва монанди ин.

Барои тайёр намудани мутахассисон дорои дараҷаи илмӣ дар назди муассиса бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2022, №39/шд Шӯрои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ, 6D010500 – Педагогикаи ислоҳӣ, 6D012300 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ ва оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисосҳои 13.00.03 – Педагогикаи ислоҳӣ, 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, 13.00.06 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ таъсис дода шуд.

***Докторантон ва унвончуёни Пажӯҳишгоҳ рушди маориф вобаста ба ихтисосҳои таъсисёфта***




Сайти Пажӯҳишгоҳ www.prmatt.tj ва саҳифаи Фейсбуки Пажӯҳишгоҳ бо номи «Пажӯҳишгоҳи рушди маориф» фаъол буда, маҷаллаи илмии “Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф” дар саҳифаи интернетии http//payom-prmatt.tj ҷойгир шудааст.

Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат, Нақша чорабиниҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муассиса минбаъд ба таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд:

- таҳқиқи сифати мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, таҷдиди назар намудани стандарт, барномаҳои таълимӣ ва таҳияи маводи иловагии хониш дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ;
- таҳқиқи роҳҳои азхудкунии донишҳои замонавӣ, ташаккули қобилияти эҷодӣ, рушди ихтироъкорӣ миёни наврасону ҷавонон ва таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудани онҳо ба фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ;
- раванди амалишавии ислоҳоти соҳа аз ҷумла, татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимии озмоишӣ;
- рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илмро оид ба Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва татбиқи 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф;
- раванди татбиқи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русию ва англисӣ дар Ҷумҳруии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ҷиҳати амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм барои солҳои 2021-2023 таҳқиқотро идома медиҳанд.
- оид ба мавқеи оила ва нақши кумитаи падару модарон дар ҳалли мушкилоти мактабӣ аз ҷумла, таълим ва тарбияи хонандагон ҷамъомадҳо баргузор намуда, доир ба омӯзиш ва паҳн кардани таҷрибаи наву пешқадами педагогӣ тадбирҳо меандешанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Арзёбӣ дар низоми таълими салохиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Чонмирзоев Э., Кодиров Н., Иргашева М., Зиёев К. - Душанбе, 2016.-65с.
2. Дирӯз ва имрӯзи маорифи ҶумҳурииТоҷикистон //Раҳмонов А. А. Расулов А.Б. Қодиров Қ.Б. Афзалов Х.С. Душанбе, 2011. 184 с.
3. Донишномаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф /Мураттибон Маҳмадалиев А., ТуроновС., Хоҷазод С. –Душанбе, 2013. 310с.
4. Иматова Л.М. Тамоюлҳои асосии рушди таҳсилот ва роҳҳои татбиқи онҳо дар ҷараёни таълим. ./Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.2020,№1(29). С.5-9.
5. Консепсияи таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021.
6. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. – Душанбе: Сифат. 690 саҳ.
7. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёиёни кишвар (18.03.2020).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», Душанбе, 26 январи соли 2021.
9. Раҳмонов Э.Ш. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат. Душанбе, 2006.-108с.
10. Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 3. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Чонмирзоев Э., Кодиров Н., Иргашева м., Зиёев К.- Душанбе, 2016.-141с.
11. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. – Душанбе, 2021. -135с.


**ИМАТЗОДА Л.М.**

**РОҶЕЪ БА ПАЖӮҲИШҲОИ ИЛМИ ПЕДАГОГИКА ДАР ЗАМОНИ МУОСИР**

Баргузории таҳқиқот дар асоси дастовардҳои навини илмҳои педагогика ва психология, омӯзишу таҳлили мазмуни таҳсилот, роҳандозии технологияҳои нави таълим ва тарбия, ба талаботи замони муосир, ниёз ва дархости хонандаву ҷомеа мувофиқ ва мутобиқ намудани сифати таҳсилот, такмили стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмию методӣ ва дигар маводи таълимиву тарбиявӣ вазифаҳое мебошанд, ки имрӯз Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди пажӯҳиш ва роҳандозӣ қарор додааст. Дар мақола фаъолияти илмию таҳқиқотии муассиса зимни дастуру таъкидҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кормандони соҳаи маориф, Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор ёфта, масъалаҳои минбаъдаи рушди маорифу илми кишвар дар доираи фаъолияти кории муассиса ба нақша гирифта шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳамгироии илм ва маориф, технологияи таълим, методологияи илм, мавзӯъҳои бунёдӣ, сифати таълим, арзёбии мазмун, мустақилияти шахсият, фарогирӣ ба касбу ҳунар, фазои илмӣ ва иттиллоотӣ, кадрҳои илмӣ

**ИМАТЗОДА Л.М.**

**ОБ ИССЛЕДОВАНИЯХ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ НАУКЕ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ**

Проведение научных исследований на основе новейших достижений педагогических и психологических наук, изучение и анализ содержания образования, внедрение новых технологий преподавания и обучения, адаптация качества образования к современным требованиям, потребностям и запросам обучающихся и общества, совершенствование государственных образовательных стандартов, учебные планы, учебники, научно-методические пособия и другие учебные материалы – это задачи, которые в настоящее время исследуются и реализуются Институтом развития образования им. Абдурахмони Джоми. В статье рассматривается научно-исследовательская деятельность учреждения в соответствии с поручениями Лидера нации, Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона работникам образования, План мероприятий Министерство образования и науки Республики Таджикистан, Академии образования Таджикистана и дальнейшего развития образования и науки в стране в рамках деятельности учреждения.

**Ключевые слова:** интеграция науки и образования, технология обучения, методология науки, фундаментальные темы, качество образования, содержательная оценка, самостоятельность личности, профессионализм, научно-информационное пространство, научные кадры.

**Imatzoda L.M.**

**ABOUT RESEARCH IN PEDAGOGICAL SCIENCE AT THE PRESENT STAGE**

Conducting scientific research based on the latest achievements of pedagogical and psychological sciences, studying and analyzing the content of education, introducing new teaching and learning technologies, adapting and adapting the quality of education to modern requirements, needs and demands of students and society, improving public education standards, curricula, curricula plans Textbooks, scientific and methodological manuals and other educational materials are tasks that are currently being researched and implemented by the Institute for the Development of Education. Abdurahmoni Jomi. The article discusses the research activities of the institution in accordance with the instructions of the Leader of the Nation, the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon to the education workers, the Action Plan of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, the Academy of Education of Tajikistan and the further development of education and science in the country as part of the activities of the institution.

**Keywords:** integration of science and education, teaching technology, methodology of science, fundamental topics, quality of education, meaningful assessment, individual independence, professionalism, scientific and information space, scientific personnel.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Иматзода Лутфия Махмадулло,** д.и.п., профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ. Тел:(+992)934662002,
Почтаи эл.: imatoval@mail.ru.
**Сведения об авторе: Иматзода Лутфия Махмадулло,** д.п.н., профессор, директор Института развития образования имени А. Джами. Тел:(+992)934662002, Эл. почта: imatoval@mail.ru
**Information about the author: Imatzoda Lutfiya Makhmadullo,** Doctor of Pedagogy, Professor, Director of the Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Tel: (+992) 934662002, Email: imatoval@mail.ru

**Х.Н.ШОИМАРДОНОВ**

## АРЗИШҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ТАСНИФИ ОНҲО ДАР ИЛМИ ПЕДАГОГИКА

Вақте мо ба типологияи арзишҳо муроҷиат мекунем, мебинем, ки илми этика ҳанӯз дар масъалаи типологияи арзишҳо мавқеи худро муайян накардаст. Илми мазкур ҳанӯз дар бораи заъфу сустии он дарак намедиҳад, балки ин чиз дар бораи ҷустуҷӯии доимии илмӣ хатар дода, дар бораи диапазони васеи ин масъала ихтилоф дар нуқтаи назарҳои донишмандон нисбат ба типологияи арзишҳо гувоҳӣ медиҳад.

Масъалаи арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ дар корҳои донишмандони зерин М. Я. Виленский, С. С. Коровин, Л. И. Лубишева, С. А. Жмурова гузошта шуда, ҳаллу фасл карда шудаанд.

Масалан, М. Я. Валенский тарбияи ҷисмониро ҳамчун сифати интегралии шахсият, ҳамчун шароит ва заминаи фаъолияти самараноки таълимию касбӣ, ҳамчун хулосаи нишондиҳандаи фарҳанги касбии мутахассиси оянда ва ҳамчун мақсади худинкишофёбии шахсият ва худ такмилёбӣ мавриди барррасӣ қарор дода, ба ҳайси сохтор унсурҳои аксиологӣ, амалиётӣ ва шахсию эҷодиро ҷудо мекунад [1].

Дар доираи тадқиқоти мо бидуни шак унсури аксиологии аз тарафи донишмандон пешниҳод кардашуда ҷолиб мебошад – маҷмӯи нисбатан устувори арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки вақте донишҷӯ онҳоро аз худ мекунад, онҳоро ба субъект табдил дода, барои шахси худ арзишманд мегардонад.

Арзишҳои тарбияи ҷисмониро М. Я. Виленский ба тариқи зайл таҳқиқ мекунад: арзишҳо – мақсадҳо, арзишҳо – донишҳо, арзишҳо – воситаҳо, арзишҳо – муносибатҳо, арзишҳо – сифатҳо.

Мутобиқ ба андешаи ин донишманд **арзишҳо – мақсадҳо** аҳамият ва маънои инфиродии мақсадҳоеро, ки ба фаъолияти системавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва дастовардҳо тавассути стратегияи фарҳангӣ ва тактикаи ҳаёту фаъолият, татбиқи муваффақонаи нақша ва ниятҳои касбии равонӣ ва муваффақияти ҷисмонӣ, ҳифз ва таҳкими саломатӣ ва амсоли ин равон карда шудааст, мекушояд; **арзишҳо – донишҳо** низоми мураттаби назариявию методологӣ, илмию амалӣ, (фалсафӣ, иҷтимоӣ психологию педагогӣ, тиббию биологӣ) ва донишҳои махсуси зарур барои дарку фаҳми ҷараёнҳои табиӣ ва иҷтимоии вобаста ба фаъолияти тарбияи ҷисмонии ҷомеа ва шахсият, маҳорат ва

истифодаи адаптивӣ ва эҷодӣ барои такомули шахсӣ ва касбӣ зимни иҷроиши фаъолияти касбӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ муайян мекунад; **арзишҳо – воситаҳо** асосро барои расидан ба арзишҳо – мақсадҳо, аз худ кардани қонунмандиҳо, принсипҳо, воситаҳо, шаклҳо, методҳо, усул, ва шароити истифодаи онҳо дар фаъолияти тарбияи ҷисмонию варзишӣ барои рушди фардияти эҷодӣ дар худтағйирёбӣ, худомӯзӣ, худтарбиякунӣ, дар дастовардҳои зарурии вазъияти психоэмотсионалӣ, фарҳанги муошировати байниҳамдигарӣ, дар арзиёбӣ ва назорат аз болои самаранокии истифодабарӣ ва амсоли инҳо, месохат; **арзишҳо – муносибатҳо** донишҷӯро ҳамчун субъекти фаъоли тарбияи ҷисмонӣ бо муносибатҳои муайяни мотиватсионию шахсӣ нисбат ба худ, фаъолияти касбӣ, нисбат ба муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ, ки дар он фаъолияти тарбияи ҷисмонию варзишӣ амалӣ карда мешавад, нисбат ба иштирокчиён, ки дар байни онҳо дараҷаи худистифодакунӣ аз қаноатмандии шахсӣ ва эътирофи натиҷаи фаъолияти иҷтимоии муҳими онҳо муайян карда мешавад, тавсиф менамояд; **арзишҳо – сифатҳо** моҳият ва маънои аз худ кардан, рушд, тарбияи, ислоҳи гуногунрангии сифатҳои равобити мутақобила ва хислатҳои шахсӣ (инфиродӣ, психо – физикӣ, иртиботӣ, мақому манзалат, фаъолияти касбӣ), ки худ ифодакунии пурра, худ татбиқкунӣ ва когнитивӣ, эмотсионалӣ ва соҳаи рафторро ҳангоми иҷроиши фаъолияти тарбияи ҷисмонию варзишӣ, касбӣ ва ҳаёту фаъолиятро, дар маҷмУъ, мекушояд [16, с 87].

Чӣ хеле ки мебинем, М. Я. Виленский се гурӯҳи арзишҳоро дар ҳар як гурӯҳ ҷудо мекунад, аммо ба таври мушаххас ҳеҷ кадомеро номбар накардааст. Мо чунин фикр мекунем, ки ҳар яке аз ин гурӯҳи арзишҳое, ин донишманд пешниҳод кардааст, метавонад бо арзишҳои мушаххас такмил карда шавад. Аммо барои он ки чунин пуркунӣ амалӣ карда шавад, арзишҳои тарбияи ҷисмониро, ки дар дигар таҳқиқот баррасӣ карда шудаанд, таҳлил мекунем. Худи ҳамин донишманд дар бораи гурӯҳҳои дигари арзишҳо сухан мегӯяд, аммо дар ин ҳолат арзишҳои мушаххасеро, ки мазмуни ҳар яке аз онҳо гурӯҳҳоро ташкил медиҳад, ном мебарад. Таваҷҷуҳ мекунем, ки М. Я. Виленский дар бораи арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чӣ мегӯяд. Вай чунин гурӯҳҳои арзишҳоро ҷудо мекунад:

- ҷисмонӣ (саломатии бадан, сифатҳои ҳаракатӣ, маҳорат, малака, сарбориҳои ҷисмонӣ, серҳаракатии аз ҳад зиёд, кӯшиш ба такмилёбӣ ва амсоли инҳо);
- иҷтимоию равонӣ (истироҳати фаъол, хушгузаронӣ, кайфият, ташаккулӣ меҳнатдустӣ, малакаҳои рафтор, дар коллектив, муошират, мафҳуми вазифа ва қарз, шараф, виҷдон, накукорӣ, воситаҳои тарбия ва иҷтимоисозӣ, рекордҳо, ғалабаҳо, анъанаҳо ва амсоли инҳо);
- равонӣ (азсаргузаронии эмотсионалӣ, зидии тафаккур, нишонаҳои эҷодкорӣ, тасаввур, нишонаҳои хислат, хислатҳо сифати шахсият ва ғ.);
- фарҳангӣ (дарк, худтасдиққкунӣ, худифодакунӣ, эътимод ба нафс, сифатҳои эстетикӣ ва ахлоқӣ, обрӯ ва амсоли инҳо);
- шароити моддию техникӣ, фахру ғурур аз машғул шудан ба варзиш дар маҷмъ [1].

Ба андешаи мо, дар таснифоти арзишҳои тарбияи ҷисмоние, ки аз тарафи М. Я. Виленский анҷом дода шудааст, ҷойивазкунии арзишҳо ва дигар мафҳумҳо ба чашм мехӯрад. Барои мисол, саломатӣ, истироҳати фаъол, дарк, худтасдиққкунӣ – инҳо бидуни шаку тардид арзишанд, аммо азсаргузарониҳои эмотсионалӣ, зудии тафаккур, нишонаҳои хислат, сифатҳои эстетикӣ ва ахлоқӣ ба назари мо арзиш нестанд.

Боз як таснифоти арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ аз тарафи С.С. Коровин пешниҳод гардидааст, ӯ дар зери мафҳуми арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ маҷмӯи объектҳои моддӣ ва маънавӣ ва падидаҳоеро мефаҳмид, ки фарҳангӣ ҷисмонӣ ва иҷтимоъро инъикос мекарданд [2, 67] ва онҳоро ба арзишҳои моддӣ, маънавӣ ва бадеӣ ҷудо кардааст. Ӯ ба арзишҳои моддии тарбияи ҷисмонӣ бадани инсон, олот, таҷҳизот, таъсисотҳои варзишӣ, воситаҳои ахбори омма, таъминоти моддии тадқиқотҳои илмӣ; қувваҳои табиии табиат ва омилҳои беҳдоштиро нисбат медиҳад, ба арзишҳои бадеӣ бошад, – симоҳои бадеие, ки фарҳанги умумииҷтимоӣ ва ҷисмонӣ ва арзишҳои маънавии ба он вобаста – арзишҳои ҳаракатӣ, интелектуалӣ, педагогӣ, сафарбариро инъикос мекунанд, нисбат медиҳад.

Таснифоти анҷом додаи С. С. Коровин ба таснифоти анҷом додаи Л. И. Лубышева, ки иқтидори арзишии тарбияи ҷисмониро ба таври шартан ба таркибдиҳанда ва интеллектуалӣ, ҳаракатӣ, технологӣ ва арзишҳои сафарбарикунанда ҷудо кардааст, шабоҳат дорад [4, с.117]. Мазмуни арзишҳои интеллектуалӣ ба андешаи Л. И. Лубышева дониш дар бораи методҳо ва воситаҳои рушди иқтидори ҷисмонии инсон ҳамчун асоси

ташкили фаъолнокии ҷисмонии он, обутоб додан ва тарзи ҳаёти солимро ифода мекунад. С. С. Коровин арзишҳои интеллектуалиро нисбатан васеътар мефаҳмад. Ӯ чунин меҳисобад, ки арзишҳои интеллектуалии тарбияи ҷисмонӣ дар маҷмӯъ бо донишҳои илмӣ ва амалӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ пешниҳод карда шудаанд. Донишҳо дар бораи принсипҳои сохтани ҷараёни аз худ кардани тарбияи ҷисмонӣ; методҳо ва воситаҳое, ки истиқрор ва ташаккули нисбатан самараноки сохтори ҳаёти иҷтимоии шахсиятро таъмин мекунад; шаклҳои ташкили фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро, ки ҳам ба интихоб ва ҳам ба такомули комплексии шахсият мусоидат мекунанд, ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ тааллуқ доранд. Ба ғайр аз ин С. С. Коровин чунин меҳисобад, ки арзишҳои интеллектуалии тарбияи ҷисмонӣ бояд ба донишҳо аз соҳаҳои гуногуни соҳаи маърифат ва фаъолияти инсон (физиологӣ, анатомӣ, психологӣ, беҳдоштӣ ва ҳамсоли инҳо) вобаста бошанд.

С. С. Коровин ва Л. И. Лубышева ба андешае мувофиқанд, ки ба арзишҳои хислати ҳаракатдошта, беҳтарин намунаҳои фаъолияти моторӣ (муттасил), ки дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии варзишӣ ба даст оварда мешаванд, дастовардҳои шахсӣ дар омодагии ҳаракатии инсон, иқтидори воқеии ҷисмонии ӯ, инчунин андеша дар бораи он ки арзишҳои хислати интенсионидошта (номуттасил) асосан муносибати бунёдии ҷомеаро нисбат ба тарбияи ҷисмонӣ инъикос мекунанд, ташаккули андешаи иҷтимоӣ, тарбияи ҷисмонӣ дар ҷомеаи мазкур, маъруфияти ӯ дар байни категорияи одамони гуногун ва аз ҳама муҳим, хоҳиш ва омодагии онҳоро нисбат ба рушди доимӣ ва такмили иқтидори тарбияи ҷисмонии худ нисбат додан мумкин аст. Аммо С. С. Коровин дақиқ карда менависад, ки ба арзишҳои интенсионии (номуттасили) тарбияи ҷисмонӣ боз хислати мотиватсия (маром), силсилаи арзишҳои умумииҷтимоӣ, таваҷҷуҳи ҷомеа ва шахсият ба машғулиятҳои ҷисмонӣ ва варзишро низ нисбат додан мумкин аст [21, с.24].

Л. И. Лубышева дар навбати худ ба ин гурӯҳи арзишҳо дастур ва ҳидоятҳои иҷтимоию равонии одамонро нисбат медиҳад, ки тавассути сохтор ва нигаронида шудани талабот, мотиватсияҳо ва ҳидоятҳои арзишнок ба машғулияти машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш муайян карда мешаванд [3, с.11 – 17].

Аниқтараш ба арзишҳои интенсионӣ (муттассил) нуфузу эътибори тарзи ҳаёти солим, маъруфияти варзиш, ки дар бораи он С. С. Коровин дар матни фикррониҳо дар бораи арзишҳои интенсионии (муттасил) тарбияи ҷисмонӣ менависад, тааллуқ доранд.

Барои омодагии насли ҷавони фаъол ба ҳаёт ба андешаи Л. И. Лубышева аз худ кардани арзишҳои сафарбаркунандаи тарбияи ҷисмонӣ аз тарафи кӯдакон ва ҷавонон дорои аҳамияти махсус мебошад. Ин донишманд маҳорати ба таври оқилона тақсим кардани вақти худ, низоми ботинӣ, босаранҷомӣ зудии арзёбии вазъият ва қабули қарор, устуворӣ ва пофишорӣ дар расидан ба мақсадҳои гузоштташуда, маҳорати ба таври оромона пушти сар кардани нокомӣ ва ҳатто мағлубият ва билохира «раҳоӣ ёфтан» аз вазъияти мураккабро, ки дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ тарбия карда мешавад, ба қатори он арзишҳо дохил мекунад [22, с. 11 – 17]. С. С. Коровин арзишҳои сафарбаркунандаро аз ду ҷанба мавриди баррасӣ қарор медиҳад: дигар вазъияти рушди маҳоратҳои шахсӣ ва ҳаракатӣ, ки омодагӣ ба амалияи ҳаёти умумииҷтимоӣ ва мушаххасро (афзалан касбӣ) инъикос мекунад; ҳамчун маҳоратҳои муташаккили ҳаракатӣ ва шахсӣ, ки сатҳи аз меъёр зиёд будани омодагии муқовимат ба омилҳои номатлуби ҳаёт ва фаъолиятро нишон медиҳад [54, с. 22-23].

Ба андешаи С. С. Коровин арзишҳои педагогӣ тарзҳои нисбатан самаранокӣ намоиши тарбияи ҷисмонии ба шахсият нигаронидашударо дар асоси тадқиқоти илмӣ, маълумоти эмпирикӣ таҷрибаи амалӣ таҳия карда шударо инъикос мекунад. Ин донишманд тарбияи ҷисмонӣ, технологияи ва методикаи ташкил ва татбиқи таҳсилоти ҷисмонӣ ва омодагии варзишӣ; беҳдоштии одамон, ташкил ва роҳандозии фаъолияти рекреатсионӣ; табрааи (эҳёи) ҷисмонӣ ва фарҳангӣ ҷисмонӣ мутобиқшавии тарбияи ҷисмонӣ ва амсоли инҳоро ба арзишҳои педагогӣ нисбат медиҳад [21, с. 22].

Аммо С. С. Коровин ба арзишҳои моддӣ, маънавӣ ва бадеии тарбияи ҷисмонии ҷудо кардаи худ қаноат намекунад, дар бораи истиқрор ва ташаккули унсурҳои аксиологии тарбияи ҷисмонии шахсият фикррониӣ намуда, муҳаққиқ низоми арзишҳо иҷтимоиеро ҷудо мекунад, ки ба тарбияи ҷисмонӣ алоқаманд мебошанд. Инҳо арзишҳои зерин мебошанд: ҳаёт инсон, дарк, зебоӣ, меҳнат, ватан. С. С. Коровин ба таткиқотҳои муҳаққиқ А. В. Кирякова такя намуда, мазмуни асосӣ ва далели ҳар як арзишро ифода намуда, сипас

алоқаи мутақобилаи арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ бо маълумоти умумиҷтимоиро нишон медиҳад [21, с. 43].

**Ҷадвали 1. Алоқаи мутақобилаи арзишҳои умумиҷтимоӣ бо арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ**

| Арзиш | Мазмун | Стимул (далел) | Алоқаи мутақобила |
|---|---|---|---|
| Ҳаёт | Ҳаёти, инсон, саломатӣ, кайҳон, | Экологияи накукорӣ | Ҳаёти инсон ва сифати он, саломатӣ |
| Инсон | Муҳаббат, некӣ, муошират, хушбахтӣ, фахр | Инсонгароӣ (инсондустӣ) | Муошират, воситаҳои нигаҳдории шаъну эътибор |
| Дарк | Итилоот, дониш, фарҳанг, ҳақиқат, худифодакунӣ | Ҳақиқат | Донишҳо дар бораи инсон, фарҳанг асоси вижаи ифода |
| Зебоӣ | Ҳунар, эҷодиёт, созандагӣ, такмили инсон, зебоӣ дар табиат, эстетикаи меҳнат ва маишат | Гармония (тафаҳум) | Зебои бадан, эҷодиёт, этикаи фаъолият |
| Меҳнат | Сифати мавҷудият, сарчашмаи дарк ва хурсандӣ, эҷодиёт, худтатбиққунӣ, тахассус | Маънавиёт стимул, эҷодиёт | Сифати меҳнат, худтатбиққунӣ, сифати касбии ҳаёти моддӣ |
| Ватан | Сулҳ, амният, озодӣ маънавиёти инсон, худшиносии миллӣ, адолати иҷтимоӣ | Озодӣ | Озодӣ, адолат |

Робитаи мутақобилаи арзишҳои умумиҷтимоӣ бо арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ дар ҳамон шакле, ки С.С. Коровин пешниҳод намудааст, ба назари мо дар навъҳои мушаххаси арзишҳо ифода ёфтаанд. Ин ҳаёти инсон, саломатӣ, муошират, шаъну эътибор, дониш, фарҳанг, зебоии бадан, эҷодиёт, меҳнат, худтатбиққунӣ, басандагии моддӣ, озодӣ ва адолат мебошанд.

Таснифоти арзишҳои тарбияи ҷисмоние, ки С.А. Жмуров пешниҳод кардааст, хеле ҷолиб буда, маъсуд ба ҳайси критерияи (меъёри) «муносибат» - ро интихоб намудаст. Таҳлили адабиёти илмӣ ба ӯ имкон додааст, навъҳои мушаххаси муносибатҳоро, ки дар доираи онҳо арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ имконпазир аст, татбиқ карда шаванд, ҷудо намоянд. Онҳо: муносибат нисбат ба фарҳанг, муносибат нисбат ба инсон, ҳамчун ба шахси дигар, муносибат ба бадани хеш, муносибат ба рӯҳи хеш, муносибат ба ботини маънавии хеш. Дар доираи ҳар яке аз ин навъҳои муносибат С. А. Жмуров арзишҳои зерини тарбияи ҷисмониро чун бахше аз фарҳанг ҷудо мекунад:

- «фарҳанг», зиёӣ будан», «зебоӣ» (муносибат ба фарҳанг);
- «дониш» (муносибат нисбати донишҳо);
- «инсон», «инсонгароӣ» (муносибат нисбат ба инсон);
- «адолат», «меҳрубонӣ», «эмпатия» (муносибат нисбат ба инсон ҳамчун ба шахси дигар);
- «ҷисму бадан», саломатӣ», «тарзи ҳаёти солим», «такомул», «неру», «ҷусту чолокӣ» (муносибат ба бадани хеш);
- «озодӣ», «мустақилият», «худмуайянкунӣ», «худтатбиққунӣ» (муносибат ба рӯҳи хеш) [5, с. 25].

Таҳлили таснифоти арзишҳои баррасишуда имкон медиҳад, ба хулосае оем, ки муҳаққиқони ба масъалаи арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ муроҷиаткарда, ин падидаро ба таври гуногун мефаҳманд. Аммо дар пешниҳодҳои муҳаққиқон дар бораи арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ чизе ҳаст, яъне мутааллиқ ба ҳамаи арзишҳо. Ин арзиши умумӣ он аст, ки дар контекти арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ бо ин ё он роҳ онро саломатӣ ҳамчун арзиш меноманд.

М. Я. Виленский ва С. А. Жмуров саломатиро мустақиман ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ мутаалиқ медонанд. М. Я. Виленский, аввалин саломатиро аз гурӯҳи арзишҳои ҷисмонии тарбияи ҷисмонӣ муроҷиат карда, дар бораи он қайд мекунад, ки ин арзишҳо моҳият ва маънои мақсадҳои инфиродиро кушода, аз он ҷумла, саломатиро ҳифзу нигоҳдорӣ ва таҳким мебахшанд. С. А. Жмуров саломатиро дар доираи чунин навъи

муносибатҳо ба монанди муносибати инсон ба бадани хеш мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

С. С. Коровин ва Л. И. Лубышева мустақиман саломатиро дар байни арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ном намебаранд, аммо ба таври ғайримустақим ба саломатӣ ҳамчун арзиш муносибат мекунанд.

Масалан, С. С. Коровин воситаҳои ахбори оммаро ба арзишҳои моддии тарбияи ҷисмонӣ ва арзишҳои иттилоотӣ нисбат медиҳанд. Ин арзишҳоро мавриди баррасӣ қарор дода муҳаққиқ менависад: «Дар қатори арзишҳои муҳимми иттилоотӣ дар бораи нақши тарбияи ҷисмонӣ дар ҳифз ва нигаҳдорӣ ва таҳкими саломатӣ қарор дорад» [21, с.17-18].

Ба ғайр аз ин, алоқаи мутақобилаи арзишҳои умумиҷтимоӣ ва арзишҳои тарбияи ҷисмониро кушода, муҳаққиқ саломатиро дар аспекти равобити мутақобилаи арзишҳои умумиҷтимоии арзиш «Ҳаёт» бо арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ меноманд.

Л. И. Лубышева дар матни арзишҳои интелектуалӣ маълумот дар бораи методҳо ва воситаҳои рушди иқтидори ҷисмонии инсон ҳамчун асоси ташкили саломатӣ ва тарзи ҳаёти солимро ба хотир меоварад.

Ҳамин тариқ, метавон дар бораи саломатӣ ҳамчун яке аз арзишҳои асосии тарбияи ҷисмонӣ сухан гуфт. Ва дар ин ҷо саволе пеш меояд: «Имрӯзҳо муҳаққиқон дар зери мафҳуми саломатӣ чиро мефаҳманд?»

Дар тӯли бештар аз ним қарн таърифи нисбатан паҳншудаи мафҳуми «саломатӣ», ки аз тарафи Созмони байналмилалии тандурустӣ дода шудааст (1968) ин буд: саломатӣ – ин ҳолати пурраи беҳбудии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ мебошад, яъне на танҳо набудани касалиҳо, балки норасоиҳои ҷисмонӣ низ.

Дар доираи чунин фаҳмиши саломатӣ А. Я. Иванюшкин се сатҳи арзиши саломатиро ҷудо мекунад: биологӣ – саломатии аввалиндараҷа, ки худтанзимкунии комили бадан, гармонияи ҷараёнҳои физиологӣ ва дар натиҷа мутобиқшавии ҳадди аксар; иҷтимоӣ – саломатӣ ҳамчун мелоки фаъолнокии иҷтимоӣ, муносибати кории фард нисбат ба олам; шахсӣ ва равонӣ, саломатӣ на чун набудани маризӣ, балки инкори он ба маънои бартараф карданаш (саломатӣ на танҳо ҳолати бадан, балки стратегияи ҳаёти инсон) [20, с. 48-49].

Имрӯзҳо аз тарафи муҳаққиқон ҷанбаи нави фаҳмиши саломатии инсон пешниҳод карда мешавад – ин сохтани симои инсони солим: «…барои он ки ҳамаи донишҳо дар бораи инсон ва принсипҳои фаъоли ҳаёту фаъолияти ӯ битавонанд, ба таври сермаҳсул ба хотири ҳифз ва таҳкими саломатӣ мавриди истифода қарор бигиранд, сабти ин симои инсони солим ҳамчун як чизи комилу якпорча зарур аст» [59, с.156].

Дар доираи ҳаллу фасли масъалаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ҷиҳати шиносонидани хонандагон бо арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ мо мафҳуми «симои инсони солим» - ро ҳамчун асос қабул карда, онро бо мафҳуми «симои инсони ахлоқӣ» такмил карда кӯшиш ба харҷ хоҳем дод, ин симоро бо мазмуни арзишҳои мушаххас пурра кунем. Ҳаллу фасли ин масъала асоси муайянеро барои интихоби арзишҳо талаб мекунад. Ба ҳайси чунин асос мо арзишҳои некӣ ва нафъро мегирем, ки мафҳуми марказии онҳо накӯӣ ҳамчун мелок ва меъёри инсонгарӣ мебошад. Такя ба чунин асос ба мо имкон дод, арзишҳои тарбияи ҷисмониро муайян кунем, ки ба онҳо на танҳо омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ, балки омӯзгори фаннӣ ва роҳбари синф низ хонандагонро мешиносонад.

Арзишҳои тарбияи ҷисмониро аз нуқтаи назари «этикаи некӣ» ва «этикаи нафъ» дида мебароем, барои ин ба илми этика мурочиат мекунем.

Масъалаи некӣ ҳанӯз дар замони худ аз тарафи Аристотел гузошта шуда буд, ки ӯ он чизеро, ки барои инсон арзишманд буд ва ба ҳадаф ва мароми инсон ҷавоб медод, некии олӣ мешуморид. Агар барои ҳамаи корҳое, ки анҷом дода мешавад мақсаде вуҷуд дошта бошад, мегуфт Аристотел, пас вай некӣ маҳсуб мешавад, дар рафтор амалӣ карда мешавад, агар чунин мақсадҳо якчандто бошад, пас некиҳо ҳам чандто мешаванд. «Агар як мақсади мукаммал мавҷуд бошад, вай некӣ маҳсуб меёбад, агар мақсадҳо чандто бошанд, пас некӣ низ чандто мешаванд. Ҳадаферо, ки худи онро думболагирӣ мекунанд, мо онро мукаммал меҳисобем, дар қиёс бо ҳадафе, ки онро ҳамчун восита пайгирӣ мекунанд. Дар айни ҳол мақсадеро, ки ҳамчун восита интихоб намекунанд, нисбатан мукаммал маҳсуб меёбад, дар қиёс бо мақсаде, ки онро ҳамчун восита интихоб мекунанд» [7, с. 62].

Ғояҳои Аристотел дар бораи накуӣ дар корҳои Н. Гартман, А. А. Гусейнова, Ю.А.Шрейдер идома пайдо карданд.

Некӣ ҳамон тавре ки Ю. А. Шрейдер қайд мекунад, метавонад табиӣ ва бидуни шарт бошад. Ба некиҳои табиӣ ҳамаи некиҳое, ки ба таъмини ҳаёт алоқаманд мебошанд нисбат

доранд. Ба некиҳои бидуни шарт чунин некиҳо таалluқ доранд, ки ба ҳолати рӯҳӣ алоқаманд мебшанд, ки инсон зимни шунидани онҳо худро хуб эҳсос мекунад- номи нек, таваҷҷӯҳи атрофиён, муваффақият дар зиндагӣ [8, с.36]. Дар доираи фаҳмишҳои Ю.А. Шрейдер перомуни некӣ, саломатӣ некии табиӣ ва бидуни қайду шарт мебошад, чунки вай мустақиман ба таъмини зиндагии инсон алоқаманд мебошад (харобии саломатӣ метавонад боиси қатъи ҳаёт гардад); сониян, саломатӣ бе чуну чаро ба расидан ба ҳолати мурафаҳи рӯҳии инсон мусоидат мекунад. Вақте инсон саломатии хуб надорад, вай наметавонад ба таври пурра таваҷҷуҳи атрофиён, муваффақият дар зиндагӣ, ҳолати мурафаҳи рӯҳиро эҳсос кунад.

Вақте инсон дар тӯли рӯз ба ин ё он кор машғул мешавад, вай яке аз некиҳои барои хуб афзалиятнокрро дар лаҳзаи мушаххаси фаъолият интихоб мекунад. Ҳангоми интихоби некии барои ӯ марғуб, ӯ хеле перомуни он фикр карда сипас онро интихоб мекунад. Интихоби некӣ аз тарафи инсон ба арзёбии он ки дар ин лаҳза барои ӯ чӣ аҳамият дорад алоқаманд мебошад. Ҳамон тавре ки Ю. А. Шрайдер қайд мекунад чунин арзёбӣ ба тасаввурот дар бораи некӣ, дар бораи он ки чӣро хубӣ [8, с.35] ва чиро бадӣ меҳисобанд асос ёфтааст.

Масалан, Ю. А. Шрайдер некии бешарт ва бошарт, некии мутлақ ва олиро ҷудо карда, фарқияти байни некии ахлоқӣ ва ҳаракатҳое, ки дорои арзиши ахлоқӣ буда ва даст кашидан аз он имконпазирро ҷудо мекунад.

Барои тадқиқоти мо асосноккунии Ю. А. Шрайдер принсипи этикии табдилёбии некии табиӣ ҷолиби диққат мебошад. Некии бе чуну чаро (имконоти худтатбиқкунӣ, дастрасӣ ба сатҳи некуаҳволӣ, ҳолати боҳузури рӯҳи - номи нек, зебоӣ дар ҳаёт, муваффақияти ҳаётӣ, муваффақият, хушбахтӣ) метавонад табиӣ бошад. Ба некиҳои табиӣ ҳамаи некиҳое марбут мебошанд, ки ба таъмини зиндагӣ алоқамандананд. Некии табиӣ ба арзиши ахлоқӣ вақте табдил меёбад, ки инсон зимни интихоб дарк кунад, ки интихоб барои дигарон некии бешарт мебошад. Ю. А. Шрайдер менависад: «Интихоби оне, ки барои дигарон бидуни шарт нек аст, ҳамон интихоби арзиши ахлоқӣ мебошад, ки дар нисбати худ аз дастоварди фақат некии бидуни шарт иборат буда, арзиши ахлоқӣ касб мекунад, вақте онҳо ба сӯйи дигарон равона карда шудааст» [9, с.39]. Принсипи этикии табдили некии табиӣ аз ин иборат мебошад: он чизе ки нисбат ба худ некии табиӣ мебошад ва ба дигарон фиристода шудааст, ба арзиши ахлоқӣ табдил меёбад. Саволе ба миён меояд: «Чӣ тавр саломатии инсон, ки некии табиӣ мебошад, метавонад ба арзиши ахлоқӣ табдил биёбад?» Ҷавоб медиҳем: саломатии инсон барои худи ӯ ва инчунин одамоне, ки ӯро иҳота кардаанд некӣ мебошад. Шахсони наздик нисбат ба саломати хеши худ ғам намехӯранд, ҳамкорон бошанд, хоҳони онанд, ки ҳамкори онҳо сиҳату солим бошад ва ба ҷойи кор ҳозир шавад ва амсоли инҳо. Ҳамин тариқ, саломатӣ ба арзиши ахлоқӣ табдил меёбад. «Имрӯзҳо ҳамаи одамон бояд дарк кунанд, ки ҳифз ва таҳкими саломатии худашон кори умумӣ, яъне кори давлат буда, ҳамзамон вазифаи масъулиҳар як шахс мебошад. Зиндагии инсон, саломатии ҷисмонӣ ва ахлоқии ӯ – ин сармояи иҷтимоӣ мебошад. Сарнавишти Ватан ва сарнаишти одамони гуногун, аз он ҷумла хушбахтии шахсӣ инсон ба он вобастагӣ дорад. Агар инсон сиҳату саломат бошад, пас вай метавонад, кор кунад, эҷод кунад, биофарад ва саҳми худро дар пешравӣ ва рушди давлату миллат бигузорад. Аз ҳифзи саломатии ҳар як нафар саломатии ҷомеа ва муваффақияту саодати Ватан вобастагӣ дорад» [10, с.143].

Албатта, нисбат ба саломатӣ ҳолатҳои гуногун пеш омаданаш мумкин аст, ки боиси талафёбии саломатӣ гардад, аммо дар аксари мавридҳо инсон қодир аст, тамоми мушкилотро паси карда саломатии худро барқарор кунад. Яъне он қадар зӯр ва тавоноӣ дорад, ки аксари мушкилотҳоро баратараф карда аз обу оташ гузашта солим бимонад. Тарзи ҳаёти солим, нигоҳдории саломатӣ, фирор кардан аз вазъиятҳое, ки боиси харобии саломатӣ мешавад, ҳамаи инҳо имкон медиҳанд, саломатиро ҳифз карда, тақвият бахшидан мумкин аст, ҳам барои саодати худ ва ҳам саодати диагарон.

Аз нуқтаи назари педагогӣ ин чиз маънои онро дорад, ки тасаввуроти донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар бораи чи тавр некиҳои табиӣ ба арзиши ахлоқи табдил меёбанд ташаккул ёфта, мо омодагӣ ҷиҳати шиносонидани мактаббачагон ба арзиши саломатӣ, аз он ҷумла нисбат ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ, дар маҷмӯъро ташаккул медиҳем.

Дар айни ҳол фаъолияти инсон метавонад тафсир карда шавад ва аз нуқтаи назари нафъи ба даст оварда шуда, ки арзиши мусбатро пешниҳод мекунад, дар асоси он манфиатҳои шахси дигар ҷойгир аст.

Аз нуқтаи назари илми этика фоидаовар он чизе ҳаст, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои касе бошад, барои ба даст овардани мақсадҳои наздик ба мақсадҳои гузошташуда кумак бирасонад. Арзиши нафъ метавонад, самти ахлоқӣ дошта бошад, дар сурате, ки қайд мекунад, Р. Г. Апресян уҳдадориҳое, ки аз арзиш бармехезанд, ҳам ба расидани худи арзиш тааллуқ доранд ва ҳам ба воситаҳои ба даст овардани он [19, с.254]. Аз ин нуқтаи назар нафъ ба арзиши ахлоқӣ табдил мёёбад, дар сурате, ки инсон на танҳо фоида ба даст меоварад, балки ба он мусоидат мекунад, дигарон низ фоида ва нафъ ба даст биоваранд. Масалан, инсоне, ки тарзи ҳаёти солим дорад ва дар бораи саломатии худ ғам мехӯрад, метавонад аз ин фақат барои худ фоидаву нафъ ба даст биоварад, ё ин ки метавонад чунин кунад, ки тарзи ҳаёти зиндагии ӯ ба дигар одамон нафъ биоварад. Агар инсон дар бораи саломатии худ фақат ба хотири он ғамхорӣ кунад, ки аз зиндагӣ бештар ҳузуру ҳаловат бибарад, ки онҳоро фақат одами солим бурда метавонад, ин як чиз аст, аммо агар инсон саломатии худро ҳамчун имконоти ба бор овардани хайру сахо ба дигарон (одами солим метавонад бештар ба дигарон кумак бирасонад ва амсоли инҳо) мавриди баррасӣ қарор бидиҳад, пас он вақт мо метавонем дар бораи нафъ ҳамчун арзиши ахлоқӣ сухан бигӯем. Пуррагии фоидаю нафъ ҳамчун арзиши ахлоқӣ дар равона карда шудани он ба дигарон зоҳир мегардад, на танҳо ба худи инсон, ки вобастагии инсонро аз инсонҳои дигар асоснок мекунад.

Ҳамин тариқ, метавон дар бораи он сухан гуфт, ки некӣ ва нафъ бевосита ба тарзи ҳаёти инсон, симои инсони ахлоқӣ ва маънавӣ муносибат дорад, ки дар болотар сухан дар бораи он рафт. Ба он чизҳое, ки мазмун ва муҳтавои некӣ ва нафъро ташкил медиҳанд, такя намуда, мо арзишҳои мушаххаси тарбияи ҷисмониро, ки лозим аст барои хонандагон бишиносонем, ҷудо мекунем.

Унсурҳое, ки мазмун ва муҳтавои некӣ ва нафъро ташкил медиҳанд аз тарафи муҳаққиқ О. К. Позднякова ҷудо карда шудаанд [11, с.108-1089]. Некию накуӣ шуур, таҳсилот, зебоӣ, хайр, такомулро ташкил медиҳанд; нафъ бошад, – баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ ва касбӣ, востиаҳои расидан ба мақом (мақсадҳои фаъолияит ва амсоли инҳо), муваффақият, самаранокӣ дар корҳо, қонеъ гардонидани манфиатҳои худ ва амсоли инҳоро.

Ба пешниҳоди О. К. Позднякова дар бораи унсурҳои ташкилдиҳандаи мазмун ва мутавои накуӣ ва нафъ ва арзишҳои тарбияи ҷисмоние, ки дар боло сухан дар бораи онҳо рафт такя намуда, мазмун ва муҳтавои накуӣ ва нафъро дар матни арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ муайян мекунем. Мо чунин фикр мекунем, ки унсурҳои ташкилдиҳандаи накӯи дар ин матн инҳо мебошанд: ҳаёти инсон, саломатӣ, дониш, фарҳанг, такомули ахлоқӣ, озодӣ, адолат, бадани инсон, такомули ҷисмонӣ; унсурҳои ташкилдиҳандаи нафъ бошад, инҳо мебошанд: фаъолнокии ҳаракати инсон, тарзи ҳаёти солим, устуворӣ ва пошифорӣ бобати расидан ба мақсад, обрӯйи машғулиятҳои тарбияи ҷисмони ва варзиш, худмуайянкунӣ, худташкилдиҳӣ, худтатбиққунӣ; эҷодкорӣ ва меҳнатдӯстӣ ва амсоли инҳо.

Мавриди қайд аст, ки тарзи ҳаёт аз тарафи инсон бунёд гузошта мешавад. Дар ин маъно вай сунъӣ аст, чунки сохтани он ба андешаву фикри инсон ва тарҳи ҷолиб вобаста аст. Инсон он тарзи ҳаётеро, ки фикр мекунад, барои ӯ манфиатовар аст, онро интихоб мекунад. Ва агар аз нуқтаи назари дигарон ва ҷомеа он инсон тарзи ҳаёти нодуруст пеш буда истодааст ва он тарзи ҳаёт ба қавли мардум барои ӯ зараровар аст, аммо аз нуқтаи назари субъективии ӯ ин тарзи ҳаёти пеш гирифтааш барои ӯ фоидавор мебошад, чунки хеле ба нудрат мешавад, ки инсон бошуурона ба саломатии худ зарар бирасонад. Ҳамаи инҳо ба таври комил ба тарзи ҳаёти солим тааллуқ доранд: «Тарзи ҳаёти солим, менависад, П.Д. Тищенко – натиҷаи ҳолатҳои матлуб намебошад, балки он функсияи интихоби шахсии инсон, муносибати фаъол ва масъулиятноки ӯ нисбат ба ҳаёти худ нисбат ба ҳаёт ҳамчун падида, ки аз рӯйи табиати худ иҷтимоӣ аст, мебошад» [12, с. 56]. Аз нуқтаи назари В.А. Околелова: «Тарзи ҳаёти солим ин тарзи ташкили ҳамаи ҷонибҳои ҳаёту фаъолияти нигаронида шуда ба таҳкими саломатии шахсӣ мебошад, ки имкон медиҳад иқтидори эҷодии худро татбиқ намояд. Тарзи ҳаёти солим, бахше аз тамоми ҳаёти инсонро такшил медиҳад. Бахшҳое аз қисмати таркибии он ба монанди тарзи ҳаёт, сатҳи зиндагӣ, сифати ҳаёт ба саломатӣ ва тарзи ҳаёти инсон ва инчунин ба тарзи ҳаёти солим таъсир мерасонанд» [13, с.25].

Арзиши «дониш» ташкилкунандаи мазмуни накӯӣ мебошад, чунки бавежа дониш ба инсон имкон медиҳад, ки хубу бад (хайрру шарро) фарқ кунад. Имкони фарқ кардани хубу бад (хайрру шар) ин натанҳо барои инсон, балки барои дигарон низ накуӣ аст, чунки

инсоне, ки медонад, ки хубию бадӣ чист, метавонад хубӣ (хайр)-ро интихоб кунад. Аммо ба хотири он ки интихоби инсон чунин бошад, лозим аст, ки ӯ кӯшиш кунад, аз назари ахлоқӣ такмил биёбад, ки дар навбати худ ин низ накуӣ мебошад, чунки инсоне, ки аз назари ахлоқӣ ва маънавӣ такмил ёфтааст, аъмоли бад содир намекунад. Такмили ҷисмонӣ ва бадани инсон низ ба ташкилдиҳандаи накуӣ нисбат дорад, чунки мустақиман ба саломатӣ ҳамчун накӯӣ алоқаманд мебошад.

Худмуайянкунӣ, худташкилкунӣ, худтатбиқкунӣ, аз тарафи мо ҳамчун ташкилдиҳандаи мазмуни нафъ мавриди баррасӣ қарор мегирад, чунки барои инсон аз назари рушд ва истиқрору ташаккули шахсияти ӯ, ҳам ҷисмонӣ ва ҳам ахлоқӣ маҳсуб меёбад.

Агар дар мавриди эҷодиёт суҳбат кунем, онро низ ба ташкилкунандаи мазмуну муҳтавои нафъ нисбат медиҳанд, дар ин маврид мо ба ақидаҳои М.Ю. Хрусталева такя мекунем, дар бораи он ки сарфи назар аз он ки дар ҷаҳон воситаҳое мавҷуд намебошанд, ки худ ба худ барои инсон саломатии мутлақ ва комил биоваранд: ҷисмонӣ, равонӣ, фикрӣ, ва ахлоқӣ, воситаи универсалие мавҷуд мебошад, ки шахсро аз назари ҷисмонӣ, интеллектуалӣ ва ахлоқӣ саломат нигоҳ медорад, – ин дарки эҷодии олам (ҷаҳонбинии илмӣ ва аксуламали фикрӣ бобати тағйирёбии радикалӣ ба ҳаёт ва фаъолияти одамон мебошад) [14, с143, 144].

Бо ҳамин роҳ ба чӣ мутааллиқ доштани арзишҳои боқимонда шарҳ дода мешаванд, ба ташкилдиҳандаи мазмуну муҳтавои накӯӣ ва ё ташкилдиҳандаи мазмуну муҳтавои нафъ.

Мо чунин меҳисобем, ки рӯйхати арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки зарур аст хонандагонро бо онҳо бишиносонем, ва мутаносибан омодагӣ ҷиҳати шиносонидан, ки мо дар донишҷӯён – омӯзгорони оянда ташаккул дода истодаем, пурра нахоҳад буд, агар мо асосноккунии арзишҳои ҳаётии В.Ф.Сопов ва Л. В. Карпушинаро ба қайд нагирем. Муҳаққиқон чунин арзишҳои ҳаётиеро ҷудо кардаанд: ба монанди рушду инкишофи шахсии худ, қаноатмандии маънавӣ, навоварӣ, иртибототии фаъоли иҷтимоӣ, шаъну эътибори худ, вазъи хуби молиявӣ, дастовард, ҳифзи фардияти хеш ва нишон додаанд, ки чи тавр ҳар яке аз ин арзишҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон татбиқ карда мешаванд: дар соҳаи ҳаёти касбӣ, дар соҳаи таҳсилот, дар соҳаи ҳаёти оилавӣ, дар соҳаи фаъолнокии иҷтимоӣ, дар осҳаи фаъолнокии ҷисмонӣ.

Дар доираи тадқиқоти мо татбиқи ин арзишҳо дар соҳаи фаъолнокии ҷисмонии инсон ҷолиб мебошад. Донишмандон ҳар яке аз арзишҳоро ба таври зерин тавсиф намудаанд: «1.Рушди хеш – дарки хусусиятҳои инфиродии хеш, рушду инкишофи доимии қобилиятҳои худ ва дигар хислатҳои шахсӣ. 2. Қаноатмандии маънавӣ - роҳбаладии принсипҳои ахлоқӣ-маънавии бартарии талаботҳои маънавӣ бар моддӣ. 3. Креативӣ (ғайримаъмулӣ) – татбиқи имкониятҳои эҷодии худ, кӯшиши тағйир додани муҳити воқеӣ. 4. Ҳамкории фаъоли иртиботӣ– истиқрори муносибатҳои некхоҳона дар соҳаҳои гуногуни ҳамкориҳои иҷтимоӣ, васеъ кардани алоқаҳои байниякдигарӣ, татбиқи нақши иҷтимоии худ. 5 Шаъну эътибори худ – ба даст овардани эътирофи худ дар ҷомеа тавассути пайравӣ кардан ба талаботҳои муайяни иҷтимоӣ. 6.Вазъияти хуби молиявӣ – мурочиат ба омилҳо некуаҳволии модӣ ҳамчун маънии асосии мавҷудият. 7. Дастовард – гузоштан ва ҳаллу фасли вазифаҳои муайяни ҳаётӣ ҳамчун далелҳои асосии ҳаётӣ. 8.Ҳифзи фардияти хеш – бартарӣ доштани андешаву назарот ва боварии худ бар болои ақидаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи нотакрорӣ ва мустақилияти хеш» [15, с.4-5].

Ин арзишҳо аз бисёр ҷиҳат ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки мо дар боло онҳоро ҷудо карда будем, вобастагӣ доранд. Масалан, рушди хеш – худтатбиқкунӣ, креативӣ (навгонӣ) – эҷодиёт, дастовард – якравӣ ва пофишорӣ бобати расидан ба ҳадаф ва амсоли инҳо.

Хулоса, арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки зарур аст хонандагонро ба онҳо бишиносонем – ин арзишҳое мебошанд, ки мазмун ва муҳтавои накӯӣ ва нафъ, инчунин арзишҳои ҳаётиро ташкил медиҳанд. Интихоби чунин арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ асосу поя барои асосноккунии мазмуни ҷараёни ташаккули омодагии донишҷӯ-омӯзгори оянда ҷиҳати шиносонидани хонандагон ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ барои муайян кардани самти фаъолияти омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба рушди чунин омодагӣ дар донишҷӯён мегардад. Ин низоми арзишҳо мазмуни (аммо на марзҳои онро) корҳои озмоиширо доир ба ташакули омодагии донишҷӯ – омӯзгори оянда ҷиҳати шиносонидани хонандагон ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ хаткашӣ мекунад.

## АДАБИЁТ:

1. Бездухов В.П. Образование и культура / Ю.Н. Кулюткин, В.П. Бездухов // Ценностные ориентиры и когнитивные структуры в деятельности учителя. – Самара: СамГПУ, 2002. – С. 67-173.
2. Бездухов В.П. Система подготовки студентов к нравственному воспитанию школьников / В.П. Бездухов. – Куйбышев: КГПИ, 1990. – 84 с.
3. Бездухов В.П. Теоретические проблемы становления гуманистического стиля педагогической деятельности будущего учителя / / В.П. Бездухов. – Самара: СГПИ, 1992. – 104 с.
4. Бездухов В.П., Бездухов А.В. Ценностный подход к формированию гуманистической направленности студента – будущего учителя / В.П., Бездухов А.В. Бездухов. – Самара: СГПУ, 2000. – 185 с.
5. Безруких М.М. Здоровьесберегающая школа / М.М. Безруких – М.: МПСИ, 2004. – 240с.
6. Белякова Е.Г. Смыслообразование в педагогическом взаимодействии / Е.Г. Белякова. – Тюмень: ТГУ, 2008. – 208 с.
7. Бердяев Н.А. О назначении человека / Н.А. Бердяев – М.: Республика, 1993. – 383 с.
8. Бережнова Е.В. Педагогическое исследование: социально- гуманитарный аспект / Бережнова Е.В. // Педагогика. – 2005. - №6. - С. 23-30.
9. Бережнова Е.В. Прикладное исследование в педагогике: монография / Е.В.Бережнова. – М.; Волгоград: Перемена, 2003. – 164 с.
10. Берулава М.Н. Гуманистическое образование в условиях информационной цивилизации / М.Н. Берулава // Педагогика. – 2008. - №7. – С. 3-7.
11. Блауберг И.В. Проблема целостности и системный подход / И.В. Блауберг. – М.: Эдиториал УРСС, 1997. – 448 с.
12. Блауберг И.В. Философский принцип системности и системный подход / И.В.Блауберг, В.Н. Садовский, Э.Г. Юдин // Вопросы философии. - 1978. - №8. – С. 3952.
13. Блюмкин В.А. Мир моральных ценностей / В.А. Блюмкин. – М.: Знание, 1981. – 64 с.
14. Бобнева М.И., Дорофеев Е.Д. Изменение ценностных систем личности в период преобразования общества / М.И. Бобнева, Е.Д. Дорофеев // Ценностное сознание личности в период преобразования общества. – М.: Институт психологии РАН, 1997. – С. 32-46.
15. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте / Л.И. Божович. – М.: Просвещение, 1968. – 464 с.
16. Виленский М.Я. Физическая культура в гуманитарном образовательном пространстве вуза7 / М.Я.Виленский // Физическая-культура. – 1996. - №1-С. – 27-32.
17. Гильдебранд Д. Этика / Гильдебранд Д. – СПб.: Алетейя, 2001. - 569 с.
18. Глухов А.А. Прийти в сознание / А.А. Глухов // Что значит знать?: сборник научных статей. -М.: Центр гуманитарных исследований, 1999. – С. 38-45.
19. Гусейнов А.А., Апресян Р.Г. Этика: учебник / А.А.Гусейнов, Р.Г. Апресян. – М;: Гардарики, 1998. – 472 с.
20. Иванюшкин А.Я. «Здоровье» и «болезнь» в системе ценностных ори- ентаций человека / А.Я. Иванюшкин // Вестник АМН СССР. – 1982. - Т. 45. - №4. – С. 49
21. Коровин С.С. Теория и методика формирования физической культуры личности: учебно-методическое пособие / С.С. Коровин – Оренбург: ОГПУ, 2005. – 72 с.
22. Лубышева Л.И. Концепция физкультурного воспитания: -методология развития и, технология реализации / Л.И. Лубышева // Физическая культура. – 1996. - №2. – С. 11-17



**ШОИМАРДОНОВ Х.Н**


# АРЗИШҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ТАСНИФИ ОНҲО ДАР ИЛМИ ПЕДАГОГИКА

Мақола ба таҳқиқи як соҳаи муҳимми илми педагогика – арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ва таснифи онҳо бахшида шудааст. Тавре маълум аст, тарбияи ҷисмонӣ - қисми таркибии фарҳанг ва соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ буда, ҳадаф ва мақсади он ба таҳкими саломатӣ, инкишофи қобилияти ҷисмонии инсон, инчунин тарғиби тарзи ҳаёти солим равона гардидааст. Ҳамин аст, ки муаллиф зимни таҳқиқ барои тақвияти андешоти худ ва кушодани масъала аз корҳои анҷомдодаи донишмандони соҳа бамаврид истифода намудааст. Бо мақсади равшан намудани моҳияти мавзӯъ арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ дар робита ба таҳқиқоти М. Я. Виленский дар шакли: арзишҳо – мақсадҳо, арзишҳо – донишҳо, арзишҳо – воситаҳо, арзишҳо – муносибатҳо, арзишҳо – сифатҳо тасниф карда шудааст. Ва чунин натиҷа гирифта шудааст, ки ҳар яке аз ин гурӯҳи арзишҳо метавонад бо арзишҳои мушаххас такмил карда шавад. Барои он ки чунин пуркунӣ амалӣ карда шавад, арзишҳои тарбияи ҷисмониро бо фарогирии таткиқоти мавҷуда баррасӣ кардааст. Муаллиф аз баррасӣ ва таснифоти арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ба чунин натиҷа расидааст, ки муҳаққиқоне, ки ба масъалаи арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ муроҷиат кардаанд, ин падидаро ба таври

гуногун мефаҳманд. Аммо дар пешниҳодҳои муҳаққиқон дар бораи арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳадафи муайян гузошта шудааст, яъне мутааллиқ ба ҳамаи арзишҳо. Омӯзиши арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ва таснифи онҳо аҳамиятнок буда, мақолаи мазкур ба доираи васеи хонандагон, махсусан мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ пешниҳод мегардад.

**Калидвожаҳо:** арзишҳо, тарбияи ҷисмонӣ, тасниф, педагогика, таҳлил, мақсад, дониш, ҳаёт, шахсият, умумиичтимоӣ, худтатбиққунӣ, физиологӣ, некӣ, этика.

**ШОИМАРДОНОВ Х.Н.**
**ЗНАЧЕНИЕ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ И ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ НАУКЕ**

Статья посвящена одной важной области педагогической науки - значение физического воспитания и их классификации в педагогической науке. Как известно, физическое воспитание является неотъемлемой частью культуры и сферы социальной активности, а ее цель - содействовать здоровому образу жизни.Именно поэтому автор использовал работы ученых в области исследования для укрепления своих взглядов и раскрытия вопроса. В целях прояснения сущности данной темы- значения физического воспитания с точки зрения исследований М. Я. Виленского классифицируются в виде: ценности - цели, ценности - знания, ценности - орудия, ценности - отношения, ценности - качества. И делается вывод, что каждую из этих групп значений можно дополнить конкретными значениями. Для того чтобы сделать такое пополнение, ценности физического воспитания были рассмотрены в свете существующих исследований. Из обзора и классификации ценностей физического воспитания автор пришел к выводу, что исследователи, обратившиеся к вопросу о ценностях физического воспитания, по-разному понимают это явление. Однако предложения исследователей о ценностях физического воспитания имеют конкретную цель, то есть принадлежат всем ценностям. Изучение ценностей физического воспитания и их классификация имеет важное значение, и данная статья предназначена для широкого круга читателей, особенно специалистов в области физического воспитания.

**Ключевые слова:** ценности, физическое воспитание, классификация, педагогика, анализ, цель, познание, жизнь, личность, социальная, самореализация, физиологическая, добродетель, этика.

**SHOIMARDONOV KH.**
**THE VALUES OF PHYSICAL EDUCATION AND THEIR CLASSIFICATION IN PEDAGOGICAL SCIENCE**

The article is devoted to the study of one of the most important areas of pedagogical science - the values of physical education and their classification. As it is known, physical training is an integral part of culture and the sphere of social activity, and its purpose and goal is aimed at strengthening health, developing physical abilities, as well as promoting a healthy lifestyle. That is why the author used the work of scientists in the field of research to strengthen their views and open the issue. In order to clarify the essence of the topic, the values of physical education in relation to the research of M. Я. Vilensky is classified in the form of: values - goals, values - knowledge, values - tools, values - relationships, values - qualities. And it is concluded that each of these groups of values can be enhanced with specific values. In order to make such a replenishment, the values of physical education have been examined in the light of existing research. From the review and classification of the values of physical education, the author has come to the conclusion that researchers who have addressed the issue of values of physical education, understand this phenomenon differently. However, the researchers' proposals on the values of physical education have a specific goal, that is, they belong to all values. The study of the values of physical education and their classification is important, and this article is intended for a wide range of readers, especially specialists in the field of physical education.

**Keywords:** values, physical education, classification, pedagogy, analysis, purpose, knowledge, life, personality, social, self-realization, physiological, goodness, ethics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Шоймардонов Хайрулло – ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16.Тел: (+992) 988646266.
**Сведения об авторе:** Шоймардонов Хайрулло - ассистент кафедры физической культуры и военной подготовки Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735340, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова 16.Тел.: (+992) 988646266.
**Information about the author:** Shoimardonov Khairullo - Assistant of the Department of Physical Culture and Military Training of Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. C. Safarov 16. Тел.: (+992) 988646266.

**АБДУРАШИТОВ Н.Ф.**

# МОДЕЛЬ ВОССТАНОВЛЕНИЯ ДЕТСКО-РОДИТЕЛЬСКИХ ОТНОШЕНИЙ КАК МЕХАНИЗМ ФОРМИРОВАНИЯ ГОТОВНОСТИ К ПРОДУКТИВНОЙ СОЦИАЛЬНОЙ ВКЛЮЧЕННОСТИ ПОДРОСТКОВ-ПРАВОНАРУШИТЕЛЕЙ

Определение подходов к организации работы психосоциального и педагогического характера по формированию готовности у подростков-правонарушителей к продуктивной социальной включенности через восстановление их детско-родительских отношений связано с решением соответствующих теоретических задач.

Во-первых, поскольку подростковый возраст связан с сепарационным процессом, в предлагаемой модели учтены закономерности сепарации подростков-правонарушителей от родителей в процессе восстановления разрушенных детско-родительских отношений и основывается на необходимости осмысления психологической сущности процесса восстановления отношений между подростками и их родителями, определение содержания и структуры этих отношений.

Во-вторых, рассмотрение целей и задач социальной включенности невозможно без анализа всей системы социализации подростков. Это связано с тем, что в русле идей продуктивной социальной включенности процесс восстановления детско-родительских отношений между подростками-правонарушителями и их родителями способствует развитию их личности.

В-третьих, построение модели психолого-педагогических условий формирования готовности к продуктивной социальной включенности базируется на интеграции различных научных подходов к феномену социальной адаптированности, социальной активности и социальной компетентности подростков. Это, в свою очередь, предполагает учет достижений психолого-педагогической практики.

Процесс восстановления отношений подростков с родителями предполагает компенсацию потерь психологических, детско-родительских связей, достижения ими соответствующего уровня эмоционального состояния. Данный процесс можно рассматривать как объединение, того, что прежде распалось, – союз между детьми и их родителями у подростков после совершения ими правонарушения.

Таким образом, психологические *воссоединение подростков-правонарушителей* с их родителями является процессом их возвращения в общество через восстановление навыков вхождения в социальную среду, предполагающей социальное познание и общение, овладение навыками практической деятельности, включающей преобразование самого человека. Это представляет собой сложную систему обучающих и реабилитационных мероприятий по восстановлению утраченных детско-родительских отношений или ослабленных в результате воспитательно-исправительной работы в учреждении закрытого типа [1].

Процесс восстановления (лат. reparation – репарация) означает: а) сглаживание чувства вины посредством совершения хороших дел, поскольку это компенсирует воображаемый вред, который якобы, был нанесён воздействуемому объекту; б) процесс воссоздания внутреннего мира объекта, который в представлении субъектов отношения был разрушен [7].

Настоящая репарация аналогична здоровому процессу скорби и основана на чувстве реальности, который представляет собой адаптацию к реальности и активирует личностной рост. «Репарационный процесс – «превращение» текущей «плохой» ситуации в «хорошую» с повышением реалистичности и понижением импульсивности поведения» [8, с. 49]. Таким образом, восстановление воздействия становится важной задачей процесса воспитания подростков-правонарушителей и носит подготовительный характер, что представляет суть поддерживающих мероприятий. Однако, воссоединительные возможности этих подростков весьма ограничены, а работа психолога может содействовать полноценному восстановлению отношений между детьми и их родителями.

Изучением психологической сепарации раннего периода онтогенеза занимались ряд исследователей (З. Фрейд, М. Малер, П. Блос и др.). Понятие «сепарация» было предложено в теории сепарации-индивидуации М. Малер. В ее работах *сепарация* используется для обозначения «интерпсихического достижения чувства отдаленности ребенка от матери и посредством этого от всего мира как такого», что может произойти и в подростковом возрасте. Именно на данном этапе развития «поверхностные поведенческие

феномены процесса сепарации-индивидуации могут проявляться в бесчисленных тонких вариациях, сопровождающих прогрессирующее внутрипсихическое развитие» [9, с. 104].

R. Josselsson, опираясь на выделенные М. Малер стадии психологической сепарации в младенчестве и раннем детстве, описала подфазы сепарации в подростковом возрасте [17, с. 197]: 1) подфаза *дифференциации,* где начинается психологическая сепарация в подростковом возрасте, способствующая большему взаимодействию подростков со сверстниками; 2) субфаза *практика*, когда подростки начинают вести себя все более автономно, часто вступая в конфликты с родителями по причине нежелания следовать их указаниям и требованиям; 3) подфаза *воссоединения,* которая характеризуется увеличением автономии, ответственности подростков за свое поведение; 4) субфаза *консолидация* – соответствующая позднему подростковому возрасту, отличается тем, что они меньше ориентируются, опираются на ровесников, в то время как близость в отношениях с родителями вновь становится более значимой. Таким образом, в работах R. Josselsson процесс сепарации в подростковом возрасте понимается как расширение их автономии и развитие индивидуальности при сохранении доверительных, уважительных отношений с родителями.

В работах П. Блоса [4] было предложено более широкое понимание процесса сепарации, которое включает в себя пять стадий психологической сепарации от родительской семьи: 1) предподростковый возраст; 2) ранний этап подросткового возраста; 3) собственно подростковый возраст; 4) поздний этап подросткового возраста; 5) юношеский возраст и период вхождения во взрослость. На протяжении этих подростковых стадий в результате реорганизации «Эго»-структуры подростков происходит «деидеализация родительских объектов», сформированных в более раннем возрасте [4, с. 6-8].

В советской (российской) психологии также уделялось внимание проблемам психологической сепарации подростков от родителей, но в контексте представлений: о психологии взросления и зрелости личности (Д.И. Фельдштейн [14]), субъектности человека (К.А. Абульханова [2], А.В. Петровский [11] и др.), чувстве и образе взрослости (Д.Б. Эльконин [15]). Готовность ребенка к психологической сепарации от родителей является одним из условий успешности их социальной включенности [6].

Рассмотрение особенностей сепарации подростков-правонарушителей от родителей как психологической основы процесса их воспитания, обусловлено, прежде всего, новообразованиями подросткового возраста, способствующими смене социальной ситуации развития в целом и системы отношений с родителями в частности. Многие российские психологи отмечают амбивалентный, противоречивый характер личности подростка, способствующий нарушению взаимоотношений с родителями (Л.И. Божович [5], А.А. Реан [13], Д.И. Фельдштейн [14]). В связи с этим возникает необходимость оказания помощи родителям, прежде всего, в установлении взаимоотношений с подростками, в построении такой системы воздействия на них, которая в процессе воспитания была бы наиболее эффективной.

При изучении теоретических вопросов детско-родительских отношений и его роли в формировании готовности к социальной включенности подростков мы убедились в том, что поддерживающее родительское отношение выполняет важные социальные функции в воспитании подростков; являются одной из решающих компонентов в социализации детей к изменяющимся условиям общественной жизни. Именно поэтому нужно более четкое представление о процессе восстановления детско-родительских отношений у подростков.

Представления об этапах восстановления детско-родительских отношений содержатся в концепциях сепарации у таких авторов, как З. Фрейд, А. Фред (классический психоанализ), Э. Эриксон (неопсихоанализ) А. Адлер (представления о сепарации в индивидуальной психологии), В. Сатир (теория семейных систем), П. Блос, R. Josselson, М. Малер, Ю.В. Александрова (концепция личностной автономии).

Согласно мнению З. Фрейда и А. Фрейд родители выступают для ребёнка как первичный провожатый и контролёр. З. Фрейд придавал значение сепарации ребёнка от родителей, отмечая, что подобное отделение ребенка от родителей должен быть неизбежным для его благополучного социального взаимодействия и успешности их социальной включенности [12, с. 124-130].

По мнению А. Адлера отношение с родителей с окружающими людьми выступают как пример человеческих отношений и играют жизненно важную роль в социальной адаптации подростка [3].

В концепции Э. Эриксона встречаются мысли о том, что родителям, с одной стороны, следует оберегать ребёнка от отрицательных влияний и повседневных жизненных опасностей окружающих (контроль и защита), а с другой – предоставлять ему определенную степень свободы. При этом процесс продуктивной социальной включенности требует от ребенка такого отношения к родителям, такой формы поведения, которая способствовала бы установлению необходимого баланса между требованиями родителей и своей самостоятельностью [16].

Итак, представители неопсихоанализа сделали значительный шаг от ортодоксального психоанализа, утверждая, что личность – результат собственного творения и творческое «Я» определяет цель и стиль жизни (А. Адлер); человек способен преодолеть первичные узы в ходе осознания ситуации, открывать перспективы самореализации и свободы в спонтанной творческой деятельности, соединяющей его с миром других людей, осуществляет поиск самоидентичности (Э. Эриксон) [3], [16].

Таким образом, изучение психологических особенностей процесса воспитания, концепции социальной включенности, содержание детско-родительских отношений и его роль в формирование готовности к продуктивной социальной включенности, определение теоретических основ моделирования процесса восстановления детско-родительских отношений позволило нам разработать структурно-динамическую модель работы по восстановления детско-родительских отношений у подростков-правонарушителей (см. рисунок 1).




Рисунок 1. Структурно-динамическая модель восстановления детско-родительских отношений подростков-правонарушителей

Модель восстановительной работы с подростками-правонарушителями и их родителями в условиях пребывания детей в учебно-воспитательном учреждении закрытого типа отражает соединительно-восстановительную, консультативно-поддерживающую процедуру в ходе социального включения подростков и носит концептуальный характер. Она предполагает систему работы, включающую четыре взаимосвязанных этапа выполнения, которые логически взаимосвязаны и подчинены общей цели.

Модель выстроена на внешнем и внутреннем уровнях. На уровне внешнего – социальные процессы, а на уровне внутреннего – психологические явления, который происходить на каждом этапе психологические изменения.

В разработанной модели выделены четыре этапа: *мотивационный, обучающий, восстановительный и контрольный*, которые содержат четыре компонента (*поведенческий, регулятивный, когнитивный, аффективный*) и, соответственно, четыре механизма (смыслообразование, рефлексия, принятие и идентификация).

*Таким образом*, предложенная структурно-динамическая модель восстановления детско-родительских отношений подростков-правонарушителей как механизм формирования готовности к продуктивной социальной включенности, учитывает современный уровень развития теоретических и практических исследований, имеющихся по обсуждаемому вопросу. Она учитывает: индивидуальные ресурсы ребенка, специфику, особенности воспитания и социальной адаптации подростков-правонарушителей, обучающихся в закрытом образовательном учреждении.

Каждый этап модели – это самостоятельное направление работы исследователя, которая характеризуется через компоненты подготовление-воссоединение-восстановление-сепарация.

Изложенное позволяет сформулировать следующие задачи психологической работы по восстановлению отношений между подростками-правонарушителями и родителями:

1) посредством организации обучающих занятий поднять уровень социально-адаптивного поведения подростков, показать им способы достижения ценностно-нормативной позиции в детско-родительских отношениях;

2) обеспечить психологическую поддержку и оказать методическую помощь родителям для образования позитивного социально-психологического самочувствия во взаимодействии со своими детьми, а также поддерживать в освоении ими методов и приёмов воспитательного воздействия;

3) способствовать обеспечению психологического принятия между подростками и их родителями, удовлетворенности отношениями, сотрудничеству и повышению авторитета родителей в глазах подростков путём формирования эмоциональной близости между ними;

4) создавать благоприятные условия для примирения и содействия в восстановлении отношений между подростками-правонарушителями и их родителями путём преодоления противоречивости в детско-родительских отношениях.

Выполнение перечисленных задач возможно при условии конкретизации предпосылок восстановления детско-родительских отношений у детей путём организации целенаправленного психолого-педагогического воздействия по формированию готовности к продуктивной социальной включенности подростков-правонарушителей.

В эмпирической части исследования осуществление целенаправленного воздействия на восстановление детско-родительских отношений подростков-правонарушителей предполагается через комплекс мероприятий, которые включают в себя *четыре основных взаимосвязанных блока*: 1) установочно-мотивационный; 2) диагностический; 3) когнитивно-обучающий; 4) блок оценки эффективности коррекционных воздействий [10, с. 27-28]. Каждый этап эксперимента характеризуется своими задачами, средствами, методами их решения и получаемыми результатами.

Таким образом, разработанная модель восстановления детско-родительских отношений у подростков-правонарушителей, обучающихся в закрытом образовательном учреждении, выступающая основой процесса формирования готовности продуктивной социальной включенности *открывает* новые теоретические и методические возможности для разработки психологического содержания и методов, способствующих повышению эффективности подготовки, подростков-правонарушителей к условиям жизни с учетом психологических особенностей процесса их продуктивной социальной включенности.

С целью осуществления психологической поддержки процесса формирования готовности к продуктивной социальной включенности подростков-правонарушителей, безусловно, необходимо проведение исследования психологических особенностей детско-родительских отношений у подростков-правонарушителей.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Абдурашитов Н.Ф. Процесс реинтеграции подростков в семью, находящиеся в конфликте с законом // Роль педагогического сотрудничества в нравственном и духовном совершенстве подростков // Ответственный редактор И. Давлатшоев. Душанбе, 2012. С. 146-155. [На тадж. языке.]

2. Абульханова К.А. Проблема индивидуальности в психологии / Психология индивидуальности: новые модели и концепции / Коллективная монография под ред. Е.Б. Старовойтенко, В.Д. Шадрикова. М.: МПСИ, 2009. С. 14-63.
3. Адлер А. Практика и теория индивидуальной психологии. М., 1995. 291 с.;
4. Блос П. Психоанализ подросткового возраста / Пер. с англ. М.: Институт Общегуманитарных Исследований, 2010. 272 .
5. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. СПб.: Питер, 2009. 400 с.
6. Варга А.Я. Сепарация. Что это и зачем она нужна? [Электрон. рес.] Режим дос.: http://www.psynavigator.ru/articles.php?code187 (дата обр. 04.03.2016).
7. Жмуров В.А. Большая энциклопедия по психиатрии / В.А. Жмуров. 2-е изд. М.: Джангар, 2012. 864 с.
8. Коряков Я.И. Репарация в психоанализе // Психологический вестник Уральского государственного университета. Вып. 9. Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2010. С. 47-56.
9. Малер М.С., Пайн Ф., Бергман А. Психологическое рождение человеческого младенца: Симбиоз и индивидуация. Пер. с англ. М.: Когито-Центр, 2011. 413 с.
10. Осипова А.А. Общая психокоррекции: учебное пособие для студентов вузов. М.: ТЦ Сфера, 2007. 512 с.
11. Петровский В.А. Личность в психологии: парадигма субъектности. М.: Просвещение, 1996. 512 с.
12. Психоанализ в развитии: Сборник переводов / А. Фрейд, З.Фрейд, Ш. Ференци, М. Кляйн и др. Екатеринбург: Деловая книга, 1998. 176 с.
13. Реан А.А. Характерологические особенности подростков-делинквентов // Вопросы психологии. 1991. № 4. С. 139-144.
14. Фельдштейн Д.И. Психология развития человека как личности. Избранные труды: В 2 т. М.: Издательство Московского психолого-социального института, 2005. Т. 2. 456 с.
15. Эльконин Д.Б. К проблеме периодизации психического развития в детском возрасте / Эльконин Д.Б. Избранные психологические труды. М.: Педагогика, 1989. С. 60-77.
16. Эриксон Э. Детство и общество. СПб., 2000. 416 с.
17. Josselson R. Ego development in adolescence. In J. Adelson (Ed.) Handbook of adolescent psychology. New-York: Wiley. 1980. P. 188-210.

**АБДУРАШИТОВ Н.Ф.**

## АМСИЛАИ БАРҚАРОРКУНИИ МУНОСИБАТҲОИ ФАРЗАНД-ВОЛИДАЙН ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ ВОРИДШАВИИ САМАРАНОКИ ИҶТИМОИИ НАВРАСОНИ ҲУҚУҚВАЙРОНКАРДА

Дар мақола масъалаҳои муносибатҳои фарзанд-волидайн дар наврасон баррасӣ шуда, амсила (модел)-и барқароркунии муносибатҳои фарзанд-волидайн ҳамчун механизми ташаккули омодагии воридшавии самараноки иҷтимоии наврасони ҳуқуқвайронкарда пешниҳод шудааст. Амсила дорои сохтори махсус ва ҷанбаҳои тағйирдиҳанда дар муносибатҳои байни падару модарон ва наврасон мебошад. дар натиҷаи таҳлили мавқеъҳои илмӣ оид ба тарбияи наврасон ва барқароркунии муносибатҳои фарзанд-волидайн ҳамчун асоси психологии ташаккули омодагӣ ба воридшавии самараноки иҷтимоӣ ошкор гардид, ки барқарор кардани муносибатҳои фарзанд-волидайн, ҳамчун муайянкунандаи дараҷаи ташаккулёбии ҳисси мансубияти иҷтимоӣ ва дарки умумият бо оламии ҷамъиятӣ ба сифати механизми ташаккули омодагӣ ба воридшавии самараноки иҷтимоӣ баромад мекунад. Барқароркунии муносибатҳои байни наврасон-ҳуқуқвайронкардагон ва волидони онҳо омили ҳалкунандаи воридшавии самараноки иҷтимоӣ, инчунин ташаккулёбии мусбати шахсияти наврасон ба ҳисоб меравад. Дар зери мафҳуми муносибатҳои барқароршудаи фарзанд-волидайн муносибатҳое фаҳмида мешаванд, ки бо ҷой надоштани зиддиятҳо дар муносибат, бартарии ҳиссиёти мусбат, бо мавҷудияти идроки комилан мувофиқ ва ҳамдигарфаҳмӣ тавсиф меёбанд. Раванди барқароркунии муносибатҳои фарзанд-падару модар, ки дар доираи эксперименти таълимдиҳанда, аз ҳисоби механизмҳои зерини таъсиррасонии пай дар пай – дигаргунии фикру мулоҳиза нисбат ба худ, нисбат ба дигарон (рефлексия), мувофиқоварӣ (идентификатсия) ва қабули эмотсионалӣ сурат мегирад, амалӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** волидайн, кӯдак, оила, муносибатҳои волидайн ва кӯдак, ҷинояткори ноболиғ, омодагӣ ба фарогирии самараноки иҷтимоӣ, модели барқарорсозӣ.

**АБДУРАШИТОВ Н.Ф.**

## МОДЕЛЬ ВОССТАНОВЛЕНИЯ ДЕТСКО-РОДИТЕЛЬСКИХ ОТНОШЕНИЙ КАК МЕХАНИЗМ ФОРМИРОВАНИЯ ГОТОВНОСТИ К ПРОДУКТИВНОЙ СОЦИАЛЬНОЙ ВКЛЮЧЕННОСТИ ПОДРОСТКОВ-ПРАВОНАРУШИТЕЛЕЙ

В статье рассматривается вопросы детско-родительские отношения подростков, представлены модель восстановления детско-родительских отношений как механизма формирования готовности к продуктивной социальной включенности подростков-

правонарушителей. Модель включает в себя структурный и аспекты изменений в отношениях между родителями и подростками. В результате анализа подходов к воспитанию подростков и становление их детско-родительских отношений как психологической основы формирования готовности к продуктивной социальной включенности была выявлена, что механизмом формирования готовности к продуктивной социальной включенности выступает восстановление детско-родительских отношений, определяющих сформированность у подростка первичного чувства принадлежности и общности с социальным миром. Восстановление отношений между подростками-правонарушителями и их родителями является решающим фактором продуктивной социальной включенности, а также положительного развития личности подростков. Под восстановленными детско-родительскими отношениями понимаются отношения, характеризующиеся непротиворечивостью, положительным эмоциональным фоном, адекватным восприятием и пониманием друг друга. Восстановительный процесс детско-родительских отношений, реализуемый в рамках обучающего эксперимента, осуществляется за счет последовательного действия следующих механизмов: смыслообразования, рефлексии, идентификации и эмоционального принятия.

***Ключевые слова:*** родитель, ребенок, семья, детско-родительские отношения, подросток-правонарушитель, готовности к продуктивной социальной включенности, модель восстановления.

**ABDURASHITOV N. F.**

**A MODEL FOR RESTORING CHILD-PARENTAL RELATIONSHIP AS A MECHANISM FOR FORMING READINESS FOR PRODUCTIVE SOCIAL INCLUSION OF ADOLESCENTS**

The article examines the issues of child-parental relations of adolescents, presents a model for the restoration of child-parental relations as a mechanism for the formation of readiness for productive social inclusion of adolescents-offenders. The model includes structural and aspects of change in the relationship between parents and adolescents. As a result of the analysis of approaches to the upbringing of adolescents and the formation of their parent-child relations as a psychological basis for the formation of readiness for productive social inclusion, it was revealed that the mechanism for the formation of readiness for productive social inclusion is the restoration of parent-child relations, which determine the formation of the adolescent's primary sense of belonging and community. with the social world. Rebuilding the relationship between adolescent offenders and their parents is critical to productive social inclusion as well as positive personality development in adolescents. The restored parent-child relationship is understood as a relationship characterized by consistency, a positive emotional background, adequate perception and understanding of each other. The recovery process of child-parental relationships, implemented as part of a learning experiment, is carried out through the sequential action of the following mechanisms: meaning formation, reflection, identification and emotional acceptance.

**Key words:** parent, child, family, parent-child relationship, juvenile delinquent, readiness for productive social inclusion, recovery model.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Абдурашитов Наимжон Фозилович – 1983 с.т., мудири шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, сӯроға: 734024, г. Душанбе,кӯч. Айнӣ, 129, тел. +992 918 50 21 45. E.mail: a_naimjon_f@mail.ru

**Сведение об авторе** Абдурашитов Наимжон Фозилович – 1983 г.р., заведующий отделом педагогики и психологии Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни, 129, тел. +992 918 50 21 45. E.mail: a_naimjon_f@mail.ru

**Information about information:**Abdurashitov Naimzhon Fozilovich - 1983 year of birth, Head of the Department of Pedagogy and Psychology of the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Dushanbe, st. Aini, 129, tel. +992 918 50 21 45. E.mail: a_naimjon_f@ mail.ru

**ШОДМОНОВ Ш.С.**

# ПАҲЛӮҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ РАВАНДИ АЗХУДКУНИИ НУТҚ АЗ ҶОНИБИ КӮДАКОНИ КАР ВА КӮДАКОНИ ШУНАВОИЯШОН СУСТ

Масъалаи асосие, ки шароити фарқкунандаи таълими гурӯҳҳои алоҳидаи кӯдакони иллати шунавоидоштаро ба миён мегузорад, ин нокифоя будани рушди нутқи ин табақаи кӯдакон мебошад. Бояд қайд кард, ки таълими кӯдакони кар тариқи истифодаи ҷубронии ҳиссиёти ламсу ларзишӣ, кинестетикӣ ва идроки бинои асос ёфта, барои ташаккули нутқи даҳонӣ равона мегардад.

Олими Шӯравӣ Р.М. Боксис чунин қайд мекунад, ки бидуни мавҷудияти дарки шунавоӣ тақлиди бевоситаи нутқ ғайриимкон аст. Барои ташаккул додани нутқ танҳо бо кумаки омӯзгор ҳангоми истифодабарӣ аз ретсепторҳои дар боло зикргардида имкон дорад. Омӯзгор бояд ба кӯдакон тарзи кори дастгоҳҳои овозӣ ва артикулятсиониро, ки барои пайдоиши нутқ заруранд, нишон дода, аз тарафи дигар бо шунавоии худ талаффузи овозҳои нутқи хонандагонро назорат кунад [1; 38].

Назария ва амалияи таълими кӯдакони кар нишон медиҳад, ки онҳо танҳо бо ёрии омӯзгор имкон пайдо мекунанд, то моҳияти ҳаракати дастгоҳи нутқро дарк намоянд, яъне онҳо мефаҳманд, ки ҳаракатҳои муайяни дастгоҳи нутқ ифодагари калимаҳое ҳастанд, ки воқеияти атрофро инъикос мекунанд. Тавре маълум аст, кӯдакони барвақт каршудае, ки таълим нагирифтаанд, нутқи ишоравии худро бо ҳаракатҳои бемазмуни дастгоҳи нутқ ҳамроҳ намуда, бо ин роҳ ба шахсони шунаво тақлид мекунанд. Ҷараёни инкишофи нутқи даҳонии кӯдакони кар дар асоси таълимоти махсус бо истифода аз ретсепторҳое, ки нақши ёридиҳандаро мебозанд, амалӣ мешавад.

Сурдопедагог ба талабаи худ тарзи бошуурона аз худкунии ҳаракатҳои дастгоҳи нутқ, талаффузи овозҳо ва маънои онҳоро мефаҳмонад. Дар баробари ин, бояд машқи хатро низ омӯзонад. Инкишофи нутқи кӯдак дар мавриди аввал аз омӯзгор вобаста аст. То он даме, ки кӯдаки кар моҳияти дастгоҳи нутқ (сохти он), алоқамандии онро бо як қатор мафҳумҳои нутқи гуфтугӯӣ дарк накунад, мустақилона нутқи худро инкишоф дода наметавонад.

Хониш, нутқи хаттӣ ва дактелология (нутқи дастӣ бо истифода аз алифбои дастӣ) дар инкишофи мустақилонаи нутқи кӯдакони кар нақши асосӣ доранд. Ин шаклҳои нутқ дар кӯдаки кару гунг тасаввуротро доир ба нутқ ҳосил мекунанд ва ин боис мегардад, ки дар оянда нутқи ӯ инкишоф ёбад. Нутқи даҳонии кӯдаки гунгу кар барои аз худ намудани мазмуни пурраи нутқ кифоя нест, яъне ин гуна кӯдак калимаи навро фаҳмида наметавонад, фақат калима ва ибораҳоеро медонад, ки маънои онҳо барояш фаҳмост [1; 39].

Аз ин сабаб, раванди мустақилона аз худ намудани нутқ дар кӯдакони кар дер пайдо мешавад. Ин аст, ки кӯдакони кар дар марҳилаи аввали инкишоф ва азхудкунии нутқ барои аз худ намудани муошират ба омӯзгор эҳтиёҷ доранд. Имконияти азхудкунии нутқ оҳиста-оҳиста дар асоси муошират афзоиш меёбад, аммо набояд фаромӯш кард, ки нақши асосиро он захираи луғавие мебозад, ки кӯдак дар асоси таълими махсус пайдо кардааст.

Сатҳи рушди нутқи кӯдакони сустшунав нисбат ба кӯдаки барвақт каршуда баландтар аст. Кӯдакони сустшунав, дар мавриди аввали инкишофёбии нутқ, ҳангоми суҳбат мустақилона нутқро барои муошират истифода бурда метавонанд, садоҳои на он қадар хуб (яъне нуқсондор)-и онҳо каме ҳам бошад ифодагари “калима” аст ва хуб дарк мекунанд, ки ҳаракати дастгоҳҳои нутқ, хусусан, ҷунбиши лабҳо беҳуда набуда, калима ва ё ибораи муайянеро ифода мекунанд. Аз ин сабаб, талабот ба муошират бо нутқ дар ин кӯдакон ниҳоят зиёд аст. Талабот барои муошират бо нутқ – ин оғози раванди азхудкунии нутқ мебошад [5; 67].

Аз ҷониби кӯдакони сустшунав имконияти мустақилона ба воситаи узви шунавоӣ қабул намудани тарзи канда-кандаи калимаҳо боиси бой гардидани захираи луғавии онҳо гардида, ба ҷараёни таълим кӯмаки калон мерасонад. Омӯзгор ба ин кӯдак бо овози каме баланд муроҷиат мекунад, ки ин барои фаҳмидани нутқ ва маънои калимаҳо кифоя аст, яъне, имкони ҳар чӣ тезтар бой гардидани захираи луғавии кӯдакони сустшунав вуҷуд дорад.

Чӣ хеле олими Шӯравӣ Р.М. Боксис қайд мекунад, таълими мунтазами нутқ бо роҳи фаҳмонидани калимаҳои нав, ибораҳо, қоидаҳои грамматикӣ бо элементҳои гуногуни нутқ, таркиби овозҳо ба воситаи машқи хат ва ислоҳ намудани хатоҳои нутқ барои беҳтар аз худ намудани нутқ имкон медиҳанд. Чунин тарзи таълим барои мустақилона ташаккул додани шунавоӣ ва беҳтар гардидани малакаҳои нутқӣ мусоидат хоҳанд кард. Ин ду

сарчашмаи инкишофи нутқ, яъне таълими мунтазами нутқ ва дар асоси муошират ба воситаи шунавоӣ мустақилона инкишоф додани он фарқияти куллии ҷараёни ташаккулёбии нутқи кӯдакони кар ва кӯдакони шунавоияшон сустро нишон медиҳад [1; 41].

Маводи таълимие, ки барои инкишоф додани нутқи хонандагони синфҳои ибтидоии мактабҳои кӯдакони кар дар раванди таълим истифода бурда мешаванд, асосан якранг мебошанд. Аммо омӯзгоре, ки дар мактаби барои кӯдакони шунавоияшон суст кор мекунад, дар дигар шароит қарор дорад, яъне имконияти кӯдакони шунавоияшон суст барои аз худ намудани нутқ дар ҷараёни муошират гуногун ва индивидуалӣ мебошад.

Ташаккулёбии нутқи кӯдакони шунавоияшон суст дар синни томактабӣ ва дар оянда низ дар асоси таълими махсус аз ташаккулёбии нутқи кӯдакони кар (ҳатто бо мавҷудияти боқимондаи шунавоӣ) комилан фарқ мекунад [6;25]. Онро дар раванди муоширати шифоҳӣ дар имконияти гуногуни аз худкунии ҳаракатҳои нутқ, маҷмуи овозҳо ва доштани майлу хоҳиши муоширатро ба воситаи шунавоияшон мушоҳида кардан мумкин аст.

Аз ин рӯ, вобаста ба муносибати тафриқавии таълим, таълиму тарбияи чунин кӯдакон (яъне кӯдакони шунавоияшон суст ва кар) бояд дар шароити хос муҳайё карда шавад. Яъне, таълиму тарбияи онҳоро дар мактабҳои махсус дар алоҳидагӣ ба роҳ мондан шарт ва зарур ба ҳисоб меравад.

Тибқи нишондоди олими рус Г.А.Карпова фарқи имконияти нутқиву таълимии хонандагони кар ва кӯдакони шунавоияшон сустро дар шакли ҷадвал чунин пешниҳод намудан мумкин аст [2; 222-224]:

**Ҷадвали 1. Фарқи имконияти нутқу таълими хонандагони кар ва сустшунав**

| **Кӯдакони кар** | **Кӯдакони сустшунав** |
|---|---|
| Нутқи шифоҳӣ (даҳонӣ) мустақилона пайдо намешавад. | Дар кӯдакони сустшунав, ҳатто агар гирифтори дараҷаи 4-уми вазнингӯшӣ бошад ҳам, инкишофи нутқ ҳаддиаққал пайдо хоҳад шуд. |
| Нутқи шифоҳӣ ба таври сунъӣ дар шароити махсуси педагогӣ пайдо мегардад. | Нутқи шифоҳӣ дар шароити махсуси педагогӣ инкишоф меёбад. |
| Имкониятҳои шунавоии карҳо хеле маҳдуд мебошад. | Имкониятҳои шунавоии сустшунавоён нисбат ба карҳо сифатан бартарӣ дорад. Тибқи маълумоти Л.В.Нейман, хонандагони сустшунави шуъбаи 1 калимаҳоеро, ки дар назди гӯшашон баланд талаффуз шудааст, то 90% фарқ карда метавонанд; хонандагони шуъбаи 2 бошанд то 70%. |
| То фарогирӣ ба таълим таҷрибаи фаъолияти нутқ надоранд. Талаботи онҳоро ба нутқи даҳонӣ дар натиҷаи муддати тӯлонӣ ва бомақсад истифода намудани методу воситаҳои махсус қонеъ гардонидан мумкин аст. | Аз сабаби он, ки кӯдакони сустшунав таҷрибаи фаъолияти нутқи мустақилонаро доранд, барои онҳо амали нутқӣ шинос аст ва таълим боиси ташаккули он мегардад. |
| Роҳи азхудкунии нутқи шифоҳӣ бавосита ва печ дар печ буда, дар асоси иштироки бештари анализаторҳо амалӣ карда мешавад. | Роҳи азхудкунии нутқи шифоҳӣ бевосита дар асоси шунавоӣ (гарчанде ғалат ҳам бошад) амалӣ мегардад. |
| Ҷиҳатҳои талаффузии нутқ дар машғулиятҳои махсус ба ташаккулёбӣ ниёз дорад. | Талаффузи ғалат дар машғулиятҳои махсус ба инкишоф ниёз дорад. |
| Забони ишора ҳамчун забони модарӣ, яъне табиӣ ба ҳисоб рафта, бо нутқи шифоҳӣ рақобати шадид дорад. | Кӯдакони сустшунав ба муҳити ношунавоён фаро гирифта шуда, зуд забони ишораро аз худ менамоянд, ки он асосан воситаи ёридиҳанда ба ҳисоб меравад. Дар шароити ташкили дурусти реҷа нутқи ишоравии онҳо бо нутқи шифоҳӣ рақобати шадид нахоҳад дошт. |
| Нутқи мустақили шифоҳӣ, ки дар мактаб ба шакл медароянд, дар раванди ташаккулёбӣ норасоиҳои пайдарпай дорад, яъне маҳдудияти луғавӣ ва норасоӣ дар талаффуз дида мешавад | Нутқи мустақилонаи шифоҳӣ, ки ҳанӯз то мактаб дар асоси шунавоии иллатнок пайдо гардидааст, дорои ҳамон маҷмӯи маҳдудиятҳое мебошад, ки дар кӯдакони кар вомехӯрад. |
| Бо иллаташон муносибати дуруст доранд, | Ба иллаташон чандон муносибати дуруст |

| | |
|---|---|
| яъне нутқи шифоҳиро ҳамчун шакли нави фаъолият қабул намуда, зери таъсири омӯзгор қарор мегиранд. | намекунанд, яъне онҳо таҷрибаи муваффақи муносибатҳои иҷтимоиро доро буда, дар ҷараёни ислоҳи нутқашон чандон фаъол нестанд. |

Чӣ хеле аз ҷадвали мазкур бармеояд, дараҷаи шунавоии кӯдакони шунавоияшон суст нисбат ба дараҷаи шунавоии кӯдакони кар имкон медиҳад, ки кӯдакони шунавоияшон суст дар аз худ намудани нутқ нисбат ба кӯдакони кар муваффақ бошанд. Кӯдакони шунавоияшон сусти синни томактабӣ, гарчанде таълиму тарбияи томактабӣ нагирифта бошанд ҳам, дар асоси боқимондаи шунавоии худ алакай моҳияти нутқро дарк мекунанд ва ин дар ҳоле мебошад, ки кӯдакони кар фаъолияти дастгоҳи нутқ ва моҳияти нутқро дарк накардаанд. Нутқи кӯдакони кар низ монанди кӯдакони шунавоияшон суст мустақилона ба вуҷуд намеояд ва он ба дастгирии омӯзгор ва методу воситаҳои махсус бештар эҳтиёҷ дошта, ба таври сунъӣ ба вуҷуд меояд. Кӯдакони шунавоияшон суст бошад вобаста ба дараҷаи шунавоияшон имконияти бештари дарк ва азхудкунии нутқро доро мебошанд. Чунин қайд кардан дуруст аст, ки нутқи даҳонии кӯдакони шунавоияшон суст дар асоси боқимондаи шунавоӣ ташаккул меёбад ва нутқи кӯдакони карро бошад, бо истифода аз методу воситаҳои махсус бо такя намудан ба кори дигар анализаторҳо (ламс ва биноӣ) пайдо ва рушд додан имкон дорад. Барои кӯдакони кар забони ишора ҳамчун забони модарӣ, яъне табиӣ ба ҳисоб рафта бо нутқи даҳонӣ рақобати шадид дорад. Аммо барои кӯдакони шунавоияшон суст бошад, забони ишораро ҳамчун яке аз воситаҳои ёридиҳанда истифода бурдан мумкин аст ва дар ҳолати дуруст тартиб додани реҷаи нутқӣ дар мактаб барои ин гуна кӯдакон забони ишора бо забони даҳонӣ рақобате карда наметавонад.

Вобаста ба нуқсони шунавоӣ барномаи таълимии мактабҳои кӯдакони шунавоияшон суст дар синфҳои ибтидоӣ барои аз худнамудани забони модарӣ ва инкишофи нутқ вазифаҳои муайянеро талаб менамояд:

- бартараф намудани нутқи инкишофнаёфтаи кӯдакон;
- амалан аз худ намудани малакаҳои нутқӣ, яъне фаҳмиши маънии калимаҳо ва истифода намудани онҳо, бой намудани захираи луғавӣ, амалан аз худ намудани қоидаҳои грамматикии нутқ, инкишофи малакаҳои нутқи мураттаб.

Барномаи синфҳои 1-5 бояд мовадҳоеро дар бар гиранд, ки дар ҷараёни гузаштани онҳо хонандагон амалан забонро аз худ намуда, ба омӯзиши таълими ибтидоии грамматика омода шаванд ва аз синфи 6 сар карда, ба омӯзиши системаноки таълими грамматика мегузаранд.

Таҷрибаи зарурии нутқӣ дар дарсҳои инкишофи нутқ, хониш, шиносоӣ бо муҳити зист, ташаккули қатори грамматикии нутқ, инкишофи идроки шунавоӣ ва ташаккули талаффуз бояд таъмин карда шавад.

Ташкили тамоми ҷараёни таълиму тарбия дар мактаби (мактаб- интернати) кӯдакони шунавоияшон суст барои инкишофи шунавоию нутқии (дарки нутқ ба воситаи шунавоӣ) хонандагони сустшунав равона гардида, вобаста ба имконияти фардии хонандагон бо мақсади куллан фаъол намудани фаъолияти таълимии онҳо, махсусан фаъолияти нутқӣ, танзим намудани мувофиқат байни намудҳои корҳои мустақилона ва омехта, интихоб намудани моводи осон ва душвори таълим, амалӣ карда мешавад.

Роҳи асосии аз худ намудани моводи таълимӣ дар дарсҳо ин усули биноиву шунавоӣ мебошад. Аммо моводҳое, ки ба ташкили фаъолияти таълимӣ, хусусияти ифода намудан, ҷумлабандӣ ва калимаҳое, ки мазмуни дарси ҷориро дар бар мегиранд, ба хонандагон танҳо ба воситаи идроки шунавоӣ пешниҳод карда мешавад.

Барои бартараф намудани оқибатҳои иллати шунавоӣ (дар навбати аввал нутқи инкишофнаёфта)-и хонандагон машғулиятҳои фардӣ оид ба инкишофи идроки шунавоӣ ва ташаккули малакаҳои талаффуз аҳамияти калон дорад. Алоқаи бевоситаи байни машғулиятҳои фардӣ оид ба инкишофи идроки шунавоӣ ва ташаккули малакаҳои талаффуз бо моводи таълимии дарсҳо бояд пешрафти инкишофи умумӣ ва нутқии хонандагонро таъмин намояд, муоширати нутқии онҳоро фаъол гардонда, ба мустаҳкамшавии луғат ва такмил додани малакаҳои амалии нутқи хонандагон мусоидат намояд.

Боиси таассуф аст, ки бинобар сабаби набудани муассисаҳои томактабӣ барои кӯдакони норасоиҳои шунавоидошта, аз он ҷумла кӯдакони шунавоияшон суст, ин гуруҳи кӯдакон корҳо аз ёрии барвақт дар самти ташаккул ва рушди нутқ дур мемонанд, ба истисноӣ як-ду марказҳои ислоҳи шунавоӣ ва нутқ, ки дар баъзе шаҳрҳо дар ин самт фаъолият мекунанд. Дар натиҷа, чӣ хеле мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ин гуруҳи кӯдакон,

ки ба мактабҳо (мактаб-интернатҳои) махсус ба таълим нав фаро гирифта мешаванд, барои иҷро гардидани вазифаҳо ва талаботи барномавӣ омода нестанд.

Бо ин мақсад, дар мактаб-интернатҳои махсуси кӯдакони норасоиҳои шунавоидошта синфҳои тайёрӣ ташкил карда мешаванд, ки кӯдаконро аз синни 6 солагӣ ба он қабул менамоянд.

Мушоҳидаҳо, таҳлили таҷрибаи олимону омӯзгорон ва муоинаи ташхиси сатҳи нутқи кӯдакон нишон медиҳад, ки ин табақаи кӯдакон дар аз худ кардани нутқ, мувофиқи дараҷаи шунавоияшон ва вақти пайдо шудани иллати шунавоӣ, аз ҷиҳати педагогӣ ба гурӯҳҳои зер ҷудо карда мешаванд:

1. Кароні бенутқ (барвақткаршудагон), ки таҳсили онҳо дар мактабҳои кӯдакони кар ба роҳ монда мешавад.

2. Карҳое, ки нутқашонро нигоҳ доштаанд (деркаршудагон), ки вобаста ба ҳолати нутқашон ба шуъбаҳои 1 ё 2-и мактаббои кӯдакони шунавоияшон суст қабул карда мешаванд.

3. Кӯдакони шунавоияшон сусти нутқашон инкишофёфта (бо норасоии каму беш) ба шуъбаи 1-уми мактабҳои кӯдакони шунавоияшон суст;

4. Кӯдакони шунавоияшон суст бо норасоии вазнини нутқ ба шуъбаи 2-юми мактабҳои кӯдакони шунавоияшон суст қабул карда мешаванд.

Барои намуна натиҷаи озмоиши имконияти нутқии кӯдакони норасоиҳои гуногуни шунавоидоштае, ки нав ба мактаб қабул гардиданд, дида мебароем:

1. М., писарбачаи 7-сола, вазнингӯшии дараҷаи баланд (карӣ), ҳолати умумии инкишоф наёфтани нутқаш дар дараҷаи 1 қарор дорад. Намешунавад, нутқи шифоҳӣ надорад ва  ба садои нутқӣ аҳамият намедиҳад. Ба воситаи тақлиди биноӣ баъзе овозҳои садонок ва ҳамсадоро талаффуз карда метавонад (а, о, у, п, т...). Ҳангоми нишон додани ашё кӯшиш мекунад бо истифода аз ишораҳои худсохт онҳоро номбар кунад.

2. Р., писарбачаи 7-сола, вазнингӯшии дараҷаи 3-4, инкишоф наёфтани умумии нутқ дар дараҷаи 2 мушоҳида мешавад. Дар назди гӯшаш нутқи баланд талаффузшударо фаҳмида метавонад. Дар талаффузи баъзе овозҳои ҳамсадо дар калима мушкилӣ мекашад, яъне овозҳои К ва Г-ро бо овози Т иваз мекунад. Овозҳои Ж-ро Ш, З-ро С, ва Ғ-ро Х талаффз мекунад. Овозҳои димоғии М ва Н-ро дар алоҳидагӣ бо овози Б ва П иваз мекунад. Овози Р-ро дар алоҳидагӣ ва дар калима талаффуз карда наметавонад ва бо овози Л иваз мекунад. Ҳамчунин, овози Қ-ро талаффуз карда наметавонад ва ғ. Калимаҳои алоҳидаи шиносро бо нуқсон талаффуз карда метавонад.  Захираи луғавиаш хеле маҳдуд. Фикри худро ба калима ва ибораҳои содда ифода мекунад: ***Ман об*** (Ман об менӯшам). ***Оча ман хона*** (Модарам меояд ва манро ба хона мебарад) ва ғ.

3. Н., духтарчаи 7-сола, вазнингӯшии дараҷаи 2-3, инкишоф наёфтани нутқ дар дараҷаи 2-3. Метавонад нутқи баландиаш муқаррариро дар масофаи то 2 метр фаҳмида, аз он баҳрабардорӣ намояд. Аз уҳдаи талаффузи аксарияти овозҳои нутқ мебарояд. Овозҳои Р-ро бо Й, овозҳои Г ва К-ро бо Д ва Т, овози Ж-ро бо Ш иваз мекунад. Нутқашро бо ибора ва ҷумлаҳо ифода карда метавонад. Калимаҳои шиносро талаффуз мекунад ва ба воситаи шунавоияш онҳоро фарқ карда метавонад. Ба воситаи шунавоии худ дар дарк намудани калимаҳои ношинос мушкилӣ мекашад ва онҳоро бо дигар калимаҳои шинос иваз мекунад:  ***карам-қалам,  хола-хона*** ва ғ.

Хулоса, натиҷаи озмоиш нишон медиҳад, ки раванди ташаккулёбии нутқи кӯдакони норасоии шунавоидошта аз дараҷаи шунавоияшон хеле вобастагии калон дорад. Чӣ қадаре шунавоии кӯдак осеб дида бошад, ҳамон қадар ба ташаккулёбии нутқи онҳо таъсири манфии худро расонидааст. Кӯдакони кар, ки аз шунавоӣ маҳрум гаштаанд, дар навбати худ аз имконияти мустақилона ба вуҷуд омадани нутқ ва рушди он маҳрум гардидаанд. Кӯдакони шунавоияшон суст бошад, новобаста аз дараҷаи шунавоияшон нутқашон мустақилона ба вуҷуд омада, вобаста ба дараҷаи шунавоӣ ба таври худ рушд кардааст, ки дар натиҷа онҳо таҷрибаи нутқиро пайдо кардаанд.

Ҳамчунин мебояд қайд намуд, ки дараҷаи нутқи кӯдакони дорои нуқсони шунавоӣ ба чор омили асосӣ вобастагии калон дорад:

1. Дараҷаи норасоии шунавоӣ;
2. Вақти пайдошавии нуқсони шунавоӣ;
3. Шароити педагогӣ барои инкишофи чунин кӯдакон;
4. Хусусиятҳои фардии онҳо (қобилиятнокӣ).

Аз ин рӯ, раванди таълими кӯдакони норасоиҳои шунавоидошта вобаста ба дараҷаи шунавоӣ ва ҳолати нутқашон бояд муайян ва тибқи барномаҳои таълимии махсус дар алоҳидагӣ ташкил карда мешавад.

Дар ҳолати фарогирии ин гуруҳи кӯдакон бо низоми таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд пеш аз ҳама хусусият ва имконияти равониву ҷисмонӣ ва таълимии онҳо ба ҳисоб гирифта шуда, мутахассисони соҳа (сурдопедагогҳо) ба кор ҷалб карда шаванд ва базаи моддию техникии муассиса низ аз ҷиҳати таҷҳизоти садоқувватдиҳанда, таҷҳизоти ислоҳи шунавоию нутқ, айёниятҳо ва дигар воситаҳои техникиву таълимӣ таъмин бошад. Ҳамчунин, дар ин самт бо волидайни хонандагон ҳамкориҳоро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондан лозим меояд. Дар акси ҳол таълими ин кӯдакон бо ин низом вобаста таълими савод ва инкишофи нутқ ягон натиҷаи дилхоҳро ба бор нахоҳад овард, ки ин албатта як мавзӯи дигар аст.

## АДАБИЁТ:


1.Барномаи таълимии мактабҳои (мактаб-интернатҳои) барои кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда аз фанни забони модарӣ (тоҷикӣ) барои синфҳои 1-5. Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.07.2013, №12/19 тасдиқ гардидааст.
2. Боксис Р.М. Учителю о детях с нарушениями слуха. М. Просвещение 1988.
3. Карпова Г.А. Основы сурдопедагогики. Екатеринбург. 2008.
4.Шодмонов Ш.С. Роҳнамои омӯзгор “Дар бораи кор бо кӯдакони норасоиҳои шунавоидошта”. Душанбе, МН “Студент” - 2017.
5. Зикеева А.Г. Развитие речи слабослишащих учащихся. М “Просвещение”, 1976.
6. Андреева Л.В. Сурдопедагогика. М.: ИЦ “Академия”, 2005.



**ШОДМОНОВ Ш.С.**


## ПАҲЛУҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ РАВАНДИ АЗХУДКУНИИ НУТҚ АЗ ҶОНИБИ КӮДАКОНИ КАР ВА КӮДАКОНИ ШУНАВОИЯШОН СУСТ


Дар мақолаи мазкур паҳлуҳои фарқкунандаи раванди азхудкунии нутқ аз ҷониби кӯдакони кар ва кӯдакони шунавоияшон суст маълумот дода шудааст. Муаллиф дар асоси тадқиқотҳои олимон ва таҷрибаи кори худ кӯшиш намудааст, ки паҳлуҳои фарқкунандаи азхудкунии нутқро аз ҷониби кӯдакони кар ва шунавоияшон суст нишон дода, иброз менамояд, ки ба вуҷуд омадани нутқ дар кӯдакони кар ба тариқи мустақилона ғайриимкон мебошад. Зеро кӯдакони кар, ки аз шунавоӣ маҳруманд, таҷрибаи нутқӣ надоранд ва нутқи онҳоро танҳо ба ёрии омӯзгор ва бо истифода аз анализаторҳои ламс ва биноӣ ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст. Кӯдакони шунавоияшон суст, ки дорои боқимондаи гуногуни шунавоиянд, ба туфайли он имкон доранд, ки нутқашон вобаста ба дараҷаи шунавоии доштаашон мустақилона шакл гирад ва ташаккул ёбад. Албатта нутқи кӯдак аз дараҷаи шунавоияш вобастагии калон дорад. Ҳамчунин, дар охир хулоса карда мешавад, ки раванди таълими кӯдакони норасоиҳои шунавоидошта вобаста ба дараҷаи шунавоӣ ва ҳолати нутқашон бояд муайян ва дар алоҳидагӣ ташкил карда шавад.



**Калидвожаҳо:** кӯдак, кар, шунавоияшон суст, азхудкунӣ, паҳлуҳои фарқкунанда, ҳолати нутқ, рушди нутқ, дараҷаи иллати шунавоӣ, рушди мустақилона, бавуҷудоии сунъӣ, талаффӯз, ноинкишофёбии нутқ.



**ШОДМОНОВ Ш.С.**


## ОТЛИЧАЮЩИЕ СТОРОНЫ ПРОЦЕССА ОВЛАДЕНИЯ РЕЧИ СО СТОРОНЫ ГЛУХИХ И СЛАБОСЛЫШАЩИХ ДЕТЕЙ


В данной статье даны сведения об отличающихся сторон овладения речи со стороны глухих и слабослышащих детей. Автор статьи, опираясь на научные иследования ученых, а также своего опыта работы, старается показать отличительные строны овладения речи со стороны глухих и слабослышащих детей. Он подчеркивает, что у глухих детей овладения речи самостоятельным путем не возможно, так как глухие дети лишены слуха. Из-за отсутствия слуха они также лишены речевого опыта и для формирования и развития их речи необходима помощь педагога, который с использованием зрительных и тактильно-вибрационных анализаторов стимулирует появлению их речи искусственным путём. А слабослышащие дети, у которых есть разные степени остатки слуха, опираясь на это, могут самостоятельно формировать и развивать свою речь. Следует отметить, что уровень речевого развития слабослышащих детей зависит от степени их слуха и слухового развития. Автор, в конце отмечает, что процесс обучения детей с нарушением слуха, нужно определять в отдельности в зависимость их состояния слуха и речи.



**Ключевые слова:** дети, глухие, слабослышащие, овладение, отличающие стороны, состояния речи, развития речи, степень потери слуха, самостоятельное развитие, искуственное формирование, произношение, недоразвития речи.

**SHODMONOV SH.S.**

**DISTINCTIVE ASPECTS OF THE PROCESS OF SPEECHING ON THE SIDE OF DEAF AND HEARING IMPAIRED CHILDREN**

This article provides information about the different sides of speech acquisition by deaf and hard of hearing children. The author of the article, relying on the scientific research of scientists, as well as his work experience, tries to show the distinctive aspects of mastering speech on the part of deaf and hard of hearing children. He emphasizes that it is not possible for deaf children to master speech independently, since deaf children are deaf. Due to the lack of hearing, they are also deprived of speech experience, and for the formation and development of their speech, the help of a teacher is needed, who, using visual and tactile-vibration analyzers, stimulates the appearance of their speech in an artificial way. And hearing impaired children who have varying degrees of hearing loss, relying on this, can independently form and develop their speech. It should be noted that the level of speech development of hearing impaired children depends on the degree of their hearing and auditory development. The author, in the end, notes that the process of teaching children with hearing impairment must be determined separately in the dependence of their state of hearing and speech.

**Key words:** children, deaf, hard of hearing, mastery, distinguishing aspects, speech states, speech development, degree of hearing loss, independent development, artificial formation, pronunciation, speech underdevelopment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Шодмонов Шодмонкул Саидчаъфарович – унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муовини директори мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоӣ ва дер ношунаво дар ноҳияи Рӯдакӣ. Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон, НТҶ, ноҳияи Рӯдакӣ, суроға. Сомониён, к. Рӯдакӣ 42. Тел: (992) 98 726 50 75, E-mail: shodmon75@mail.ru

**Сведения об авторе: Шодмонов Шодмонкул Саиджафарович** – соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, заместитель директора Республиканской школы-интерната слабослышащих и позднооглохших детей района Рудаки. Адрес: 735100, Республика Таджикистан, РРП, район Рудаки, пос. Сомониён, ул. Рудаки 42. Тел: (992) 98 726 50 75, E-mail: shodmon75@mail.ru

**Information about the author:** Shodmonov Shodmonqul Saidjafarovich – postgraduate of Institute of Development of Education named after A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, Deputy Director of the Republican Boarding School for Hearing Impaired and Late Deaf Children of the Rudaki District

Address: 735100, Respublic of Tajikistan, Rudaki area, pos. Somoniyon, st. Roodaki 42. Tel: (992)987265075, E-mail:shodmon75@mail.ru

**АЗИЗОВА Ф.Ш.**

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШҶӮЁН

Тоҷикистон дар шароити кунунӣ ба мутахассисони эҷодкоре ниёз дорад, ки онҳо вобаста ба шароити тағйирёбандаи истеҳсолот сифатҳои шахсияту маҳорати касбии худро мувофиқу мутобиқ гардонида, фаъолияти меҳнатии худро натиҷабахш ба роҳ монанд. Проблемаи мубрами таҳсилоти муосир аз он иборат аст, ки раванди аз ҷониби мутахассис фаро гирифтани асосҳои илмро бо тарбияи қобилияти зеҳнӣ, малакаҳои худомӯзӣ, мустақилона сайқал ва такмил додани донишҳои касбӣ ва назариявии худ якҷоя алоқаманд намояд. Аз ин рӯ, масъалаи ташаккули салоҳияти касбӣ актуалӣ маҳсуб меёбад, чунки мутахассиси муосирро барои амалӣ гардонидани имкониятҳояш дар соҳаҳои мухталифи фаъолият ҳадафманд мегардонад.

Феълан, бозори муосири меҳнат на ба донишҳои мушаххаси мутахассисон, балки нисбат ба салоҳияти хатмкунандагон талабот мегузорад. Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартномаи Болоня (2004) онро тақозо менамояд, ки Стандартҳои давлатии таҳсилоти касбӣ бояд забони умумӣ ва истилоҳоти (терминология) умумӣ дошта бошанд, то ки раванди таҳсилотро тавсиф карда тавонад. Бинобар ин, ҳоло Стандартҳои нави таҳсилоти касбӣ дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ таҳия мешаванд. Кунун барои натиҷабахшӣ ва ҳадафмандии раванди таълим низоми анъанавии дарсӣ-синфӣ кифоя нест, барои ин мақсад истифода аз технологияи муосири педагогӣ зарур аст, то ки фаъолияти таълимгирии толибилмонро тақвият бахшида, салоҳиятҳои фанҳои онҳоро инкишоф диҳад.

Дар асл мафҳумҳои гуногуне мавҷуданд, ки дар худ натиҷаҳои дониш ва бозёфтҳои илмиро фаро мегиранд.

Донишҳои технологӣ дар худ моҳият, назария, қонунҳо , сохтор ва тағйироти дигаршавандаро, ки дар фаъолияти инсон мавҷуданд, дар бар мегиранд. Ба ин донишҳо

илмҳои олитарин, инчунин донишҳои технологӣ, раванди ба охир расидани корро, ки тавассути фаъолият дар таҷриба истифода мешаванд, баробар гузоштан мумкин аст.

Вожаи технология дар воқеъ аз ду калима «техника» ва «логия» иборат мебошад. «Техника» маънии иҷрои кор дар сатҳи олиро дорад ва «логия» ин шиносоӣ бо мазмуни илм ва дониш мебошад. Зикр бояд кард, ки технология ин ошноӣ бо воситаҳои амалисозии кор дар сатҳи баландтарин, ба хотири он ки дониш ва илм дар сатҳи олитарин истифода ва иҷро шавад.

Аз дигар ҷониб, донишҳои касбӣ ҳамон вақт дастоварди оммавӣ шуда метавонанд, ки онҳоро таҳқиқ ва омӯхтан мумкин бошад.

Мураккабии омӯзиши технологияҳо эътимоднокии технологияҳои инноватсиониро паст мекунад ва баръакс дарки дурусти ин хусусиятҳо барои азхуднамоии технологияҳо кӯмак мерасонад.

1.Дуруст. Дарбаргирандаи таҷҳизоти муайян ва дигар муҳимоти зарурӣ. Фарҳанг ва рушди ҳаракати фанҳо хусусияти дигари технологӣ ба шумор меравад, вобаста ба ин, се хусусияти боқимондаи дигар наметавонанд рушди устуворро таъмин намоянд. Бештари кишварҳои рушднамуда истифодабарии навгониҳои технология, ҳамчунин се хусусияти дигарро ворид месозанд.

2. Омили инсонӣ. Хусусиятҳои технологияи мазкур, ки дар инсонҳо мавҷуд мебошад, ин пайдосозии дониш, ба даст овардани таҷриба, имконият, инчунин таъминоти ҳавасмандсозии кормандони ташкилот ба шумор меравад.

3. Иттилоот. Дарвоқеъ, технологияҳо инкишоф меёбанд ва бо кӯмаки захираи инсонҳо ташкил карда мешаванд ва боз бештар рушд менамоянд. Инчунин технологияҳо бо кӯмаки низоми маълумотдиҳӣ дар намудҳои гуногун, ба монанди номаи камол, маълумоти оморӣ, нақшаҳои гуногун, китобҳои нашриёти мухталиф паҳн мешаванд.

4. Ташкилотӣ. Дар худ маҷмӯи низоми иҷтимоӣ, инчунин низоми таълим, ташкилоти идоравӣ, шабакаҳои ташкилӣ, функсияҳои асосиро, ки рушди технологияҳо ба шумор меравнад, фаро мегирад.

Тазаккур бояд кард, ки технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии донишҷӯёни муасиссаҳои таҳсилоти олӣ ин раванде мебошад, ки бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти нав бо васоити иттилоотӣ ва техологияҳои навомӯхташуда истифода мешаванд. Ин раванд омилҳои гуногун, яъне интихоб, истифодабарӣ, ҷалбсозиҳои нав, таҳия ва рушди технологияҳоро дар бар мегирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ раванди ҷалбсозии технологияҳои берунаро дар истеҳсолоти ватанӣ бо мақсади беҳтар сохтани сатҳи иҷтимоӣ, баландбардории арзишҳо, инчунин бо мақсади омӯзиш таълим ва рушд ба роҳ монда мешавад. Инчунин барои истифодабарии мунтазам ва пурраи техологияҳои инноватсионӣ омӯзиши амиқ ва пурраи он зарур аст. Дар раванди мазкур донишҳо ва мутобиқати он бо технологияҳо хеле муҳим ба шумор меравнад.

Мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалии таҳсилот тайёр намудани мутахассиси баландихтисос дар асоси хусусиятҳои хоси низоми миллии маълумот ва воридшави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ тавассути истифодаи технологияи кредитии таълим тақозои замон аст. Бинобар ин, барқарор намудани ҳамкориҳо доир ба муккамал намудани стандартҳои маълумоти касбӣ, такмили барномаҳои корӣ ва таълимӣ, аз худ намудани технологияи нави таълим, шаклҳои муосир ва самараноки ташкили раванди таълим, бо нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, баромадан аз доираи маҳдуди таҳсилот, ивази таҷриба байни донишҷӯён ва устодони муассисаҳои олӣ, хуҷҷатҳое, ки дар асоси низоми маълумоти миллӣ дода мешаванд, аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби имрӯза ба ҳисоб меравнад.

Дар тамоми навгониҳо ва тағйироте, ки барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос тибқи низоми кредитии таҳсилот истифода мешаванд, таваҷҷуҳи асосӣ ба татбиқи усули наве дода мешавад, ки маълумотгирӣ ва азхудкунии дониш ба эҷодкорӣ ва фаъолияти мустақилонаи доншиҷӯ асос ёфта бошад. Инчунин, ташкили шаклҳои гуногуни машғулиятҳои фардие, ки ба раванди донишандӯзӣ ва кори эҷодии донишҷӯ таъсир мерасонанд, бояд мароқангез бошанд.

Махсусан, дар асри ҳозира лаёқати рушд додани донишҳо ва ташкил додани технологияҳои нав моҳияти хеле муҳимме дорад. Дар шароити кунуӣ барои ташкил намудани технологияҳои нави мувофиқ ва табодули донишҳо бо мақсади таъмин намудани рушди устувор кӯшишҳои зиёд сарф карда мешавад.

Дар шароити муосир воридсозии технологияҳои ҷаҳонӣ, яъне ҷорисозии тахассусҳои нав, ҷорӣ намудани имкониятҳои нав, кашфиётҳои тоза, ҷорисозии донишҳои нави техникӣ, имкониятҳои нави инсонӣ, лаёқати нави идоракунӣ, инчунин навсозии низомҳои таълимӣ ва татқиқотӣ ба давлат имконияти дар сатҳи дигар кишварҳои рушднамуда буданро фароҳам месозад. Технологияҳои инноватсионӣ ҳанӯз ба таври бояду шояд оммавӣ нагаштаанд ва онҳо наметавонанд рушди технологияҳои дохилиро таъмин созанд.

Истифодабарии самараноки васоити иттилоотӣ ва техологияҳои иноватсионӣ ин он шакли фаъолияте мебошад, ки бо самтҳои мушаххаси донишҳои муайян алоқаманд аст. Идоракунии технологияҳо дар худ маблағгузорӣ, ташкил ва имкониятҳои исониро фаро мегирад. Дар сатҳи молиявӣ  идоракунии технологияҳо ба ташаккулдиҳии сиёсати умумӣ дар сатҳи рақобатпазирии ташкилот кӯмак мерасонад. Дар сатҳи хусусӣ бошад, барои муайянсозии имкониятҳои шахсӣ дар ҷомеа кумак мерасонад.

Истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар рушди низоми салоҳиятнокии муассисаҳои таълимие, ки бо мушаххассозӣ ва иҷроиши сиёсати ҳатмии ба рушд ва истифодабарии технологияҳо, бо мақсади иттилооткунонӣ ва рушди баробари технологияҳои истифодашаванда  барои таъминсозии рушди инсон равона карда шудааст. Истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар сатҳи миллӣ нақши сиёсати бузургро мебозад, ки дар навбати худ таъсирбахшии умумии технологиро дар ҷомеа, инчунин нақши он дар рушди донишҳо ва таъминсозии иқтисодиёти устуворро  муҳокима менамояд.

Ҳадафи асосии татбиқ ва корбурди ин система он аст, ки  фаъолият ва саҳмгирии донишҷӯ дар ҷараёни амалияи омӯзиш бештар инкишоф ва тақвият гардад ва системаи тахсилоти олӣ дар Тоҷикистон бо меъёрҳои ҷаҳонӣ баробар касб кунанд, чунки ин система имкониятҳои бештар ва беҳтареро барои донишҷӯ фароҳам меоварад.

Дар ин система имкониятҳои воқеӣ аз ҷиҳати сарфаҷӯйи вақт ва пешрафти зиёд барои донишҷуёни лоиқ фароҳам мегардад ва меъёрҳои дақиқи фаъолият ва масоили донишҷӯён ба кор гирифта мешавад. Дар ин система масъулиятҳо ва фаъолиятҳои устодон низ бештар ҳадафманд мегардад.

Имкониятҳо дар фарогирии дониш чи гуна фароҳам оварда мешавад, ки ҳам аз лиҳози вақт, ҳам аз назари шева ва ҳам аз назари  иқтисодӣ тавоноиҳои донишҷӯ дар назар гирифта мешавад.

Истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ дар рушди низоми худ таъсирбахшии тағйиротҳои технологӣ ва талаб намудани донишҳоро дар алоқамандӣ бо технологияҳо, таъсири онҳо ба саломатии одамон ва натиҷаи истифодабарии онро фаро мегирад. Сиёсати технологӣ дар рушди низоми таҳсилот ва сатҳи миллӣ, дараҷаи ташкили тағйиротҳои технологиро бар нафъи ҷомеа ва кормандони ташкилот истифода мебарад. Масалан, олимони ватанӣ оид ба ин сиёсатҳои сатҳи миллидошта  чунин андешаҳоро рӯйи кор оварданд.

Саидов М.В.Технологияҳои омӯзиш ва шумораи назарияҳои мавҷударо бо хусусиятҳои донишҳои рушдкунанда дар илм таҳлил кардааст[148].

Шоев Н.Н. технологияҳои омӯзишро ҳамчун банақшагирии ташкили муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ки аз самтҳои нави муносибатҳо даромад ба даст меоварад, муайян намудааст [173].

Олими шинохтаи ватанӣ Мирзоев Р. бошад, технологияҳои омӯзишро дар се давра ҷудо кардааст:

- давраи аввал - технологияҳои иттилоотӣ, ин давраи ҷамъоварии иттилоот бо мақсади пурра намудани омӯзиш;
- давраи дуюм – технологияҳои систематикӣ. Дар ин давра иттилоот ба ҷуз аз низоми ташкилӣ, ки аз инсон вобастааст, барои омӯзиши самтҳои муайян истифода мешаванд;
- давраи сеюм – технологияҳои татқиқотӣ, ки дар навбати худ махсусиятҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Эътирофи расмии донишҳои соҳибшуда аз сарчашмаҳои илмӣ ва донишҳои аз таҷриба гирифташуда.
2. Дар асоси донишҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ ҳадафи ниҳоӣ ҳалли худро ёфтааст.
3. Истифодабарии донишҳои мавҷуда дар асоси нуқтаҳои назари муайян.
4. Дар рушди дониш ва технологияҳо восита шудан.

Натиҷаҳои истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён бошад, ин:

1. Интихоб ва истифодабарии технологияҳои омӯзиш.
2. Рушди маълумоти технологӣ. [116,117]

Интихоб ва истифодабарии донишҳои технологияҳои таълимӣ дар раванди таъмини ҳадафҳои барнома, низоми маорифи кишвар муайян мегардад. Агар дар раванди таъмини талаботи технологӣ ҳар як ҷараёни таълим аз нуқтаи назари муайян иҷро шавад, дар ин ҳолат дар раванди интихоб ба донишҳои технологӣ талабот пайдо мегардад.

Ҷалби технологияҳои таълим ва истифодабарии онҳо ин натиҷаи таткиқот ва истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионии таълимӣ бо шароити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дараҷаи имкониятҳои нерӯи инсонӣ ва имкониятҳои таъминнокии ҳадафҳо ба шумор мераванд.

Натиҷаи пурсишҳои гузаронидашуда онро нишон дод, ки бо баҳогузории технологияҳо ва натиҷаҳои рушди технология, метавонем муайян созем, ки энергияи барқ низ самаранок истифода гардад. Аммо технологияҳои мутобиқаткунанда, ки бо бартарӣ истифода мешаванд, аз маълумот вобастагӣ доранд ва ҳолати воқеии дараҷаи рушди донишҳоро муайян мекунанд.

Мутобиқи ин нуқтаи назар, ба он метавон афзуд, ки технология ҳамчун илм метавонад талаботи одамонро қонеъ гардонад ва барои рушди минбаъдаи он мусоидат намояд. Муҳандисон ва олимон ҳангоми таҳияи технологияҳо таъсиррасонии омилҳои берунаро ба назар мегиранд.

Вобаста ба ин, натиҷаҳои бадастомада дар самти мазкур бо таваҷҷуҳи зиёд ва бодиққатона таҳлил мешаванд. Ин ҳолат метавонад ба таври манфӣ ба технологияҳои истифодашаванда таъсир расонад. Ҳамзамон қайд намудан бамаврид аст, ки ташхиси технологияҳои нави дастрасгашта вақти муайянеро талаб мекунанд.

Муҳим он аст, ки маълумоти бо кумаки технологияҳои компютерӣ гирифташуда метавонанд донишҳои касбӣ-технологии донишҷӯёнро рушд диҳад, ки боиси афзун гаштани мероси фарҳангӣ-техникии ҷомеа гардад.


**АДАБИЁТ:**

1.Лутфуллоев М. Мустақилияти Тоҷикистон ва таҳсилоти нав. Душанбе: Сабо 2006. -50с.
2. Саидов М.В. «Маълумоти инноватсионӣ ҳамчун фарҳанги иҷтимоӣ» Ахбори ДДОТ ба номи. С.Айнӣ № 3, 2013 с.
3. Саидов М.В. «Ҷорисозии технологияҳои омӯзиш дар илм». Ахбори ДДОТ ба номи С.Айнӣ № 3 (58-1) 2014 с.
4. Шоев Н.Н.Технологияҳои гуногуни тарбиявии таълимии технология ва лоиҳаҳои таълим дар мактаби олӣ – Душанбе, «Ирфон» 2005 – 310с.



**АЗИЗОВА Ф.**


## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШҶӮЁН


Муаллиф дар мақола ҷорӣ намудани технологияҳои ҷаҳонӣ, яъне. ҷорӣ намудани ихтисосхои нав, ҷорӣ намудани имкониятхои нав, кашфиёти нав, донишхои нави техникӣ, кобилиятхои нави инсонӣ, инчунин нав кардани системахои таълиму тарбия.Дар мақола натиҷаҳои истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими донишҷӯён баррасӣ карда мешавад. Аз ҷумла, интихоб ва татбиқи донишҳо дар технологияҳои таълимӣ дар раванди расидан ба мақсадҳои барнома, низоми маорифи ҷумҳурӣ муайян карда шудааст. Агар дар процесси конеъ гардондани талаботи технологӣ хар як процесси таълим аз нуктаи назари муайян ба амал бароварда шавад, пас дар процесси интихоб ба донишхои технологӣ эхтиёчот ба миён меояд, ки мероси маданию техникии чамъиятро афзун мегардонад.



**Калидвожаҳо:** технологияи инноватсионӣ, низоми салоҳият, донишҷӯён, донишҳои технологӣ, мероси фарҳангию техникӣ, системаи маориф, идоракунии технология.



**АЗИЗОВА Ф.**


## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ


Автор в статье рассматривает внедрение глобальных технологий, т.е. введение новых специальностей, внедрение новых возможностей, новых открытий, новых технических знаний, новых человеческих возможностей, также модернизацию образовательных систем. В статье рассматриваются результаты эффективного использования инновационных технологий в образовательном процессе студентов. В частности, определяется отбор и применение знаний в образовательных технологиях в процессе достижения целей программы, системы образования страны. Если в процессе удовлетворения технологических требований каждый процесс обучения осуществляется с определённой точки зрения, то в процессе отбора возникает потребность в технологических знаниях, что позволит приумножить культурно-техническое наследие общества.



**Ключевые понятия:** инновационная технология, система компетенций, студенты, технологические знания, культурное и техническое наследие, система образования, управление технологий.

**AZIZOVA F.**
**EFFECTIVE USE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL ACTIVITIES OF STUDENTS**

The author in the article considers the introduction of global technologies, i.e. the introduction of new specialties, the introduction of new opportunities, new discoveries, new technical knowledge, new human capabilities, as well as the modernization of educational systems. The article discusses the results of the effective use of innovative technologies in the educational process of students. In particular, the selection and application of knowledge in educational technologies in the process of achieving the goals of the program, the country's education system is determined. If in the process of meeting technological requirements each learning process is carried out from a certain point of view, then in the selection process there is a need for technological knowledge, which will increase the cultural and technical heritage of society.

**Key concepts:** innovative technology, competence system, students, technological knowledge, cultural and technical heritage, education system, technology management.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Азизова Файзигул Шарифовна омӯзгори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ДДОТ ба номи С. Айнӣ Тел: (+992) 918318362, E-mail: Azizova F@mail. ru
**Сведение об автор:** Азизова Файзигул Шарифовна - старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел: (+992) 918318362, mail: Azizova F@mail. ru
**Information about author:** Azizova Faizigul Sharifovna - Senior Lecturer, Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel: (+992) 918-31-83-62, mail: Azizova F@mail. ru

**АБДУЛЛОЕВА Ш.С.**

## ПРИНСИПҲОИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГИИ ТАШКИЛИ ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 7-11 ДАР ШАРОИТИ ГУНОГУНИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Вобаста ба дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ки рузи 21 уми декабри солит 2021 дар Паёми навбатии худ иброз дошт: «Ҳукумати мамлакат, вазорати маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, инчунин, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шудаанд, ки дар муддати панҷ соли оянда шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намуда, ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддиро роҳандозӣ намоянд.». [9].

Инчунин, дар баробари ин ба вазоратҳои дахлдор супориши қатъи гузошт, ки барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2021-2025 таҳия намуда, ҷиҳати иҷрои он тадбирҳои мушаххас андешида шавад.

Педагоги бузурги тоҷик М. Лутфуллозода дар асари худ "Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин" хуб дарҷ намудааст: **"**Дар ҷомеа омӯхтани касб ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Аҳли ҷомеа, падару модарон, махсусан омӯзгорон вазифадоранд, ки ба воситаи таълими фанни худ аз синни хурдсолӣ мехри кӯдакону хонандагонро ба тарбияи меҳнатӣ дар ҷараёни омӯзиши касбу ҳунар афзун намоянд. Тарбиятгирандагон дар синни наврасӣ бояд дарк намоянд, ки касбомӯзӣ омили тарбияи меҳнатӣ ва зиндагии бофароғат аст" [3:75.].

Халқ мегӯяд: «Аз одами бекор, ҳама безор». Ҳар як инсон бояд кор кунад ва ба ивази заҳматаш музде гирад, ки зиндагии худ ва оилаашро таъмин намояд. Давлат вазифадор аст, ки одамони қобилияти кор доштаро ба ҷойи кор ва музди сазовор таъмин намояд. Агар худи ин гуна инсон аз кору заҳмат саркашӣ кунад, пас ӯ ҳам ба худ ва ҳам ба ҷомеа зарар мерасонад» [ 3:76 ].

Вале то вақте ки ин ризқ ба луқмаи ҳалол табдил меёбад, заҳмату меҳнати зиёду пурмашаққати инсон лозим аст. То агар одам кишт накунаду дона накорад, он борон ҳам фоидае надорад. Бинобар ин, боз ҳамон замин асту инсони заҳматкаш. Ҳазрати Бедил мефармояд:

Дасти талаб ба ҳар чӣ расад, муфти аҷз гир,
Дур аст осмон, ту мурод аз замин талаб [1:146] .

Лаззати дунё маҷмӯи чизҳои гуногун буда, ризқу рӯзӣ як қисми он аст. Барои инсоне, ки дар ғафлат асту аз заҳмату ҷустуҷӯ парҳез дорад, тамиз ё фарқу дарк кардани ин чизҳо

осон нест. Инсон барои тамизи лаззати дунё мисли кӯдаке, ки нав дандон мебарорад, бояд хун хӯрад, азобу дард бикашад:

Тамизи лаззати дунё ҳам осон нест, эй ғофил,
Чу тифлон хун хӯрӣ як умр, то дандон шавад пайдо [1:145].

Бояд қайд намуд, ки омода сохтани хонандагон барои тарбияи меҳнатӣ дар омӯзиши касбу ҳунар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаи бевоситаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзгор падару модарон, ҷомеаи муосир мебошад. Онҳо дар ин кори муҳим бояд дар назди ҷомеа масъулият ҳис намоянд. Фаъолияти онҳоро дар тайёр намудани наврасон ба тарбияи меҳнатӣ омӯзиши касб комиссияи махсуси ҷамъиятию давлатӣ ва тиббию психологӣ-педагогӣ баҳо медиҳанд. Комиссия барои ҳар як хонанда варақаи шахси ташкил намуда, натиҷаи кори худро пеш аз шурӯи соли таҳсил дар он қайд менамоянд. Варақаи шахсӣ дар сар то сари ҷумҳурӣ ва барои ҳамаи типпи хонанда як хел бояд сурат гирад, дар назди шӯроҳои маҳалӣ, (деҳ, ноҳия, шаҳр,) нигоҳ дошта мешавад. Комиссияи Шӯрои маҳаллӣ ҳар як хонандаро ҳангоми ба муассисаи таълимӣ ворид гаштан дар муддати соли таҳсил мунтазам зери назорат мегирад. Комиссия дар назди омӯзгорон падару модарон ва хонандагон ташкили як чанд мактабҳои ҳунарии хусусиро пешниҳод менамоянд, ки номгуи онҳо ба санъату ҳунар ва имконияту тавоноии шахсони алоҳида вобаста аст. Масалан чанде аз онҳоро номбар менамоем.

1. Мактаби наққошӣ.
2. Мактаби кандакорӣ.
3. Мактаби гилкорӣ.
4. Мактаби хаттотӣ.
5. Мактаби мусиқӣ.
6. Мактаби кулолгарӣ.
7. Мактаби заргарӣ.
8. Мактаби бофандагӣ.
9. Мактаби бофандагӣ, дузандагӣ ва зардӯзӣ.
10. Мактаби оҳангарӣ.

Ин гуна мактабҳо дар хонаи худи устоён, ҳунармандон, санъаткорон бояд ташкил карда шуда дар асоси шартномаи тарафайн бояд фаъолият намоянд. Ва бевосита ин гуна мактабҳо бо фаъолияти бевоситаи худи ҷомеаи муосир таъсис ёбад. Дар ҷалби наврасон низ ба омӯзиши ҳунарҳои зикршуда ҷиддӣ муносибат намоянд. Аз фаъолияти ин гуна мактабҳо устоёни касбу кор қутти лоёмуде дарёфт мекунанд ва инчунин шогирдони зиёдеро дар омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ тарбия менамоянд. Агар ҳунарманде, санъаткоре ё устое хоҳиши ташкили корро дошта бошаду аз ҷойи омӯзиш танқисӣ кашад, пас шурои маҳала вазифадор аст, ки дар касри маданият, мактаб ё дигар ҷой хонае ё гушае барои фаъолияти ҳунаромӯзӣ ҷудо намоянд.

Меҳнат – фаъолиятест, ки дар զоти худ тағйир мекунад. Ҷалби кӯдак ба кор ва рушди шахсияти ӯро В.А.Сухомлинский дар ин амалҳо дида ба чунин хулоса омадааст: коре, ки худ ба худ хидмат мерасонад, худкифоӣ (барои худ) – меҳнат барои наздикон (волидон, дӯстон), ҳамчунин кор ба фоидаи коллективи синф, муассисаи таълимӣ, оила ва кулли ҷомеа. [4:415]

Чунин фаъолият ҳамчун низоми ҳамкориҳои баробарҳуқуқи инсон ва ҷомеа дар марҳилаҳои муайяни рушди инсон ҳисобида мешавад. Он бояд ба хусусиятҳои шахсият ва талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои рақобатпазир ҷавобгӯ бошад. Ҳамкории баробар байни сохторҳои инфиродӣ ва ҷамъиятии субъектҳои идоракунӣ (мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳои касбии техникӣ, ЛК.дузандагӣ (ва дигар шакли литсейҳо), гимназияҳо, коллеҷҳо, муассисаҳои томактабӣ ва беруназдинфӣ, мактабҳои касбӣ, марказҳои тарбияи меҳнатӣ ва такмили ихтисоси хонандагон, мақомоти танзими истифодаи захираҳои меҳнатӣ, инчунин корхонаҳо ва ҷамъият) муносибатҳои муайянеро таъмин менамояд, ки аз як тараф қувваҳои ҳаракатдиҳанда мебошанд ва аз ҷониби дигар, ба намояндагии муносиб мусоидат мекунанд ва дар ин маврид ҳалли мушкилоти иқтисодӣ рӯ ба инкишоф меорад. Аз ин рӯ, тарбияи меҳнатӣ ва таълимӣ дар мактабҳо, самти касбии хонандагон бояд пеш аз ҳама ба фаъолсозии манбаъҳои психологии шахс равона карда шавад, то дар вақти фаъолияти касбӣ шахс худро пурра дарк кунад.

Таъминоти ташкилӣ ва идоракунии ҷараёни худшиносии касбӣ шаклҳо ва усулҳои гуногуни корро пешниҳод мекунад (гурӯҳӣ, инфиродӣ, амалӣ, проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ, визуалӣ ва ғайра); фасеҳии тактикӣ дар кор, пайдарҳамӣ дар ҳалли мушкилоти педагогӣ ва

омодагӣ ба гузаштҳои оқилона; риояи талаботи маънавии фаъолияти педагогӣ; таъмини муттасилӣ, истифодаи ҳама чизи арзишманди кор, хоҳиши мувофиқат ва тамомияти он; таъсиси ҷомеаи соҳибкасбону ҳунармандон, ҳамоҳангсозии амалҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди худмуайянкунӣ дар омӯзиши касбу ҳунар. Ҳамин тариқ, асосҳои педагогӣ ва психологии тарбияи меҳнатии шахс метавонад, имкониятҳои барои худшиносии касбӣ имкониятҳои зиёдеро дастрас намояд. Аммо муҳимият дар он аст,ки онҳо зимни раванди таълим бо асосҳои илм, ошно месозад, ки дар давоми он хонанда метавонад тавоноӣ ва қобилияти худро барои интихоб ва омӯзиши ин ё он касбу ҳунар санҷида, ҳангоми зарурат аз маслиҳату маслиҳатҳои устодонаш истифода барад. Онро инчунин тавассути таълими иқтисодӣ, меҳнатӣ ва касбию ҳунарӣ метавон анҷом дод.

Аз нигоҳи назариявӣ, он метавонад аз ҷониби:

-мониторинг, таҳлил ва баҳогузорӣ, ки дар солҳои охир дар методология, технология, методологияи таълими меҳнат ва омӯзиши касбу ҳунар зимни тарбияи меҳнатӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҷамъоварӣ ва сабт шудаанд;

- дастгирии ташкилӣ ва омӯзгорӣ, яъне. шарҳи иҷрокунандагон, усулҳои ҳалли мушкилот, шароитҳои ҳалли онҳо, хусусиятҳои натиҷаҳои бадастомада, усулҳои истифода, сертификатсияи натиҷаҳо, мувофиқати натиҷаҳои таҳқиқот бо дигар маҳсулот;

-муайян кардани мушкилоти таҳқиқотӣ, ки ҳалли фавриро тақозо мекунад;

-малакаи моделҳои худбинии тарбияи меҳнатии хонандагон дар замони муосир (иқтисоди бозорӣ);

- Таъмини ҳифзи назария ва амалия аз нававарии технологияи-инноватсионӣ ва равишҳои беасос, ки метавонад ба зиён ва хароҷоти нолозими қувва ва воситаҳо оварда расонад. Самтҳои муҳимтарини татбиқи ин муқарраротинҳоянд:

- ташхиси иҷтимоиву иқтисодии сохторҳои моддӣ, истеҳсолоти маънавӣ аз нуқтаи назари барқароркунии тасвирҳои воқеӣ, тавлид, тағирёбӣ, нопадидшавӣ, тавлид ва намудҳои пешгӯии тарбияи меҳнатдӯстӣ зимни омӯзиши касбу ҳунар;

- таҳияи моделҳои амалии тарбияи меҳнатдустӣ дар асоси мактабҳои алтернативӣ (литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо), анъанаҳои миллӣ (хонандагон), равандҳои муҳоҷират, шаклҳои гуногуни шарикии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо низоми таълими истеҳсолӣ ва пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии хонандагону наврасон, таҳлили илмии таҷрибаҳои мусбӣ ва манфӣ дар заминаи таҳқиқот тавлид шудан;

- таҳияи адабиёти барномасозии таълимӣ, аз ҷумла дар заминаи компютерӣ, татбиқи равишҳои психологӣ ва синнусолиро барои муайян кардани тарбияи меҳнатдӯстии шахс таъмин мекунад;

- тавсифи механизми ҳамкорӣ ва ҳамгироии субъектҳои идоракунии худидоракунии касбии хонандагон барои намудҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо ва ғайра), хадамоти идоракунии касбии ҷавонон ва шуғли аҳолӣ;

- таҳияи маҷмӯаҳои омӯзишӣ барои тайёр кардан ва бозомӯзии мутахассисони дорои касбу ҳунар.

Дар ин сурат дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми нави идоракунӣ - иқтисоди бозаргонӣ, дар партави вазифаҳои муайяннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов оид ба тайёр кардани кадрҳо барои соҳаҳои иқтисодиёт, ташкили дурусти тарбияи меҳнатӣ дар муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ ва таълимӣ хонандагон дар рӯҳияи муҳаббат ва эҳтиром ба тамоми намудҳои меҳнати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ барои омӯзиши касбу ҳунарҳое, ки асоси рушди шахсият ва умуман ҷомеа мебошанд.

Ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои дар назди омӯзгор гузошташуда оид ба тайёр кардани кадрҳои миллии муносибатҳои бозоргонӣ аз кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад, ки мушкилоти зикршударо фавран ҳаллу фасл намоянд, инчунин як қатор чораҳои бунёдии онҳоро ташкил диҳанд:

- дар низоми тарбияи мехнатӣ ҷои махсус барои фанни таълими меҳнат ҳамчун як фанни ҳатмӣ ва ҳалли вазифаи дукарата: ташкили санҷиши касбии қобилияти наврасон, хонандагон дар давраи таҳсили ибтидоӣ ва омодагӣ ба кор зимни тарбияи меҳнатӣ ба касби муайян (ҷисмонӣ, рӯҳӣ), ки ҳифзи иҷтимоии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро кафолат медиҳад ;

- таъмини раванди таълим дар фанҳои таълимӣ бо адабиёти зарурии таълимию методӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, ки дар асоси дастовардҳои педагогӣ,

психологӣ ва илмии тамаддуни ватанӣ ва ҷаҳонӣ сохта шудаанд, инчунин омода намудани синфхонаҳои, лабораторияҳо, устохонаҳо ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳои таълимӣ аз қабили техника ва технологияи муосир.

Ин нақшаҳо метавонанд танҳо бомуваффақият амалӣ карда шаванд, агар бархӯрд ба фаъолияти меҳнатии хонандагон дар замони муосир аз ҷиҳати илмӣ ҳамчун масъалаи муҳим баррасӣ карда шавад.

Асоси илмӣ як низоми илмии асосёфтаи чорабиниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, психологӣ, педагогӣ ва тиббӣ мебошад, ки ба кӯмак расонидан ба хонандагон дар муайян кардани омӯзиши касбу ҳунар бо назардошти эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ ба кадрҳо, манфиатҳо, қобилият ва қобилияти физиологии шахс нигаронида шудааст.

Таҳқиқоти мазкур ба мо хулоса меорад, ки мушкилоти фаъолияти меҳнатии хонандагон дар марҳилаи кунунӣ бояд ҳамаҷониба - дар якҷоягӣ бо равишҳои иҷтимоию иқтисодӣ, психофизиологӣ ва психологию педагогӣ татбиқ карда шавад.

Таҳлили назариявии таҳқиқот нишон дод, ки принсипҳои дидактикии мавҷуда ва усулҳои методии истифодамебурдаи аксар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аслан барои ташаккул ва инкишофи сифатҳои ахлоқии хонандагон дар тарбияи меҳнатӣ зимни омӯзиши касбу ҳунар замина фароҳам намеоранд. Ҳоло қобилияти идроки хонандагони синнфҳои 7-11 ро дар маҷмуъ бо ташаккули сифатҳои тарбияи меҳнатии онҳо инкишоф додан лозим аст.

Муносибати иҷтимоию иқтисодӣ таҳлили талаботи ҷомеаи муосирро дар тарбияи меҳнатии хонандагон дар омӯзиши касбу ҳунарҳои гуногун ва муайян кардани дурнамои онҳо пешбинӣ менамояд. Аммо ин кофӣ нест. Зарур аст, ки ҳар як шаҳрванд мувофиқи қобилияти худ кору меҳнат кунад. Зеро ҳар як хонанда хусусиятҳои психофизиологии гуногун, майл, хислати гуногун дорад.

Хусусияти тарбияи меҳнатӣ аз зарурати роҳнамои ба омӯзиши касбу ҳунар мувофиқи вазифаҳои ташаккули шахсияти баркамол, дар ягонагии тарбияи идеявӣ, сиёсӣ, меҳнатӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ иборат аст.

## АДАБИЁТ:


1. Қодиров К. Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. [Текст] / Қ.Б. Қодиров. - Душанбе,1998. – 145,146. с
2. Лутфуллоев М. Тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо зери таҳрири. [Текст] /М. Лутфуллоев. – Душанбе, 1999. – 138 с.
3. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. Душанбе, 2006.
4. Сухомлинский В.А. Рождение гражданина. - М., 1979. - Т. I. С.525.
5. Макаренко А.С. О воспитании. М., 1990. с. 415.
6. Макаренко А.С. Воспитание в труде. Соч. в 7-и т. Т. 4. М., 1957. с. 395-405.
7. Макаренко А.С. Выбор профессии. Соч. в 7-и т. Т. 5. М., 1958, с. 392394.
8. Макаренко А.С. Воспитание в семье и школе. Соч. в 7-и т. Т. 4. М., 1957. с. 499-502.



**АБДУЛЛАЕВА Ш.С.**


## ПРИНСИПҲОИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГИИ ТАШКИЛИ ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 7-11_ ДАР ШАРОИТИ ГУНОГУНИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ


Следует отметить, что культура педагогического общения - это система психолого-педагогического взаимодействия преподавателя со всеми студентами, содержанием которого является накопление опыта взаимодействия с людьми, обмен информацией, интеллектуальное развитие в результате взаимного обогащения информацией, осознание себя через сравнение с другими, формирование этико-эстетических взглядов и представления. Особенно интерес к проблемам отношений и поведения людей является благоприятной предпосылкой для воспитания культуры общения у студентов.

## ЛИТЕРАТУРА:


1. Андреева Г.М. Принципы деятельности и исследование общения // Общение и деятельность. - Прага, 1998. - С.56-58.
2. Бодалев А. А. Личность и общение: Избранные - М.: Педагогика, 2003 - 272с.
3. Захарченко Е.Ю. Развитие педагогической культуры учителя в условиях обновления школы: дис. канд. пед. наук. - Ростов - на - Дону, 1995. - 38с.
4. Леонтьев А.Н Деятельность. Сознание. Личность. - Москва. Политиздат, 2005. - 304с.
5. Ломов Б.Ф. Общение и социальная регуляция поведения индивида. М.: Наука, 1996 - С.64-93.



**АРБОБОВА Ф.А.**


## ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ ВА ПЕДАГОГИИ ОМӮЗИШИ ФАРҲАНГИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛА ДАР ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ


Мақола моҳияти фарҳанги педагогии муоширот ва муоширатро ҳамчун сифатҳои ба шахсият нигаронидашуда ва шахсию касбии омӯзгор ошкор менамояд. Хусусиятҳои психологию педагогии фарҳанги муошироти байни миллатҳо ва хушмуомилагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ва таъсири онҳо ба муваффақияти фаъолияти таълимӣ ва ҷамъиятӣ махсусан қайд карда мешавад.Махсусан дар мӯҳтавои мақола шартҳои муҳимтарини саъй ба муносибатҳои субъектию субъектӣ дар рафти муошироти касбии педагогӣ баррасӣ шудааст, ки аз пешниҳоди аксиологии мундариҷаи таълим ба бунёди «донишҳои зинда»-ро ҷонибдорӣ мекунад. Дар мақола муаллиф қайд мекунад, ки баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия бевосита аз он вобаста аст, ки омӯзгор фарҳанги муошироти педагогиро ҳамчун омили таъсиргузор ба раванди муваффақият дар фаъолияти таълимии хонандагон то чӣ андоза мақсаднок ва самаранок идора мекунад.



**Калидвожаҳо:** фарҳанги муошироти педагогӣ, фарҳанги нутқ, фарҳанги рафтор, муносибатҳои субъектӣ-субъектӣ, муошироти байни миллатҳо, навсозии таълим, шахсият, малакаҳои муошират, коллективизм, мутобиқшавии психологӣ.



**АРБОБОВА Ф.А.**


## ИСТОРИКО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ИССЛЕДОВАНИЯ КУЛЬТУРЫ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ, КАК ФАКТОР ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


В статье раскрывается сущность педагогической культуры общения и общительности, как личностно-ориентированного и личностно- профессионального качества педагога. Особенно отмечены психолого-педагогические особенности культуры межнационального общения и общительности студентов педагогических вузов и их влияние на успешность учебной и

общественной деятельности. Особенно в содержании статьи рассматривается важнейшие условия стремления субъект-субъектных отношений в ходе профессионального педагогического общения, который выступает переход от аксиологического изложения содержания обучения к построению «живого знания». В статье автор отмечает, что повышение эффективности процесса воспитания и обучения находятся в прямой зависимости от того, насколько целенаправленно и эффективно преподаватель будет управлять культурой педагогического общения как фактором, влияющим на процесс успешности учебной деятельности студентов.
**Ключевые слова:** культура педагогического общения, культура речи, культура поведения, субъект - субъектные отношения, межнациональное общение, модернизация образования, индивид, коммуникативные умения, коллективизм, психологическая адаптация.

**ARBOBOVA F.A.**

**HISTORICAL AND PEDAGOGICAL ANALYSIS OF STUDIENG THE CULTURE OF PEDAGOGICAL COMMUNICATION AS A FACTOR OF INTERACTION IN PEDAGOGICAL ACTIVITY**

The article reveals the essence of the pedagogical culture of communication and sociability, as a personality-oriented and personal-professional quality of a teacher. The psychological and pedagogical features of the culture of interethnic communication and sociability of students of pedagogical universities and their influence on the success of educational and social activities are particularly noted.Especially in the content of the article, the most important conditions for the aspiration of subject-subject relations in the course of professional pedagogical communication are considered, which is the transition from the axiological presentation of the content of learning to the construction of "living knowledge". In the article, the author notes that improving the effectiveness of the process of education and training is directly dependent on how purposefully and effectively the teacher will manage the culture of pedagogical communication as a factor influencing the process of success of students' educational activities.
**Keywords:** culture of pedagogical communication, culture of speech, culture of behavior, subject-subject relations, interethnic communication, modernization of education, individual, communicative skills, collectivism, psychological adaptation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Арбобова Ф.А. - муаллимаи калони кафедраи педагогикаи умумии Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ. Тел: 908 -48 -79 -28
**Сведения об авторе:** Арбобова Ф.А. – старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, кандидат педагогическихь наук.
Тел: 908 -48 -79 -28
**About the author:** Arbobova F.A. – senior lecturer, Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel: 908 -48 -79 -28

**С. АМОНӢ**

## ДАСТОВАРДҲОИ МАОРИФИ КИШВАР ДАР ЗО СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Илму мaориф дар ҳама давру замонҳо нишони тамаддун ва таъриху фарҳанги ҳар як давлату миллат аст. Дар соҳаи маориф дар доираи Консепсияи миллии тахсилот ва тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути пурра омода намудани кӯдакони синни томактабӣ ба мактаб ва ба ин васила баланд бардоштани сифати таҳсилот, фарогирии кӯдакон дар муассисахои томактабӣ рӯ ба афзоиш овард.

Дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони мамлакат (21- уми майи соли 2005) махсус қайд карда шудааст, ки «Ҳукумат ба таҳкими низоми таҳсил дар кишвар ҳамаҷониба мусоидат менамояд, зеро маориф омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст. Аз ин рӯ, рушди соҳаи маориф ҳадафи стратегии сиёсати давлати Тоҷикистон мебошад. Самти асоситарини рушди маориф аз нигоҳ доштани фазои ягонаи таълим, таъмини ҳатмии ҳуқуҷи конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсил ва ба ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ дастрас гардонидани таҳсилот иборат аст».

Соли 2010 дар ҷумҳури 3845 мактаб мавчуд буд, ки дар онхо 1 миллиону 742 ҳазору 815 нафар хонанда таҳсил мекарданд. Дар донишкадаҳои олӣ 167660 донишҷӯ ба омӯхтани ихтисос машғул буданд. Маҷлиси Олӣ 27 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва соли 2003 Қонун «Дар бораи маълумоти олии касбӣ ва таҳсилоти

касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»-ро қабул намуд, ки дар онҳо роҳҳои гузаронидани ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти умуми ва олӣ нишон дода шудаанд.

Дар замони истиқлолият то ба имрӯз дар кишвар 2254 бинои нави муассисаҳои таълимӣ сохта, ба истифода дода шуда, бо компютеру мебелҳои замонавӣ таҷҳизонида шудаанд. Дар низоми маорифи кишвар стандартҳои нави давлатӣ барои ҳар як зинаи таҳсилот қабул гардида, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсиии электрони ба теъдоди кариб 30 миллион нусха нашр карда шуданд, ки арзиши умумии онҳо ба 147 миллион сомонӣ баробар аст.

Дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон мактабҳо ва литсей- интернатҳои президентӣ барои хонандагони лаёқатманд ташкил шудаанд, ки дар онхо беҳтарин хонандагон аз саросари кишвар фаро гирифта мешаванд.

Дар «Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умуми дар Ҷумҳурии Точикистон», ки 3 майи соли 2010 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, масъалаҳои дарки худшиносии таърихӣ, аз худ намудани муқаррароти суннатию башарӣ ва дар ҳамин замина ҳосил намудани фаросати олии ворисӣ ба ҳувият ва анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ, идоракунии демократӣ, фаъолу пажӯҳанда будан барои ба даст овардани комёбиҳои илм, техника, фарҳанг ва ғайра тарҳрезӣ гардидаанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 қайд гардидааст:«Маҳз ба ҳамин хотир, ки маориф соҳаи ояндасози ҳаёти кишвар мебошад, мо ба нақша гирифтаем, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияи насли навраси халқамон ва умуман, ҷиҳати таъмин намудани рушди соҳаи маориф ва беҳтар гардонидани таъминоти иҷтимоии аҳли маориф дар 7 соли оянда 27 миллиард сомонӣ ҷудо намоем».

Сол то сол шумораи мактабҳои типи нав: литсейҳо, коллеҷҳо зиёд гардида, дар донишкадаҳои олӣ омӯзиши бисёрзинагӣ ба амал омад. Ба хатмкунандагон инчунин унвони бакалавр ва магистр дода мешавад.

Ба туфайли Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон сатҳу сифати мактабҳои таҳсилоти умумӣ беҳтар мешавад. Ҳукумат сол то сол буҷети давлатиро ба соҳаи маориф зиёд карда, базаи моддию техникӣ, аз ҷумла барномаи бо компютерҳо таъмин намуданро пеш гирифтааст. Мактабҳо бо китобҳои нави дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ таъмин мешаванд.

Бояд қайд кард, ки бо омӯзгорони дорои маълумоти олӣ таъмин кардани мактабҳо низ зери назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Масалан, ҳар сол бо квотаи президентӣ садҳо духтарони ноҳияҳои дурдасти ҷумхурӣ ба мактабҳои олӣ дохил шуда, баъди хатми таҳсил бо роҳхат ба зодгоҳи худ фиристода мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам дар роҳи ислоҳоти маориф камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Хусусан, ҳодисаҳои аз мактаб берун мондани бачагон, бо сабаби кам будани маош аз кор рафтани омӯзгорон ташвишовар мебошад.

Қарни XXI дар миқёси ҷаҳон асри прогресси техникӣ ва технологияи пешқадам буда, ҳалли амалии он, пеш аз хама, ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос робита дорад. Хусусан, ҷумҳурии мо, ки соҳиби истиқлолият гардидааст, ҳоло рӯ ба тараққиёт ниҳода, ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ эҳтиёҷ дорад. Хушбахтона, чунин мутахассисон ҳоло дар дохили ҷумҳурӣ тайёр карда мешаванд. Тавассути татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф дар 30 соли истиқлолият дар ҷумҳурӣ мактабҳои олии зиёд ташкил шуда, ҳар сол ҳазорҳо ҷавонони лаёқатманд соҳиби касбҳои омӯзгор, духтур, агроном, муҳандис ва ғайра мешаванд. Муносибатҳои бозорӣ талаб мекунанд, ки мо на танҳо ба миқдор, балки ба сифати тайёр кардани мутахассисони ҷавон диккат дода, мунтазам савияи ихтисоси онҳоро баланд бардорем.

Ба туфайли соҳибистиқлолӣ мутахассисони сатҳи баланд тайёр карда мешаванд. Соли 2015 зиёда аз 16 хазор нафар ҷавондухтар ва ҷавонписари болаёқат тибқи квотаи президентӣ дорои маълумоти олӣ ва соҳибкасб шуда, ба халқу Ватан содиқона хизмат карда истодаанд. Аз соли 2008 то ба ҳол беш аз 14 хазор ҷавони болаёқат аз рӯйи 52 ихтисос донишгоҳҳои олии бонуфузи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳонро тибқи Барномаи стипендияи байналмилалии Президенти мамлакат «Дурахшандагон» хатм намуда, соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд ва дар аспирантура таҳсил намуданд. Беш аз 20 ҳазор нафар дар асоси шартномаҳои байнисоҳавӣ ва донишгоҳӣ ба 25 давлати хориҷӣ

барои таҳсил фиристода шудаанд. Дар маҷмӯъ, имрӯз дар мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ беш аз 35 ҳазор ҷавони Тоҷикистон таҳсил карда истодаанд.

Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар дар давоми солҳои истиқлолият зиёда аз панҷ баробар афзуда, теъдоди хатм- кардагони мактабҳои олии ҳам дохили кишвар ва ҳам хориҷа ба беш аз 650 ҳазор нафар расидааст, ки ин нишондиҳанда дар ҳаёти ҷавонони мамлакат муҳим будани мавқеи таҳсилоти олиро исбот мекунад.

Алҳол дар мамлакати мо бо мақсади рушди ихтисосҳои техникӣ филиалҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов, Донишкадаи хула ва пӯлоди Москва, Донишкадаи энергетикии Москва фаъолият доранд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро барои солҳои 2012-2020» таҳия карда, ба Ҳукумат пешниҳод намуд.

Рушди соҳаи маориф ин кафолати боэътимоди пешрафт ва ояндаи дурахшони миллат аст. Инро ба ҳисоб гирифта, соли 2010-ро Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон карданд. Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон кард шудани соли 2010 боиси боз ҳам хубтар ба роҳ монда шудани кори маориф, пешрафти кори таълиму тарбия ва баланд рафтани донишу малакаи хонандагон гардид.

Бо қаноатмандӣ ва шодмонӣ аз рушди соҳаи маориф, ки он ба туфайли талошҳову заҳматҳои хастагинопазири Сарвари давлат моро даст додааст, китоби «Уфуқҳои истиқлол»-ро ба даст мегирем. Ин китоби тозанашри муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи бурду бохт ва комёбиву дастовардҳои кишварамон дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ аст. Боби сеюми он «Сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои умедбахши он» ном дорад. Бахши дуюми ин бобро «Рушди соҳаи маориф дар даврони Истиқлолияти давлатӣ» номгузорӣ намудаанд.

Мактабҳои типи нав дар баробари фаъолияти шаклҳои анъанавии таълиму тарбия ба фаъолият шурӯъ карданд. «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди соҳибистеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд.

Пешвои миллат роҳу усули расидан ба ин мақсадро ба кормандони соҳа, ки дар айни замон онҳо як навъ ҳидояту раҳнамоӣ маҳсуб мешаванд, нишон медиҳанд: «Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи замони муосирро тарбия намоем».

Ба хулосаи Сарвари давлат, барҳақ, соҳаи маориф «...тахти парчами ормонҳои Истиқлолияти давлатӣ рушд кард, симои худро ба куллӣ тағйир дод, ба низоми муайян даромад ва ба дастовардҳои назаррасу муҳимме ноил гардид».

Дар ин муддат (30 сол) барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд. Дар ин давра бори сеюм аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо тағйироту иловаҳо аз нав таҳия мешавад. Дар баробари ин, барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия гардидаанд.

Мутахассисони тоҷик имрӯз дар зиёда аз 43 давлатҳои хориҷӣ босамар кору фаъолият карда, обрӯю нуфузи Ватану миллати азизи моро афзун мегардонанд.

Пешвои миллат ба соҳаи маорифи кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро ҳамчун соҳаи меҳварии давлат пазируфтанд ва таъкид доштанд, ки «Маориф омили асосии таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст». Бояд гуфт, ки аз коргари одӣ то мутахассии сатҳи олӣ тарбиятдидаи мактаб аст. Аз ин рӯ, аввалин иқдоме, ки дар ин замина амалӣ гардид, пайваста зиёд намудани маблағгузорӣ ба соҳа ва баланд бардоштани маоши устодону омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ буд. Сохтмони муассисаҳои таълимӣ дар замони истиқлол вусъати тоза пайдо намудаву ҳамасола даҳҳо муассисаҳи таълимӣ бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ сохта ба истифода дода мешаванд ва пояҳои моддиву техникии дигар муассисаҳои таълимӣ азнавсозӣ мегарданд.

Пешвои миллат пайваста ба масъалаи баланд бардоштани маърифати хонандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Соли дуюм аст, ки бо дастури Сарвари давлат дар ҷумҳурӣ озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» роҳандозӣ мегардад. Ба истиқболи 30-солагии Истиқлоляти давлатӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм 30 ҷилд асари адибони тоҷик ва боз як силсила китобҳои пурмуҳтаво чоп гардид.

Иқдоми дигари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълони «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» аст, ки ба

ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар иртиботи қавӣ дорад. Воқеан ҳам, кишвари азизи мо дорои сарватҳои зиёди табиию маданӣ мебошад, ки ба коркарду истеҳсоли онҳо мутахассисони илмҳои табиию дақиқ зарур аст.

Таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконоти мусоид барои довталабон ба вуҷуд овард. Дар замони истиқлол имрӯз теъдоди мактабҳои олӣ ба 40 адад расид. Сол то сол таваҷҷуҳи шаҳрвандони хориҷӣ ба мактабҳои олии кишвари мо меафзояд.

Ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бо кишварҳои хориҷӣ тадриҷан рушд меёбад ва дар асоси шартномаҳои тарафайн беш аз 35 ҳазор шаҳрванди тоҷик дар донишгоҳҳои хориҷи кишвар таҳсил мекунанд. Ҳамасола дар асоси Стипендияи байналмилалии Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дурахшандагон» низ аз рӯйи ихтисосҳои ба хоҷагии халқи мамлакат зарурӣ довталабони фаъолу соҳибистеъдод ба донишгоҳҳои бонуфузи кишварҳои хориҷӣ фиристода мешаванд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ илми тоҷик низ рушд ёфта, ҳамкориҳои илмӣ бо аксар кишварҳои хориҷӣ роҳандозӣ шудааст, ки муҳаққиқони тоҷик дар асоси шартномаҳои тарафайн баҳри татбиқи натиҷаҳои амалии дастовардҳои илмиашон фиристода мешаванд. Муҳаққиқони варзида аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ пайваста ҳавасманд гардонида мешаванд. Таъсиси Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника ва Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ аз ҷумлаи ин иқдомҳост, ки ҳамасола ба олимони ҷавон супорида мешавад.

Таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоидро ба вуҷуд овард, ки теъдоди зиёди пажӯҳишгарон ба таҳқиқ ҷалб карда шуданд ва ба ин васила, тадриҷан илми тоҷик рушд кардаву забони тоҷикӣ ҳамчун забони илм эътироф хоҳад шуд. Дастовардҳои илмии кишвар дар замони истиқлол назаррас буда, дар ин самт корҳои илмиву таҳқиқотӣ бо маром идома доранд.

Ҳамчун падидаи нави солҳои Истиқлолият муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ) арзи вуҷуд намуда, барои хубтару беҳтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи хонандагон рақобати солимро дар байни муассисаҳои таълимӣ ба вуҷуд оварданд.

Оморе, ки дастовардҳои маорифи кишварро рӯйнамоӣ мекунад, рӯз то рӯз дар таҳаввул аст, аммо ҳоло кам аст барои равшанӣ андохтан ба раванди пешравиҳо ва муваффақиятҳо. Ҳоло ба таври фишурда ба баъзе масъалаҳое дахл мекунем, ки бевосита ба сохт, мазмун ва муҳтавои таҳсилот таъсири чашмрасе доранд ва бевосита ҳамчун дастовард шарҳу тавзеҳ меёбанд.

Аз ҷумла масоили татбиқи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта, пеш аз ҳама, Япония на танҳо мушкилоти ҷалби бачагони имкониятшон маҳдуд ба таҳсилоти умумӣ, балки ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти онҳо-аз оила ва кӯдакистонҳо то бо меҳнати шоиста таъминшудани онҳо мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифт. Дар қатори мушкилоти таҳсилоти фарогир баъзе масъалаҳои марбут ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ низ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтанд. Дар робита ба ин мавзӯъҳое чун омилҳои инсонии рушд, моҳияти таҳсилоти фарогир, татбиқи масоили идора ва татбиқи таҳсилоти фарогир дар кишвар, таҳлили муқоисавӣ аз дидгоҳи таносуби назария ва амалия, модели низоми таҳсилоти фарогир, роҳҳои гирифтани малакаҳои касбии шахсони имкониятшон маҳдуд, бозомӯзии омӯзгорони машғул ба таҳсилоти фарогир, саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар татбиқи таҳсилоти фарогир, ҳамкории созмонҳои ҷамъиятӣ дар мусоидат ба рушди инклюзия дар Тоҷикистон, роҳҳои самараноки истифодаи маблағ ва амсоли инҳо дар маркази таваҷҷуҳи мутахассисону таҳлилгарон қарор доштанд.

Гузашта аз ин масъалаҳои гуногуни ислоҳоти соҳаи маориф, аз ҷумла, сифати таҳсилот, муносибати босалоҳият ба таълим, мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва арзёбии онҳо, таҳсилоти олии касбӣ, маблағгузории соҳаи маориф, робитаи маориф бо ҷомеа ҳаллу фасл гардиданд, ки онҳоро метавон бидуни тардид шомили дастоварҳо донист.

Дар муносибати босалоҳият ба таълим масъалаи арзёбии сифати таҳсилот аҳаммияти хосса касб мекунад. Масъалаи муайян кардани нишондиҳандаҳо (меъёрҳо)-и сифати таҳсилот, ки муҳимтаринашон ҳайати устодон, сатҳи таъминот бо маводи таълимию методӣ, заминаи моддӣ-техникӣ, неруи зеҳнии муассисаи таълимӣ ва худи донишомӯзон (хонандагон, донишҷӯён) низ ошкоро мавриди таҳлил қарор гирифт ва омили дигаре чун шаффофияти бозори меҳнат муаррифӣ гардид.

Дар бастаи дастовардҳо масоили дигареро мебинем, ки ба таври мухтасар чуни наст:

Масъалаҳои умумии муносибати босалоҳият ба таълим

1. Мутобиқати стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълим ва роҳнамоҳои омӯзгор ба раҳёфти босалоҳият ба таълим
2. Бархӯрди анъана ва навоварӣ
3. Сохтори раванди дарс
4. Раванди таълим
5. Бузургдошти забони модарӣ
6. Салоҳиятҳои омӯзгор ва арзёбии онҳо
7. Гузариш ба низоми нави баҳогузорӣ: афзалият ва нигарониҳо
8. Амалияи татбиқи мумуносибати босалоҳият дар таълим
9. Китобҳои дарсӣ ва сифати онҳо
10. Китоби дарсӣ дар шароити муносибати босалоҳият (ҷой додани ғояҳои миллии давлатдорӣ ва арзишҳои созанда дар мазмуни китобҳои дарсии насли нав)
11. Роҳҳои самараноки такмили китобҳои дарсӣ дар шароити муосир
12. Китобҳои дарсии электронӣ ва аҳаммияти онҳо дар баланд бардоштани сифати таҳсилот.
13. Татбиқи низоми кредитии таълим
14. Самтҳои нави таҳқиқ дар шароити робитаҳои байнифарҳангӣ ва байнифаннӣ
15. Муайян кардани мавқеи ниҳодҳои тарбиявӣ (мактаб, оила, ҷомеа) дар тарбияи афроди ҷомеа
16. Маблағгузории соҳаи маориф
17. Қонуни «масъулияти падару модар…..»
18. Қонуни «Танзими расму анъанаҳои мардум………»
19. Озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ….»
20. Озмуни «Илм- фурӯғи маърифат»
21. Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ
22. Бистсолаи рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

Дар фаровард бояд гуфт, ки маориф ҳамчун соҳаи афзалиятноки ҳаёти ҷомеа заминаи ҳамагуна пешрафту тараққиётро муҳайё месозад, аз ин рӯ дар кишвари азизамон ба рушду нумӯи он таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад ва мо бар ин назареем, ки шоир гуфтааст:

Қонеъ машав ба ҳар чӣ ёбӣ,
Аз хуб ба хубтар шитобӣ.

## АДАБИЁТ:


1. Амонов Н.,Байзоев А.,Бобоев Х.,Сафаров И., Зиёев Р., Қодиров Ш. Таҳлили вазъи соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2003.-104
2. Байзоев Азим. Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам. Душанбе, Донишварон. 2017,-148
3. Байзоев Азим.Масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳаи маориф. Душанбе Маориф-2021,-195
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017,№ 443 "Дар бораи барномаи давлатииамалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2018-2022"
5. Назиров Н. Файзуллоева И. Худшиносӣ-таҳкими ваҳдати миллӣ, Хирадмандон, Душанбе-2021,-117
6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
7. Эмомалӣ Раҳмон. «Уфуқҳои Истиқлол» Душанбе «Ганҷ нашриёт»-2018
8. Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф-асоси таҳкими аркони давлат, Душанбе-2009



**АМОНӢ С.**


## ДАСТОВАРДҲОИ МАОРИФИ КИШВАР ДАР 30 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ


Дар мақола масъалаҳои рушди маорифи кшвар, дастоварду мушкилоти пешорӯйи он дар тули 30 сол мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф саъй намудааст, ки дастовардҳои муҳимму назаррасро аз дидгоҳи як шаҳрванд ва мутахассиси риштаи таҳсилот арзёбӣ намуда, ба равиши дастёбӣ ба рушду такомул ва замони он баҳои воқеӣ диҳад. Муаллиф бо диди тоза ба масъалаҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф ва татбиқи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногун аҳамияти вижа дода, ҳамзамон мушкилоти онҳро низ ёдрас мешавад. Дар ниҳоят аз рушди соҳа изҳори қаноатмандӣ намуда, ба ояндаи он хушбин аст.

**Калидвожаҳо:** маориф, рушд, фарҳанг, мушкилот, равиш, дастовард, салоҳият, масъулият, неруи зеҳнӣ, муассисаи таълимӣ

**АМОНИ С.**

**ДОСТИЖЕНИЯ ОБРАЗОВАНИЯ В СТРАНЕ ЗА 30 ЛЕТ НЕЗАВИСИМОСТИ**

В статье проанализированы вопросы образования и его достижение, проблемы за 30 лет годы независимости. Автор стремится оценить значительные достижения с позиции гражданина и специалиста по образовательным вопросам и даёт оценку процессу достижение и реальности времени. Автор с четким представлением к основным вопросам реформы образования также напоминает одновременно и их осуществления. Он удовлетворен развитием сферы и оптимистичен для его будущего.

**Ключевые слова:** образования, развития, культура, проблемы, процесс, достижение, компитентность, обязанность, интелектуальная мощность, образовательная учреждения.

**AMONI S.**

**ACHIEVEMENTS OF EDUCATION IN THE COUNTRY FOR 30 YEARS OF INDEPENDENCE**

The article analyzes the issues of education and its achievement, problems for 30 years of independence years. The author seeks to assess significant achievements from the standpoint of a citizen and a specialist in educational issues and gives an assessment of the process to achieving and reality. The author with a clear idea to the main issues of education reform also resembles simultaneously and their implementation. It is satisfied with the development of the sphere and is optimistic for its future.

**Keywords:** education, development, culture, problems, process, achievement, compensatence, duty, intellectual power, educational institution.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Амонов Салохудин. Мудири шуъбаи технологияи инноватсионии таълим ва гузариш ба таҳсилоти 12-солаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел: 907909062, почтаи элекронӣ: h.amoni @mail.ru

**Сведения об авторе:** Амонов Салохудин. Заведующий отделом инновационных технологий обучения и перехода к 12-летнему образованию Института развития образования им. Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана. Тел: 907909062, электронная почта: h.amoni @ mail.ru

**Information about the author:** Amonov Salokhudin. Head of the Department of Innovative Teaching Technologies and the Transition to 12-Year Education of the Institute for the Development of Education. Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education of Tajikistan. Tel: 907909062, e-mail: h.amoni @ mail.ru

**РАҶАБОВ Н. М.**

**ҒУЛОМЗОДА С.**

## ЗАМИНАҲОИ ЗОҲИРШАВИИ АГРЕССИЯ ДАР ДАВРАИ НАВРАСӢ

Синну соли наврасӣ хонандагони синфҳои 5-8-ро дар бар мегирад, ки аз рӯйи синну сол кӯдакони 11-12 то 14-15 сола ба ин зина рост меоянд. Ин зинаи синнусолӣ дар адабиётҳои психологӣ «давраи гузариш» ва ё «давраи пойдоргардии ҳаёти инсонӣ» ба қалам дода мешавад. Гарчанде дар ин синну сол организми наврасон аз ҷиҳати зоҳирӣ ба калонсолон хеле монанд шавад ҳам, бо вуҷуди ин дар байни онҳо тафовути куллӣ мавҷуд аст. Ин аз як тараф ва аз тарафи дигар, наврасон ҳоло на шахси баркамоланду на бачаи хурдсол ҳастанд. Онҳо дар зинаи гузариш буда, тағйироти куллии анатомию физиологӣ, психологӣ ва биологиро аз сар мегузаронанд. Аз ин рӯ, душвории давраи наврасӣ пеш аз ҳама дар тағйирёбии имконоти маънавӣ, иҷтимоӣ ва шаклхои нави муошироти байниҳамии онҳо бо ҳамсолон ва бо атрофиён (волидайн, омӯзгорон ва шахсони калонсол) зоҳир мегардад. Аз ҷихати психологӣ ин давраи синнусолӣ нисбатан пурихтилоф аст, вай ба дараҷаи баланди номутаносибӣ ва суръати тараққиёт тавсиф дода мешавад.

Хусусияти асосии ин марҳила ҳисси калонсолист. Хусусан, дар ҳамин замина дар наврасон ихтилофҳои типикию синнусоли бо волидайн, омӯзгорон ва худашон ба амал меоянд. Дар давраи наврасӣ қаду қомат бошиддат сабзида, организм бисёр тез инкишоф еёбад. Номувофиқии инкишофи ҷисмӣ, махсусан, номутаносибии инкишофи скелет боиси зоҳиршавии як қатор хусусиятҳо мегардад: лавандӣ, дағалӣ, гум кардани мувозинат ва ғайра.

Тағйироти пурқувват дар тамоми соҳаҳои ҳаёти наврасон ба амал меояд, ки ин синнусолро аз кӯдакӣ ба камолот «давраи гузариш» номидан тасодуфӣ нест. Дар ин вақт

шаклҳои устувори рафтор, вежагиҳои хислати  ва роҳҳои вокуниши эмотсионӣ ташаккул меёбанд, ки дар оянда ҳаёти одами калонсол, солимии ҷисмонӣ ва равонии ӯро муайян мекунанд. Давраи наврасӣ на танҳо аз худ кардани таҷрибаи ҳаёти калонсолон, балки давраи бой шудани ҷаҳонбинии кӯдак, тарзи ҳаёти бепарвоӣ, давраи шубҳаҳои дарднок ба худ ва имкониятҳои худ, ҷустуҷӯйи ҳақиқат дар худ ва дигарон мебошад.

Раванди гузариш аз як зинаи синнусолӣ ба зинаи дигар аз як тараф, бо мураккабшавии муносибат бо калонсолон ва атрофиён, аз тарафи дигар, бо васеъшавии имкониятҳои ҷисмию руҳи алоқаманданд. Номатлубӣ, якравӣ, худсарӣ, инҷиқӣ, зоҳир намудани бадхашмӣ дар рафтор, ва дигар сифатҳои бӯҳрони синнусолӣ, зуҳуроти манфии рафтор, дар ҳолати аз тарафи калонсолон пешниҳод намудани талаботи нав ба вуҷуд меоянд ва баръакс, ҳангоми тарбияи дуруст ислоҳ мешаванд. Дар ин зинаи синну сол дар рафтори аксарияти  наврасон агрессияро мушоҳида намудан мумкин аст. Чӣ хеле ки қаблан қайд кардем, наврасон дар давраи гузариш қарор дошта, нисбат ба ангезандаҳои беруна бениҳоят ҳасосанд, ки ин боиси баландшавии дараҷаи изтиробнокӣ мегардад. Ин ҳолат ба ташаккулёбии дигар хусусиятҳо замина мешавад. Масалан, баландшавии изтиробнокӣ боиси он мегардад, ки наврасон бештар тундмиҷозу агрессивӣ мешаванд.

Аз ҷиҳати психологӣ ин давраи синнусолӣ нисбатан пурихтилоф аст, вай ба дараҷаи баланди номутаносибӣ ва суръати тараққиёт тавсиф дода мешавад, ки бавуҷудорандаи агрессия ба ҳисоб меравад. Барои ҷудо намудани хусусиятҳои агрессия дар наврасон роҳу усули пешгирӣ ва зуҳуроти бартараф намудани агрессия зарурат пеш меояд, ки мазмуни психологии  фаҳмиши мафҳуми – «агрессия» ва «агрессивӣ»- ро дида бароем.

Мафҳуми «агрессия» имрӯзҳо бештар ба таври васеъ дар тадқиқоти педагогӣ ва психологӣ ба назар мерасад. Барои илман асоснок намудани табиати агрессивии шахс, зарурати равшан намудани мазмун ва моҳияти ин фаҳмиш пеш меояд.  Дар зери мафҳуми агрессия рафтори мақсаднок, вайронкунанда, мухолифи меъёр ва қоидаҳои мавҷудияти одамон дар ҷомеа фаҳмида мешавад, ки барои расонидани зарари ҷисмонӣ ба одамон, вайронкунии беҳбудии психологии онҳо (ҳиссиёти манфӣ, ҳолати бошиддати психикӣ, тарс, руҳафтодагӣ ва ғ) равона шудааст [4, с. 246].

Смирнова А. агрессияро ҳамчун –  рафтор ва ё амалҳои фардии коллективе, ки ба расонидани зарари ҷисмонӣ, психологӣ  ва ё ин ки  нест кардани одамон ва гурӯҳ  равона гардидааст, мебинад. Шаклҳои асосии агрессия – агрессияи фаъол, агрессияи хусуматдошта, агрессияи инструменталӣ ва автоагрессия мебошанд. Барои зуҳуроти шаклҳои агрессияе, ки бисёртар ҷанбаи тараққикардаи иҷтимоӣ доранд, ба монанди: террор, генотсид, бархурди оммавӣ, динӣ, идеологӣ, типикӣ хос аст, ки ба худ раванди сироятӣ ва таъсири мутақобиларо дошта, таасуроти қолабиро дар «образи душман» ташкил медиҳад. Тайёри ба рафторҳои агрессия ҳамчун хусусияти устувори шахс - агрессивнокӣ  дида баромада шудааст [1, с. 12].

Акнун барои фаҳмидани сабабхо ва механизми пайдоиши агрессия дар ин давраи синну сол баъзе хусусиятхои асосии давраи наврасиро муфассалтар бояд дида бароем. Якум, мушкилоти шадиди давраи наврасӣ, тавре ки қаблан қайд кардем, азнавсозии муносибатҳо бо волидон, гузаштан аз давраи кӯдакӣ ба муносибатҳои дар асоси эҳтиром ва баробарҳуқуқӣ асосёфта мебошад. Хусусияти психологии давраи наврасӣ бо ду “нуқтаи гардиш”-и ин синну сол алоқаманд аст:

- Психофизиологӣ - балоғат ва ҳама чизе, ки бо он алоқаманд аст.
- Иҷтимоӣ - анҷоми давраи кӯдакӣ, ворид шудан ба ҷаҳони калонсолон.

Ҳолати агрессия дар давраи наврасӣ аз аз ихтилоли равонӣ сахт алоқамандӣ дорад. Ихтилолҳои равонӣ марҳилаҳои муайяни рушд доранд, ки бо гузашти онҳо ба дараҷаи шадидтарин мерасанд. Ҳама гуна зуҳуроти психопатологӣ, синдромҳо зуҳуроти ибтидоӣ, марҳилаи оғозшавӣ, марҳилаи анҷомёбӣ, давраи аломатҳои боқимондаро дар бар мегиранд. Ҳангоми буҳрони наврасӣ суръати ин давраи дарднок зиёд мешавад, ки дар натиҷа яке аз марҳилаҳо метавонад хеле кӯтоҳ бошад ё тамоман ошкор карда нашавад. Аз ин рӯ, аксар вакт рафтори хашмгинонаи наврас барои хешовандон, дӯстон, ҳамсолон ва волидон ғайричашмдошт, руй медиҳад ва нофаҳмо аст. Сухан асосан дар бораи механизми биологӣ меравад, ки нақши медиаторҳои нейрофизиологӣ ва ҳолати функсионалии сохторҳои амиқи майнаро таъкид мекунад, ё назарияи динамикии рафтори хашмгин ба майдон оварда шудааст, ки механизми асосии агрессия аст. Бисёр амалҳои хашмгинонаи наврасон, ки  таваҷҷуҳи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тафтишотро ба худ ҷалб менамоянд ва

нофаҳмоиҳоро бавуҷуд меоранд ва бевосита таҳлили психологиро тақозо мекунанд, натиҷаи бухрони давраи наврасӣ мебошанд.

Дар давраи наврасӣ, ҳам дар писарон ва ҳам дар духтарон, давраҳои синну солӣ бо сатҳи баланд ва пасти рафтори агрессивӣ мавҷуданд.

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки писарон ду қуллаи зуҳури агрессияро доранд: 12-солагӣ ва 14-15- солагӣ. Дар духтарон низ зуҳуроти агрессия дар ду давра нишон дода шудааст: дараҷаи баландтарини рафтори агрессивӣ дар 11-солагӣ ва дар 13- солагӣ мушоҳида мешавад. Муқоисаи ҷиддии ҷанбаҳои гуногуни рафтори агрессивӣ дар писарону духтарон нишон дод, ки дар писарон тамоили бевоситаи агрессияи ҷисмонӣ ва шифоҳии мустақим ва дар духтарон бошад, бештар ба амалҳои шифоҳӣ ва ғайримустақим зоҳир мешавад [8, с. 6-7].

Ҳамин тариқ, барои писарон бештар на он қадар бартарӣ ба агрессия аз рӯйи меъёри "шифоӣ - ҷисмонӣ", балки ифодаи он дар шакли мустақим ва ошкоро сурат мегирад. Дар духтарон, бартарият ба агрессияи шифоҳӣ дар ҳама гуна шаклҳои он - мустақим ё ғайримустақим хос мебошанд. Дар бораи агрессия дар давраи наврасӣ сухан ронда, ба назар гирифтан лозим аст, ки наврас дар оила ба воя мерасад, оила ҳамеша макони асосии иҷтимоишавӣ мебошад, инчунин метавонад сарчашмаи асосии намунаҳои зиндаи рафтори агрессивӣ барои аксари кӯдакон бошад. Ташаккули рафтори агрессивӣ дар наврасон раванди мураккабест, ки бо он омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Ба рафтори агрессивии наврасон метавонад, оила, ҳамсолон ва ВАО таъсир расонанд.

Волидайн рафтори агрессивиро ҳам тавассути сахтгирӣ ва ҳам тавассути истифодаи амалҳои агрессивӣ, бо мақсади қатъ кардани муносибатҳои манфии байни фарзандонашон меомӯзанд. Волидайне, ки муҷозоти шадиди шадидро истифода мебаранд ва фаъолияти фарзандони худро назорат намекунанд, метавонанд дар рафтори фарзандонашон агрессияро ҳама вақт мушоҳида намоянд. Тадқиқоти сершумор нишон доданд, ки дар оилаҳое, ки кӯдакони агрессив дида мешавад, сабабаш дар муносибатҳои махсуси байни аъзои оила мебошад. Чунин тамоюлҳоро психологҳо ҳамчун “**сикли зӯроварӣ**” тавсиф кардаанд [6, с. 35].

Наврасон майл доранд, ки навъҳои муносибатҳоеро, ки волидайн бо ҳамдигар “амалӣ” мекунанд, дубора тавлид кунанд. Наврасон усули ба тартиб даровардани муносибатҳо бо бародарону хоҳарон, усули ҳалли мunoқишаҳоро аз волидонашон нусхабардорӣ мекунанд. Вақте ки наврасон ба воя мерасанд ва оиладор мешаванд, онҳо аз роҳҳои маъмули ҳалли низоъҳо истифода мебаранд ва ҳалқаро маҳкам карда, бо эҷоди як услуби хоси интизом ба фарзандонашон мегузаранд. Ба таври муътамад собит шудааст, ки зӯроварии кӯдак дар оила на танҳо агрессияи ӯро нисбат ба ҳамсолон зиёд мекунад, балки ба ташаккули майли зӯроварӣ дар синни баркамол мусоидат намуда, агрессияи ҷисмониро ба тарзи ҳаёти шахсии наврас табдил медиҳад [9, с. 181].

Ба ташаккули рафтори агрессивӣ дараҷаи муттаҳидии оила, наздикии падару модар ва кӯдак, хусусияти муносибати бародарону хоҳарон, инчунин услуби роҳбарии оила таъсир мерасонад. Кӯдаконе, ки дар оила ихтилофи сахт доранд, волидонашон аз онҳо дуранд ва муносибати сард доранд, нисбатан бештар ба рафтори агрессивӣ майл доранд. Наврасон дар бораи агрессия низ аз муошират бо ҳамсолон маълумот мегиранд. Онҳо рафтори агресивиро аз мушоҳидаи рафтори наврасони дигар (масалан, ҳамсинфон) меомӯзанд. Бо вуҷуди ин, онҳое, ки хеле агрессивнок ҳастанд, эҳтимоли зиёд аз ҷониби аксарияти ҳамсинфон рад карда мешаванд. Аз тарафи дигар, ин наврасони агрессивӣ метавонанд дар байни дигар ҳамсолони дорои агрессия дӯстон пайдо кунанд. Ҳамин тариқ, ҳамаи омилҳои дар боло зикршударо бояд волидайн, омӯзгорон, психологҳо ва умуман ҷомеа ҳангоми муомила бо наврасон ба эътибор гиранд, зеро пешгирии агрессия нисбат ба баъдтар ислоҳ кардани рафтори агрессивӣ осонтар аст.

Муҳимтарин шарти иҷтимоисозии самарабахш ва пешгирии ташаккули шаклҳои рафтори агрессивӣ ин инкишоф додани ҳавасмандии вобастагӣ мебошад. Дар робита ба ин, такроран бояд гуфт, ки як шарти муҳимми рушди агрессия на танҳо омӯзиши иҷтимоӣ, балки ноумедиест, ки дар сурати набудани муҳаббати волидайн ва истифодаи доимии муҷозотаз тарафи падару модар ба вуҷуд меояд. Нодида гирифтани рафтори агрессивӣ ҳамчун роҳи пешгирӣ ва "рафъи" агрессия шубҳаовар ва ҳатто нигаронкунанда аст. Таҷрибаи ҳаррӯзаи психологию педагогӣ, амалияи машваратҳои психологӣ ва баъзе тадқиқоти махсус нишон медиҳанд, ки ба эътибор нагирифтани амалҳои агресивии наврасон оқибатҳои хатарнок дорад ва метавонад боиси афзоиши минбаъдаи рафтори

агрессивӣ, шавад ва мубадал ба як шакли одатии рафтори наврасон гардад. Ба ҳамагон маълум аст, ки агар волидайн кирдорҳои агрессивонаи кӯдаки хурдсолро нодида бигиранд, пас аз наздик набудани доираи иҷтимоии ӯ ба оила, хабар медиҳанд. Агар волидайн ба амалҳои агрессивонаи наврас беэътиноӣ кунанд, он гоҳ он ҳатман бетағйир намемонад, зеро доираи иҷтимоии наврас дигар танҳо бо оила маҳдуд намешавад - тақвиятро аз ҷониби дигар гурӯҳҳо пайдо кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, омилҳои асосие, ки ташаккули агрессияи кӯдаконро муайян мекунанд: оила, ҳамсолон, воситаҳои ахбори омма ва ғайра мебошанд. Хавф дар он аст, ки дар насли нав ин бемориӣ метавонад модарзодӣ ва оммавӣ шуда, аз патологияи иҷтимоӣ ба як меъёри иҷтимоӣ табдил ёбад.

**АДАБИЁТ:**


1. Анцупов,А.Я. Конфликтология [Текст]:учебник для вузов / А.Я. Анцупов, А.И. Шипилов. – М.: ЮНИТИ, 1999. – 551 с.
2. Ворожейкин И.Е. Конфликтология: Учебник для вузов [Текст]/ И.Е. Ворожейник, В. П. Ратников, В. Ф. Голубь, Г. С. Лукашева и др.; Под ред. В. П. Ратникова. - М.: ЮНИТИ, 2001. - 512 с.
3. Ковалев П. Возрастно-половые особенности отражения в сознании структуры собственной агрессивности и агрессивного поведения. - СПб., 1996. –358с.
4. Ковалев П. Возрастно-половые особенности отражения в сознании структуры собственной агрессивности и агрессивного поведения. - СПб., 1996. –358с.
5. Кон И. С. «Какими они себя видят?»// Популярная психология для родителей под ред. Бодалева А. А., М.: Педагогика, 1988, 256 стр.
6. Матюшкова А.М. Нравственность. Агрессия. Справедливость. М., 1992. - 345 с.
7. Раҷабов Н.М. Фаҳмиши фалсафӣ – иҷтимоии моҳияти каҷрафторӣ дар наврасон ва усулҳои пешгирӣ намудани он. Автореферати рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2018
8. Реан А.А., Трофимова Н.Б. Гендерные различия структуры агрессивности у подростков // Актуальные проблемы деятельности практических психологов. - 1999. - №3. - С.6-7.
9. Фурманов И.А. Детская агрессивность. М., 1996. – 192с.



**РАҶАБОВ Н. М., ҒУЛОМЗОДА С.**


## ЗАМИНАҲОИ ЗОҲИРШАВИИ АГРЕССИЯ ДАР ДАВРАИ НАВРАСӢ


Дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшиш намудаанд, ки хусусиятҳои зоҳиршавии агрессияро дар наврасон мавриди омӯзиш қарор дода, барои мутахассисоне, ки бо наврасон сару кор доранд пешниҳод намоянд. Синнусоли наврасӣ хонандагони синфҳои 5-8-ро дар бар мегирад, ки хонандагони синни 11-12 то 14-15 сола ба ин зина рост меоянд. Ин зинаи синнусолӣ дар адабиёти психологӣ «давраи гузариш» ва ё «давраи пойдоргардии ҳаёти инсонӣ» ба қалам дода мешавад. Хусусияти асосии ин марҳилла ҳисси калонсолист. Хусусан дар ҳамин замина дар наврасон ихтилофҳои типикию синнусоли бо волидайн, муаллимон ва худашон ба амал меоянд. Тағйироти пурқувват дар тамоми соҳаҳои ҳаёти наврасон ба амал меоянд, ки ин синну солро аз кӯдакӣ ба камолот «давраи гузариш» номидан тасодуфӣ нест. Тавре, ки қайд шуд дар давраи наврасӣ, ҳам дар писарон ва ҳам дар духтарон, давраҳои синнусолӣ бо сатҳи баланд ва пасти рафтори агрессивӣ мавҷуданд. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки писарон ду қуллаи зуҳури агрессияро доранд: 12 солагӣ ва 14-15 солагӣ. Дар духтарон низ зуҳуроти агрессия дар ду давра нишон дода шудааст: дараҷаи баландтарини рафтори агрессивӣ дар 11 солагӣ ва дар 13 солагӣ мушоҳида мешавад. Ба ташаккули рафтори агрессивӣ дараҷаи муттаҳидии оила, наздикии падару модар ва кӯдак, хусусияти муносибати бародарону хоҳарон, инчунин услуби роҳбарии оила таъсир мерасонад. Кӯдаконе, ки дар оила ихтилофи сахт доранд, волидонашон аз онҳо дуранд ва муносибати сард доранд, нисбатан бештар ба рафтори агрессивӣ майл доранд.



**Калидвожаҳо:** мушкилоти синнусолӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ, шакл, рафтори агрессивӣ, навъҳои агрессия, оила, зӯроварӣ, давраи наврасӣ, давраи гузариш, иҷтимоишавии наврасон.



**РАДЖАБОВ Н. М., ГУЛОМЗОДА С.**


## ПРОЯВЛЕНИЕ АГРЕССИИ В ПОДРОСТКОВЫЙ ПЕРИОД


В статье авторы стараются исследовать особенности проявления агрессии у подростков и на этой основы предлагать учителям, родителям и всем тем, кто работают с данной категорией учащихся эффективные пути налаживания взаимоотнощения с ними, способствовать снижению уровня их агрессивности. Подростковый период включает учащихся 5-8 классов и соответствует возрастному периоду 11-12 до 14-15 лет. Данный возрастной период в психологической литературе называется «переходным периодом» или «периодом становления жизни человека». Основной особенностью данного периода является "чувства взрослости". Особенно на данной почве воникают типичесике и возрастные конфликты с родителями, учителями и друг с другом. Появляются силные изменения во всех сферах жизни подростков и этим объясняется, почему

данный период называют “кризисным” и “переходным”. В данный возрастной период и у девочек и у мальчиков наблюдаются повышение уровня агрессивности поведения. Наблюдения показвают, что у мальчиков существуюд два пика проявления агрессивности: 12 и 14-15 лет. У девочек также наблюдаются два пика в проявлении агрессивности: 12 и 14-15 лет. На повышении уровня агрессивности влияют уровень сплачённости семьи, близость родителей и ребенка, особенности взамоотношения детей, тип руководства в семье. В семьях, где родители отдалены от ребенка и проявляют холодное отношение к нему, уровень конфликтности высокая, дети склонны к агрессии.

**Ключевые слова:** возрастные трудности, эмотциональные состояния, агресивное поведение, виды агрессии, семья, насилие, подростковый возраст, переходный возраст, социализация подростков.

**RADJABOV N., GULOMZODA S.**

## APPEARING OF AGGRESSION IN ADOLESCENT PERIOD

In the article, the authors try to study the features of the manifestation of aggression in adolescents and, on this basis, offer teachers, parents and all those who work with this category of students’ effective ways to establish relationships with them to help reduce their level of aggressiveness. The teenage period includes students in grades 5-8 and corresponds to the age period of 11-12 to 14-15 years. This age period in the psychological literature is called the "transitional period" or "the period of formation of a person's life." The main feature of this period is the “feelings of adulthood”. Especially on this basis, typical and age-related conflicts with parents, teachers and each other arise. There are strong changes in all areas of adolescent life and this explains why this period is called “crisis” and “transitional”. In this age period, both girls and boys show an increase in the level of aggressive behavior. Observations show that boys have two peaks of manifestation of aggressiveness: 12 and 14-15 years. Girls also have two peaks in the manifestation of aggressiveness: 12 and 14-15 years. The increase in the level of aggressiveness is influenced by the level of family cohesion, the proximity of parents and the child, the characteristics of the relationship of children, the type of leadership in the family. In families where parents are distant from the child and show a cold attitude towards him, the level of conflict is high, children are prone to aggression.

**Key words:** age-related difficulties, emotional states, aggressive behavior, types of aggression, family, violence, adolescence, transitional age, socialization of adolescents.

**Сведение об авторов: Раджабов Насим**, кандидат философских наук, дотсент кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон 918.31.04.02. e-mail: nasimjon_0402@mail.ru

**Гуломзода Сабзали**, доктор PhD, докторант, кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон. 901.88.72.80. e-mail: Sabzali.gulomzoda.95@ mail.ru

**Information about authors: Radjabov Nasim**, candidate of philosophical sciences, professor of the department of psychology of the Tajik national University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Phone 918.31.04.02. e-mail:nasimjon_0402@mail.ru

**Gulomzoda Sabzali,** PhD, doctoral student, Department of Psychology, Tajik National University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Telephone. 901.88.72.80.e-mail: Sabzali.gulomzoda.95@mail.ru

**ХАБИБОВА О.М.**

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ САМООЦЕНКИ ЛИЧНОСТИ КАК ФИЛОСОФСКАЯ И ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

Современная практика убедительно доказывает, что эффективность образования невозможно достичь лишь через аудиторные занятия, но как показывает зарубежная практика, уже давно внеурочная деятельность охватывает половину объёма эффективности образовательного процесса.

Исходя из правовых и законодательных норм, таджикским правительством были поставлены задачи, которые обязывали школы создать условия для разностороннего развития личности ребёнка, его самоутверждения и творческой самореализации, формирования человека с новым уровнем сознания, обладающего новым мышлением, высокой культурой жизненного самоопределения, осознавая себя индивидуальностью и членом общества. Такая личность способна самостоятельно формировать цели, находить оптимальные пути их достижения, быть ответственным за свои поступки и действия, способным к оценке и самооценке.

Следует отметить, что индивидуальный подход к учащимся на уроках, практика внеклассной работы способствуют развитию и становлению личности в условиях единого общеобразовательного учреждения, повышая его уровень образования. Поэтому, самооценка личности играет значительную роль не только в приобретении личностью определённой специальности, но и в дальнейшем оказывает огромное влияние на успешность трудовой деятельности.

Несмотря на наличие определённых успехов в решении проблемы самооценки учащихся и её влияние на внеклассную деятельность, применение традиционных методов и

технологий не соответствует требованиям системы и требует внедрения более эффективных методов и форм обучения.

В Таджикистане глобальные тенденции в современном образовании обусловливают создания дидактических условий для развития самооценки учащихся.

Следует отметить, что для обеспечения эффективного развития дидактического условия важно вооружать учащихся необходимыми знаниями, навыками о самооценке на этапе модернизации системы таджикского образования.

Закон РТ «Об образовании» и другие нормативно-правовые документы в области образования постоянно обновляются и приравниваются к региональным и европейским стандартам, особенно происходящих изменений по вопросам внеклассной работы с целью повышения роли личности в обществе.

Задача внеклассной работы в развитии основных свойств самооценки учащихся заключается:

- в получении определённых знаний, практических умений;
- развитие основных качеств личности как инициативность, стремление к самостоятельности;
- объективно оценивать свои поступки и действия;
- всесторонне анализировать и прогнозировать развитие своей личности;
- правильно выстраивать свои взаимоотношения с окружающими.

Таким образом, чтобы сформировать определённый уровень самооценки учащихся педагоги обязаны обогащать учащихся необходимыми знаниями, способами самооценки, критическое отношение своим возможностям, успехам, навыкам самооценки в учебно-воспитательном процессе, что становится возможным при их систематическом и целенаправленном формировании.

Таким образом, актуальность исследования данной проблемы обусловливается такими противоречиями как потребностью современной школы в высококвалифицированных учителях, мастерах педагогов и недостаточной разработкой теоретико-практической базы системы внеурочной работы в общеобразовательных учреждениях Таджикистана.

Развитие демократического, светского и независимого государства, предписанное в первой статье основного Закона РТ (Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994) [3], требует перспективных изменений во всех сферах образования, и её ориентацию на преимущественное усвоение новых методов и знаний.

В условиях развития общественных отношений, обновления жизненных процессов растут требования к подрастающему поколению: их ответственности, дисциплине, компетентности, творческой активности. Именно эти качества способствуют прогрессивному движению общества, государства.

Безусловно, преобразования и реформы происходили на фоне неоднозначных социально-экономических и общественно - политических изменений, так как они не теряют актуальность в современном этапе, когда особенно требуются новые подходы к проблеме совершенствования содержания, средств, форм и методов обучения.

Дидактические условия формирование и развитие самооценки учащихся в внеклассной деятельности старших школьников требует не только знания о сущности самооценки, но и её структуры и функций, которые тесно связаны с социализацией и формированием личностных качеств.

Для понимания механизмов самооценки необходимо, в самом начале этапа разобраться в терминологии «оценка», исходя из чего, разработать планы, связанные с самооценкой, которые к тому же отождествляются в курсах педагогики и школьной практики. Термин «самооценка» трактуется, как процедура получения информации о деятельности и её результатах. Если под оценкой понимается процесс соотношения реальных результатов с планируемыми целями, то «самооценка» - является результатом этого процесса, даже его условно-формальным выражением.

• Вай фаҳмидани сабабҳои аз чӣ сохта шудани механизмҳоро дӯст медорад, бо саволҳои пурасрор мурочиат мекунад, «ҷустуҷӯ» карданро дӯст медорад.

• Ихтироотро дӯст медорад, аксар вақт дар ин бора фикр мекунад. Барои тарҳрезӣ ва татбиқи «лоиҳа»-ҳои шахсии худ (моделҳои ҳавопаймо, мошинҳо, киштиҳо) вақти зиёд сарф мекунад.

• Компютерро зуд ва бо осонӣ азхуд мекунад.

**Истеъдоди роҳбарӣ**

• Ташаббус дар муоширaт бо ҳамсолон дорад.

• Дар атрофи одамони бегона эътимодро нигоҳ медорад.

• Бо ҳамсолон ва калонсолон ба осонӣ муошират мекунад.

•Сабабҳои рафтори одамони дигар, ангезаҳои рафтори онҳоро мушоҳида мекунад, ӯ суханҳои ногуфтаҳоро нағз мефаҳмад.

• Аксар вақт дигар бозиҳо ва машғулиятҳои кӯдаконро назорат мекунад.

• Таваҷҷуҳ дарад ки масъулиятҳои калонсолро ба дӯш гирад.

• Дигар кӯдакон ӯро ҳамчун шарики бозӣ дар фаъолиятҳои гуногун интихоб кардан мехоҳанд.

• Қодир аст, ки бо ақидаҳои худ, ба дигарон илҳом бахшад, дорои атои боварибахш мебошад.

**Истеъдоди варзишӣ**

- Пурқувват мебошад, ба ҳаракати зиёд ниёз дорад, гиперфаъол мебошад.
- Дар варзиш ва мусобиқаҳо иштирок карданро дӯст медорад.
- Аксар вақт дар бозиҳои гуногуни варзишӣ бо ҳамсолон ғолиб меояд.
- Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, дар гурӯҳ аз хама тезтар медавад.
- Ба осонӣ зебо ҳаракат мекунад, ҳамоҳангсозии хуби ҳаракатҳоро дорад.
- Саёҳат рафтан, дар майдончаҳои варзишии берунӣ бозӣ карданро дӯст медорад.
- Вақти холии худро дар бозиҳои серҳаракат (хоккей, баскетбол, футбол ва ғайра) сарф менамояд.
- Дар байни ҳамсолони худ аз ҷиҳати ҷисмонӣ устувортар мебошад.

**Дар соҳаи истеъдодхои зеҳнӣ**

- хуб баҳс мекунад, дуруст фикр мекунад, ногуфтаҳоро мефаҳмад, сабаб ва ангезаи амали дигаронро дарк мекунад;
- хотираи хуб дорад;
- маводи нави «таълим»-ро ба осонӣ ва зуд аз худ мекунад;
- бисёр саволҳои андешамандона, асоснок ва ба маврид медиҳад;
- тамошои китобро дӯст медорад ва аз рӯи «расм»-и китоб нақл эҷод мекунад;
- дар таҳсил аз ҳамсолони худ пешрафта, аксар вақт шикоят мекунад, ки дар машғулиятҳо дилгир мешавад;
- нисбат ба бисёр ҳамсолонаш дар бораи воқеаҳо ва мушкилоте, ки бевосита ба ӯ дахл надоранд (дар бораи сиёсати ҷаҳонӣ, иқтисод, илм ва ғ), хеле беҳтар ва васеътар маълумот доранд;

- ҳисси шаъну шараф ва акли солим дорад, аз ҳамсолонаш окилтар ва донотар мебошад.

- хеле пазиро, мушоҳидакор, вале на ҳатман якбора ба ҳама чизи нав ва ғайричашмдошт дар зиндагӣ вокуниш нишон медиҳад.

**Коркарди маълумот:**

Дар кадом соҳа шумо бартариятҳои бештар доред, ин навъи махсуси лаёқатмандӣ дар фарзанди шумо ё инки тарбиятгари шумо мебошад. Агар шумо дорои як қатор аломатҳои мусбӣ барои намудҳои гуногуни истеъдод дошта бошед (масалан, бадеӣ-эстетикӣ), пас фарзанди шумо, тарбиятгари шумо, имкониятҳои бузурги эҷодӣ дорад.

Умедворам, ки ин саволнома ба шумо дар ташкили кори тарбиявӣ дар оила ё инки гурӯҳ ёрӣ мерасонад, то ки ҳар кӯдак дар ҳаёти оянда ҷои худро ёбад.

Дар ҳамин ҳол, шахси боистеъдод метавонад дар рушди ҷомеа саҳмгузор бошад. Ба истеъдодҳо роҳ наёфтан дар ҷомеа хатои ҳар як давлат аст. Кор бо кӯдакони болаёқат як раванди доимӣ ва мураккабест, ки диққати ҷиддиро талаб мекунад. Аз ин хотир дониши нав, ташаккулёбии шахсият, барои баланд бардоштани рушди истеъдод, ҳамкории зичро бо волидон аз мураббиён талаб мекунад.

## АДАБИЁТ:


1. Лосева, Алла Асколдовна. Ташхиси психологии қобилият. - М .: Лоиҳаи таълимӣ: Трикста, 2016.
2. Тарасова С.Ю. Таҷрибаи назорати машваратии кӯдакони болаёқат / Илм ва таълими равоншиносӣ. - 2002.- N 1.- S. 59-63.
3. Истеъдод ва шинохти мушкилоти он / Д.Б.Богоявленская, М.Е.Богоявленская // Психол. илм ва маориф. - 2017. - № 5. - С. 5-13.
4. Ҷумагулова, Т.Н. Кӯдаки боистеъдод: тӯҳфа ё муҷзот / Т. Н. Ҷумагулова, И. В. Соловьева // Китоб барои муаллимон ва волидон. - SPb., 2014 .-- 167 с.
5. Таъкидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба маориф ва маънавиёт. Душанбе Ирфон, 2011.



**МИРХОНОВА Н., ШАРИФЗОДА Н., УСМОНОВА З.**


## ТАШАККУЛИ ЛАЁҚАТ ВА ИСТЕЪДОД ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақола муаллиф дар бораи истеъдоди кӯдакон ва нақши он дар рушди истеъдод дар кӯдакони синни томактабӣ баррасӣ мекунад. Кӯдаки боистеъдод метавонад дар рушди ҷомеа саҳми арзанда гузорад. Муҳим аст, ки чунин кӯдакро нодида нагиред ва кӯшиш ба харҷ диҳед, ки ӯро тавре таълим диҳад, ки минбаъд ба ҷомеае, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд, нафъ бахшад



**Калидвожаҳо:** *боистеъдод, таҳаммулпазирӣ, лаёқат, қобилият, ғайриодӣ, тафаккур, хаёлот.*



**МИРХОНОВА Н., ШАРИФЗОДА Н., УСМОНОВА З.**


## РАЗВИТИЕ СПОСОБНОСТИ И ТАЛАНТА В ДОШКОЛЬНЫЙ ПЕРИОД


В этой статье автор обсуждает одарённость детей и его роль в развитии талантов у детей дошкольного возраста. Одарённый ребёнок в будущем может внести весомый вклад в развитие общества. Важно не игнорировать такого ребенка, а приложить усилия, чтобы научить его таким образом, чтобы дальше он приносил обществу пользу, в котором он живёт.



***Ключевые слова:*** *одарённость, талант, толерантность, необыкновенность, мышление, фантазия, воображение, способность.*



**MIRKHONOVA N. SHARIFZODA N., USMONOVA Z.**


## DEVELOPMENT OF ABILITY AND TALENT AT THE PRESCHOOL PERIOD


In this article, the author discusses the giftedness of children and its role in the development of talents in children of early preschool age. A gifted child can make a significant contribution to the development of society. It is important not to ignore such a child and make an effort to educate him or her in a way that will continue to benefit the society in which they live.



***Key words:*** *giftedness, talent, tolerance, extraordinary, thinking, fantasy, imagination, ability.*



**Маълумот дарбораи муаллиф:** Мирхонова Н. - ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126.

**Усмонова З.** мудири кӯдакистони №15 н.Исмоили Сомонии ш. Душанбе. Эл.почта: zebo@mail. ru

**Шарифзода Н.Д.** – унвончӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, E-mail: nargisd @mail. ru
**Сведения об авторе: Мирхонова Н.,** ведущий специалист Института развития образования имени Абдурахмана Джами. АОТ. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Айни-126.
**Усмонова З.** Заведующая детским садом №15 района Исмоила Сомони г. Душанбе.
**Шарифзода Н.Д.** – соискатель Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. E-mail: nargisd @mail. ru.
**Information the author:** N. Mirkhonova, leading researcher at ATM Abdurahmani Jami.
Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini-126 st.
**Usmonova Z.** Head of kindergarten № 15 of Ismoil Somoni district of Dushanbe. E-mail: zebo@mail. ru

**САТОРОВА М.К.**
**КАРИМЗОДА М.Б.**

## ХУСУСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВИЮ ҲУҚУҚИИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ҶОМЕА

Асри XXI давраи рушди ҷомеаи ҳуқуқӣ буда, фарҳанги ҳуқуқӣ дар чунин ҷомеа аҳамияти назаррас касб мекунад. Зеро фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи серпаҳлу буда, илова бар ин, барои дарку фаҳмиши он душвориҳои муайян мавҷуданд (ба ин ҷиҳатҳо мубоҳисаҳои сершумори илмӣ ишора мекунанд).

Бешубҳа, фарҳанги ҳуқуқӣ ҷанбаи фарҳанги умумиинсонӣ аст. Он дар амалияи ҳуқуқ инъикоси худро пайдо карда, ба унсури асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт ва фарҳанги ҳуқуқии аҳли ҷомеаро фаро гирифт.

Фарҳанги ҳуқуқиро ба сифати ҷанбаи дохилӣ ва маънавии ҳамаи низоми ҳуқуқии ҷомеа қабул кардан лозим аст. Маҳз ин намуди фарҳанг ба шуури ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун, фаъолияти гуногуни ҳуқуқӣ ва ғ. ворид шуда, дар он ҳузур пайдо мекунад. Андешае мавҷуд аст, ки маҳз ба воситаи фарҳанги ҳуқуқӣ ба суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа ва давлат ноил шудан мумкин аст.

Имрӯз зимни тафсири фарҳанги ҳуқуқӣ бо як қатор мушкилиҳо дучор шудан мумкин аст, ки яке аз онҳо то ба ҳоло набудани фаҳмиши ягонаи категорияи “фарҳанги ҳуқуқӣ” аст. Дар аксарияти ҳолатҳо фарҳанги ҳуқуқӣ дар баробари дигар категорияҳои ҳуқуқӣ таҳлил карда мешавад, ҳол он ки консепсияи ягонаи фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамоно вуҷуд надорад.

Чунончӣ, мувофиқи таҳқиқотҳои илмии соҳаи ҳуқуқшиносии солҳои 60-70-и асри XX, фарҳанги ҳуқуқӣ аз ду ҷанбаи алоҳида баррасӣ карда мешуд:

- ҷанбаи ғоявию ҳуқуқӣ, ки дар маҷмуъ барои ҳамаи ҷомеа дар марҳилаи мушаххаси рушди он хос аст;
- маҷмуи донишу тасаввуроти мавҷуда дар бораи ҳуқуқ, имкониятҳои ба таври мувофиқ истифода бурдани ҳуқуқ дар вазъияти мушаххас, таъмини иҷрои талаботи ҳуқуқ ба таври дахлдор.

Ба андешаи В.И.Иванов, фарҳанги ҳуқуқӣ мувофиқати фаъолияти субъектҳои ҳуқуқ ба дастовардҳои олии он дар ҷараёни танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа яке аз унсурҳои асосии низоми ҳуқуқӣ буда, барои ҳар як давлат хос аст.

Дар марҳилаи имрӯзаи рушди ҳуқуқ шумораи зиёди равишҳое мавҷуданд, ки ба воситаи онҳо мафҳуму моҳияти фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва аҳамияти онро барои ҷомеа дар маҷмуъ шарҳ додан мумкин аст. Чунончӣ, яке аз чунин равишҳоро В.И.Каминская ва А.Р.Ратинов пешниҳод намуданд. Ба андешаи ин муҳаққиқон, фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ба сифати низоми унсурҳои муайян баррасӣ карда мешавад, ки хусусияти олии хоси соҳаи ҳуқуқ дошта, дар шууру рафтори одамон ва ҳамаи ҷомеа дар маҷмуъ инъикос меёбад [6, с. 55-61].

Теъдоде аз олимон ҷонибдори чунин андешаанд, ки фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа қисми таркибии фарҳанги умумӣ аст [7, с. 221]. Фарҳанги ҳуқуқӣ тавсифи муҳим буда, ба ҳаёти ҷомеа хос мебошад. Амалан онро ба сифати шакли олӣ ва серғунҷоиши шуури ҳуқуқӣ фаҳмидан лозим аст. Ин ҷиҳатро ба назар гирифтан лозим аст, ки фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа сохтори мураккаби дохилӣ дорад. Бо вуҷуди ин, чунин хусусият боиси тааҷҷуб нест, чунки фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун як қисми фарҳанги умумӣ ба таъсирҳои гуногуни берунӣ дучор мешавад ва мунтазам тағир меёбад.

Дар байни муҳаққиқон то ҳоло андешаи ягона мавҷуд нест, ки мувофиқи он унсурҳои асосии фарҳанги ҳуқуқиро муайян намудан мумкин бошад. Чунончӣ, ба андешаи А.Р.Ратинов, ба сифати чунин унсурҳои асосӣ инҳоро ишора кардан лозим аст: ҳуқуқ,

муносибатҳои ҳуқуқӣ, мақомоти гуногуни давлатӣ, инчунин ташкилотҳое, ки ба воситаи онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, шуури ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ [6, с. 57].

Мувофиқи андешаи Р.А.Ромашев, ба таркиби фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа чор унсури асосӣ дохил мешаванд: сатҳҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ, волоияти қонун, такмили қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқ [8, с. 7].

Ин ҷиҳат диққатталаб аст, ки ба ҷараёни рушду ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа нигилизми ҳуқуқӣ (яъне инкори арзишҳои гуногун ва ғ.) таъсири манфӣ мерасонад [4, с. 51]. Маҳз барои ҳамин давлат бояд ҷиҳати паст кардани сатҳи нигилизм дар ҷомеа ҳамаи чораҳои заруриро андешад.

Таҳқиқотҳо оид ба фарҳанги ҳуқуқӣ барои он заруранд, ки моҳияти ин категория, аҳамияти он барои ҷомеа ва ҳамаи инсоният дар маҷмӯъ фаҳмида шавад. Дар баробари ин, дар ҳар як ҳолати мушаххас меъёри муайян дар фаҳмиши ин намуди фарҳанг аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунад. Аз нигоҳи нақши муҳими инсон дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ба мазмуни фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа диққат додан мувофиқи мақсад аст. Дар ин замина фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ба сифати намуди алоҳидаи фарҳанги ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад, ки дар он сатҳи шуури ҳуқуқӣ, волоияти қонун, ҷараёни такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғ. инъикос меёбад.

Мувофиқи андешаи Г.И.Балюк, фарҳанги ҳуқуқӣ маҷмуи арзишҳое мебошад, ки аз тарафи одамон дар соҳаи ҳуқуқ офарида шудаанд. Яъне, фарҳанги ҳуқуқӣ худи ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, волоияти қонун, такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқро дар бар мегирад [2, с. 126].

В.П.Сальников чунин мешуморад, ки фарҳанги ҳуқуқӣ таркиби муайяни ҳуқуқ аст. Амалан, фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи иҷтимоӣ буда, таркибҳои воқеияти ҳуқуқиро дар бар мегирад ва аҳамияти зиёди амалӣ дорад [9, с. 98]. Аз ин нуқтаи назар мавҷудияти фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа таҳти шубҳа гузошта мешавад ё онро бо мазмуни фарҳанги ҳуқуқии шахс муфассал ифода кардан лозим аст. Аз дигар арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ба мисли: принсипҳо, шаклҳо, институтҳои ҳокимияти халқ, сохтор, механизмҳои низоми сиёсию ҳуқуқии ҷомеа ва ғ. низ чунин хулоса баровардан мумкин аст.

Таркиби ҳуқуқӣ якҷоя бо фарҳанги ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад, чунки мафҳумҳои хоси ин падидаҳо ба сатҳҳои гуногуни назариявӣ - сатҳи фалсафӣ (материализми таърихӣ), мушаххаси иҷтимоӣ ва ғ. хосанд.

Зимнан, фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа метавонад объекти омӯзиши материализми таърихӣ бошад, инчунин дар сатҳи мушаххаси иҷтимоӣ баррасӣ карда шавад.

Фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа бояд бо тартиби ҳатмӣ аз нуқтаи назари фалсафа ҳам таҳлил карда шавад, чунки дар маҷмӯъ қисми таркибии ҳамаи фарҳанг аст. Вале ин нуқтаи назар ба он ишора мекунад, ки фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа бояд ба таркиби ҳуқуқӣ баробар карда шавад.

Фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа сатҳест, ки ба воситаи он ҳолати ҳамаи низоми ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии шахси алоҳидаро муайян намудан мумкин аст [12, с. 88]. Яъне, фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ҳам сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва ҳам фаъолияти ҳуқуқии ҷомеа ба шумор меравад. Бинобар ин, сохтори фарҳанги ҳуқуқиро дар намуди усурҳое чун сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқии ҷомеа, сатҳи тараққипарварона будани меъёрҳои ҳуқуқӣ, дараҷаи тараққипарварона будани фаъолияти ҳуқуқӣ ифода кардан мумкин аст.

Азбаски фарҳанги ҳуқуқии шахс қисми таркибии фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ба шумор меравад, пас, он ба омилҳое чун мавҷудияти талаботи воқеӣ ба ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқ, мавҷудияти волоияти қонун дар давлат, пешрафти илми ҳуқуқшиносӣ ва таҳсилоти ҳуқуқӣ дар ҷомеа, такмили мунтазами қонунгузорӣ, таносуби ҳуқуқи дохилидавлатӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ, фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ хосанд. Фарҳанги ҳуқуқии шахс маҷмуи донишҳо, андешаҳо, ақидаҳо, муносибати ҳиссӣ нисбат ба падидаҳои ҳуқуқии муайянкунандаи ҳавасмандгардонии рафтори ҳуқуқӣ ва фаъолияти татбиқи ҳуқуқро дар бар мегирад.

Дар рафти ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дарки донишҳои ҳуқуқии возеҳ муносибати муайяни субъектро нисбат ба онҳо ташаккул медиҳад. Дар натиҷа ин донишҳо барои субъект аҳамиятнок мегарданд, яъне хосияти арзиши субъективиро касб мекунанд. Дар рафти фаъолияти амалӣ ин арзишҳо чун тамоюлҳои арзишии муайянкунандаи самти амалҳо истифода мешаванд.

Барои илми муосири ҳуқуқшиносӣ фарҳанги ҳуқуқӣ категорияи якмаъно нест. Ба андешаи А.Б.Венгеров, фарҳанги ҳуқуқӣ шакли ҳамафарогири шуури ҳуқуқӣ аст. Илова

бар ин, ба назар гирифтан лозим аст, ки шуури ҳуқуқӣ танҳо ҷиҳати маънавии ҷомеаро дар бар мегирад, ҳол он ки фарҳанги ҳуқуқӣ ҳам тавсифҳои маънавӣ ва ҳам муассисаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, сохтори онҳо, муносибатҳои дохилии чунин муассисаҳоро дар бар мегирад [5, с. 221].

Мувофиқи андешаи Т.В.Синюков, фарҳанги ҳуқуқӣ соҳаи муайяни фаъолияти инсон буда, арзишҳо, меъёрҳо, ниҳодҳо ва чараёнҳои гуногуни ҳуқуқиро дар бар мегирад. Маҳз фарҳанги ҳуқуқӣ бояд ба таври дахлдор тамоюли ҳуқуқии одамонро дар ҷомеаи мушаххас ташаккул диҳад ва ба танзим дарорад [10, с. 118].

Аз нигоҳи С.С.Алексеев, фарҳанги ҳуқуқӣ ҳолати шуури ҳуқуқӣ буда, ба он такмили қонунгузории мавҷуда, татбиқи амалии чунин қонунгузор, рушди ҳуқуқ ҳамчун арзиши муайяни иҷтимоӣ хос аст [1, с. 54]. Яъне, чунин хулоса ҳосил мешавад, ки фарҳанги ҳуқуқӣ сарвати ҳуқуқии ҳамаи ҷомеа аст.

А.Ф.Черданцев чунин мешуморад, ки фарҳанги ҳуқуқӣ мафҳуми мураккабу серпаҳлу буда, онро аз ду нуқтаи назар баррасӣ кардан лозим аст:

1) мувофиқи "тафсири васеъ", фарҳанги ҳуқуқиро инсон дар соҳаи ҳуқуқ эҷод кард, ки он худи ҳуқуқ, илми ҳуқуқшиносӣ, шуури ҳуқуқӣ ва монанди инро дар бар мегирад. Бинобар ин, сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ҳолати илми ҳуқуқшиносӣ, сатҳи коркарди санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ, волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқиро, ки хоси давлатанд, муайян менамояд;

2) мувофиқи "тафсири маҳдуд", фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи донишҳои ҳуқуқии аъзоёни гуногуни ҷомеа аст, чунки он ҳамчун муносибати эҳтиромонаи онҳо ба ҳуқуқ ва қонун дарк карда мешавад [11, с. 341].

Умуман, метавон гуфт, ки фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа кафолати муваффақияту рушди самараноки минбаъдаи давлат ва такмили муқаррароти қонунгузории миллӣ аст. Маҳз барои ҳамин фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа қисми таркибии ҳамагуна давлати пешрафта ба шумор меравад.

Марҳилаҳои муосири рушди давлати ҳуқуқбунёд бояд ба ҷараёни ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ вобастагии зич дошта бошад. Зеро маҳз ҳамин категория сифатнокии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро муайян менамояд. Мавҷудияти нигилизми ҳуқуқӣ ба ҷараёни ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва давлат таъсири манфӣ мерасонад. Фарҳанги ҳуқуқӣ замоне пурра ташаккул меёбад, ки агар аҳли ҷомеа қоидаҳо ва тарзу усулҳои онро ба манфиати ҷомеа ва давлат истифода барад. Маҳз он замон дар бораи фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи амалкунанда сухан гуфтан мумкин аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Алексеев С. С. Теория права. - М.: БЕК, 1995.
2. Балюк Г. И. Взаимосвязь правовой культуры и социалистической демократии. - Киев, 1984.
3. Бялт В. С., Демидов А. В. Разделение властей в историко-правовой мысли России // Ленингр. юрид. журн. - 2017. - № 1 (47).
4. Бялт В. С., Демидов А. В. Перспективы становления гражданского общества в Российской Федерации // Ленингр. юрид. журн. - 2017. - № 2 (48).
5. Венгеров А. Б. Теория государства и права. - М., 1998.
6. Каминская В. И., Ратинов А. Р. Правосознание как элемент правовой культуры // Правовая культура и вопросы правового воспитания. - М., 1994.
7. Немов Р. С. Психология: в 3 кн. Кн. 1: Общие основы психологии: учеб. для студ. высш. пед. учеб. заведений. - 5-е изд. - М., 2008.
8. Ромашев Р. А., Шукшина Е. Г. Правовая культура и правовой нигилизм в молодежной среде // История гос-ва и права. - 2006. - № 2.
9. Сальников В. П. Правовая культура. - М.: Наука, 2000.
10. Синюкова Т. В. Правовая культура // Теория гос-ва и права: курс лекций. Саратов, 1995.
11. Черданцев А. Ф. Теория государства и права. - М., 1999.
12. Шаповалов И. А. Некоторые теоретические аспекты формирования российского правосознания // Гос-во и право.
   2005. - № 4.


**САТОРОВА М.К., КАРИМЗОДА М.Б.**

## ХУСУСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВИЮ ҲУҚУҚИИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ҶОМЕА

Дар мақола хусусиятҳои назариявию ҳуқуқии фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, асри XXI давраи рушди ҷомеаи ҳуқуқӣ буда, фарҳанги ҳуқуқӣ дар чунин ҷомеа аҳамияти назаррас касб мекунад. Зеро фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи серпаҳлу буда, илова бар ин, барои дарку фаҳмиши он душвориҳои муайян мавҷуданд. Бешубҳа, фарҳанги ҳуқуқӣ ҷанбаи фарҳанги умумиинсонӣ аст. Он дар амалияи ҳуқуқ инъикоси худро пайдо карда, ба унсури асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт ва фарҳанги ҳуқуқии аҳли ҷомеаро фаро гирифт. Фарҳанги ҳуқуқиро ба сифати ҷанбаи дохилӣ ва маънавии ҳамаи низоми ҳуқуқии ҷомеа қабул кардан лозим аст. Маҳз ин намуди фарҳанг ба шуури ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун, фаъолияти гуногуни ҳуқуқӣ ва ғ. ворид шуда, дар он ҳузур пайдо мекунад. Андешае мавҷуд аст, ки маҳз ба воситаи фарҳанги ҳуқуқӣ ба суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа ва давлат ноил шудан мумкин аст.Имрӯз зимни тафсири фарҳанги ҳуқуқӣ бо як қатор мушкилиҳо дучор шудан мумкин аст, ки яке аз онҳо то ба ҳоло набудани фаҳмиши ягонаи категорияи “фарҳанги ҳуқуқӣ” аст. Дар аксарияти ҳолатҳо фарҳанги ҳуқуқӣ дар баробари дигар категорияҳои ҳуқуқӣ таҳлил карда мешавад, ҳол он ки консепсияи ягонаи фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамоно вуҷуд надорад.Марҳилаҳои муосири рушди давлати ҳуқуқбунёд бояд ба ҷараёни ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ вобастагии зич дошта бошад. Зеро маҳз ҳамин категория сифатнокии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро муайян менамояд. Мавҷудияти нигилизми ҳуқуқӣ ба ҷараёни ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва давлат таъсири манфӣ мерасонад. Фарҳанги ҳуқуқӣ замоне пурра ташаккул меёбад, ки агар аҳли ҷомеа қоидаҳо ва тарзу усулҳои онро ба манфиати ҷомеа ва давлат истифода барад. Маҳз он замон дар бораи фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи амалкунанда сухан гуфтан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** фарҳанги ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, педагогика, шартҳои педагогӣ, мактаб, синфҳои болоӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги иҷтимоӣ, нигилизми ҳуқуқӣ.

**САТОРОВА М.К., КАРИМЗОДА М.Б.**

## ТЕОРЕТИКО – ПРАВОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ ОБЩЕСТВА

В статье рассматриваются теоретико-правовые особенности правовой культуры общества. По мнению автора, XXI век является периодом развития правового общества, и правовая культура в таком обществе имеет большое значение. Поскольку правовая культура является многогранным явлением, кроме того, существуют определенные трудности для ее понимания.Несомненно, правовая культура является аспектом общечеловеческой культуры. Она нашла свое отражение в правоприменительной практике, стала ключевым элементом гражданского общества и восприняла правовую культуру общества. Необходимо принять правовую культуру как внутреннюю и духовную сторону всей правовой системы общества. Именно этот тип культуры способствует формированию правосознания, правоотношений, правопорядка, законности, различной правовой деятельности и т.д. Существует мнение, что именно через правовую культуру можно добиться социальной стабильности в обществе и государстве. На сегодняшний день существует ряд проблем в трактовке правовой культуры, одной из которых является отсутствие единого понимания категории «правовая культура». В большинстве случаев правовая культура анализируется наряду с другими правовыми категориями, хотя единого понятия правовой культуры до сих пор нет. Современные этапы развития правового государства должны быть тесно связаны с процессом формирования правовой культуры. Ведь именно эта категория определяет качество правовой жизни общества. Наличие правового нигилизма негативно сказывается на формировании правовой культуры в обществе и государстве. Правовая культура полностью сформирована, когда общественность использует ее правила и методы на благо общества и государства. Именно тогда можно говорить о правовой культуре как о рабочем явлении.

**Ключевые слова:** правовая культура, правовое сознание, правовое просвещение, правовое мышление, педагогика, педагогические условия, школа, старшеклассник, правовое воспитание, правовые знания, социальная культура, правовой нигилизм.

**SATOROVA M.K., KARIMZODA M. B.**

## THEORETICAL AND LEGAL FEATURES OF THE SOCIETY’S LEGAL CULTURE.

The article deals with the theoretical and legal features of the legal culture of society. According to the author, the 21st century is a period of development of a legal society, and the legal culture in such a society is of great importance. Since legal culture is a multifaceted phenomenon, in addition, there are certain difficulties in understanding it.Undoubtedly, legal culture is an aspect of universal culture. It has found its reflection in law enforcement practice, has become a key element of civil society and has adopted the legal culture of society. It is necessary to accept the legal culture as the inner and spiritual side of the entire legal system of society. It is this type of culture that contributes to the formation of legal consciousness, legal relations, law and order, legality, various legal activities, etc. There is an opinion that it is through legal culture that social stability in society and the state can be achieved. Today, there are a number of problems in the interpretation of legal culture, one of which is the lack of a common understanding of the category

"legal culture". In most cases, legal culture is analyzed along with other legal categories, although there is still no single concept of legal culture. Modern stages of development of the rule of law should be closely linked with the process of formation of legal culture. After all, it is this category that determines the quality of the legal life of society. The presence of legal nihilism has a negative impact on the formation of legal culture in society and the state. A legal culture is fully formed when the public uses its rules and methods for the benefit of society and the state. It was then that we can talk about legal culture as a working phenomenon.

**Keywords:** legal culture, legal awareness, legal education, legal thinking, pedagogy, pedagogical conditions, school, high school student, legal education, legal knowledge, social culture, legal nihilism

**Маълумот дар бораи муллифон: Саторова М.Қ.** – унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126. E-mail: *Ominajon-76@yndex.com* Телефон *939494049*

**Каримзода М. Б.** – номзади илмҳои филология, саркотиби илмии Академия таҳсилоти Тоҷикистон, суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 126. **Тел:.** (992) 900 85 35 35, **E.mail:** takmil-bbk@mail.ru

**Сведения об авторах: Саторова М.К.** – соискатель Института развития образования имени А. Джами, Академия образования Таджикистана. Адрес: г.Душанбе, улица Айни, 126. E-mail: Ominajon-76@yndex.com Телефон 939494049

**Каримзода М. Б.** - кандидат филологических наук, главный учёный секретарь Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 126. **Тел:.** (992) 900 85 35 35, **E.mail:** takmil-bbk@mail.ru

**Information about the authors Satorova M.K.** – applicant of the Institute of Education Development named after A.Jami Academy of Education of Tajikistan. Address: 126, Aini street, Dushanbe. E-mail: Ominajon-76@yndex.com Telephone: 939494049

**Karimzoda M. B.** - Candidate of Philology, Chief Scientific Secretary of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 126 C. Aini St.. tel:. (992) 900 85 35 35, E.mail: takmil-bbk@mail.ru

**ОКИМШОЕВА Р.**

## ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Раванди таълим гуногунҳаҷм ва гуногунпаҳлӯ буда он дар асоси принсипҳои асосии таълим амалӣ мегарданд ва ин принсипҳо дар раванди омӯзиш хеле умда дониста мешаванд. Дар зери мафҳуми принсипҳои таълим асосан он ҳолате, ки хусусияти раванди таълимро муайян мекунад, фаҳмида мешавад. Принсипҳои амиқи таълим асосан мазмуни таълим, мавод ва усули онро муайян менамоянд. Қобил ба зикр аст, ки худи мафҳуми "принсипи таълим" категорияи асосии методикаи пешниҳоднамудаи муҳақиқони хориҷӣ ба шумор наравад ҳам, дар ин маврид таҳқиқоти назаррасе аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ нисбатан камтар ба чашм бармехӯранд. Қобили қайд аст, ки аксар муҳаққиқон принсипҳои зеринро дар раванди таълим муҳим мешуморанд:

- принсипи когнитивӣ;
- принсипи майлу рағбати ботинӣ;
- принсипи психологии эҳсосотӣ;
- принсипи боварӣ ба неруи худ ;
- принсипи лингвистикӣ;
- принсипи дақиқ аз худ кардани забон;
- принсипи салоҳиятҳои коммуникативӣ[10].

Ҳам дар методикаи ватанӣ ва ҳам хориҷӣ байни муҳаққиқон роҷеъ ба таснифоти принсипҳо ақидаи ягона вуҷуд надорад. Умуман, аксари муҳаққиқон дар зери мафҳуми "принсипҳо" асосҳои дидактикӣ ва методҳои таълимро хотиррасон мекунанд. Зимнан, аз пешниҳодоти муҳаққиқони соҳа ва таҷрибаву мушоҳидаҳои солҳои охир равшан мегардад, ки беҳтарин усул дар таълими синфҳои ибтидоӣ методҳои коммуникативӣ ва интерактивӣ мебошанд. Дар дарсҳо ҷорӣ намудани ин усулҳо бояд ҳанӯз аз марҳилаҳои аввали таълим дар мактаб оғоз гардида, сипас дар донишкадаҳо такмил ёбанд.

Дар зери мафҳуми принсипҳои дидактикӣ ва таълимӣ муҳимтаринашон принсипи ***шуурнокӣ, фаъолнокӣ, мунтазамӣ, аёният, мустаҳкамӣ, фаҳмо будан*** ва ғайра фаҳмида мешавад. Дар шарҳи принсипи шуурнокӣ аз тарафи муҳаққиқон шарҳу эзоҳоти гуногун дода шудааст. Муҳимтарини он тавзеҳот ба ин маъно омадаанд:

1. Шуурнокӣ ин бошуурона муқоиса кардани мавзуи фанни таълимӣ бо мақсади воридшавии амиқ ба сохторҳои ҳар як фан мебошад.

2. Шуурнокӣ ин дарки назарияҳо ва маҳорат ва истифодаи онҳо дар амалия мебошад.

3. Шуурнокӣ фаҳмидани мазмуни нутқ мебошад. Дар ин самт маълумотро дар бораи мавзуъ дар асоси маводи таълимие, ки қаблан дар амалия аз худ карда шуда аст, ҷамъбаст намудан лозим аст.

4. Шуурнокӣ ин на танҳо фаҳмидани мазмуни нутқ, балки дарк кардани он дар раванди азхудкунии воҳидҳои таркибӣ ва истифода бурдани онҳо дониста мешавад.

5. Шуурнокӣ фаҳмидани зарурияти омӯзиш аст [10].

Шуурнокӣ ҳамчун принсипи васеъ дар татбиқи усули интенсивии таълим бештар истифода шуда, вобастакунии оптималии даркшаванда ва даркнашавандаро дар таълим нишон медиҳанд, мефаҳманд. Ин вобастакунӣ андозаи амалиёт ва фаъолияти босамар, бошууронаи омӯзгорон ва ширкати бошууронаи таълимгирандагонро дар раванди дарс, махсусан дар муоширати байни онҳо ва омӯзгор, дар бар мегирад.

**Принсипи фаъолнокӣ**.

Дар таълими синфҳои ибтидоӣ принсипи фаъолнокӣ аҳамияти назаррасро дорост, зеро азхудкунии мавзуъҳо, махсусан мавзуъҳо аз фаннҳои забони модарӣ ва хориҷӣ, танҳо дар он ҳолат имконпазир мегардад, ки таълимгирандагон дар омӯзиши забони таълимшаванда ва фаъолияти нутқӣ фаъол бошанд. Дар илми равоншиносӣ фаъолиятнокӣ ҳамчун хусусияти асосии раванди дарккунӣ ба шумор меравад. Фаъолиятнокӣ дар шароитҳои муайян ба вуҷуд меояд ва таълимгирандагон пеш аз ҳама бояд зарурияти омӯзиши мавзуъро дарк кунанд ва заминаҳои зарурии ин зарурияро доро бошанд.

Принсипи фаъолнокӣ дар асоси фаъолияти зеҳнӣ эҳсосотӣ ва нутқӣ амалӣ карда мешавад. Мо бар он ақидаем, ки принсипи фаъолнокӣ бештар дар асоси усули фаъоли таълим роҳандозӣ мегарданд. Татбиқи ин принсип дар раванди таълим зимни ҳамкориҳои омӯзгор ва хонандагон сурат мегирад. Бояд мутазаккир шуд, ки дараҷаи фаъолияти ин ҳарду иштирокчии раванд як хел нест. Нақши асосӣ ва пешбаранда дар ин ҷо ба омӯзгор тааллуқ дорад ва яке аз вазифаҳои муҳимми касбии ӯ хонандагонро ба фаъолияти маърифатӣ шавқманд кардан мебошад. Аммо, ин маънои онро надорад, ки донишҷӯён дар раванди таълим комилан ғайрифаъол боқӣ мемонанд Мухаққиқ Имомназаров Д. низ иброз доштааст, “дар раванди истифодаи технологияи нави таълим омӯзгор хонандагонро намеомӯзонад, балки амалиёти онҳоро раҳнамоӣ мекунад, ҳавасманд мегардонад ва ваҷд меорад, фаъолияти таълимииии хонандагонро ба танзим медарорад [6,.22]. Фаъолияти хонандагон дар ин росто дар азхудкунии мазмун, мундариҷа ва мақсадҳои таълим, ба нақша гирифтани кор ва ташкили он, санҷиши натиҷаҳои таълим зоҳир меёбад. Омӯзгор бошад, тибқи принсипи номбурда фаъолияти мазкурро бо роҳи ташаккули сабабҳои омӯхтан, истифодаи манфиатҳои маърифатӣ, майлҳои касбӣ, истифодаи усули инноватсионии таълим, ба монанди бозиҳои тиҷоратӣ, лоиҳасозӣ, мубоҳисаҳо, унсурҳои рақобат ва ғайра ҷорӣ менамояд. Дар татбиқи ин принсип, омӯзиш бештар бо тарбияи чунин сифатҳо, аз қабили меҳнатдӯстӣ, масъулият ва ғайра алоқамандии зич дорад. Чунончи, фаъолияти зеҳнии хонандагон бо аз тарафи омӯзгор гузоштани суолҳои душворҳал, ки онҳоро маҷбур месозанд фикр, таҳлил, муқоиса кунанд, ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳолат омӯзгор бояд тафаккури хонандагонро ба ҳалли масоили дар пеш гузошта равона намояд.

Муҳақиқ Имомназаров роҷеъ ба технологияи инноватсионии таълим сухан ронда, ибрози ақида намудааст, ки принсипҳои муҳимтарини усулҳои инноватсионӣ, ки онро гоҳҳо таълими фаъол ва дақиқтар усули ҳамкорӣ низ мегӯянд, аз инҳо иборат аст:

-имкони баробарӣ доштани омӯзгор ва хонандагон ҳангоми муҳокима, масалан, зимни баргузор гардидани дарсҳои лоиҳавӣ. Корҳои лоихавӣ як навъ шакли кӯмак ба хонандагон дар такрори мавзӯҳои гузашта ба ҳисоб меравад. Ҳангоми корҳои лоиҳавӣ, ки он асосан бо истифода аз усусли “Машварат” амалӣ мегарданд, хонандагон метавонанд баҳри пайдо кардани иттилооти зарурӣ маводи гузашта ва иловагиро мутолиа кунанд, онро муқоиса намоянд ва хулосаҳои зарурии худро пешниҳод созанд.

-ташаббускор ва омӯзонандаи ҳамдигар будани хонандагон;

-фароҳамгирии муҳити ҷустуҷуйӣ ва таҳқиқотӣ;

-таъмини муносибати фардӣ ва хайрхоҳона ба ҳар як хонанда;

-таъмини фаъолият дар гурӯҳҳо, кӯшишҳои якҷоя (ҳамкорӣ) дар раванди таълим ва ғайра [6,23-24].

Ин ҷо бояд мутазаккир шуд, ки дар заминаи амалӣ гардидани ин принсип фаъолияти эмотсионалӣ хеле муҳим аст, зеро собит шудааст, ки хонандагон нисбати вазифаи пешакӣ гузошта бетараф нестанд. Агар ҳиссиёти мусбӣ фаъолияти ботинӣ ва берунии

хонандагонро ба самти комёбиҳо равона намояд, пас ҳиссиёти манфӣ ба ин фаъолият монеъ мешавад. Аз ин рӯ, дар хонандагон инкишоф додани фаъолияти нутқӣ хеле муҳим мебошад. Ин танҳо дар сурате амалӣ мешавад, ки агар хонанда аз объекти омӯзиш ба субъект табдил ёбад. Чунончи, зимни муҳокимаи кори эҷодии хонанда бояд таҷриба ва истифодаи дониши гирифтаи ӯ дар амал татбиқ карда шавад. Яъне, хонанда зимни муаррифӣ кардани кори худ ва дигар хонандагон зимни муҳокима нутқи бурро дошта бошанд, дар талқини ақидаи худ ба худ бовар дошта бошанд, фикру дархостҳои радпазир ба талқин намудани фикри шахсии онҳо монеъ нашавад. Худро озод ҳис намоянд. Ин ҷо бояд қайд кард, ки вақти барои мавзуъ ҷудо намударо оқилона истифода бурдан лозим аст. Яке аз роҳҳои оқилона истифода намудани вақт зимни татбиқи методҳои фаъол ин истифода аз усулҳои гуногуни кор, яъне кори дастҷамъӣ, гурӯҳӣ, ҷуфтӣ, инфиродӣ ва синфӣ мебошад. Барои амалӣ намудани принсипи мазкур бояд дар ҳар як дарс ба хонандагон барои таҳлилу баррасӣ ва арзёбии ҷараёни азхудкунии малака имкон дода шавад.

**Принсипи аёният**. Ин принсип аз моҳияти раванди дарккунӣ, фаҳмидан ва ҷамъбаст кардани маводи таълим бармеояд. Дар зери мафҳуми аёният нишон додани маводи махсус таёркардашуда ва истифодаи он ба хотири аз тарафи хонандагон дарк кардани маводи таълим равона мегардад. Бояд қайд кард, ки зимни ҷорӣ намудани ин принси фаъолияти забондонӣ ё худ нутқии хонандагон хеле муҳим мебошад. Аксари муҳаққиқоне, ки ҷиҳати принсипи аёният изҳори ақида намудаанд, дидактикаи аёнияти забонро зимни омӯзиши фанҳо дар чунин шартҳо мебинанд:

1. Фаъолияти доимии нутқии хонандагон бо забони адабии модарӣ.
2. Нутқи муаллим дар рафти дарс.
3. Рӯзнома ва маҷаллаҳо.
4. Барномаҳои телевизиону радиоӣ, воридотӣ.
5. Маҳфилҳо.
6. Сабтҳои видеоӣ барои кори мустақилона.
7. Китобҳо барои хониши иловагӣ.
8. Шабнишинӣ ва дигар чорабиниҳо [1;2;6;8;10]

Ҳалли ин шароитҳо дар маҷмуъ муҳити таълимиро муҳайё месозад ва принсипи аёниятро таъмин менамоянд. Ҳамчунон ба сифати маводи иловагӣ истифода бурдани расмҳои сучетӣ, макетҳо (қолабҳо) ва диафилмҳо воқеан аёнияти таълимро муҳайё месозанд.

**Принсипи мукаммалгардонии (инкишофдиҳии) таълим**. Яке аз масъалаҳои калидии дидактика, ки аҳамияти калони методологӣ дорад, масъалаи таълим ва инкишофи он мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки раванди азхудкунии дониш ва намудҳои фаъолият бояд барои ҳамчун шахсият ташаккул ёфтани хонанда мусоидат намоянд. Маълум аст, ки омӯзиш доираи инкишофи хонанда буда, ӯро ба зиндагӣ дилгарм мекунад ва як қатор равандҳои ботинии хонандакро инкишоф медиҳад. Чуноне, ки муҳаққиқ Имомназаров Д. қайд мекунад, "татбиқи технологияи муосири таълим ба донишандӯзӣ, худомӯзӣ, худташаккулдиҳӣ муосидат карда, ба рушди тафаккури хонандагон таъсири мусбӣ мерасонанд" [6,24]. Ин ҷо боиси тазаккур аст, ки раванди ташаккул аз паси раванди таълим меояд ва байни инкишофи шахсияти хонанда ва донишомӯзии ӯ вобастагии амиқ вуҷуд дорад. Яъне, принсипи ташаккули ё худ инкишофдиҳии таълим дар асоси технологияи муосири педагогии таълим, ба вижа таълими "хонандамеҳвар", ки он ба ташаккули шахсияти хонандагон равона карда шудааст, ба роҳ монда мешавад. Тибқи назарияи муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла Виготский Л.С., Макарова А.И., Туронов С, Имомназаров Д. принсипи мазкур муайян мекунад, ки диққати асосӣ на танҳо ба мазмуни таълим(чиро омӯзонем?), балки ба раванди таълим(чӣ тавр меомӯзем?) равона карда шавад.[12, 44]. Принсипи ташаккули таълим дар низоми салоҳиятнокӣ муносибати асосӣ ба таълим маҳсуб меёбад.

**Принсипи дастрасӣ ва мувофиқати қобилиятҳо**. Тибқи ин принсип дастрасӣ ҳам ба интихоби маводи таълимӣ ва ҳам ба методика раванди дарсро таъмин менамояд. Мафҳуми амиқи ин принсип, пеш аз ҳама, дар интихоби ҷиддӣ ва босалоҳияти маводи таълимӣ зуҳур меёбад. Дар як вақт маводҳои таълимӣ, ҳам грамматикӣ, ҳам коммуникативӣ ва ҳам дидактикӣ, бояд ба имконияти донишазхудкунии хонандагон мувофиқ бошад. Принсипи мазкур кафолат медиҳад, ки таълим бо донишу маълумоти аллакай ғуншудаи хоандагон мувофиқат мекунад. Ин ҷо, ин нуктаро ба назар гирифтан низ лозим аст, ки таълим набояд хеле осон бошад, он бояд бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим дар сатҳи оптималии душворӣ бо дарназардошти манфиатҳо, таҷрибаи зиндагии

таълимгирандагон гузаронида шавад. Омӯзгор бояд ба хонандагони худ фаҳмидани ҳақиқатро таълим диҳад, онҳоро ба раванди фаъолияти ҷустуҷӯйӣ ҷалб намояд. Муҳаққиқ Я.А.Коменский дар атрофи ин принсип мулоҳиза ронда, маслиҳат медиҳад, ки дар раванди таълим бояд аз осон ба душвор, аз маълум ба номаълум, аз содда ба мураккаб гузашта шавад, набояд ба дӯши хонандагон маводи зиёдатӣ ва ба синну сол ва қобилиятҳои онҳо номувофиқ бор карда шавад [7,26].

**7. Принсипи устувории азхудкунии** донишҳо талаб мекунад, ки мундариҷаи таълим дар шуури шунавандагон муддати дароз мустаҳкам карда шавад, асоси рафтору фаъолияти онҳо гардад. Ин натиҷа танҳо дар сурате ба даст оварда мешавад, ки донишҷӯ аз ҷиҳати маърифатӣ фаъол бошад, дар сурати такрори мунтазами мавод мониторинги мунтазами натиҷаҳои таълим ва ченкунии онҳо таъмин карда шавад.

**8.Принсипи мустаҳкамкунӣ**. Ин принсип, пеш аз ҳама, дар он зуҳур меёбад, ки маводҳои ё худ маълумотҳои дар рафти таълим пешниҳодгардида дар хотири хонандагон ҳифз мегардад ва ҳар вақте ки зарур ояд, хонанда он маводро истифода карда метавонад. Яъне, принсипи мазкур талаб мекунад, ки мундариҷаи таълим дар шуури хонандагон ба муддати дароз мустаҳкам карда шавад ва асоси фаъолияти онҳо гардад. Ин натиҷа танҳо дар сурате ба даст оварда мешавад, ки агар хонанда аз ҷиҳати маърифатӣ фаъол бошад.

Татқиқот нишон медиҳанд, ки мустаҳкамкунии аз худ кардани мавод бо роҳҳои гуногун таъмин карда мешавад. Чунончи, возеҳу равшан ва бо обу ранг пешкаш кардани маводи таълимӣ, такрори маводи дарси гузашта дар дарси нав, истифодаи мустақилонаи маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагон, бештар таваҷҷуҳро на ба шахс, балки ба мазмун равона намудан боиси ҳифз намудани мавод дар хотира мегардад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае метавон омад, ки принсипҳои таълим бо ҳам зич алоқаманданд буда, яке дигареро пурра мекунад, бо ҳамдигар робита доранд, бинобар ин дар ҳамгироӣ истифода меёбанд. Вале ин ҷо бояд мутазаккир шуд, ки татбиқи принсипҳои дар боло номбаршуда дар заминаи истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шароити амалии низоми салоҳиятнокӣ мушкилиҳои худро дошта, як қатор вазифаҳои муайяни зерро низ ба миён мегузорад:

1. Баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон ва ташаккул додани тафаккури онҳоро таъмин бояд кард;

2. Барои ҳавасмандкунӣ ва далелнокии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ бояд шароит фароҳам овард.

3. Ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, фардикунонии раванди таҳсилот ва дар ин замина баланд бардоштани мақоми хонандаро бояд таъмин намуд.

Таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамчунон нишон медиҳад, ки барои ҷорӣ намудани принсипҳои номбаршуда ҳамчун муайянкунанадаи истифодаи методҳои фаъоли инноватсионии таълим мушкилиҳои муайяне ҷой доранд:

- дастрасӣ надоштани омӯзгорон ба адабиёти муосир ва таҷрибаи истифодаи технологияи муосири таълимии кишварҳои дигар.

- омодагии ҷиддӣ надоштани сарварон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ;

- аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд набудани роҳбарои шӯро, иттиҳодияҳои методӣ, зиёд будани сарбории омӯзгорон;

- суст будани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муҷаҳҳаз набудани синфхонаҳо бо аёният вва техникаи муосир;

- мушкилоти иқтсиодӣ дар таъмин намудани омӯзгорон бо адабиёти таълимии методӣ.(ниг. Имомназаров,саҳ.24).

## АДАБИЁТ:


1.Бабанский Ю.А. Оптимизация учебно-воспитательного процесса.-М.-Просвещение, 1982.-190 с.
2.Баранов С.П. Принципы обучения.-М., 1975
3.Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе. Дидактика современной школы/.зери тахрири В.А.Онщук-,К.1987.
4. Дидактика средней школы/.зери тахрири М.Н.Скаткина-М,1982, 310 с.
5. Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим:Масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ.-Душанбе 2018, 109 с.
6. Имомназаров Д. Технологияи муосири таълим-омили муҳими рушди тафаккур//Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2020,№1(29), -с.22-25.
7. Коменский Я.А. Великая дидактика. Маълумот г.ш. аз сайти биржаи Автор-24.: //https: /spravochnick.ru/pedagogika/principy_obucheniya/osnovnye_principy_obucheniya. Санаи муроҷиат 14.06.2021.

8.Макарова А.И. Принципы воспитальной системы Л.С.Выготс кого в орагнизации учебно-воспитательного процесса/А.И. Макарова.-Матн:бевосита: //Молодой ученый.-2012.-№8(43)-с.347-349-URL: https://moluch.ru/archive/43/5185/ санаи мурочиат: 16.06.2021).
9.Муносибати босалохият ба таълим(дастури методӣ). Душанбе: “Ирфон” 2018.-70 с.
10. Основные принципы обучения - Spravochnick.ruhttps://spravochnick.ru › osnovnye_principy_obucheniya. (Санаи мурочиат: 15.06.2021).
11. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии / Г.К. Селевко. - М., 1998. - 256 с.
12. Туронов С. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ. Душанбе, 2008,-126 с.

**ОКИМШОЕВА Р.**
**ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф принсипҳои асосии таълимро таҳлил намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки хусусияти муайякунандагии онҳоро дар татбиқи методҳои фаъоли таълим дар синфҳои ибтидоӣбарарсӣ намояд. Қайд карда мешавад, ки зери мафҳуми принсипҳои таълим асосан он ҳолате, ки хусусияти раванди таълимро муайян мекунад, фаҳмида мешавад. Муаллиф иброз доштааст, ки принсипҳои амиқи таълим асосан мазмуни таълим, мавод ва усулҳои онро муайян менамоянд.

**Калидвожаҳо:** принсипҳои таълим, технологияи инноватсионӣ, мазмуни таълим, мавод, хонанда, синф, усул, метод, таълим.

**ОКИМШОЕВА Р.**
**ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ ПРИМЕНЕНИЯ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ОБУЧЕНИЯ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ**

В данной статье автор анализирует основные принципы обучения и пытается рассмотреть их определяющие особенности при применении активных методов обучения в начальной школе. Отмечается, что понятие принципов обучения в основном означает ситуацию, определяющую характер образовательного процесса. Автор подчеркивает, что принципы углубленного обучения во многом определяют содержание, материалы и методы обучения.

**Ключевые слова:** принципы обучения, инновационные технологии, содержание обучения, материал, ученик, класс, метод, метод, обучение.

**OKIMSHOEVA R.**
**BASIC PRINCIPLES OF APPLICATION OF INNOVATIVE TEACHING TECHNOLOGY IN THE ELEMENTARY CLASSES**

In this article, the author analyzes the basic principles of teaching and tries to consider their defining features when using active teaching methods in primary school. It is noted that the concept of teaching principles basically means a situation that determines the nature of the educational process. The author emphasizes that the principles of advanced learning largely determine the content, materials and methods of teaching.

**Key words:** teaching principles, innovative technologies, teaching content, material, student, class, method, method, teaching.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Окимшоева Рухсора Суробовна - унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Суроға: ш.Душанбе, к. Айнӣ-126; тел.885894949.
**Сведение об авторе:** Окимшоева Рухсора Суробовна - соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами АОТ; адресс. Г.Душанбе, ул. Айни-126, тел.885894949.
**Information about the author:** Okimshoeva Rukhsora Surobovna - student of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami AOT; adress. Dushanbe, Aini-126 st., tel. 885894949

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

**И.ФАЙЗУЛЛОЕВА,**
**Р.НУРАҲМАДЗОДА**

# ТАШКИЛИ ДАРС-САЁҲАТ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ МУОШИРАТИИ ХОНАНДАГОН

Ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ин дараҷаи зарурии омӯзиши ҳар як забон маҳсуб меёбад. Бо ташаккули салоҳияти коммуникативӣ мутахассис малака ва маҳорати хондан, навиштан, тарҷума кардан ва муошират зиндаро фаро мегирад. Ташаккули салоҳияти коммуникативӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар салоҳиятҳо зинаи олии азхудкунии забон ба хотири муоишрати байнифарҳангӣ мебошад. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, низоми имрӯзаи таълим дар назди омӯзгор қабл аз ҳама вазифаи тайёр кардани шахсияти комили дар ҷомеа худро идора карда метавонистагиро гузоштааст, шахсияте, ки тавонад дар муошират байнифарҳангӣ бе монеа ширкат варзад. Ба ин хотир, дар муассисаҳои таълимӣ дар байни хонандагон ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ-муоширатӣ, ки дар худ ҳам салоҳияти забонӣ, ҳам иҷтимоию фарҳангиро фаро мегирад, вазифаи авалиндараҷаи омӯзгор маҳсуб меёбад. Албатта, бархӯрдор будан аз донишу маълумоти замонавии иҷтимоию маданӣ муҳим аст, зеро бе ташаккули он комилан ташаккул додани салоҳияти муоширатӣ, ҳатто дар сатҳи маҳдуд ҳам бшад, ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши фарҳанг ва забони миллати худ дар худ на танҳо ифодаҳои умумимаърифатиро таҷассум менамояд, балки ба инкишофи шахсият ва ҳавасмандкунии муҳассилин барои инкишоф ёфтан ҳамчун шахсият таъсир мерасонад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар раванди таълими забони модарӣ хеле қобили қабул аст. Зеро истифодаи мақсадноки онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои таҳлилӣ, таркибӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва фикрии хонандагон ба таври дилхоҳ мусоидат мекунад ва омӯзгорони зиёд имрӯзҳо аз он ба таври самарабахш истифода мекунанд [3,21].

Вале боиси таассуф аст, ки зимни диданҳо аз як қатор макотиби ҷумҳурӣ (як қатор муассисаҳои таълимии ноҳияҳои Хатлон, ҳамчунин баъзе мактабҳои пойтахт) аён гардид, ки омӯзгорон, аз ҷумлаи онҳо омӯзгорони забону адабиёт низ, аксаран, пурра бо методи анъанавӣ таълим медиҳанд. Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки хонанадагон малакаи хуби муоширатӣ бо забони адабии тоҷикӣ надоранд. Аслан, дар дарсҳо бо шеваи маҳалли зисти худ, ё худ забони гуфтугӯйӣ муошират менамоянд ва бояд таъкид кард, ки худи омӯзгорон низ дар ин сатҳ рафтор мекунанд ва ин хеле боиси таассуф аст. Бояд таъкид кард, ки таълими дарсҳо бо шеваи гуфтугӯйӣ ин хатари бузургтарин барои забони давлатӣ маҳсуб меёбад ва агар ин хатар пешгирӣ карда шавад, он гоҳ барои рушду такоммули забони адабии тоҷикӣ имконияти бузургтаре фароҳам омада, забони адабии тоҷикӣ на танҳо дар дохили кишварамон, ҳамчунон дар марзҳои дигари дунё зимни муошират ба ҳайси забони тоҷикии форсӣ мавариди омӯзишу истифода қарор хоҳад гирифт. Барои бартараф кардани ин хатар, аз назари мо, бо забони адабии тоҷикии давлатӣ муошират намуданро ба шаҳрвандон ҳанӯз аз синну соли мактабӣ ёд додан лозим аст. Ба ин хотир, омӯзгорони забону адабиёти тоҷикро лозим аст, ки ба системаи дарсии худ тағйирот ворид намуда, чуноне ки дар мақолаҳои пешин ёдрас намуда будем, ба усулҳои инноватсионии таълим, аз қабили **видеодарс**, **саёҳат-дарс**, **саҳна-дарс**, **мубоҳиса-дарс** ва ғайра бештар дар раванди таълими дасрсҳо рӯ оваранд.[11,117]. Саволе бармеояд, ки чаро гузаронидани чунин дарсҳо муҳим дониста мешаванд? Чунин шаклҳои дарс хусусияти муоширатӣ дошта, шавқу рағбати муҳассилинро дучанд мегардонанд ва мақсади аз бар кардани забони адабиро равшан менамоянд. Дар рафти чунин дарсҳо доираи таассурот ва ҷаҳонбинии хонандагон васеъ гардида, онҳо нисбат ба фарҳангу дигар арзишҳои милли худ бештар иттилооъ мегиранд ва эҳтиром зоҳир менамоянд[11]. Ҳамзамон чунин дарсҳо ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва маданию маърифатии онҳо, ки ин салоҳиятҳо омили асосии ташаккули шахсият маҳсуб меёбанд, мусоидат менамояд.

Ташкили **дарс-саёҳат** дар таълими забони тоҷикӣ барои ташаккул додани як катор салоҳиятҳо, аз қабили салоҳиятҳои зер, накши бориз доранд. **Дарс-саёҳат** яке аз намуди дарсҳои ғайрианъанавиеест, ки барои дар хонандагон ташаккул додани салоҳиятҳои

маърифатӣ аҳамияти хосса дорад. Дарс- саёҳат дар асоси ин усули фаъоли таълим ба роҳ монда мешавад. Ин гуна дарс хеле шавқовар аст ва шавқу рағбати забономӯзиро, на танҳо забони модарӣ, балки дигар забонҳоро низ дар хонандагон бедор менамояд. **Дарс-саёҳат** дар хонандагон малакаи гузаронидани экскурсияҳоро ташаккул медиҳад ва бояд гуфт, ки худи ин фаъолият аз мутахассис маҳорати волои забондонӣ, ба таври олӣ маълумот пешниҳод кардану эзоҳ додани ҳодисахои марбути саёҳатро талаб мекунад. Дар ин усули дарс хонандагон субъекти таълим мешаванд ва эҷодкорӣ нишон медиҳанд. Дар **дарс-саёҳат** муошират байни хонанда ва хонандагон, хонандагон ва омӯзгор сурат мегирад. Хонанда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки роҷеъ ба мавзуи ин дарс аз маводи иловагӣ истифода барад, ҷустуҷӯ намояд, аз иттилооти интернетӣ мавод пайдо кунад, яъне ин усул хонадагонро фаъол мегардонад, онҳо ба фаъолияти ҷустуҷӯйӣ мепардозанд.

**Дарс-саёҳат** ҳамзамон ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва маданию маърифатии хонандагон, ки ин салоҳиятҳо омили асосии ташаккули шахсият маҳсуб меёбанд, мусоидат менамояд. Муаррифӣ кардани ватани худ, фарҳангу адабиёти худ, осори гузаштагонро (масалан агар саёҳат дар осорхона бошад), табиати зебову набототу ҳайвоноти нодири марзи худро (агар ин дарс –сайёҳат вобаста ба табиат бошад) омӯзанд. Минбаъд дар оянда ҳамчун мутахассиси ягон соҳа метавонанд дар гуфтугӯйи тамддунҳо иштирок варзида, аз фарҳанг, таърих ва адабиёти миллати худ озодона муаррифӣ намоянд.

Чуноне ки болотар зикр ба амал овардем, моҳияти барпо намудани **дарс –саёҳат** ин дар хонандагон ташаккул додани салоҳияти муоширатӣ мебошад. Ин салоҳият ҳамчун салоҳияти калидӣ дар заминаи худ салоҳиятҳои зеринро дар хонандагон ташаккул медиҳад. Чунончи:

- ***ташаккули салоҳиятҳои арзишӣ***, ки таълимгирандагонро барои аз худ кардани арзишҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, арзишҳои ахлоқӣ тавассути фаъолияти шахсӣ равона менамояд;

- ***ташаккул додани салоҳияти маърифатӣ.*** Имкон медихад, ки хонанда дониш, таҷриба, ақидаҳои худ ва дигаронро дар раванди дарс ва минбаъд дар ҳолатҳои нави ҳаётӣ истифода барад:

***-ташаккул додани салоҳиятҳои фарҳангӣ***. Он барои фаъолона ба ҷодаҳои фарҳангу тамаддун ворид шудани насли наврас мусоидат менамояд. Имкон медиҳад, ки хонанда ҷаҳонбинии худро ғанӣ гардонад, сайъ кунад, ки дар атрофи худ ва дигарон як муҳити фарҳангӣ фароҳам оварад ва барои инкишоф додани ин муҳит аз усули гуногун истифода барад;

- ***ташаккул додани салоҳиятҳои муоширатӣ***. Он имкон мелиҳад, ки сатҳи ҷаҳонбинии хонанда васеъ карда шавад, маҳорати муколама карданро аз худ намояд;

- ***ташаккул додани салоҳияти кишваршиносӣ.*** Дар ин ҷода ба хонандагон лозим меояд, ки маълумоти кишваршиносиро ба ҷанбаъҳои ҷуғрофия, таърих, фарҳанги миллии худ ҷудо кунанд, ба ҳаёти ҷамъиятӣ, сохти давлатӣ, маориф, маишат, намудҳои миллии варзиш, урфу одат ва анъанаҳои кишвари худ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Ташаккул ёфтани ин салоҳият дар хонанда ҳамчун шаҳрванд малака ва маҳорати омӯхтану таҳлил намудани фарҳанги миллии худро ҳосил менамояд. Зеро дарки фарҳанги бегона бе донистани фарҳанги худ муяссар намегардад. Қобил ба зикр аст, ки корҳои эҷодӣ дар мавзӯъҳои кишваршиносӣ дар раванди омӯзиши забону адабиёт, таърих ва фарҳанги миллӣ дар якҷоягӣ бо мавзӯъҳои гуногун натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Матнҳои дорои хусусияти кишваршиносӣ дошта шавқу рағбати хонандагонр ба омӯзиши забону адабиёт, таърих ва фарҳанги миллӣ дучанд мегардонанд. Хонандагон бо ҳақиқати воқеии зиндагии мардуми худ ва кишвари худ шинос мешаванд, дониши иловагии геграфӣ, таърихӣ, маърифатӣ, маданӣ ва ғайраро аз бар менамоянд. Ташаккул ёфтани салоҳияти кишваршиносӣ ба хонандагон барои дар оянда мустақилона омӯхтани таърих фарҳанг, сохти сиёсӣ, ҳаёти ҷамъиятии миллати худ ва дигар миллату давлатҳо замина фароҳам меоварад.

- ***ташаккул додани салоҳиятҳои иҷтимоӣ-мутобиқшавӣ.*** Салоҳияти иҷтимоӣ ин хоҳиш ва қобилияти муошират, гуфтугӯ, яъне тамос гирифтан бо шахсони дигар мебошад. Намуди зоҳирии хоҳиши иртибот, яъне, тамос гирифтан бо мавҷудияти як қатор эҳтиёҷот, ангезаҳо, муносибати муайян бо ҳамсӯҳбат алоқаманд аст ва инчунин аз ҷониби худбоварии шахс муайян карда мешавад. Пайваст шудан ба муошират маҳоратест, ки аз ҳарду ҷониб талаб мекунад, ки вазъи иҷтимоиро идора кунанд[1]. .Ташаккул ёфтани

салоҳияти иҷтимоӣ-мутобиқшавӣ дар хонанда маҳорати ҳал кардани мушкилоти зиндагиро таъмин менамояд, барои аъзои фаъоли ҷомеа шудан кӯмак мекунад

***- ташаккул додани салоҳиятҳои психотерапевтӣ.*** Психологҳо, педагогҳо имрӯз дар он ақидаанд, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ дар таълим бояд талаботи шахс ва шавқу рағбат ва мақсаднокиро дар мадди аввал гузошт. Зеро маҳз мақсаднокӣ фаъолияти муайяни интихоби восита ва усулҳоро барои ба мақсад расидан муҳайё менамояд [2.3,7,11,12]. Саёҳат ин худ як фаъолияти фориғболист. Хонанда дар раванди иштирок дар чунин дарс кӯшиш менамояд, ки мавзӯи барои бурдани саёҳат интихобкардаи ӯ қобили қабули дигарон бошад, ҳамсабақҳои ӯро фориғбол намояд ва аз саёҳати ташкилкардаи ӯ ҳамсабақонаш як таассуроти пур аз эҳсосоти хуш пайдо намоянд.

**- ташаккул додани салоҳияти ба касб равонакардашуда**. Имкон медиҳад, ки насли наврас хеле барвақт дар бораи касбу кор тасаввурот пайдо кунад, хавфи нодуруст муайян кардани самти меҳнати касбии худро бартараф созад. Барои дар оянда муайян кардани самти фаъолияти касбии худ эътимод дошта бошад.

Пас, бармеояд, ки ташаккули салоҳияти муоширатӣ дар дарсҳои забону адабиёти тоҷик бо мақсади дуруст аз худ кардану истифода бурдани забони адабии тоҷикӣ, ҳамчунон таълим, тарбия ва инкишофи шахсияти хонанда раҳандозӣ мегардад ва ин дарсҳо бояд дар ҳамгироӣ бо дигар фанҳо (масалан, зимни барпо намудани дарс-саёҳат бо фанҳои ҷуғрофия, таърих, адабиёт) ба роҳ монда шаванд.

Ташаккули салоҳиятиҳои муоширатии хонандагон дар раванди дарс-саёхат барои инкишофи маданияти нутқ, ба мисли грамматика дар омӯзиши забон, муҳим аст, зеро нутқи саҳеҳу бомантиқ асоси ҳамдигарфаҳмии ҳамсуҳбатон мебошад. Дар ин ҷодда ба хонандагон омӯхтану инкишоф додани маҳорати озоду саҳеҳи сухан кардан бо забони адабии модарӣ вазифаи асосии омӯзгори забону адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад.

Ба ҳамин тариқ, табиқ намудани Дарс-саёҳат ҳамчун методи фаъол раванди фикрронии хонандагонро инкишоф дода, онҳоро мунтазам ба ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ талқин менамояд ва барои ташаккул додани салоҳиятҳои муоширатӣ, малака ва маҳорати бо забони адабӣ равшану возеҳ ва пурмазмун баён кардани фикри худ мусоидат менамояд.

Дар фароварди ин мақола иброз доштанием, ки забони адабии тоҷикӣ иқтидори бузурги илмиву луғавиро дар ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дорад ва омӯзгорони забону адабиёти тоҷик бояд барои пешрафти мунтазами ин забони хеле пурғановату зебо кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар ин ҷода, онҳоро мебояд барои ташаккул додани салоҳиятҳои муошритаии хонандагон аз усули фаъоли ғайрианъанвӣ бештар истифода баранд. Зимни таҳияи дарсҳои забони тоҷикӣ бештар ба истифодаи технологияи инноватсионии таълим такя намоянд. Дар раванди истифодаи технологияи инноватсионӣ, махсусан дар раванди гузаронидани дарс-саёҳат аз ҳуҷуми фикрӣ (ангезиши зеҳн), мубоҳисаҳои гурӯҳӣ, харитаи андешаҳо, таҳқиқи матн, сарчашмаҳо ва маводҳои таърихиву фарҳангӣ ва кишваршиносӣ бештар истифода баранд (ниг.Имомназаров Д.). Истифода аз маводи хусусияти лингвистӣ-кишваршиносӣ, лингвистӣ-фарҳангӣ дошта фишанги муқтадирест барои афзоиши шавқу рағбати хонандагон барои ба таври олӣ аз бар кардани забони модарӣ ва дар пояи рушди он омӯхтани забонҳои дигар. Бинобар он, дар вақти таълим ба андозаи зиёд истифода намудани маводи дорои чунин хусусиятҳо натиҷаи судманде дода, дониши лексикаи кофии забон, лексикаи илмӣ ва маълумот роҷеъ ба мафҳумҳо оид ба тахассус, маҳорати ширкат дар баҳсу муколамаҳо дар мавзуи касбӣ, малакаи дарки муколама ва монолог дар мавзуъҳои гуногун, малакаи нутқи оммавӣ, маъруза кардан ва дар маҷмуъ салоҳияти муоширатии хонандагонро дар самтҳои гуногуни забондонию фарҳангшиносӣ ташаккул медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Быстрова, Е.А., Львова, С.И., Черепанова, Л.В. Коммуникативная культура. От коммуникативной компетентности к социальной ответственности/онлайн-библиотека litmir. net /(санаи мурочиат 5.01.2021.).
2. Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ.-Душанбе, 2018. 102 с.
3. Имомназаров Д. Технологияи муосири таълим-омили муҳими рушди тафаккур./ Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №1(29)-с.21.
4. Лутфуллозода М. Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳият ва ташаккули онҳо. Душанбе, 2017, 85с.
5. Образцов П.И. Ахулкова А.И., Черниченко О.Ф. Проектирование и конструирование профессионально-ориетированной технологии обучения. Орел, 2005.

6. Полат Е. С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования. М. : Владос, 2003.
7. Польдяева О. В. Возможности технологии «Дебаты» // Школьные технологии. 2007. № 1. С. 89-92.
8. Попова Н.Е. Формирование компетенций учащихся через игровые методы обучения. http://zmj.zsmu.edu.ua/ article/view/19111. (санаи мурочиат22.01.2021).
9. Соловова, Е.Н. Задачи языкового образования в русле глобальных реформ/ Е.Н. Соловова // Первое сентября, 17/2005.
10. Туронов С. Муносибати босалҳият дар таҳсилоти касбӣ.Душанбе, “Ирфон” 2015, 173 с.
11. Файзуллоева И . Ташкили дарс-мусоҳиба дар раванди таълими забон ва адабиёти тоҷик. /Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №2 (34)-с116-129.
12. Хуторский А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования / А. В. Хуторской; под ред. Ю. А. Дика, А. В. Хуторского. - М.: ВЛАДОСС, 2002. - С. 135-157.



**И. ФАЙЗУЛЛОЕВА, Р. НУРАҲМАДЗОДА**


## ТАШКИЛИ ДАРС-САЁҲАТ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ МУОШИРАТИИ ХОНАНДАГОН


Дар мақола муаллиф роҷеъ ба ташкили дарс-саёҳат дар дарсҳои забони тоҷикӣ сухан ронда, кӯшиш ба харҷ додаст, ки аҳамияти ин усулро дар ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагон нишон диҳад. Муаллиф иброз доштааст, ки мақсади барпо намудани **дарс–саёҳат** ин дар хонандагон ташаккул додани салоҳияти муоширатӣ мебошад ва ин салоҳият ҳамчун салоҳияти калидӣ дар заминаи худ салоҳиятҳои арзишӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ, кишваршиносӣ, салоҳиятҳои иҷтимоӣ-мутобиқшавӣ, салоҳиятҳои психотерапевтӣ, салоҳияти ба касб равонакардашударо инкишоф медиҳад. Муаллиф ҳамчунон зикр мекунад, ки дарс- саёҳат дар асоси усули фаъоли таълим ба роҳ монда мешавад. Ин гуна дарс хеле шавқовар аст ва шавқу рағбати забономӯзиро дар хонандагон бедор менамояд. Дарс-саёҳат дар хонандагон малакаи гузаронидани экскурсияҳоро ташаккул медиҳад ва дар чунин дарсҳо хонандагон ҳамчун субъекти таълим эҷодкорӣ нишон медиҳанд.



**Калидвожаҳо:** дарс–саёҳат, ташаккули салоҳиятҳо, муошират, салоҳиятҳои муоширатӣ, забони тоҷикӣ, маҳорат, малака, ташаккули шахсият, маводи лингвистӣ-кишвршиносӣ.



**И.ФАЙЗУЛЛОЕВА Р. НУРАҲМАДЗОДА**


## ОРГАНИЗАЦИЯ УРОК-ЭКСКУРСИИ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ТАДЖИКСКОМУ ЯЗЫКУ И ЕГО МЕСТО В РАЗВИТИИ КОММУНИКАТИВНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ


В статье авторы рассказывая об организации урок-экскурсии в процессе обучения таджикскому языку, попытались показать значение этого метода в формировании коммуникативных компетенций учащихся. Они подчеркивает, что целью урока-экскурсии является развитие коммуникативной компетенций учащихся, на основе которого формируется ценностной, просветительной, культурологической, географической, профессионально-ориентировачные компетеции. Авторы также отмечают, что урок-экскурия является активным методом обучения. Этот метод развивает мышления учащихся, регулярно побуждает их к творческим занятиям, а также развивает у них навыки проведения экскурсий.



**Ключевые слова:** урок-экскурсия, формирование компетенций, коммуникативность, коммуникативные компетенции, таджикский язык, умение, навыки, формирование личности.



**FAIZULLOEVA I., R. NURAHMADZODA**


## THE ORGANISATION OF LESSON-EXCURSION IN THE COURSE OF TRAINING TAJIK LANGUAGE AND ITS VALUE IN DEVELOPMENT COMMUNICATIVE COMPETENCE OF PUPILS


In article the authors is telling about the organisation of lesson-excursion in the course of training to the Tadjik language, also the authors has tried to show value of this method in formation communicative competence of pupils. The authors underlines that the lesson-excursion purpose is development communicative competence of pupils on which basis it is formed valuable, educational, cultural urological, geographical, is professional-orientirovachnye competence. The authors also notices that the lesson-excuria is active methods training. This method develops thinking of pupils, regularly induces them to creative employment, and also develops at them skills of carrying out of excursions.



**Keywords:** a lesson-excursion, formation competence,communcative, communicative the competence, tajik language, ability, skill, formation of the person.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Файзуллоева Иноят** ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126.
**Нураҳмадзода Роҳила** – унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. E-mail: rohila@mail.ru.
**Сведение об авторе: Файзуллоева Иноят** ведущий научный сотрудник Института развитии образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Айни-126.
**Нураҳмадзода Роҳила-** соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, E-mail: rohila@mail.ru.
**Information about the author**: **Faizulloeva Inoyat** - leading researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini-126 st.
**Nurahmadzoda Rohila** - postgraduate of Institute of Development of Education named after A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, E-mail: rohila@mail.ru/

**РАМАЗОНОВА Р.**
**САЛИМОВА Д.Н.**

## АҚИДАИ МУТАФАККИРОН ОИД БА ПАЙДОИШИ ЛАКНАТЗАБОНӢ ВА ИСЛОҲИ ОН

Инсонҳо дорои шахсиятҳои мутафовуте мебошанд, ки тахти таъсири ирсият ва муҳитҳои гуногун қарор доранд. Истифодаи такаллум ва забон низ дар равобити иҷтимоӣ ва дар натиҷаи сохти шахсият бисёр муассир бошад. Зеро забонро метавон гузаргоҳе ё дарвозае донист, ки фикри одамро ба амали ӯ муоширaт медиҳад. Муошират забони мо фақат ба худамон маҳдуд намешавад, балки забони мо як васила муоширатии муҳим бо дигарон низ мебошад, ки ин забони муошират шаклҳои гуногун дорад. Дар ин муошират ҳам аз забони гуфторӣ ва навишторӣ ва ҳам аз забони ҳаракату ишорот истифода мекунем.

Инсоне, ки аз назари иҷтимоӣ аз ҷумла бо лакнати забон бо дигарон мушкилӣ мекашад ва ё усулан, қодир ба эҷоди муошират бо дигарон нестанд ва касоне, ки фоқиди абзору техникаҳои муошират назири забон мебошанд. Дар ин абзорҳо ва техникаҳои муошират нуқтаҳои заифию мушкили вуҷуд дорад, дар шахсияташон низ бисёр муассир воқеъ мешавад. Бинобар ин, шахсоне, ки дучори лакнати забон ҳастанд, ин нуқсонашон боиси латмаҳое (лакнат) ба шахсияти онҳо мешавад, ки гоҳе баъзе аз хусусияти шахсиятӣ, мисли хиҷолат ё набудани эътимод ба нафс ва ғайра низ дар лакнати забон муассир воқеъ мешавад ва гоҳе таъсири мутақобил рӯйи ҳамдигар мегузоранд[3, с.67].

Асоси невротикии лакнат аввалин бор дар таҷзияву таҳлили он дар солҳои 1913-14 мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Беҳтарин мутолиоти анҷомшуда дар мавриди шахсияти шахси мубтало ба лакнати забон аз тарафи Бендер коркард гаштааст. Ӯ аз феҳрасти шахсиятии В. Ричордсон барои 249 мавриди лакнатии забон истифода кард ва гароиши невротики бештаре дар ашхоси лакнатӣ аз гурӯҳи тадқиқот дида шуд. Онҳо бештар дарунгаро, камтар фармонраво, дорои эътимод ба нафси камтар ва камтар иҷтимоӣ буданд. В.Риҷордсон низ дар таҳқиқоти худ шахсияти лакнатзабонро дар муқоиса бо ғайрилакнатӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ бештар дарунгаро, афсурда ва камтар хушҳол ёфт [1, с.346].

Бемориони мубтало ба лакнати забон аз нуқсони худ ранҷ мебаранд, гӯшагирӣ ихтиёр карда, худро пинҳон мекунанд ва дар бозиҳо ва тафриҳ ширкат намекунанд, ки ҳамин ранҷу нигаронӣ боиси лакнати забон мешавад.

Натанҳо рушди авотиф ва рушди шахсият бо рушди забон марбут аст, балки чигунагии зиндагии иҷтимоии мо бо рушди забонии мо дар робита аст.

Забон яке аз бузургтарин дастовардҳои башарӣ аст ва шояд аҳамияти он беш аз тамоми ихтирооту кашфиёт бошад.

Иқтисоби забон бо зиндагии башар омехта аст бо он ки ҳайвонот ҳам воҳиди низомҳои муошират ҳастанд. Лекин танҳо одамиён тавонистаанд бо болотарин нафъ низоми муошират, яъне сухан гуфтан, даст занад. Забон нақшҳои мутааддаде барои башар ифо мекунад. Забон башарро ба тавоноии тафоҳум ва муошрати иҷтимоӣ бо ҳамнавъи худ таҷҳиз мекунад, ӯро қодир месозад, ки фарҳанги худро зи насле ба насли дигар мунтақил кунад ва гардунаи муносибате барои андешаҳояш дар ихтиёр дошта бошад.

Такомули иҷтимоии инсон аз тариқи ҷомеа мунтақил мешавад ва танҳо василае, ки барои ин интиқол дар ихтиёр дорад, забон аст. Он чӣ мо имрӯз ба номи тамаддун ва

фарҳанг аз он бархурдорем, дар натиҷаи ҳазорҳо қарн омезиши инсон бо табиат анбошта шуда ва як ҷо дар ихтиёри мо қарор гирифтааст.

Инсон дар тули ҳаёти хеш ҳамвора бо мушкилоте фаровон ва бисёр печида мувоҷеҳ мегардад ва ногузир аст, ки ба ҳар тартиб барои онҳо роҳиҳалҳое биёбад. Аз миёни ҳамаи ин мушкилот ҳеҷ мушкиле амиқтар, печидатар ва хусусан пурибҳомтар аз падидаи забон нест. Кӯдак зарфи муддати бисёр кутоҳ забони модарии худро ба кумаку дастгирии волидайн ва атрофиён фаро мегирад. Барои баёни хеш бо фаҳмидани гуфтори дигарон бо корои тамоми аз он истифода мекунад.

Файласуфон, уламо ва донишмандон аз қадимулауйём то ба имрӯз пиромуни куллияи падидаҳои олами ҳастӣ ба тафаккур, тафаҳҳус ва озмоишҳои ҳамаҷониба пардохта ва осоре азим ва арзанда дар тамоми заминаҳо арза намудаанд, то он ҷо, ки мустақиман ба забон марбут мегардад. Аммо алорағми халқи осоре бисёр азим, дар тамоми ин заминаҳо тайи 25 асри талоши фикрии бевақфаи соҳибназарони тоза пас аз интишори китоби Чомаскӣ дар соли 1957 бо навмедии тамом ба ин натиҷаи дарднок расидаанд, ки: «Мо ҳанӯз аз моҳияти забон ба таври хам ва механизмҳои асосии нозир бар фарогирӣ ва тавлиди он шинохти дурусте надорем, зеро забон аз чунон соҳаҳои фаровони дар ҳам ёфтае бархурдор аст, ки мунҳасир сохтани таваҷҷуҳ ба яке аз ин соха ба унвони танҳо омили муассири монанди гузашта, ҳаргиз корсоз нест. Бояд тамоми соҳаҳои забонро ба таври ҳамоҳанг ба сурати як маҷмуаи кулл дар баррасиҳо ба ҳар як аз маҷмуаи соҳаҳои зер дар бофти куллии забон таваҷҷуҳ кунем.

1. **Соҳаҳои** ҷисмӣ- равонӣ ё риштаҳои равоншиносӣ;

2. **Соҳаҳои** фарҳангӣ -иҷтимоӣ ё риштаҳои ҷомеашиносӣ;

3.**Соҳаҳои** сохторӣ - маъноӣ ё риштаҳои забоншиносӣ [2, с.309]. (Чи

Сабаби пайдоиши лакнати забон, тибқи таърихӣ даврахои пеш мавриди таваҷҷуҳ будааст. Арасту бовари дошт, ки кутоҳ ва кулуфт будани забон метавонад иллати асосӣ бошад ва то нимаи асри нуздаҳум низ шахси мубтало ба лакнати забон мавриди амали ҷароҳӣ қарор мегирифтанд ва ин ҷароҳиҳо ғолибан муҷиби шадидтар шудани лакнату алалин (яке аз нуқсони нутқ) гардидани фард мешуданд.

Вандал Ҷонсон, як равоншиноси амрикоӣ, бар асоси таҳқиқоте, ки дар ин замина сурат гирифта, асари эчод намудааст. Дар ин асар иброз гардидааст, ки иллали лакнати забон аз даврахои кадим мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад [5, с.57].

Лакнати забон зоидаи номутобиқ дар дастгоҳи санъати суханвари ва равонии инсон ва чун ҷомеа ҳамвора соҳиби тафаккур ва эҳсосот будааст. Аз ин назар ин бемориро метавон бидуни шубҳа бо қадре таҳқиқ ҳамзамон бо пайдоиши башари аввалия низ ба кафо барад. Бо вуҷуди ин номутобиқ боиси аксуламалҳое дар шахс мегардад, ки аз ҳамон овони пайдоиши тиббу фалсафа донишмандон ҳар замон дар сабаби ёфтани илоҷ ба манзури ислоҳ ин номутобиҳ будаанд.

Яке аз падидаҳои ин беморӣ гӯшагирии шахси лакнат дошта аст ба тавре ки намехоҳад бо дигарон муоширaт дошта бошад ва иллати ин гӯшагирӣ ҳисси нотавонӣ аст. Ҳамин нотавонӣ сабаби нороҳатии бештари бемор мешавад ва дар натиҷа мумкин аст ҳар рӯз бар миқдори  номутобик афзуда гардад. Вуҷуди ин нуқсон низ сабаби махфӣ мондани бисёре аз истеъдодҳо аст. Масалан фарди наққоше чун дар изтиробу нигаронӣ ба сабаби бемори ба сар мебарад, наметавонад барои шиносондани худ ба дохили иҷтимоъ биравад ва худро ба дигарон шиносонад, аз мардум ақиб мемонад ва чӣ бисёр истеъдодҳое аз ин қабил, ки дар тайи қурун ва асрҳо ношинохта боқӣ мондааст.

Таҳқиқоти донишмандон дар аввали тамаддуни инсонӣ ба ин натиҷа расид, ки лакнати забон мумкин аст ба иллати узвӣ дар қисматҳои мухталифи дастгоҳи такаллуми инсон буда ва ё сабаби он нуқсони системаи асаби марказии шахс ба вуҷуд меояд.

Ин фарзия асрҳо мавриди қабули чомеа буда, то ин ки тағийроти олимон дар асри нуздаҳум таҳаввулоти ҷадиде дар шинохти иллати аслии лакнати забон пеш омад. Муҳимтар ин ки таҳаввулот мардуди (рад кардани) шинохтани фарзияи нуқсонии узв буд. Чун дар озмоишгоҳӣ дида шуд, шахси мубтало ба лакнати забон кучактарин айбу нуқсоне дида намешавад ва ба ҳамин далел вуҷуди ин бемориро падидае аз як нороҳатӣ дар силсилаи асобашон доштанд. Дар натиҷаи тадқиқот мутолиот ва баррасиҳои донишмандоне чун Касо Мойул, Готман, Сикорский ва ғайра дар охири асри нуздаҳум ин фарзия ҳосил шуд, ки лакнати забон як падидаи асабӣ аст. Тибқи навишта ва осори ин донишмандон ин номутобик дар силсилаи марказии асаб бар рӯйи қувваҳои муҳаррикаи нутқ асар мегузорад. Ба тавре ки ҳамоҳангӣ дар қувваи муҳаррика сабаби сарзаниш кардан

мешавад ва дар миёни ҷараёни сарзаниш кардан ногаҳон ҳолоти сукун ва сакта ба вуҷуд меоварад. Ба таври куллӣ ин фарзия мавриди қабули олимони асри 19 ва аввали асри 20 қарор гирифт. Аммо ҳанӯз ихтилофот дар ин, ки номутобиқи аввалия дар дастгоҳи марказии асаб ҳосил мешавад, мавҷуд аст[6, с.35].

Генфанр Фаршлс пас аз омӯзиш ва таҳқиқот ба чунин хулоса меояд, ки лакнати забон бештар ба физиологияи асабҳо марбут аст ва шояд баъзе аз нуқсони нутқ дучори фалаҷ шуда, боиси сакта ва лакнат дар гуфтугӯ мешавад. Вале муҳаққиқи дигар иброз менамоянд, ки лакнати забон худ як бемории асабӣ (невроз) аст [4; с28].

Аз ҷойе, ки забон дар воқеъ ба таври печидае ба тамоми омили марбут ба иҷтимоъ ва ҳуш вобаста аст, имкон дорад кӯдакон ба душвориҳои забон дар ҷанбаҳои гуногуни дигар низ дучори мушкилот шаванд. Медонем, ки бахше аз пояҳои хондан, навиштан, ҳисоб ва ҳамчунин усулу шеваҳои шинохта чун тамрину такрори шаклгирии мафҳумҳоро забон ташкил медиҳад. Дар мавриди робитаи иҷтимоӣ таҳқиқоти низомдори андаке сурат гирифтааст ва натиҷае ба даст омада ҳам созгории хуб ва ҳам заъиф, яъне ҳар дуро нишон медиҳад (Брайн 1975, Вайнер, 1980). Имкон дорад дар мавриде, ки кӯдак аз ҷониби дигарон мавриди бемеҳрӣ ва тард қарор гирифтааст, метавон мушкилоти иҷтимоӣ-отифии вайро пешбинӣ кард. Аммо аз онҷо, ки кӯдаки мубтало ба номутобиқи забон бамавқеъ наметавонад ба шоистагӣ робита барқарор кунад, равобити иҷтимоии вай низ ба гунае дақиқу зариф осеб мебинад [6, с.72].

Лакнати забон номутобики такаллумӣ аст, ки ғолибан бо фишори отифии шадид тавъам аст ва мӯҷиботи адами парвариши кофии забонро фароҳам месозад. Кашфи иллали бурузи лакнати забон аз муддатҳо пеш мавриди таваҷҷуҳ будааст. Арасту муътақид буд, ки кӯтоҳ ва кулуфт будани забон метавонад иллати асосӣ бошад ва то миёнаи асри нуздаҳум низ шахси мубтало ба лакнати забон мавриди амали ҷароҳӣ қарор мегирифтанд ва ин ҷароҳиҳо ғолибан муҷиби шадидтар шудани лакнат ва алил гардидани фард мешаванд.

Вендал Ҷонсон, як равоншиноси амрикоӣ, бар асоси таҳқиқоте, ки дар ин замина сурат гирифта асари баарзише мунташир сохтааст. Ин асар муҷиб шудааст, ки иллатҳои лакнати забон беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад [5, с.128]. Карл

Аксари муроҷиъини марказҳои гуфтордармониро барои дармони лакнатшахси байни 12 то 30 сол ташкил медиҳанд ва бештари онон мард ҳастанд, дар ҳоле, ки ин номутобик ба таври маъмул аз сини қабл аз мактаб ё солҳои аввалияи мактаб оғоз мегардад. Вале ба иллати адами огоҳии умумӣ, хушбинӣ ва интизори беасоси волидайн дар мавриди беҳбудии худ ба худӣ беморӣ, ин номутобик то синини навҷавонӣ ва бузургсолӣ идома меёбад, сине, ки шахсе алкан дар асари бархурди бештар бо ҷомеа ва адами тавоноии худ дар барқарории муоширaт бо дигарон пайбурда ва дарсадади рафъи он бар меояд.

Лакнати забон мутмаинан ба авомили ирсӣ-иҷтимоӣ-равонӣ вобастагӣ дорад, вале хеле аз ҷанбаҳои он ҳанӯз ошкор карда нашудааast. Норавоии гуфтор аксаран дар тӯли синни аз 2 то 5 солагӣ ва бахусус дар писарҳо иттифоқ меафтанд. Дар ин даврон аксари кӯдакон ба таври табиӣ дорои норавоии гуфторӣ мебошанд, вале дар асари авомили иҷтимоӣ ва равонии номусоидин норавоии гуфтор мумкин аст он қадар идома ёбад, ки ба як норавоии воқеӣ табдил гашта, ба сурати лакнати забон дарояд.

Дар ин даврон тавсияи аксарияти пизишкон ин аст, ки волидайн масъалаи норавоии гуфтори кӯдаконро нодида бигирад ва ба он вақъе нанҳанд. Бояд ба волидайн кӯмак кард, то дарёбанд, ки норавоӣ марҳилаи табиии рушди гуфтор аст ва бояд бо кӯдак ба таври табиӣ бархӯрд кунанд, ба суҳбати фарзанди худ бидуни ин, ки ӯро ба таъҷил водоранд, бо алоқа ва диққат гӯш фаро диҳанд, кӯдакро ба такрор, он чӣ, ки гуфтааст, водор накунанд ва ё аз ӯ бихоҳанд, ки орому бидуни аҷала суҳбат кунад. Равиши комилан нодурусте аст, ки волидайн ба фарзанди худ дар гуфтани вожае, ки баёни он нуқсон дорад, кумак кунанд ва ё ҷумларо ба ҷои ӯ тамом кунанд. Норавоии бархе аз кӯдакон ба ҳангоми асабонияти хушунати падару модар ё ихтилофоти шадиди хонаводагии бадтар аз пеш мегирад. Кӯдаконе, ки дар тамоми муддати рӯз бо онҳо зиёд суҳбат мешавад ва достонҳо ва ҳикояти барои онҳо нақл мешавад ва ҳамчунин ба онҳо исрор мешавад, ки ҳарф бизананд ва он ҳикоётро такрор ва ё нақл намоянд. Махсусан, бештар дар ин кӯдакон нуқсони нутқ тезтар ислоҳ хоҳад гашт. Бояд кӯдак ин фурсатро дошта бошад, ки озодона бо соири кӯдакон ва ё асбоб бозиҳояш бозӣ кунад, бидуни ин ки мавриди муоишарт бо дигарон ё бозичаҳои худ дошта бошад [2, с.234].

Набояд интизор дошт, ки норавоии гуфтори кӯдак фавран ва ногаҳон хубшуда ва балки бартараф гардад. Балки гоҳе беҳбудӣ чандин моҳ ба тул меанҷомад ва дар тай ин муддат гоҳе бадтар ва замоне беҳтар шавад.

То замоне, ки кӯдак нисбат ба ишколи гуфторӣ худогоҳӣ наёфтааст, беҳтар ва сареътар метавон онро аз миён бардошт. Лакнати забон ба таври маъмул махсусан дар ҷавонон ва бузургсолон бо инқибози андоми гуфторӣ ё аксар узалоти бадан ҳамроҳ аст. Ба илова дам ва боз дами танаффусӣ дар аксар алканҳо мутаносибу ҳамзамон бо гуфтор анҷом намегардад, ки ин худ боиси ташдиди лакнати забон мегардад, ки ба ҳангоми дармони лакнати забон тамриноти танишзудоӣ ва тамриноти танаффусӣ муфид воқеъ мешавад.

Аз он ҷо ки лакнати забон роиҷтарин номутобики гуфторӣ дар сар то сари дунёст ва дар Тоҷикистон ҳам он тавр, ки бояд дар ин бора таҳқиқе сурат нагирифта ва иддаи зиёде ҳастанд, ки ба ин номутобиқ мубтало ҳастанд ва аз он ранҷ мебаранд, лозим дида шуд, то барои кумак ба онон лоақал дар мавриди чӣ гуна бархурд кардан бо онҳо тавзеҳоте дода шавад.

Лакнати забон дар ашхоси мубтало ба он боис мешавад, ки онон аз муҳитҳои иҷтимоӣ бештар гурезон бошанд ва атрофиён саъй дошта бошанд, ки ба тарзе бо онон рафтор кунанд, ки онҳоро ташвиқ кунад ба ширкати бештар дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ, ки ин гоме муассир дар беҳбудии ин номутобиқ мебошад. Албатта, иддае ҳам ҳастанд, ки бо ин номутобиқ худ канор омада ва бо вуҷуди ибтило ба он аз фаъолиятҳои иҷтимоӣ тарсе надоранд.

Матлабе, ки дар инҷо баён мешавад, метавонад ба мураббиён ва наздикони ин қабил афрод муфид бошад. Зеро ононро роҳнамоӣ мекунад, то ба тариқе бо чунин кӯдакон рафтор кунанд, ки бар авотифашон латма ворид нагардад ва монеъе дар ҷиҳати дармон эҷод накунад ва сабаби тасреъу беҳбуди ҳарчи бештари ин номутобиқ шавад. Ҳамчунин ин таҳқиқ метавонад қадаме бошад барои соири муҳаққиқон алоқаманд дар ин замина то пажӯҳишҳои баъдиро ба анҷом расонанд.

### АДАБИЁТ


1.Л.Бендер. Хачу всё знать. Издательский /Дом Ридерз Дайджест, Дорлинг Киндерсли. М.2011. 500с.
2.В.Ричордсон. Сказание о двух гениях заикания М. 2017. 469с.
3.Астахов, Введение в дефектологию с основами нейропатопсихологии М. 1994. 350с.
4.Афрӯз, Ғуломалӣ. Муқаддимае бар равоншиносӣ ва омӯзишу парвариши кӯдакони истисноӣ.-Интишороти донишгоҳи Теҳрон, чопи ҳаштум, 1834. 200с.
5.Дети с задержкой психического развития /(подряд Власовой Т.А.Лубовского В.И., Цыпиной Н. А.) М. Педагогика 1984. 340с.
6.Эчсом, Раҷин. Равоншиносии забон. Мутарҷим Абдулхалил Ҳоҷатӣ. Интишороти /Амири Кабир, Теҳрон, 1364. 156с.



РАМАЗОНОВА Р., САЛИМОВА Д.Н.


## ИЗҲОРОТИ ОЛИМОН ДАР БОРАИ ЗОҲИР НАМУДАН ВА ИСЛОҲ КАРДАНИ ЛАКНАТЗАБОНӢ


Дар мақола қайд карда мешавад, ки якпорчагӣ ва бехатарии тамоми сохторҳои майна барои фаъолияти муқаррарии сухан зарур аст. Барои нутқ системаҳои шунавоӣ, визуалӣ ва моторӣ аҳамияти махсус доранд. Гуфтори шифоҳӣ тавассути кори ҳамоҳангшудаи мушакҳои се қисми дастгоҳи периферии нутқ: нафаскашӣ, овозӣ ва артикуляторӣ амалӣ карда мешавад. Нафаскашии нутқ боиси ларзиши оғилҳои овозӣ мегардад, ки дар ҷараёни нутқ овозро таъмин мекунад. Талаффузи овозҳои нутқ (артикуляция) аз ҳисоби кори шӯъбаи артикуляция ба амал меояд. Тамоми кори аппарати нутки периферй, ки бо координацияи дакиктарин ва нозук дар кашиши мушакхои он алокаманд аст, аз тарафи системаи марказии асаб танзим карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** садо, инҳироф, ихтилоли, кӯдак, раванд, дарк, забон, масъала, инкишоф, кӯдакони синни томактабӣ.



РАМАЗОНОВА Р., САЛИМОВА Д.Н.


## ВЫСКАЗЫВАНИЯ УЧЕНЫХ О ПРОЯВЛЕНИИ И ИСПРАВЛЕНИЯ ЗАИКАНИЯ


В статье отмечаются, что для нормальной речевой деятельности необходима целостность и сохранность всех структур мозга. Особое значение для речи имеют слуховая, зрительная и моторная системы. Устная речь осуществляется посредством координированной работы мышц трех отделов периферического речевого аппарата: дыхательного, голосового и артикуляционного. Речевой

выдох вызывает колебания голосовых складок, что обеспечивает голос в процессе речи. Произнесение речевых звуков (артикуляция) происходит благодаря работе артикуляционного отдела. Вся работа периферического речевого аппарата, которая связана с точнейшими и тончайшими координациями в сокращении его мышц, регулируется центральной нервной системой.

**Ключевые слова:** звук, отклонения, нарушения, ребенок, процесса, восприятия, язык, вопрос, развития, дошкольников.

**RAMAZONOVA R., SALYAMOVA D.**

## STATEMENT OF SCIENTISTS ABOUT THE APPEARING AND CORRECTION OF STUTTER

The article notes that for normal speech activity, the integrity and safety of all brain structures is necessary. The auditory, visual and motor systems are of particular importance for speech. Oral speech is carried out through coordinated work muscles of three parts of the peripheral speech apparatus: respiratory, vocal and articulatory. Speech exhalation causes the vocal folds to vibrate, which ensures the voice in the process of speaking. The pronunciation of speech sounds (articulation) is due to the work of the articulation department. All work of peripheral speech apparatus, which is associated with the finest and finest coordination in the contraction of its muscles, is regulated by the central nervous system.

**Key words:** sound, deviation, disturbance, child, process, perception, language, issue, development, preschoolers.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таълими инклюзивии факултети равоншиносӣ ва таълими инклюзивии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Рӯдакӣ 121. Тел: (+194932)
**Салямова Дилафруз Нарзимуродовна** - ассистенти кафедраи педагогикаи махсус ва таълими инклюзивии факултети равоншиносӣ ва таълими инклюзивии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнии Рӯдакӣ 121. Тел: (+992) Тел: 918675656
**Сведения об авторах: Рамазонова Раджабгуль Сулаймоновна -** кандидат педагогических наук, доцент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования факультета психологии и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Рудаки 121. Тел: (+992)918230146
**Салямова Дилафруз Нарзимуродовна** - ассистент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования факультета психологии и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Рудаки 121. Тел: (+992)Тел: 918675656
**Information about authors: Ramazonova Rajabgul Sulaimonovna** -Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education, Faculty of Psychology and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Rudaki 121 Tel: (+992)918230146
**Salyamova Dilafruz Narzimurodovna**-Assistant of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education of the Faculty of Psychology and Inclusive Education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Rudaki 121 Tel:(+992)918675656

**КОТИБОВА Ш.П., ЛУНДУКОВА Ҷ.Н.**

## РОҲУ УСУЛҲОИ ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ БОЛАЁҚАТ, ДАР МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

Масъалаи дарёфти кӯдакони болаёқат, дарёфт, ҷалб ва ташаккули минбаъдаи малакаву маҳорат ва истеъдоди онҳо аз давраҳои қадим то замони муосир диққати мутафаккирон, олимону муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамуд. Имрӯз дар самтҳои мухталифи соҳаҳои равоншиносӣ, психофизиологӣ, психогенетикӣ, ташхисӣ, иҷтимоӣ-равонӣ ин мафҳум бо шаклҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Бори нахуст дар соли 1972 Кумитаи таҳсилоти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мафҳуми кӯдаки болаёқатро пешниҳод намудааст: кӯдаки лаёқатманд ва боистеъдод он нафареро ном мегиранд, ки бо сабаби қобилиятҳои барҷастаи худ ба дастовардҳои баланд ноил гаштааст. Кӯдакони болаёқат, кӯдаконе мебошанд, ки имкониятҳои иқтидорашон дар як ё якчанд самтҳо зоҳир мегардад. Чунин кӯдакон дар муошират ва роҳбарӣ ба ҳамсинон, дар офаридани нақш ва бозидани он, варзиш, қобиляти баланди зеҳнӣ ва дар хотирнигоҳдорӣ, академикӣ ва тафаккури эҷодӣ аз дигарон фарқ мекунанд.

Паҳлуҳои мухталифи лаёқатмандӣ аз ҷониби донишмандону олимони кишварҳои Амрико, Британияи Кабир, Олмон, Канада, Япония, Куриёи Ҷанубӣ, Россия, Эрон ва Ҳиндустон мавриди омӯзиш қарор ёфта, олимон Д. Векслер, Дж. Рензулли, П. Торренс,

Дж. Гилфорд, К.А. Хеллер, Г. Гессе, К. Юнг, А. Адлер, З. Фрейд, М. Лэйн, Э. Ландау, С.Л. Рубинштейн, Б.М. Теплов, К.К. Платонов, В.А. Крутецкий, А.М. Матюшкин, Д.Б. Богоявленская, Я.А. Пономарев, Ю.Д. Бабаева, В.Н. Дружинин, Н.С. Лейтес, Л.И. Ларионова, А.И. Савенков, М.А. Холодная, Н.Б. Шумакова, И. Блинова, В. Шадриков, Е.И. Щебланова, В.С. Юркевич, Г. Мелхорн, Юсуф Калварӣ, Марям Рафатӣ ва дигарон дар ин мавзъ таҳқиқоти назаррасе анҷом додаанд.

Савенков А.И. оид ба таълими кӯдакони болаёқат дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, масъалаи ташхиси кӯдакони болаёқат, мундариҷаи дарсҳо ва ташкили фаъолияти таълимӣ, технологияҳои инкишофи зеҳнӣ-эҷодии лаёқатмандон таҳқиқоти назаррас намудааст. [2: 352].

Лейтес Н.С. таҷрибаҳои равоншиносонро оид ба шинохти кӯдакони болаёқат дар маҷмуъ таҳлил намуда, диққати асосиро ба фардияти истеъдоднокӣ равона месозад. Лейтес Н.С. таъкид менамояд, ки аломатҳои қобилиятнокии кӯдак ояндаи ӯро муайян карда наметавонад, зеро ташаккули истеъдодҳо танҳо дар муҳити иҷтимоӣ имкон дорад. Ӯ категорияи "кӯдакон бо инкишофи барвақти ақлонӣ, "кӯдакон бо шакли барвақти инкишофи ақлонии тахассусӣ", "кӯдакон бо қобилиятҳои фавқулодаи фаъолият дар самтҳои мунтахаб"-ро ҷудо мекунад. [6: 416].

Имрӯз талабот ба мураббиён ва муносибат ба кӯдакон ба куллӣ тағйир ёфтааст. Барои ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан кормандони муассисаҳои томактабӣ бо оила ва ҷомеа бо мақсади ҷорӣ намудани муносибатҳои нави таълиму тарбия робита барқарор менамоянд. Барои ин роҳҳои дурусти ҳамкориҳои кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва падару модаронро бо истифода аз тарзу усули гуногуни тарбияи кӯдакони болаёқат пешниҳод намудан зарур аст. Аз ин рӯ, бояд усули ҳамкории пешниҳодгардида баҳри баланд бардоштани шавқу завқи кӯдакон ва такмили истеъдодҳо равона карда шуда бошанд. Ҷорӣ намудани усулҳои самараноки таълиму тарбия дар ҷомеаи муосир созгор буда, дар ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият ва фаъолияти бомақсади кӯдакони болаёқат ва боистеъдод саҳм мегузорад.

Мураббӣ аз аввал то охир дар рафти таълиму тарбияи кӯдакони болаёқат шахси боэътимод буда, дар кӯдакон боварии комил доштанро тарбия менамояд ва барои муайян намудани мақсаду вазифаҳои ҳар яки онҳо ёрӣ мерасонад. Робитаи мустаҳками байни муассисаҳои томактабӣ ва оила дар тарбияи кӯдакон бо роҳ ва воситаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад.

Педагогикаи имрӯза дар асоси таҷрибаҳои пешқадами педагогии омӯзгорон шаклҳои асосии алоқамандӣ, ҳамкории муассисаҳои томактабӣ ва падару модаронро доир ба таълиму тарбияи кӯдакони болаёқат чунин муайян мекунад: баланд бардоштани маълумоти умумӣ, фарҳангӣ ва педагогии падару модарон (ташкили суҳбат, лексияҳо, маърузаҳо оид ба масъалаҳои педагогӣ, психологӣ, гигиенӣ, анатомӣ ва физиологӣ, конференсияҳои падару модарон оид ба масъалаҳои педагогӣ, психологӣ, ивазкунии таҷрибаи падару модарон оид ба тарбияи оилавӣ, обуна шудан ба рӯзномаву маҷаллаҳои педагогӣ, тиббӣ ва ғ.); ташкил ва ба роҳ мондани кори кумитаҳои падару модарон; ташкили вохӯрию баромадҳои падару модарон; ташкили намоиши корҳои эҷодии кӯдакони болаёқату боистеъдод барои падару модарон; муҳокимаи масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдакони болаёқату боистеъдод бо волидон; ташкили лавҳаи оилаҳои намунавӣ ва ғайра.

Кори муассиса бо падару модарон дар шакли гуруҳӣ, маҷлиси умумӣ ва гурӯҳии падару модарон, ташкил ва гузаронидани лексия, маърӯза, конференсия барои падару модарон ва ғайра мебошад. Кор бо падару модарон ҳамон вақт самаранок ҳисобида мешавад, ки амалиёти онҳо барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи кӯдакони болаёқату боистеъдод, дониши мустаҳкам, интизоми бошуур равона карда шавад.

Дар муассисаи томактабӣ ва оила ба реҷаи кӯдакони болаёқату боистеъдод эътибори махсус додан лозим аст. Бояд реҷаи ӯ ба реҷаи муассисаи томактабӣ мувофиқат кунад. Мураббӣ ба хонаҳои падару модарон рафта бо реҷа, муносибати байни аъзои оила, рафтор, методи тарбиявии онҳо шинос мешавад. Мураббӣ метавонад саволнома (анкета) ташкил карда, аз рӯйи ҷавоби падару модарон хусусиятҳои кӯдакони болаёқату боистеъдодро фаҳмад. Мурабии пуртаҷриба бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия кӯдакони худро пешакӣ меомӯзад. Дар машғулияти ҳамкасбонашон иштирок намуда, рафтори кӯдаконро мушоҳида мекунанд, бо мураббиён ва падару модарон суҳбат мегузаронад, ҳуҷҷатҳои шахсии тарбиягирандагонро маыриди омӯзиш

қарор медиҳад. Бо ин роҳ хусусиятҳои фардӣ, шавқу ҳаваси кӯдаконро дониста гирифта, дар ҷараёни таълиму тарбия онҳоро ба эътибор мегирад.

Мураббӣ бояд бо падару модарон аз рӯйи нақша мунтазам кор барад. Маъмурияти муассисаҳои томактабиро зарур аст, ки ин корро мунтазам назорат намоянд ва дар мавридҳои зарурӣ ёрии амалӣ расонанд.

Кӯдакони лаёқатманд аз ҷиҳати зеҳнӣ ва эҷодӣ назар ба ҳамсолони худ пешсаф буда, ба навъи махсуси омӯзиш ниёз доранд, ки ба сатҳ ва суръати рушди истеъдодҳо асос ёфта бошанд. Ба онҳо барои чунин рушд шароит фароҳам овардан зарур аст. Дар ин раванд таҷрибаи таълими барвақт, муносибат бо кӯдак ҳамчун муносибат ба фард, муносибати бо эҳтиром ба андешаҳо ва ҳиссиёти ӯ, ташаккули услуби шахсии рафтор нақши бузургро мебозанд.

Нақши калидиро дар фароҳам овардани муҳити таълимӣ, ки ба инкишофи табиати эҷодии кӯдакони боистеъдод мусоидат мекунад, омӯзгор (мураббӣ) мебозад. Омӯзгори бомаҳорат истеъдоди кӯдаки болаёқатро на танҳо бо усули муносибати фардӣ, балки бо кори гурӯҳӣ низ ташаккул медиҳад, зеро кӯдаки болаёқат бояд дар раванди иҷтимоишавӣ ва татбиқи амалии лаёқатҳои хеш ба мушкилоти равонӣ-иҷтимоӣ дучор нашавад. Аз ин рӯ, ба ғайр аз сатҳи баланди дониши илмӣ ва омодагии касбӣ доштан омӯзгор бояд соҳиби донишҳо оид ба қонуниятҳои психологӣ ва хусусиятҳои рушди синнусолии кӯдакон, аз ҷумла лаёқатмандӣ дар муҳити гуногуни таълимӣ; маҳорати дарк кардани моҳияти таълими рушдёбанда, фарқи он аз шаклҳои анъанавии таълим ва тарбия; истифодаи усули педагогӣ-дидактикии ҷараёни таълим бошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нақши оила низ дар тарбияи кӯдакони болаёқату боистеъдод назаррас аст. Зеро ҷараёни таълиму тарбия бе иштироки падару модар ва аҳли ҷомеъа самараи хуб нахоҳад дод.

Дар баробари ин, марбут ба ин масъала тадбиру назарияи илман асосноккардашудаи кор оид ба дарёфт ва рушди истеъдодҳо коркард нашуда, барномаҳои намунавии таълим, ки дарёфт ва рушди кӯдакони болаёқатро таъмин менамоянд, таҳия нашудаанд. Заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, механизмҳои иқтисодӣ ва ташкиливу идоравӣ барои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба қадри кофӣ ташаккул ва мукаммал нагардидааст.

Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба ин масъала равона гардидааст ва барои рушди лаёқат ва истеъдодҳо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.04.2021, №113 "Дар бораи Барномаи давлатии рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025" ва Қарори раиси ш. Душанбе №294 аз 24.05.2021 дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди истеъдодҳо дар ш. Душанбе қабул гардид.

Кӯдакони лаёқатманд, пеш аз ҳама, кӯдаканд ва чизе, ки онҳоро хушбахт мекунад, ин омӯхтани чизҳои нав, эҳсосоти нав ва таҷрибаи нав мебошад. Ба як калима, бояд манфиатҳои онҳоро рушд дод, доираи ҷаҳонбинии онҳоро васеъ намуд ва ҳамеша барои ошкор кардани мафҳумҳои номаълум онҳоро ҳавасманд кард. Аммо, ҳангоми кор бо чунин кӯдакон, вобаста ба гуногунии намудҳои қобилият, хусусиятҳои психологии кӯдакон мушкилоти педагогӣ ва психологӣ доимо ба миён меоянд. Имрӯзҳо волидон, мураббиён, омӯзгорони иҷтимоӣ барои фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди рӯҳӣ ва иҷтимоии кӯдаки боистеъдод масъулияти калон доранд.

Аз нуқтаи назари психологӣ истеъдод ва лаёқат мафҳумҳои хеле мураккаби психологие мебошад, ки дар он бо соҳаҳои маърифатӣ, иродавӣ, ҳавасмандгардонӣ, психофизиологӣ ва дигар соҳаҳои психика ба таври ҷудонашаванда пешниҳод карда мешаванд. Онҳо гуногунҷанбаанд, ҳама ғояҳо аз синну сол вобастагӣ доранд ва дорои хусусияти умумӣ ва инфиродӣ мебошанд, ки он танҳо тавассути омезиши беназири соҳаҳои гуногуни психикаи шахси боистеъдод муайян карда мешаванд.

Лаёқат ва истеъдод бо паҳншавии зуҳурот (умумӣ ё махсус) ва намуди фаъолияти афзалиятнок фарқ мекунанд. Биёед ба таври муфассал намудҳои истеъдод ё худ лаёқатро мавриди назар қарор бидиҳем.

**Истеъдоди зеҳнӣ.** Ин қобилияти фикр кардан, таҳлил, муқоисаи далелҳо мебошад. Дорандагони чунин қобилиятҳо гоҳе олиҷаноб, гоҳе хуб, гоҳе дар баъзе фанҳо олӣ ва дар мавзуъҳои дигар бад меомӯзанд - ин ҳама аз муносибати онҳо ба мавзуъ ва омӯзгор вобаста аст.

**Истеъдоди ташкилотчигӣ.** Қобилияти иҷтимоӣ аз қобилияти зеҳнӣ фарқ мекунад, гарчанде таҳқиқот нишон доданд, ки он рушди зеҳнии аз миёна болотарро талаб мекунад. Бисёр таърифҳои истеъдоди ташкилотчигӣ мавҷуданд, ки хислатҳои муштарак доранд.

Асос он аст, ки маҷмуи муайяни малакаҳои роҳбарӣ барои гурӯҳ имкон медиҳад: ба мақсадҳои дар ин самт гузошташуда бо қаноатмандии тарафайн аз якдигар ва бо ҳисси худшиносии шахсӣ расанд. Тибқи таъриф, малакаҳои роҳбарӣ пеш аз ҳама шахсиянд ва қобилияти чандирӣ, ошкорбаёнӣ ва ташкилотчигиро дар бар мегиранд.

**Истеъдоди бадеӣ.** Ин намуди лаёқат дар мактабҳои махсус, маҳфилҳо, марказҳои омӯзишӣ инкишоф дода мешавад. Он дастовардҳои баландро дар соҳаи эҷоди бадеӣ ва маҳорати иҷро дар мусиқӣ, наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, маҳорати актёриро дар назар дорад. Яке аз мушкилоти муҳим ин эътироф ва эҳтиром кардани ин лаёқат дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Кӯдаконе, ки истеъдоди ҳунарӣ доранд, барои машқ кардан, ба даст овардани маҳорат дар соҳаи худ бисёр вақт, қувва сарф мекунанд.

**Истеъдоди мусиқӣ.** Истеъдоди мусиқӣ зуҳури баландтарин ва ба дараҷаи инфиродии қобилияти мусиқӣ мебошад. Ба ибораи дигар, завқи олҷаноби мусиқӣ, хотираи фавқулодда, қобилияти бениҳоят хуби омӯзиш ва иҷрои баланд нишондиҳандаҳои истеъдоди мусиқӣ мебошанд.

Истеъдоди мусиқӣ одатан то ҳафтсола пайдо мешавад. Қобилияти мусиқӣ бештар дар кӯдакони аз 3 то 5-сола маъмул аст. Омор нишон медиҳад, ки кӯдакони дорои истеъдоди мусиқӣ баъзе хусусиятҳои муштарак доранд:

• Аз синни хурдӣ кунҷковии онҳо оид ба фарқ кардани садоҳо бештар мегардад.

• Дар 2-3-солагӣ онҳо метавонанд ҳамаи оҳангҳои шунидаашонро хуб фарқ кунанд, аксар вақт дар синни 2 онҳо хуб овозҳоро талаффуз мекунанд, баъзе кӯдакон сурудхониро барвақттар аз сухан гуфтан оғоз мекунанд ва навиштани нотаҳоро барвақттар аз ҳарфҳо ёд мегиранд.

• Аксар вақт сатҳи комили шунидан мушоҳида мешавад.

• Кӯдакони дорои истеъдоди мусиқӣ барвақттар бо азхудкунии зуд ва дақиқи мусиқӣ фарқ мекунанд. Дар синни балоғат ин хотира ба таври фавқулодда ташаккл меёбад.

• Барои ҳамаи кӯдакони тақрибан 5-солаи дорои лаёқати мусиқӣ, такрор намудани ҳар чизе, ки онҳо ба воситаи асбоби мусиқӣ мешунаванд, хос аст.

• Аз 4 то 5 сола, чунин кӯдакон майл ба тақлид ва бозӣ кардан асбоброро доранд.

**Истеъдоди эҷодӣ.** То ба имрӯз, баҳс дар бораи зарурати нишон додани ин навъи истеъдод идома дорад. Баъзе коршиносон чунин мешуморанд, ки эҷодкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми намуди истеъдодҳо мебошад. А.М. Матюшкин исрор мекунад, ки танҳо як намуди истеъдод вуҷуд дорад – он ҳам истеъдоди эҷодӣ мебошад. Агар эҷодкорӣ вуҷуд надошта бошад, дар маҷмӯъ дар бораи истеъдод сухан рондан маъное надорад. Дигар муҳаққиқон қонунияти мавҷудияти истеъдоди эҷодиро ҳамчун намуди алоҳидаи мустақил ҳимоя мекунанд.

Нуқтаи назари дигар ин аст, ки эҷодкорӣ ин истеъдод ва лаёқат ё қобилияти тавлидшуда, пешниҳоди ғояҳои нав, ихтироъ ё қобилияти истифодаи олиҷанобест, ки аллакай эҷодшуда мебошад.

**Истеъдоди иҷтимоӣ.** Оид ба муайянкунӣ, ҷудокунии ҷузъҳо ва ченкунии зеҳни иҷтимоӣ дар асри 19 аз ҷониби Бинет ва Саймон кӯшишҳо карда шуда буданд. Яке аз таърифҳои истеъдоди иҷтимоӣ дар он аст, ки ин қобилияти истисноӣ барои барқарор кардани муносибатҳо ва созанда бо одамони дигар мебошад. Дар истеъдоди иҷтимоӣ, дарки иҷтимоӣ, рафтори иҷтимоӣ, эътиқоди ахлоқӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва ғайра фарқ карда мешавад. Истеъдоди иҷтимоӣ ҳамчун як шарти муваффақият дар бисёр соҳаҳо амал мекунад. Он қобилияти фаҳмидан, дӯст доштан, ҳамдардӣ кардан ва бо дигарон муносибат намуданро дар назар дорад ва ба шахс имкон медиҳад, ки омӯзгор, равоншинос, менеҷер, корманди иҷтимоӣ ва ғ. бошад. Истеъдоди иҷтимоӣ аз истеъдоди зеҳнӣ фарқ мекунад, гарчанде тадқиқот нишон доданд, ки истеъдоди иҷтимоӣ рушди зеҳнии аз сатҳи миёна болотарро талаб мекунад.

Бояд қайд кард, ки лаёқат аз рӯйи се нишондоди бо ҳам алоқаманд: рушди мукаммали маърифат, инкишофи психикӣ ва ҷисмонӣ муайян карда мешавад. Асолати сифатӣ, хусусият ва сатҳи рушди истеъдодро маҷмуи мураккаби майлҳои табиӣ ва унсурҳои муҳити иҷтимоию фарҳангӣ, ки ба фаъолияти кӯдак [таълимӣ, эҷодӣ, меҳнатӣ] мусоидат мекунанд, муайян менамояд. Аз ин ҷиҳат, барои фаъолияти ошкор намудани истеъдодҳо барои зуҳур ва рушди қобилиятҳо аҳамияти махсус дорад.

Муайян кардани кӯдакони болаёқат аллакай дар муассисаҳои томактабӣ дар асоси мушоҳидаҳо, омӯзиши хусусиятҳои психологӣ, суханронӣ, хотира, тафаккури мантиқӣ ва

муошират бо волидон гузаронида мешавад. Таваҷҷуҳ ба рушди қобилиятҳои маърифатии кӯдак равона карда шудааст.

Роҳ ва усули муайян кардани кӯдакони лаёқатманд, меъёрҳои таҳияшудаи қобилият ва сифати арзёбӣ муҳиманд. Барои муайян кардани шаклҳо, усул ва усули кор бо кӯдакони болаёқат дар муассисаҳои томактабӣ саволнома барои омӯзгорону мураббиён, падару модарон таҳия карда шудааст, ки шаклу усули гуногуни кор бо кӯдакони болаёқатро инъикос мекунад. Дар ҷараёни таҳқиқот пурсиш бо ҳамаи омӯзгорону мураббиёни муассисаҳои дар боло зикргардида гузаронида шуд, ва нишон дод, ки қисми зиёди омӯзгорону мураббиён шаклу усули гуногуни кор бо кӯдакони болаёқатро истифода мебаранд.

Роҳҳои дарёфти истеъдодҳо: озмун, машғулиятҳои инфиродӣ, кори дунафар, кор дар гурӯҳҳои хурд, фаъолиятҳои фаъоли беруназсинфӣ, супоришҳои эҷодӣ, супоришҳои инфиродӣ, технологияҳои махсуси компютерӣ, корҳои фаъол дар маҳфилҳо, хушҳолиҳо, тестҳо мебошанд, ки иштироки волидон низ дар амали намудани ин чорабиниҳо ҳатмист.

Дар баробари ин, дар амалияи омӯзгорон лоиҳаҳои таълимӣ, бозиҳои нақшофарӣ, кор бо адабиёти илмӣ, семинарҳои эҷодӣ ва баъзе шаклҳои дигар ба қадри кофӣ истифода намешаванд.

Ҳангоми арзёбии қобилияти кӯдакон бояд ба омезиши масъалаҳои амалӣ ва назариявӣ диққат дода шавад. Машқҳои эҷодӣ, ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, таҳияи лоиҳа, машғулиятҳои интерактивӣ, супоришҳои гуногунсатҳ дар ин маврид судманд ба назар мерасанд.

**Мушкилот**

Имрӯз агар барои қонеъ кардани ниёзҳои зеҳнӣ ва эҷодии кӯдакон чораҳои зарурӣ андешида нашаванд, пас хатари ҷиддии аз даст додани сифатҳои пурарзиши кӯдак - "истеъдоди баланди зеҳнӣ ва шавқу рағбати кӯдакӣ" таҳдид мекунад.

Кор бо кӯдакони болаёқат муносибати ҳамгирошударо бо истифода аз таҷрибаи андӯхтаи ҳам соҳаи педагогика, ҳам технология ва ҳам психология дар бар мегирад.

Омӯзиши психологияи шахсӣ, психологияи клиникӣ имкон медиҳад, ки хислатҳои пинҳонии шахсиятро ошкор намуда, дар таҷриба муносибати инфиродиро амалӣ карда ва ба натиҷаҳои беҳтар ноил шуд. Дар ин ҳолат, бояд на танҳо тестҳои психологӣ, балки аз тренингҳо низ истифода бурд. Қобилиятҳои гуногуни шахси лаёқатмандро аз нуқтаи назари психология омӯхтан лозим аст ва сифатҳои умумию хос, ки ба талаботи бисёр намудҳои фаъолият ҷавобгӯ мебошанд, нишон дода шаванд.

Бояд ки самти истеъдодро арзёбӣ намоем, агар имкон бошад, дар амалия татбиқи равишҳои инфиродии таълим ва коркарди барномаҳои таҳсилоти томактабиро барои таълими кӯдакони болаёқатро ба роҳ монем. Бешубҳа, омӯзгорон, мураббиён дар муайян ва ташаккул додани қобилияти кӯдакони эҷодкор ва боистеъдод нақши пешбаранда хоҳанд дошт.

**Дурнамо**

Дар Стандарти давлатии таълимии таҳсилот зарурати кор бо кӯдакони болаёқат дарҷ гардидааст. Талабот ба бобҳои барномаи асосии таълимӣ нишон медиҳад, ки барои рушди нерӯи кӯдакон, хусусан кӯдакони болаёқат, барномаҳои таълимии инфиродӣ бо иштироки худи кӯдакон ва волидони онҳо таҳия карда шаванд.

Инчунин қобилият ҳамчун ҳолати истеъдод, дараҷаи ифодаи он ба ҳисоб меравад. Истеъдод ин омезишест, ки дар шахси дорои якчанд қобилиятҳо барои намудҳои гуногуни фаъолият мебошад, ки ба ӯ имкон медиҳанд, ва супоришро нисбат ба дигарон хеле беҳтар иҷро кунад. Пас, кӯдаки боистеъдод метавонад дар якчанд риштаҳо фаъолият кунад. Натиҷаҳо метавонанд, нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти ҳамсолони худ ба таври назаррас бартарӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, зарурият пеш омадааст, ки мо оид ба натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ тавсияҳои хешро барои рушди бонизоми кӯдакони болаёқат дар шакли дастурҳои таълимию методӣ пешниҳод намоем.

**АДАБИЁТ:**


1. Белова Е.С. Одарённость малыша: раскрыть, понять, поддержать: пособие для воспитателей и родителей. -М.: Флинта -1998. -144с.
2. Блинова В.Л. Блинова Л.Ф. Детская одарённость: теория и практика. учеб. метод.пособ. – ТГГПУ. - Казань.- 2010. - 56 с.
3. Журнал «Одаранный ребенок» -М: №3, 2002.

4. Л.С. Выготский. К вопросу о динамике детского характера, Собр. соч. в 6 т. Т. 5. М.: Педагогика, 1983.
5. Ю.Б. Гиппенрейтер, Введение в общую психологию, Курс лекций.– М. «Черо», при участии издательства «Юрайт», 2003.
6. Н.С. Лейптес, Возрастная одаренность и индивидуальные различия. Избранные труды: МПСИ, 2003.

## КОТИБОВА Ш.П., ЛУНДУКОВА Ҷ.Н.
## ВОСПИТАНИЕ ОДАРЕННЫХ ДЕТЕЙ В ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Следует отметить, что основные критерии оценки способностей одаренных детей определяются на основе подхода к организации образовательной реформы с учетом индивидуальных особенностей, перспектив развития талантливого ребенка. Дополнительное образование для одаренных детей основано на освоении содержания программ и предметов. При обучении одаренных детей необходимо опираться на работу педагогов и психологов с учетом индивидуальных, педагогических, психологических особенностей личности и данных периодической педагогической психологической экспертизы. Выявление одаренных детей уже проводится в дошкольных учреждениях на основе наблюдений, изучения психологических особенностей, речи, памяти, логического мышления и общения с родителями. Основное внимание уделяется развитию познавательных способностей ребенка.

Важны способы и средства выявления одаренных детей, разработанные критерии способностей и качества оценки. Для определения форм, методов и приемов работы с одаренными детьми в дошкольных учреждениях разработана анкета для учителей, воспитателей и родителей, отражающая различные формы и методы работы с одаренными детьми. Опрос был проведен со всеми учителями и воспитателями вышеуказанных учреждений, который показал, что большинство учителей и воспитателей используют разные формы и методы работы с одаренными детьми.

**Ключевые слова:** одаренные дети, учителя, воспитатели, одаренные, дошкольные учреждении, дети, способности.

## KOTIBOVA SH., LUNDUKOVA DJ.
## EDUCATION OF GIFTED CHILDREN IN PRESCHOOL INSTITUTION.

It should be noted that the main criteria for assessing abilities are determined on the basis of an approach to the organization of educational reform, taking into account individual characteristics, the prospects for the development of a talented child.Additional education for gifted children is based on mastering the content of programs and subjects. When teaching gifted children, it is necessary to rely on the work of teachers and psychologists, taking into account the individual, pedagogical, psychological characteristics of the individual and the data of periodic pedagogical psychological expertise.The identification of gifted children is already being carried out in preschool institutions on the basis of observations, the study of psychological characteristics, speech, memory, logical thinking and communication with parents. The focus is on the development of the child's cognitive abilities.Ways and means of identifying gifted children, developed criteria of abilities and quality of assessment are important. To determine the forms, methods and techniques of working with gifted children in preschool institutions, a questionnaire has been developed for teachers, educators and parents, reflecting various forms and methods of working with gifted children. The survey was conducted with all teachers and educators of the above institutions, which showed that the majority of teachers and educators use different forms and methods of working with gifted children.

**Key words:** gifted children, teachers, educators, gifted, preschool institutions, children, abilities.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Котибова Ш. П.** – мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Таҷикистон, ш. Душанбе, к. Айни 126. **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 904 53 99 54.
**Лундукова Ҷ.** – докторант (PhD)-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, email: lundukovaj@mail.ru
**Сведения об авторе: Котибов Ш. П.** – зав. отделом дошкольных и начальных учреждений Института развития образования имени Абдурахмана Джами АОТ, г. Душанбе, ул. Айни 126. **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 904 53 99 54.
**Лундукова Ҷ. -** докторант (PhD) Института развития образования имени Абдурахмана Джоми Академии образования Таджикистана, email: lundukovaj@mail.ru
**Information about author: Kotibova Sh.P.** – The head Department of Preschool and Primary Institutions of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni str., E-mail: sharifa.kotibova@mail.ru., mob: (992) 904 53 99 54.
**Lundukova DJ. -** doctorate (PhD) Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi, Academy of Education of Tajikistan, email: lundukovaj@mail.ru

**АРАБОВ М.Қ.**
**РОЗИҚОВ П.Ш.**
**МУСОЕВ С.С.**

## ТАҶРИБАИ ДУРУСТ БА РОҲ МОНДАНИ ФАНҲОИ ТАЪЛИМИИ БАРОИ ИХТИСОСҲОИ РАВИЯИ БА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИРТИБОТӢ ВОБАСТА ВА МЕТОДИКАИ ТАДРИСИ ОНҲО

Дар замони тараққиёти бо суръати илму техника масъалаи интихоб ва гузаронидани дарсҳо вобаста ба синну сол ва курс яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб мераванд. Мусаллам аст, ки дар аксари муассисаҳои олии кишварамон ихтисосҳои ба технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) мавҷуд буда, гоҳо баъзе фанҳои муҳим вобаста ба норасоии мутахасисон ва базаи техникӣ гузаронида нашуда, баъзе фанҳои дигар такроран омӯзонда мешаванд. Илова бар ин, дар курси якум одатан, таърихи мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ), системаҳои ҳисоб, воситаҳои чопкунӣ, барномаи стандартии paint, барномаҳои пакети Office, хусусан, MS Office Word ва ғайра дар фанни информатика (ки барои он соатҳои зиёде ҷудо карда шудааст) тадрис дода мешаванд, ки дар замони муосир ғайри қобили қабул аст. Зеро аксари донишҷӯён дар хонаашон компютерҳои фардӣ ё ноутбук дошта, бо ин барномаҳоро аз курси мактабӣ шинос мебошанд. Пас, зарур аст, ки дар фанни мазкур диққати асосӣ ба қобилияти зеҳнии донишҷӯён равона карда шавад. Дар ин фан бояд мавзӯъҳои монанд ба: системаҳои ҳисоб, ҷадвалҳои ҳаққоният ва схемаҳои мантиқӣ, тасвири иттилоот, файлҳои системавӣ, пойгоҳи додаҳо, кодиронӣ ва декодиронии иттилоот, алгоритмҳо барои иҷрокунандаҳои формалӣ, диаграмаҳо ва графикҳо дар ҷадвалҳои электронӣ, нигоҳдорӣ ва равон кардани иттилоот, миқдори иттилоот, принсипҳои таҳияи шабакаҳои компютерӣ, миқдори иттилооти пайғомҳо, назарияи графҳо, ҷустуҷӯйи роҳи кӯтоҳтарин дар графҳо, шабакаҳои ҷустуҷӯӣ, ифодаҳои мантиқӣ, стратегияҳои бурд ва ғайра бо мисолу масъалаҳо дарс дода шаванд. Чунин тарзи ташкили дарс донишҷӯёнро маҷбур ба фикррронӣ намуда, қобилияти зеҳнии онҳоро баланд мебардорад. Мусаллам аст, ки дилхоҳ корхонаи муосири ба ТИИ вобаста кормандонашро тариқи санҷиш ба кор қабул менамояд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки боре аз корҷӯёни самти ТИИ, таърихи МЭҲ, шаклҳои ва намудҳои принтерҳо, системаҳои ҳисоб ва амсоли онҳоро напурсида, диққати асосӣ ба қобилияти зеҳнии корҷӯён равона кардаанд. Бинобар ин, барои муассисаҳои олӣ зарур аст, ки барномаи таълимиро тавре таҳия намоянд, ки ба баланд бардоштани қобилияти зеҳнии донишҷӯён нигаронида шуда бошад.

Мавриди зикр аст, ки олимоне зиёде оиди масъалаи дуруст ба роҳ мондани фанҳои таълимӣ барои ихтисосҳои ба ТИИ вобаста корҳои илмиву тадқиқотии зиёдеро анҷом доданд. Дар ин замина корҳои олимоне мисли: Шевцов В.В., Назарова О.В., Макаров А.А., Смольников С.Д., Китаев Д.Ф., Голуб Г.Б., Коган Е.Я., Прудникова В.А. , Резника С. Д. ва ғайра қобили таваҷҷуҳанд [1-6]. Дар корҳои мазкур низ бо таври умум ин масъала мавриди баҳс қарор дода шуда, роҳҳои ба семестрҳо ва гурӯҳҳо тақсим намудани фанҳои таълимӣ ва муҳтавои онҳо сухан нарафтааст. Бинобар ин, масъалаи ҷудокунии мантиқӣ ба курсҳо - яке аз масъалаи асосӣ дар илми педагогика ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки дар баъзе аз муассисаҳои олии кишварамон, мутаассифона масъалаҳои якхела (математикӣ)-ро вобаста ба ҳар семестр дар забонҳои гуногун дарс дода мешаванд, ки дар натиҷаи донишҷӯ дар як муҳити танги фикрронӣ ба воя мерасад. Бояд зикр кард, ки барноманависӣ танҳо операторҳои if, case, for, while, do while, массивҳо ва якчанд компонент набуда, аз ин доира фаротар аст. Ба ҳамин монанд, метавон норасоиҳои зиёде барномаҳои таълимиро ошкор намуд, ки барои ҳамчун барноманавис ба воя расонидани донишҷӯён монеа эҷод мекунанд. Илова бар ин, фанҳо зиёда ба ихтисос новобаста низ сабаби коста гаштани завқу ҳаваси дониишҷӯён гардида, барои ҳамчун мутахассиси варзида ба камол расонидани онҳо монеа эҷод мекунад.

Барои таҳия намудани барномаҳои корӣ, бояд ба корхонаҳо ва ширкатҳое, ки ба ТИИ вобаста машварат намуда, инчунин талаботи бозори меҳнатро ба назар гирифт. Ҳоло ба сифати намуна, барномаи таълимии равияи наверо ки бо номи "Муҳандиси таъминоти барномавӣ" дар кафедраи "Информатика ва системаҳои иттилоотӣ"-и Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2019 кушода шудааст, меорем. Ҳангоми омода намудани барномаи таълимии равияи мазкур, бо мутахассисони ботаҷрибаи корхонаҳои бонуфӯзи кишвар, ба монанди: "Кумитаи андози назди Президенти ҶТ", "Алиф сармоя", "Ҳумо" ва ғайра бо назардошти бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷа машварат карда шудааст.

Равияи мазкур яке аз равияҳои нав дар тамоми дунё ба ҳисоб меравад ва хатмкардагони он метавонанд ҳамчун мудири пойгоҳи додаҳо, таҳиягари системаҳои иттилоотӣ, мудири системаҳои иттилоотӣ, веб-дизайнер, веб-барноманавис, тарҳрези 3D-графикҳо, таҳиягари бозиҳои компютерӣ, барноманавис барои телефонҳои мобилӣ, .Net – барноманавис, муҳандиси IT-технологияҳо, муҳандиси ҳифзи иттилоот ва ғайра кор кунанд.

Фанҳои таълимӣ дар равияи мазкур тавре ба роҳ монда шудаанд, ки донишҷӯ метавонад, пай ар пай қадам ба қадам барноманависиро дар сатҳи олӣ аз худ намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аксар фанҳои таълимии дар ин равия тадрисшаванд дар ягон донишгоҳи ҷумҳуриамон бо ин тартиб дарс дода намешаванд ва баъзе аз фанҳо умуман мавҷуд нестанд. Дар поён фанҳои таълимии ба ТИИ вобастаи равияи мазкур, вобаста ба семестр ва курс оварда шудаанд.

| № | Курс | Семестр | Фанни таълимӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | 1 | 1 | 1.Информатика<br>2.Назарияи алгоритмҳо<br>3.Барноманависӣ |
| | | 2 | 1. Назарияи алгоритмҳо<br>2. Барноманависӣ<br>3. Амалияи барноманависӣ<br>4. Системаҳои омилӣ<br>5. Муқаддимаи ихтисос (касб) |
| 2 | 2 | 3 | 1. Барноманависии ба объектҳо нигаронидашуда<br>2. Амалияи барноманависӣ<br>3. Алгоритмҳо ва сохтор додаҳо<br>4. Пойгоҳи додаҳо (MS SQL Server/ PostgresSQL)<br>5. Web-барномнависӣ (frontend)<br>6. Архитектураи системаҳои ҳисобкунӣ, шабака ва иртиботот<br>7. Системаҳои омилӣ |
| | | 4 | 1. Алгоритмҳо ва сохтори додаҳо<br>2. Пойгоҳи додаҳо (MS SQL Server/ PostgresSQL)<br>3. Архитектураи системаҳои ҳисобкунӣ, шабака ва иртиботот<br>4. Ташкили шабакаҳои компютерӣ<br>5. Асосҳои Web-барномнависӣ (frontend)<br>6. Графики компютерӣ<br>7. Муҳандиси барномавӣ |
| 3 | 3 | 5 | 1. Муҳандиси барномавӣ<br>2. Лоиҳакашии системаҳои иттилоотӣ<br>3. Тарҳрезӣ ва барноманависӣ (барномаҳои ба Blender монанд)<br>4. Барноманависӣ барои телефонҳои мобилӣ<br>5. Web-барноманависӣ (backend)<br>6. Технологияи .NET/ Технологияи JavaFX<br>7. Мудирияти пойгоҳи додаҳо |
| | | 6 | 1. Лоиҳакашии системаҳои иттилоотӣ<br>2. Барноманависӣ барои телефонҳои мобилӣ<br>3. Методҳои криптографии ҳифзи иттилоот<br>4. 3D барноманависӣ<br>5. Шабакаҳои нейронӣ/Омӯзишҳои амиқ<br>6. Web-барноманависӣ (backend)<br>7. Мудирияти пойгоҳи додаҳо |
| 4 | 4 | 7 | 1. Мудирияти системаҳои иттилоотӣ<br>2. Идоракунии иттилооти калон<br>3. Коркарди бозиҳои компютерӣ<br>4. Таъминоти барномавӣ ва сахтафзории ҳифзи иттилоот<br>5. Технологияҳои виртуализатсия<br>6. Омӯзишҳои мошинӣ<br>7. Барноманависӣ барои телефонҳои мобилӣ |
| | | 8 | 1. Технологияи блокченҷ<br>2. Мудирияти системаҳои иттилоотӣ<br>3. Интегратсияи иттилоот дар системаҳои иттилоотӣ<br>4. Ташкил ва идоракунии лоиҳакашии тиҷоратӣ<br>5. Таҳияи системаҳои зеҳнӣ |

Тавре ки дида мешавад, дар ин чо ҳар як фан бо як низоми хос ҷойгир буда, фанни қаблиро пурра мекунад, масалан, аввал графики компютерӣ, сипас, 3D-тарҳрезӣ ва 3D-барноманависӣ ва коркарди бозиҳои компютерӣ тадрис дода мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷадвали овардашуда курсҳои интихобӣ аз курсҳои базавӣ ҷудо карда нашудаанд. Илова бар ин, қариб дар ҳар курс Web-барноманависӣ мавҷуд аст, зеро дар айни ҳол ин навъ барноманависӣ аз ҳама коромадтар ба ҳисоб рафта, барномаҳо ва framework-ҳои зиёде мавҷуд аст, ки бо як ё ду семест наметавон ҳамаи онҳоро азбар намуд. Ба ғайр аз ин, фанҳои дигари ёрирасон низ дар ин ҷо оварда нашудаанд.

Ҳангоми бо чунин усул омода намудани барномаи корӣ хатмкунандагон дониши кифоягӣ ва таҷрибаи лозимиро оиди технологияҳои ҳозиразамон аз рӯи самтҳои зерин ба даст оварда метавонанд. Бинобар ин, дар оянда ҳамчун мутахассиси варзидаи ба бозори меҳнати имрӯза ҷавобгӯ ба воя расанд.

- ✔ Frontend – барноманавис;
- ✔ Backend – барноманавис;
- ✔ Fullstack – барноманавис;
- ✔ Барноманавис барои телефонҳои мобилӣ;
- ✔ Барноманависи бозиҳои компютерӣ;
- ✔ Мутахассиси таҳлилгари иттилооти калон;
- ✔ Мудири пойгоҳи додаҳо (Oracle, MS-SQL, MySQL, NoSQL);
- ✔ Мудири системаҳои иттилоотӣ ва ғайра.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар баъзе аз муассисаҳои олии кишвар новобаста аз тараққиёти илму техника то ҳол технологияҳо ва забонҳои барноманависии кӯҳна дарс дода мешавад. Дар саҳифаи facebook [7] байни 147 донишҷӯ аз муассисаҳои олии ҷумҳуриямон назарсанҷӣ оиди омӯзиши забонҳои барноманависии системаи идоракунии пойгоҳи додаҳоро дар муассисаҳои олӣ гузаронида шуда буд, ки чунин натиҷа ба даст омад (Расми 1):




Расми 1. Натиҷаи назарсанҷӣ

Тавре ки аз натиҷаи назарсанҷӣ дида мешавад, аксари донишҷӯён Visual Basic 6-ро интихоб карданд. Илова бар ин, интихобкунандагони забони Pascal ва QBasic низ мавҷуданд. Ҳол он ки забонҳои мазкур ҳарчанд ки забони классикӣ ба ҳисоб раванд ҳам, аммо дар ҳеҷ ҷой корбурд надошта, айни ҳол дарс додани онҳо дар муассисаи олӣ ғайри қобили қабул мебошад ва рейтинги муассисаро хело пас мезанад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳар чӣ зудтар аз ин замбонҳо даст кашида шавад. Ба ҷойи онҳо хуб мешавад, ки забонҳои муосири барноманависӣ ба монандӣ: Python, GoLang, Java ва ғайра дарс дода шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки донишҷӯйи имрӯза нисбат ба донишҷӯйи 5-6 сол қабли фарқи калон дошта, пеш аз омӯхтани ягон технология ва забони барноманависӣ ба рейтинги он диққат медиҳад[8-9]. Илова бар ин, эҳтимолияти пайдо намудани корро бо донистани он месанҷад [10-11]. Мусаллам аст, ки бо донистани танҳо забонҳои Visual Basic 6, Pascal, Delphi 7 ва QBasic наметавон тақрибан дар ҳеҷ ҷой кори мувофиқ пайдо кард. Бинобар ин, аз нуқтаи назарияи психологӣ омӯзондани забонҳои мазкур боиси афсурдагӣ ва дилсард гардидани донишомӯзон мегардад. Пас, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар раванди таълим иқдомӣ зарурӣ ва саривақтист.

Дар охир қайд кардан ба маврид аст, ки барои расидан ба ин натиҷа зарур аст, ки, дар ибтидои курси сеюм курс ё семистри дуюми курси дуюм сар карда донишҷӯёнро вобаста ба завқ, хоҳиш ва маҳораташон ба гурӯҳҳои мисли frontend, backend, fullstack, барноманавис барои телефонҳои мобилӣ, таҳиягари бозиҳои компютерӣ, мудирияти пойгоҳи додаҳо ва системаҳои иттилоотӣ, амнияти компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ ва ғайра тақсим намуда, ба ҳар гурӯҳ мувофиқан дарс дод. Зеро соҳаи ТИИ бениҳоят соҳаи васеъ буда, як кас наметавонад дар ҳамаи самтҳои овардашуда мутахасиси ба бозори меҳнат ҷавобгӯ гардад. Ҳарчанд ки ин амал дар айни ҳол душвортар аст, аммо метавонад чанд сол баъд имконпазир гардад.

**АДАБИЁТ:**


1. Шевцов В.В. Высшее образование - как фактор политической и культурной независимости нации/ В.В, Шевцов, О.В. Назарова // Экономика, социология и право в современном мире: проблемы и поиски решений. Сборник научных трудов по материалам 21 Международной научно-практической конференции, г. Пятигорск, 27-29 июня 2014г./Международная академия финансовых технологий; Отв. за вып. А.Е. Медовый. - Пятигорск: Издательство МАФТ, 2014. - С. 159-163.
2. Шевцов В.В. Обучение в вузах - этап к массовому сотрудничеству/ В.В, Шевцов, О.В. Назарова // Наука и образование: проблемы и перспективы развития: сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции 30 августа 2014 г.: в 5 частях. Часть 5. Тамбов: ООО «Консалтинговая компания Юком», 2014. С. 140-143.
3. Назарова О.В. Анализ учебных планов направления подготовки 09.03.03 «Прикладная информатика» на соответствие международным критериям инженерного образования ABET/О.В. Назарова // Экономика и социум. – 2015, № 3-2 (16). - С. 423–428.
4. Макаров А.А. Процессный подход в разработке учебных планов/А.А. Макаров, С.Д. Смольников, Д.Ф. Китаев // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – № 6.; URL: http://www.science-education.ru/ru/article/view?id=11253 (дата обращения: 31.05.2020).
5. Голуб Г.Б. Парадигма актуального образования/Г.Б. Голуб, Е.Я. Коган, В.А. Прудникова // ГУ ВШЭ. – 2007. – С. 20-42.
6. Управление факультетом: Учебник. / Под ред. д-ра экон. наук, проф. С. Д. Резника. — М.: ИНФРА-М. - 2008. — 696 с.
7. https://m.facebook.com/questions.php?question_id=2642206889382494&preview_rid=2655405764729273&ref=content_filter
8. https://www.tiobe.com/tiobe-index/
9. http://pypl.github.io/PYPL.html
10. https://hh.ru/
11. https://somon.tj/vakansii/



**АРАБОВ М.Қ., РОЗИҚОВ П.Ш., МУСОЕВ С.С.**


## ТАҶРИБАИ ДУРУСТ БА РОҲ МОНДАНИ ФАНҲОИ ТАЪЛИМИИ БАРОИ ИХТИСОСҲОИ РАВИЯИ БА ТИИ ВОБАСТА ВА МЕТОДИКАИ ТАДРИСИ ОНҲО


Дар мақола зарурати ба низом даровардани фанҳои таълимии барои ихтисосҳои ба равияи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) вобаста мавриди баҳс қарор дода шудааст. Масъалаи дуруст ва самаранок ба роҳ модани фанҳои таълимӣ барои ихтисосҳои ба ТИИ вобаста яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир технологияҳои хело зиёде мавҷуд буда, масъалаи интихоб ва дуруст ба роҳ мондани онҳо дар раванди таълим ва методикаи тадриси онҳо яке аз масъалаҳои кушодаи илмӣ педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Ҳангоми тадрис ва ҷобаҷогузорӣ диққати асосӣ ба талаботи рӯз ва психологияи донишҷӯён дода мешавад. Мавриди зикр аст, ки ҷаҳонбинии техникии донишҷӯёни муосир нисбат ба донишҷӯёни 5-6 сал қабл таҳсилкарда фарқи куллӣ дорад. Зеро дар олами техникӣ зуд-зуд навгониҳои назаррас пайдо гашта, воситаҳои техникӣ ва таъминоти барномавии нав ба нав пайдо мешавад. Дар натиҷа талаботи бозори меҳнат нисбати мутахасиссиони самтҳои ТИИ мувофиқан тағйир меёбад. Бинобар ин, зарур аст, ки барномаи таълимии ихтисосҳои ба ТИИ вобаста ҳар сол азнавсозӣ шуда, фанҳои нави ба технологияҳои вобаста ворид карда шуда, фанҳои ба технологиияҳои кӯҳна вобаста, мувофиқан нест карда шаванд. Дар натиҷа, муассисаи олие, ки чунин амал мекунад, ба омода намудани мутахассисони варзидаи ба бозори меҳнат ҷавобгӯ қодир гардида, обрӯ ва эътибори худро дар байни дигар муассисаҳои олӣ нигоҳ медорад ва ҳатто баландтар мебардорад. Аз як тараф, зуд-зуд азнавсозӣ намудани барномаи таълимӣ обрӯи муассисаи олиро баланд бардорад, аз тарафи дигар, диққати дохилшавандагон ва корфармоёнро нисбати худ ҷалб менамояд. Дар мақола масъалаи мазкур дида баромада шуда, ба қадри кофӣ таҳлил карда мешавад.



**Калидвожаҳо**. ТИИ, информатика, барноманависӣ, компютер, дониши замонавӣ, технологияҳои нав, замони муосир, барнома, масъала.

## АРАБОВ М.К., РОЗИКОВ П.Ш., МУСОЕВ С.С.
## ПРОБЛЕМЫ ПРАВИЛЬНО РАСТАВЛЕННЫХ ДИСЦИПЛИН СВЯЗАННЫХ С СПЕЦИАЛЬНОСТИ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫМИ ТЕХНОЛОГИЯМИ И МЕТОДАМИ ИХ ОБУЧЕНИЯ

В статье рассматривается необходимость систематизации учебных дисциплин по специальностям, связанным с областью информационно-коммуникационных технологий (ИКТ). Одним из наиболее актуальных вопросов современности является рационализация учебных дисциплин по специальностям, связанным с ИКТ. В современную эпоху существует множество технологий, и вопрос их выбора и правильного внедрения в учебный процесс и методов их преподавания является одним из наиболее открытых вопросов современной педагогики. При обучении и размещении основное внимание уделяется потребностям дня и психологии студентов. Следует отметить, что техническое мировоззрение современных студентов сильно отличается от студентов, которые учились 5-6 лет назад. Потому что в техническом мире часто появляются значительные инновации, новое аппаратное и программное обеспечение. В результате потребности рынка ИКТ в специалистах по ИКТ соответственно изменятся. Поэтому необходимо ежегодно обновлять учебные планы специальностей, связанных с ИКТ, вводить новые дисциплины в соответствующие технологии и соответственно исключать дисциплины, связанные со старыми технологиями. В результате, учреждение высшего образования, которое работает таким образом, способно готовить квалифицированных специалистов для удовлетворения потребностей рынка труда, поддерживать и даже укреплять свою репутацию среди других высших учебных заведений. С одной стороны, частое обновление учебной программы повышает репутацию учреждения, с другой - привлекает внимание соискателей и работодателей. Этот вопрос будет рассмотрен и проанализирован в ходе этой статьи.

**Ключевые слова.** IT, информатика, программирование, компьютер, современные знания, новые технологии, современность, программное обеспечение, проблемы.

## ARABOV M., ROZIKOV P., MUSOEV S.
## PROBLEMS CORRECTLY PLACED DISCIPLINES RELATED TO SPECIALTIES OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES AND METHODS OF THEIR TRAINING

The article discusses the need to systematize academic disciplines in specialties related to the field of information and communication technologies (ICT). One of the most pressing issues of our time is the rationalization of academic disciplines in specialties related to ICT. In the modern era, there are many technologies, and the question of their choice and correct implementation in the educational process and methods of teaching them is one of the most open questions of modern pedagogy. The teaching and placement focuses on the needs of the day and the psychology of the students. It should be noted that the technical outlook of modern students is very different from students who studied 5-6 years ago. Because in the tech world there are often significant innovations, new hardware and software. As a result, the needs of the ICT market for ICT specialists will change accordingly. Therefore, it is necessary to update the curricula of specialties related to ICT annually, introduce new disciplines in the corresponding technologies and, accordingly, exclude disciplines related to old technologies. As a result, an institution of higher education that operates in this way is able to prepare qualified professionals to meet the needs of the labor market, maintain and even strengthen its reputation among other higher education institutions. On the one hand, frequent updating of the curriculum increases the reputation of the institution, on the other hand, it attracts the attention of applicants and employers. This issue will be addressed and analyzed in the course of this article.

**Keywords**. IT, informatics, programming, computer, modern knowledge, new technologies, modernity, software, problems.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Арабов Муллошараф Қурбонович** - номзади илмҳои физика ва математика, Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, дотсенти кафедраи информатика ва системаҳои иттилоотӣ, суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30. Телефон (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru

**Розиков Парвизҷон Шарифбекович** - барномасози калон, ЧДММ "Развитие", суроға: 117105: Федератсияи Русия, ш. Москва, кӯчаи Варшавский 1 бинои 6, идораи 401В; ошёнаи 4. Телефон (+992) 555-87-87, (+7) 983-003-72-29, E-mail: rozikovp@gmail.com

**Мусоев Суҳайлӣ Сайвалиевич** – ассистенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Телефон:** (+992) 907–88–88–57; **E–mail**: suhaily94@mail.ru.

**Сведения об авторах: Арабов Муллошараф Курбонович -** кандидат физико-математических наук, Российско-Таджикский славянский университет, доцент кафедры информатики и информационных

систем, адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзода, 30. Телефон: (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru
**Розиков Парвизҷон Шарифбекович** - старший разработчик, ООО "Развитие", адрес: 734025, Федерацияи Россия, г. Москва, Варшавское шоссе, 1 ст. 6, 401В офис, 4 этаж. Телефон: (+992) 555-87-87, (+7) 983-003-72-29, E-mail: rozikovp@gmail.com
**Мусоев Сухайли Сайвалиевич** – ассистент кафедры информационные и коммуникационные технологии механико-математического факультета Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Телефон:** 907–88–88–57; **E–mail:** suhaily94@mail.ru.
**Information about the authors: Arabov Mullosharaf Kurbanovich** - Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Russian-Tajik Slavic University, Associate Professor, Department of Informatics and Information Systems, address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Mirzo Tursunzoda, 30. Phone: (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru
**Rozikov Parvizjon Sharifbekovich** - Senior developer, OOO(limited liability company), address: 734025, Russian Federation, Moscow, Varshavskoe shosse, 1 building 6, 401B office, 4th floor. Phone: (+992) 555-87-87, (+7) 983-003-72-29, E-mail: rozikovp@gmail.com
**Musoev Suhaili Sayvalievich -** Assistant of the Department of Information and Communication Technologies, Faculty of Mechanics and Mathematics, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. **Phone:** (+992) 907-88-88-57; **E-mail:** suhaily94@mail.ru.

**ЮСУПОВА Ф. М**
**РАҲМАТУЛЛОЕВА М.Н**

## НАҚШИ РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ЧУН ПРИНСИПИ ДИДАКТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИТАХАССУСӢ

Дар марҳилаи кунунии рушд робитаҳои байнисоҳавӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ нақши муҳимро мебозад. Алоқаи байнифаннӣ ин ягонагии мазмуни таълим, интихоб ва сохтани мавод вобаста ба мақсаду вазифаҳо ва хусусияти фанни таълимшаванда мебошад. Дар асоси ин, мо аҳамияти робитаҳои байнисоҳавиро эътироф накарда наметавонем, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки ҳар як донише, ки аз фанҳои гуногун гирифта шудаанд, якҷоя карда шаванд.

Робитаҳои байнифаннӣ ҳамчун принсипи дидактикии таълим амал мекунанд, ки ин албатта ба беҳтар шудани сифати дониши донишҷӯён мусоидат мекунад. Ташаккули ин гуна робитаҳо ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки аз доираи як фанни таълимӣ берун барояд, ки ин барои истифода бурдани донишҳои соҳаҳои гуногуни илмӣ кӯмак мерасонад. Робитаҳои байнифаннӣ инчунин ба таркиб ва сохтори маводи дидактикии мавзӯъ таъсири калон мерасонанд. Масалан, ҳангоми таҳияи маводи дидактикӣ аз фанни забони хориҷӣ барои факултети молия ва иқтисоди бозор омӯзгор бояд хусусияти касби мутахассиси оянда, шавқу рағбат ба омӯзиши ин фан, ба ҳадди ақалл ҷалб намудани дониши донишҷӯён аз рӯи ихтисосро ба назар гирад. Ҳангоми татбиқи робитаҳои байнифаннӣ ҳамчун принсипи дидактикии таълим мазмуни ҳар як фаъолияти донишҷӯ пурра гардида, роҳҳои муҳокимаронии ӯ мураккабтар мегардад, тафаккури баҳодиҳӣ ташаккул меёбад, робитаҳои коммуникатсионӣ дар раванди татбиқи донишҳои фанҳои касбӣ мустаҳкам мегарданд. Дар ин замина байни забони хориҷӣ ва фанҳои тахассусӣ ҳамбастагии комил ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои байнифаннӣ имкон медиҳанд, ки фарҳанги муошírати донишҷӯ аз забони хориҷӣ ташаккул ва инкишоф ёбад. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар факултети молия ва иқтисоди бозор ҷаҳонбинии мутахассисониояндаи соҳаи иқтисодиро васеъ намуда, ба ташаккули фарҳанги муошírати забони хориҷӣ мусоидат менамояд ва ба рушди умумии нутқи мутахассисони оянда замина мегузорад. Забони хориҷӣ воситаи муошират, интиқоли иттилооти қаблан гирифташуда дар бораи муҳити атроф аст. Ҳадафи омӯзиши забони хориҷӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ танҳо ба даст овардани танҳо донишу малакаи забоншиносии мутахассисони оянда буда наметавонад. Раванди таълим барои ба даст овардани маълумоти касбӣ нигаронида шуда, азхудкунии намудҳои фаъолияти нутқ, ки барои истифодаи ин маълумот имкон медиҳад, равона карда шудааст. Дар сатҳи робитаи байнисоҳавии забони хориҷӣ бо фанҳои ҳуқуқӣ, ки ба ин самт дохил мешавад, донишҷӯ равандҳои муоширатро, аллакай бо забони муҳити додашуда (усулҳо, воситаҳо, мафҳумҳои он) амалӣ менамояд.

Барои ноил шудан ба муваффақияти бештар дар таҳияи маводи ба касбомӯзӣ нигаронидашуда ва ташаккули ҳавасмандии устувор дар омӯзиши забони хориҷӣ, омӯзгор бояд пайваста тамоюли касбии донишгоҳро ба назар гирифта, диққати донишҷӯёнро ба он равона созад, зеро маводҳои интихобгардида барои таҳлили минбаъдаи ҳодисаҳои баррасишаванда аҳамияти калон дорад.

Омӯзгори забони хориҷӣ бо назардошти принсипи дидактикии пешниҳодшуда барои дарсҳои амалӣ маводи мувофиқро интихоб мекунад, тартиби пешниҳоди онро муқаррар мекунад, инчунин барои худомӯзӣ супоришҳо таҳия мекунад, ки аз рӯи мазмун, ҳаҷм ва дараҷаи мураккабии худ фарқ мекунанд. Аз дарсҳои аввалини забони хориҷӣ донишҷӯ ба шиносоӣ, аз худ кардан ва истифода бурдани маводи лексикӣ барои касби ояндааш шуруъ мекунад. Дар омӯзиши забони хориҷӣ мутолиаи адабиёти тахассусӣ аз рӯи ихтисос мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Якум, мутолиаи адабиёт ба забони хориҷӣ беҳтарин роҳи баланд бардоштани ҳавасмандӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ аст. Дуюм, қобилияти мутолиаи адабиёти хориҷӣ барои донишҷӯён барои гирифтани маълумот аз дигар манбаъҳо имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, ки дар оянда ба онҳо имкон медиҳад, ки дониши касбии худро дар сатҳи нав, дар амал татбиқ намудани таҷрибаи хориҷӣ ба роҳ монанд. Бинобар ин, ба маводи дидактикӣ дохил намудани матнҳои тахассусӣ аз адабиёти аслии хориҷӣ зарур аст. Донишҷӯ дар кор бо маводи нашриёҳои хориҷӣ на танҳо дониши забони хориҷиро такмил медиҳад, балки усулҳои кор бо адабиёти ба касб нигаронидашударо аз худ мекунад, бо истилоҳоти қаблан номаълум, мафҳумҳо ва падидаҳои мушаххасе, ки танҳо ба кишварҳои хориҷӣ хосанд, шинос мешавад.

Ҳамин тариқ, ба шарофати принсипи робитаҳои байнифаннӣ метавон таълими забони хориҷиро бо таълими фанҳои тахассусӣ пайваст кард. Ҳангоми таҳия ва интихоби маводи дидактикӣ барои гузаронидани дарс бо забони хориҷӣ бояд ба назар гирифт, ки ҳамзамон омӯзиши баъзе фанҳои иқтисодӣ масалан, дар факултети молия ва иқтисоди бозор адабиёти дахлдор бо забони хориҷӣ самараи бештар меорад. Омӯзиши бисёр фанҳои ба ихтисос нигаронидашуда, аз қабили андоз ва андозбандӣ, кори бонкӣ ва ғайраҳоро танҳо дар курсҳои болоӣ шуруъ мекунанд, дар ҳоле ки забони хориҷӣ дар МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" танҳо дар курсҳои аввал таълим дода мешавад. Аз сабаби он, ки донишҷӯён матнҳои дорои маълумоти навро дар бораи ин фанҳо мехонанд, маълумоти қаблан гирифташуда албатта, муфид хоҳад буд. Ҳамин тавр, аҳамияти татбиқи чунин принсипи дидактикӣ, ба монанди алоқаи байнисоҳавӣ муҳим мебошад. Дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ бояд аз усулҳои гуногуни интерактивӣ истифода кард. Ба инҳо намоишҳо, бозиҳои корӣ, мубоҳисаҳо, тамошои видеоҳо ва кор дар зергурӯҳҳо дохил мешаванд. Усулҳои пешниҳодшудаи таълим имкон медиҳанд, ки мушкилоте, ки донишҷӯён дар оянда дар ҷараёни фаъолияти касбиашон дучор мешаванд, бартараф карда шаванд. Ҳатто чунин мавзӯъҳои ба назар содаи муоширати иҷтимоӣ ва рӯзмарра, аз қабили «Тарҷумаи ҳол» ё «Симои ман» дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ заруранд. Такрори мавод доир ба мавзӯъҳои дар боло зикршуда ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки доир ба мавзӯе, ки дар кадом ҳолатҳо ва шароитҳои воқеии ҳаётӣ дониши гирифтаашон муфид буда метавонад, муҳокимаронӣ намояд. Ин мавзӯъҳо метавонанд дар амалия татбиқ шаванд, масалан, ҳангоми навиштани тарҷумаи ҳол, резюме, ҳангоми ба кор қабул шудан. Омӯзиши мавзӯи «Вазъиятҳои муоширати ҳаррӯза» муфид ва зарур аст, зеро донистани ин мавзӯъ ва қобилияти истифода бурдани қолабҳои нутқӣ дар ҳалли ҳолатҳои воқеие, ки дар ҷараёни хидмат ба вуҷуд меоянд, кӯмак мекунад. Масалан, як шаҳрванди хориҷӣ метавонад барои дарёфти истгоҳи автобус ё самтҳои ронандагӣ кӯмак пурсад ё корманд вазъияте дошта бошад, ки ӯ бояд аз ронанда ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кунад ва ғайра. Дар сатҳи омӯзиши модули муоширати касбӣ, донишҷӯён бояд аз донишҳои қаблан гирифташуда оид ба мавзӯъҳои муоширати иҷтимоӣ ва рӯзмарра истифода баранд. Дар дарсҳои амалӣ ҳангоми кор бо мавзӯъҳои «Сохтори давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико», «Сохтори давлатии шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ» донишҷӯён имкон доранд, сохтор ва шакли ташкили низоми давлатии кишварҳои хориҷиро дар шакли муқоиса бо сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзанд. Дар чунин дарсҳо алоқаи байни фанҳо равшан зоҳир мегардад. Онҳо иқтидори бузурги тарбиявӣ доранд, зеро дар рафти мубоҳиса донишҷӯён таҳлили муқоисавии ду ва зиёда системаҳоро меомӯзонд, хусусиятҳои умумии сохти давлатиро қайд мекунанд; баён кардани фикру зикри худро ба забони хориҷӣ ташаккул медиҳанд. Дараҷа ва сифати ҷавоби онҳо, мавҷудияти лексикаи

касбӣ ҳангоми суханронӣ дар мавзӯъҳои гуногун бевосита аз устувории дониши дар фанҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ аз забони модарӣ гирифтаашон вобаста аст. Дар сурати мавҷуд будани «холӣ» ё азхудкунии сусти маълумот оид ба фанҳои тахассусӣ донишҷӯён дар дарсҳои амалии забонҳои хориҷӣ дониши худро дар сатҳи хуб нишон дода наметавонанд, ки ин боиси мушкил ҷавоб додан ва сарфи вақти иловагӣ барои такрор мегардад.

Ҳамин тариқ, риояи принсипи дидактикии робитаи байни субъектҳо ҷузъи ниҳоят муҳим ва ҷудонашавандаи раванди тайёр кардани мутахассисони касбӣ мебошад. Алоқаи байнифаннӣ синтези донишҳои бадастомадаро анҷом медиҳад, ки мубодилаи пайвастаи усулҳо, принсипҳо, идеяҳоро аз як фан ба дигар фан таъмин мекунад. Татбиқи принсипи робитаи байнисоҳавӣ дар раванди тайёр кардани мутахассисони факултетҳои ғайритахассусӣ воситаи самараноки баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи дониши донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ мебошад.

Алоқаи байнифанӣ ин мувофиқати мутақобилаи барномаҳои таълимиест, ки аз системаи фанҳо ва ҳадафҳои дидактикӣ онҳо иборат аст. Принсипҳои дидактикии характери илмидошта талаб мекунанд, ки дар нақшаи таълимӣ фанҳои алохида тавре ҷойгир карда шаванд, ки омӯзиши як фан ба дигар фанҳо пешниҳодшуда такя карда шавад. Алоқаҳои байнифанӣ воситаи дахлдори муносибати мураккаби таълими ва тарбияи хонанда мебошанд. Мавҷудияти робитаҳои байнифанӣ дар нақшаҳои таълимӣ ба хонандаи мактаби миёна имкон медиҳад, ки дар бораи системаи мафҳумҳо ва қонунҳои универсалӣ ва дар байни хонандагони синфҳои болоӣ дар бораи назарияҳои умумӣ ва масъалаҳои мураккаб тасаввурот ба вуҷуд оранд.

Алоқаҳои байнифанӣ дараҷаи таълими илмӣ ва нақши онро дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонанда баланд мебардоранд. Намудҳои гуногуни алоқаҳои байнифанӣ мавчуданд:

1) алоқаҳои фактӣ — алоқаҳои байни субъектхои таълимӣ дар сатҳи далелҳо;

2) алоқаҳои консептуалие, ки ба ташаккули мафҳумҳои умумӣ барои субъектҳои алоқаманд нигаронида шудаанд;

3) алоқаҳои назарияви — системаҳои донишҳои илмӣ дар соҳаи муайяни фан;

4) алоқаҳои фалсафӣ, ки категорияҳои диалектикаи материалистиро инъикос мекунанд. «Дар таълими ягон фан алоқаи байни фанҳо роли калон мебозад. Онҳо, дар навбати якум, дастгирӣ, заминаи пурра дарк ва дарки донишҳои нав, ташаккули малака ва рушди малакаҳоро ифода мекунанд; дуввум, имкон медиҳанд, ки таҷрибаи мавҷудаи забонӣ ва нутқ умумӣ ва ба низом даровaрда шавад ва севвум, мукаммалии дониш таъмин карда шавад».

Маводҳои оид ба ин масъала омӯхташуда роҳҳои татбиқи робитаҳои байнифанӣ дар таълими забони англисӣ пешниҳод шудаанд, аммо ин маънои онро надорад, ки мавод бо забони англисӣ як ё ду сол пеш аз мӯҳлат ва ҳатто бештар аз он дода мешавад ва аз ин рӯ, на танҳо муаллим душворӣ мекашад. Бояд гуфт, ки дар мактаб фанҳое вуҷуд доранд, дар таълими забони англисӣ ба онҳо такя кардан зарур аст. Чунин мафҳумҳо аз забони тоҷикӣ, ба монанди синонимҳо, антонимҳо, диалогҳо, монологҳо, тавсиф, нақлҳо, далелҳо, сохтори таркибии гуфтаҳо ва ғайра; аз адабиёт истинод ба матн, ғоя, ғояи асосӣ, шеър, зарбулмасал, макол ва гайра; аз санъати тасвирӣ - расми портретй, манзара, композитсияи предметӣ барои муаллим асос мебошанд.

Муносибати забони хориҷӣ бо дигар фанҳои таълимӣ гуногун ва бисёрфунксионалӣ мебошад. Роҳҳои пурсамари такмил додани раванди таълим бо забонхои хориҷӣ, ба шарте, ки алоқаҳои байни фанҳо истифода шаванд, дар такмили ҳам дар нақшаи мазмуни фанни таълимӣ ва ҳам ҷиҳати протсессуалии он дида мешавад.

Вобаста ба ин, дар амалисозии робитаҳои байни фаннии забони хориҷӣ бо дигар фанҳо ду самт ҷудо карда мешавад.

Самти аввал бо нақшаи хониши фаннӣ бо забони англисӣ аз ҳисоби ғанӣ гардонидани он бо иттилооти лингвистӣ аз фанҳои гуногун алоқаманд аст.

Самти дуввум, ки ҷанбаи мурофиавии ин фанни таълимиро тавсиф мекунад, такмили малакаҳои умумии таълимиро дар бар мегирад, ки самаранокии таълими хониш бо забони хориҷиро баланд бардошта, донишҷӯёнро ба навсозӣ ва ба низом даровардани донишҳои дар рафти таълим гирифтаашон равона мекунад, инчунин татбиқи минбаъдаи забони хориҷӣ ва дигар фанҳо дар дарси забони хориҷӣ ва дигар фанҳо амалӣ мегарданд [7, 41].

Забони хориҷӣ дар робита бо дигар фанҳо барои ғанӣ гардонидани нутқи хонандагон бо маълумоти иловагӣ дурнамои истифодаи он дар таълими забони хориҷӣ муҳим аст.

Инчунин зиёд намудани ҳаҷми умумии маълумоти универсалӣ ва таҳкими ҷанбаи минтақавӣ, пурзӯр намудани ҷанбаи воқеии таълими забони хориҷӣ дар мактаб, бо сабабҳои зерин зарур ба назар мерасанд: аввалан, маводҳои кишваршиносӣ асосан хусусияти забони хориҷиро инъикос мекунанд, ҳамчун воситаи муошират забони хориҷӣ; дуввум, ҳангоми мутолиаи мавод дар бораи кишвари забони омӯхташаванда ҳадаф ба забони англисӣ, хонандагон имкони ошноӣ бо воқеияти кишвари забони омӯхташавандаро доранд, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои дигар имкони шиносоӣ надоранд.

Одатан, адабиёт ва таърих аз қабили фанҳои наздиктарин ба забони англисӣ мебошанд. Ин ду мавзуъ хамчун ду сохаи дониш умумибашарӣ ва конкретии таърихиро дар худ синтез карда, як қатор проблемаҳои ахлоқӣ, умумибашариро ба миён гузоштанд, ки онхоро санъаткорони калом хамеша ба миён мегузорад. Ба ин гурӯҳи фанҳо мусиқӣ, рассомӣ дохил мешаванд, ки масъалаҳои умумии инсониро бо воситаҳои бадеии худ хал мекунанд. Инчунин бояд қайд кард, ки байни робитаҳои байнисоҳавӣ ва малакаҳои муошират вобастагии муайян вуҷуд дорад. Алоқаҳои байни фанҳо ҳам асоси ташаккули малакаҳои коммуникатсионӣ ва ҳам натиҷаи амалигардонии фаъолияти коммуникативӣ мебошанд. Аҳамияти асосии онҳо дар он аст, ки онҳо ба як системаи ягона «пайванд» кардани тамоми донишҳои дар дарсҳои гуногун гирифташуда, инчунин дар натиҷаи ин алоқаҳо аз худ намудани донишҳои нав имконият медиҳанд. Ба хонандагон бояд дар дарсҳои забони англисӣ истифода бурдани маълумоте, ки аз фанҳои дигар мегиранд, омӯзонида шавад. Ин ба талаботи омӯзгорон ва равоншиносон мувофиқ аст, ки дар доираи худи фаъолияти таълимӣ тамоюли хонандагонро ба усули ба даст овардани дониш ташаккул медиҳад.

Дар робита ба малакаҳои умумии таълимӣ, аҳамияти аввалиндараҷа бояд ба он чизҳое дода шавад, ки ба гирифтани маълумот аз матн нигаронида шудаанд ва хонишро ҳамчун раванди иттилоотӣ тавсиф мекунанд, яъне. қобилияти ба қисмҳои маъноӣ тақсим кардани матн ва ҷудо кардани маълумоти асосӣ аз онҳо, фарқ кардани иттилооти асосӣ ва муфассалро меомӯзонад.

Вобаста ба ташаккули малакаҳои умумии таълимӣ ва махсуси байнисоҳавӣ усулҳои ташаккули онҳоро муайян кардан бамаврид аст, ки ба онҳо чунин усулҳо, аз қабили муқоиса ва системасозӣ дохил мешаванд. Азхудкунии ин усулхо ба хонандагон имкон медиҳад, ки робитаи забони англисиро бо дигар фанҳо муқаррар ва амалӣ созанд.

Азхудкунии фаъолияти нутқи забони хориҷӣ дар асоси робитаҳои байнисоҳавӣ ба манфиатҳои гуногуни хонандагон ҷавобгӯ буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои инфиродии онҳоро ба назар гиранд, ки табиатан, барои истифодаи амалии забон ҳамчун воситаи муошират шароити мусоидтарин фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, робитаҳои байнифанӣ шарти зарурии ташкили раванди таълим ҳамчун системаи мақсаднок мебошанд. Онҳо ҳамчун воситаи муносибати комплексӣ ба таълим ва мустаҳкам намудани ягонагии он бо таълим баромад мекунанд. Дар фаъолияти таълимии хонандагон ба амал баровардани робитаҳои байнифанӣ ҳамчун шарти дидактикии фаъолгардонии он, ба низом даровардани дониш, ташаккули тафаккури мустақил ва шавқи маърифатӣ хизмат мекунад.

**АДАБИЁТ:**


1. Бердичевский, А. Л. Содержание обучения иностранному языку на основе базовой культуры личности // Иностранные языки в школе. – 2004. – № 2.
2. Волкова, Н. В. Детский праздник (In theworld of English songs and poems) // Иностранные языки в школе. – 1997. –№ 4.
3. Выготский, Л. С. Исследование развития научных понятий в детском возрасте / Л. С. Выготский. – М.: Лабиринт, 2001. – 104 с. 4. Гальскова, Н. Д. О взаимодействии учителя и учащихся на уроке иностранного языка / Н. Д. Гальскова, З. Н. Никитенко // Иностранные языки в школе. – 1991. –№ 2.
5. Кабакчи, В. В. Английский язык в межкультурном общении – новый аспект в преподавании английского языка // Иностранные языки в школе. – 2000. – № 6.
6. Комаров, А. С. Творческий подход к планированию урока английского языка // Иностранные языки в школе. – 2003. – № 4.
7. Лазарева, Е. В. Раннее обучение английскому языку средствами искусства: воспитание человеческой природы // Иностранные языки в школе. – 1996. – № 2. – 41 с.
8. Любченко, А. С. Нестандартные уроки английского языка в школе / под общ. ред. С. Н. Смоленского. – Ростов н/Д.: Феникс, 2007. – 196 с.

## ЮСУПОВА Ф. М, РАҲМАТУЛЛОЕВА М.Н
## НАҚШИ РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ЧУН ПРИНСИПИ ДИДАКТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИТАХАССУСӢ

Дар мақолаи мазкур нақши робитаҳои байнифаннӣ чун принсипи дидактикӣ дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ ба назар гирифта шудааст, ки дар он муаллифон аҳамияти робитаҳои байнисоҳавиро нишон додаанд. Робитаҳои байнифаннӣ ҳамчун принсипи дидактикии таълим амал мекунанд, ки ин албатта ба беҳтар шудани сифати дониши донишҷӯён мусоидат мекунад. Аҳамияти татбиқи принсипи дидактикӣ, ба монанди алоқаи байнисоҳавӣ дар раванди таълим муҳим мебошад. Ғайр аз ин дар таълими забонҳои хориҷӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ бояд аз усулҳои гуногуни интерактивӣ истифода кард.

**Калидвожаҳо:** принсипи дидактикӣ, робитаҳои байнисоҳавӣ, робитаҳои байнифаннӣ, алоқа, таълими забони хориҷӣ, факултетҳои ғайритахассусӣ

## ЮСУПОВА Ф. М, РАХМАТУЛЛОЕВА М.Н
## РОЛЬ МЕЖПРЕДМЕТНЫХ СВЯЗЕЙ КАК ДИДАКТИЧЕСКИЙ ПРИНЦИП В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ В НЕЯЗЫКОВЫХ ФАКУЛЬТЕТАХ

В статье рассматривается роль междисциплинарных отношений как дидактического принципа в процессе обучения иностранным языкам на неспециализированных факультетах, в котором авторы признают важность междисциплинарных отношений. Междисциплинарное общение выступает дидактическим принципом обучения, что, безусловно, способствует повышению качества знаний учащихся. Таким образом, важна важность реализации такого дидактического принципа, как междисциплинарное общение. В процессе обучения иностранным языкам на неспециализированных факультетах следует использовать различные интерактивные методы.

**Ключевые слова**: дидактические принципы, межпредметные связи, межспециальные связи, коммуникация, обучение иностранным языкам, неязыковые факультеты

## YUSUPOVA F., RAKHMATULLOEVA M.
## THE ROLE OF INTERDISCIPLINARY CONNECTION AS A DIDACTIC PRINCIPLE IN THE PROCESS OF TEACHING FOREIGN LANGUAGES IN NON-SPECIFIC FACULTIES

This article considers the role of interdisciplinary relations as a didactic principle in the process of teaching foreign languages in non-specialized faculties, in which the authors recognize the importance of interdisciplinary relations. Interdisciplinary communication acts as a didactic principle of teaching, which, has a great contribution in improving the quality of students' knowledge. Thus, the importance of implementing such a didactic principle as interdisciplinary communication is important. Various interactive methods should be used in the process of teaching foreign languages in non-specific faculties.

**Keywords:** didactic principle, interdisciplinary connection, interdisciplinary communication, communication, teaching English language, non-specific faculties

**Маълумот дар бораи муаллифон: Юсупова Фирӯза Муйдиновна**, сармуаллимаи кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ, факултети забонҳои хориҷии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", *E-mail:* firuzakhon_79@mail.ru Тел. (92)978-78-95 (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд)
**Раҳматуллоева Муқаддас Набиҷоновна**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ, факултети забонҳои хориҷии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", *E-mail:* rahmatulloeva_86@mail.ru Тел. (92)735-10-01 (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд)
**Сведение об авторах: Юсупова Фируза Муйдиновна**, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков факультета иностранных языков, ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" E-mail: firuzakhon_79@mail.ru Тел. (92)978-78-95 (Республика Таджикистан, Худжанд)
**Рахматуллоева Мукаддас Набиджоновна**, кандидат педагогическтих наук, доцент общеуниверситетской кафедры иностранных языков, факультета иностранных языков, ГОУ "ХГУ имени академика Бободжона Гафурова" E-mail: rahmatulloeva_86@mail.ru (92)735-10-01 (Республика Таджикистан, Худжанд)
**Information about authors: Yusupova Firuza Muidinovna**, Senior Lecturer, All University Department of Foreign Languages, the Faculty of Foreign Languages, SEI "Khujand State University named after academician B. Gafurov" E-mail: firuzakhon_79@mail.ru Tel. (92) 978-78-95 (Republic of Tajikistan, Khujand)
**Rakhmatulloeva Mukaddas Nabidzhonovna**, candidate of pedagogical sciences, docent of All University Department of Foreign Languages, the Faculty of Foreign Languages, SEI "Khujand State University named after academician B. Gafurov" E-mail: rahmatulloeva_86@mail.ru (92) 735-10-01 (Republic of Tajikistan, Khujand)

**САЛИМОВ З.**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРИИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дигаргуншавии ҷомеа, замони нав, рафтору муносибати навро талаб мекунад. Истиқлолият дар ҷабҳаҳои гуногуни Тоҷикистони тозабунёд дигаргуниҳои азимеро ба вуҷуд овард. Дар соҳаи таълиму тадрис низ дигаргуниҳо фикру мулоҳизаҳо, муносибатҳои нави педагогӣ пайдо шуданд. Имрӯзҳо омӯзгорон ва талабагони мо ба тарзи куллӣ тағйир ёфтаанд. Аз он шогирдоне, ки мо имрӯз тарбия мекунем ояндаи Ватани мо ва пешрафти он вобастагӣ дорад. Барои ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан омӯзгоронро лозим аст, ки усули гуногуни таълимиро истифода баранд ва дар якҷоягӣ кӯшиши ҷорӣ намудани муносибатҳои нави таълимиро карда, дар ин ҷараён аз таҷрибаи пешқадам, семинарҳои байналхалқӣ, курсҳои такмили ихтисос, мутолиаи адабиёти бадеӣ баҳра баранд. Ин тақозои замон ва талаботи педагогикаи муосир мебошад.

Мақсад аз он иборат аст, ки омӯзгорон бо усули таълимии ҳозиразамону пешқадам шинос шуда, роҳҳои дурусти истифодаи онҳоро дастрас намоянд. Дар дуруст ташкил намудан ва шавқовар гузаронидани дарси имрӯза баъзе мушкилиҳо пайдо шуданашон мумкин аст, бартараф намудани онҳо бошад, аз маҳорати педагогии ҳар яки мо вобастагӣ дорад.

Технологияи инноватсионӣ барои амалӣ ҳосил намудани маҳорату малакаҳо нигаронида шуда, муносибати фаъоли хонандагонро дар назар дорад ва дар асоси донишҳои пешинаи онҳо ба роҳ монда мешавад. Ин шакли таълим имконияти интихоб кардани усули нави корӣ, талаботи онҳоро дар асоснокии зарурияти омӯзиши ахбори нав ва дар ҳамгироии донишҳои нав бо таҷрибаи ҳаётӣ дошта, талаботи ба амалия нигаронидани таълимро дорад.

Ба таври дигар гӯем, дар муқоиса бо усули анъанавӣ, усули интерактивӣ васеътар ва бештар ба фаъолияти якҷояи хонандагон на танҳо бо омӯзгор, инчунин хонанда бо хонанда ва ба бартарии фаъолияти хонандагон дар ҷараёни таълим нигаронида шудааст. Мавқеи омӯзгор дар дарсҳои интерактивӣ равона намудани фаъолияти хонандагон барои ба мақсади дарс расидан мебошад.

Бинобар ин, асоси ташкил намудани дарсҳои интерактивӣ машқ ва супоришҳои интерактивӣ мебошанд, ки аз тарафи хонандагон иҷро карда мешаванд. Фарқи муҳимми машқ ва супоришҳои интерактивӣ аз муқаррарӣ дар он аст, ки онҳоро хонандагон иҷро карда на танҳо маводи омӯхташударо мустаҳкам мекунанд, инчунин ҳамон қадар маводи навро меомӯзанд.

Ҳангоми истифодаи усули интерактивӣ тарзҳои ташкили якҷоя амал кардан бо таълимгирандагон, усули коммуникативӣ, тақсимоти масъулият барои натиҷаҳо, далеловарӣ дар таълим ҷудо карда шуда, нақши омӯзгор низ аз «таҳқиқотчӣ» ба «ташкилотчии ҷараёни таълим, ба роҳбалад ва мушовир» иваз мешавад.

Истифодаи усули интерактивӣ ба хонандагон дар муддати кӯтоҳ фикри худро баён кардан, муҳокимаи маъалаҳоро дар шароити мувофиқ дода, ба онҳо барои аз наздик муоширaт кардан имконият медиҳад.

Мубоҳисаву муҳокимарониҳо дар хонандагон маҳоратҳои таҳлилӣ, дида баромадани масъалаҳоро ба таври комплеексӣ, таҳаммулпазирӣ ба нуқтаи назари гуногунро инкишоф медиҳад.

Ҳангоми ташкили муҳокимаронии дастҷамъонаи масъалаҳо дар шароити озодии пурраи хонандагон дар баёни нуқтаи назар ва пешниҳодҳо вобаста ба ҳалли масъалаҳои муҳокимашаванда ҳавасманд карда шаванд. Муҳокимаи ахбори нав ё масъала ва ҳалли он дар шакли саволу ҷавоб гузаронида мешавад. Баъди ба саволҳо ҷавоб гирифтан омӯзгор албатта таҳлил ва муҳокимаи ҷавобҳоро гузаронида, ҷамъбасти умумӣ мекунад.

Тавре ки дар Консепсияи таълими ибтидоӣ қайд гардидааст таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ё худи таълими ибтидоӣ пояи ташаккули шахсият, таҳкурсии минбаъдаи омӯзиш мебошад. Вай ҳамчун муайянкунандаи комёбӣ ва нокомии мактаббачагони хурдсол дар фаъолияти минбаъдаи онҳо нақши муҳим мебозад.

Сухан на дар бораи он меравад, ки талабагон дар ин давра навиштан, хондан ва ҳисоб карданро меомӯзанд, ба ҳодисаҳои табиат каму беш шинос мешаванд ва аз силсилаи фанҳои зебописандӣ бохабар мегарданд, балки шавқу ҳаваси маърифатҷӯии бачаҳо нисбат ба мактаб, таълим ва китоб меафзояд, ки ин вазифаест муҳим ва мушкил.

Муаллим ҳамон вакт ба мақсади дар пеш гузоштаи худ ноил мегардад, ки мазмун ва мундариҷаи ҳар машғулияти навбатиашро дархурди шогирдон гардонда тавонад, то онҳо минбаъд дарси навбатиро бесаброна интизор шаванд. Ба қавли устод М. Лутфуллозода талаба зарф нест, ки мо онро бо дониш пур кунем, балки шаъмест, ки тавонем онро афрӯзем, ҳақ асту рост [2].

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, асри ХХ1 асри технологияи муосири таълим мебошад. Ва истифодаи воситаҳои таълим дар ҳар дарс ба омӯзгор имконият медиҳад, ки машғулиятҳояш ҷаззобу шавқовар ва самаранокии онҳо ба маротиб афзун гардад. Зарурияти истифодаи технологияи муосири таълим дар дарс дар он зоҳир мегардад, ки дарси муаллимро ба он маҷрое, ки ҳадафи хеш қарор додааст, бе душворӣ равона месозад ва муттасил ба пеш меравад.

Сохтори ҳар дарси навбатиашро ҳар омӯзгор бо салоҳдиди худ, дараҷаи омодагии хеш ва таҷрибаи андӯхташудааш таҳия карда, мураттаб месозад.

Яке аз талаботи дарси муосир ин аст, ки омӯзгор онро ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ дар хаёли хеш қаблан тасаввур карда тавонад, то дарс дар шакли зарурӣ дуруст танзим гардад.

Ташкили дарс бо технологияи навини таълим аст, шавқовар буда бачаҳоро аз мондашавӣ эмин хоҳад дошт, зеро дарси бо усули нав гузаронидашуда хеле пурмуҳтаво, шавқовар ва ҷолибу диққатҷалбкунанда буда, завқи бачаҳоро афзун мегардонад, ки албатта, ин ҳама аз маҳорати касбии омӯзгор вобаста аст.

Бозӣ низ яке аз шаклҳои технологияи инноватсионии таълим мебошад. Бозӣ фаъолияти равонии хонандагонро муътадил намуда, шавқу ҳавасашанро ба дарс, хоса ба омӯзиши фанни забони модарӣ афзуда, имконоти фарогирии маводро бештар сохта, хасташавиро рафъ менамояд ва ҷараёни омӯзишро осон мегардонад.

Зери мафҳуми бозӣ ҳамон тарзҳое фаҳмида мешаванд, ки барои рафъи хасташвии кӯдакон хизмат намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба дарс зиёд мекунанд.

Ба ақидаи педагог Е. Аракин «бозӣ бояд яке аз воситаҳои бузург ва ниҳоят хуби ивазнашавандаи инкишофи тафаккури кӯдак ҳисобида шавад» [3:5].

Бозӣ яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи муносибат дар ҷараёни дарс ва фориғ аз он мебошад. Ба ин маънӣ бозӣ тағйири ин ё он авомилро табиатан роиҷ медонад ва ҳамзамон дар синф муҳити озоди муносибатро фароҳам меорад.

«Барои он ки гузариш аз як навъи фаъолият ба фаъолияти дигар - аз бозӣ ба таълим, - бенуқсон бошад, ҷиҳатҳои равонию синнусолии онҳоро ба эътибор бояд гирифт. Тасдиқи ин фикр гуфтаҳои педагогҳои машҳури рус В. В. Даваидов ва Д.Б. Элконин «вақте ки кӯдак ба мактаб қадамҳои аввалини худро мегузорад, мазмуни фаъолияти ӯ тағйир меёбад; вай аз бозӣ ба фаъолияти азхудкунии таълимӣ (омӯзиши хонишу хат фаҳмидану ҳал карда тавонистани масъалаҳои таълимӣ ва донистани воситаҳои ҳалли онҳо) мегузарад» мебошад. Давраи синну соли хурди мактабӣ давраи аз ҳама рушдкунанда ва ташаккулдиҳандаи фаъолияти таълимӣ ба шумор меравад. Фаъолияти таълимӣ ҳамсафари доимии талаба дар тамоми муддати дар мактаб хонданаш мебошад. Дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ равандҳои психикӣ ва шахсии хонанда ташаккул меёбад» [3:1].

Вазифаҳои мухталифи ба таълимӣ ва ҳам ба тарбиявӣ бозиҳо мансубанд, бинобар ин зарур аст, ки таъсири бозӣ ба рушди хонандагон дақиқтар муайян карда шавад ва дар системаи умумии корҳои тарбиявии муассисаҳои таълимӣ мавқеи худро пайдо кунад.

Он ҷанбаҳои инкишофи равонӣ ва ташаккули шахсияти хонандаро дақиқтар муайян кардан лозим аст, ки онҳо асосан дар бозӣ инкишоф меёбанд ё дар намудҳои дигари фаъолият танҳо таъсири маҳдуд доранд. Омӯзиши аҳамияти бозӣ барои рушди руҳӣ ва ташаккули шахсият хеле мушкил аст. Дар ин ҷо озмоиши холис ғайриимкон аст, танҳо аз он сабаб, ки фаъолияти бозиро аз ҳаёти хонандагон дур кардан ва дидани он, ки раванди рушд чӣ гуна пеш меравад, ғайриимкон аст. Муҳимтар аз ҳама арзиши бозӣ барои соҳаи ҳавасмандгардонӣ ва эҳтиёҷоти хонанда мебошад. Мувофиқи асарҳои Д.Б.Элконин, масъалаи ангеза ва ниёзҳо ба мадди аввал гузошта шудааст [7:27]. Табдили бозиҳо дар давраи гузариш аз синни хурдӣ ба хонандаи мактаб ба васеъшавии доираи ашёи инсонӣ асос ёфтааст. Азхудкунии он барои хонанда ҳамчун як вазифа ва оламе, ки дар ҷараёни рушди минбаъдаи ақлии худ огоҳ мешавад, худи васеъ шудани доираи ашёе, ки ӯ мехоҳад мустақилона амал кунад, дуюмдараҷа аст. Он ба «кашф» кардани навгониҳо аз ҷониби хонанда, олами калонсолон бо фаъолият, вазифа, муносибатҳои худ асос ёфтааст.

Хонандае, ки дар марзи гузариш аз бозӣ ба ҳадаф ба нақш қарор дорад, ҳанӯз ҳам муносибатҳои иҷтимоии калонсолон, вазифаҳои иҷтимоӣ ва маънои иҷтимоии фаъолияти онҳоро намедонад. Вай дар самти хоҳиши худ амал мекунад, ба таври объективӣ худро дар мақоми калонсол мегузорад, дар ҳоле ки самти эмотсионалии самарабахш ба калонсолон ва маънои фаъолияти онҳо ба амал меояд. Дар ин ҷо ақл таҷрибаи аз ҷиҳати эмотсионалӣ самаранокро пайгирӣ мекунад.

Барои омӯхтану азхуд намудани маводи нав бозиҳои нақшӣ, ҳамчун воситаи самараноки аёнӣ фаҳмонидани мазмуни ақидаҳои нав истифода мешаванд. Онҳо барои азхуд намудани донишҳои нав кӯмак мекунанд, инчунин ба хонандагон имконияти ба даст овардани маҳорату малакаҳои ёрирасони фавран истифода намудани донишҳои азхуднамударо медиҳанд.

Бозиҳои нақшӣ – ин машқи меъёрҳои муайяни муошират, коркарди фаъолияти оянда, ёрирасони намунаи вазъияти ҳаётиро созанда ва диҳандаи имконияти «мағлуб шудан» дар шароити муайян, хубтар фаҳмидани ҷиҳатҳои равонии инсон мебошанд. Вақте ки як вазъият ё ҳолати муайян иҷро карда мешавад, иҷрокунандагони бозӣ ба монанди касоне, ки тамошо мекунанд, имконияти дидани масъала ва роҳҳои ҳалли онро пайдо мекунанд. Ба ин фазои «ҳамдигарфаҳмӣ» дар ҷараёни бозиҳои нақшӣ мусоидат мекунад.

Бозиҳои нақшӣ ва машқҳо – ин лаҳзаҳои диққатҷалбкунанда ва аҷоибтарини дарс мебошанд. Вақте ки хонанда ягон фаъолиятро иҷро мекунад, ин метавонад боиси ҳавасмандии ӯ ва самарабахшии ҷараёни таълим гардад. Бозиҳои нақшӣ зиди беҳавсалагие, ки бисёр вақт хонандагон ҳангоми аз ҳад зиёд дар як ҷо нишастан бо он рӯ ба рӯ мешаванд, востиаи хубе мебошад. Усули мазкурро истифода намуда, ба омӯзгор лозим аст, ки хонандагони ба бозии нақшӣ ҷалбшударо беихтиёр аз нақшофарӣ ба муҳокимаи таассуроти онҳо ва муҳокимаю ҷамъбасти бозӣ бо аҳли синф барад.

Намунаи чанде аз бозиҳои нақширо бароятон пешниҳод менамоем.

**Бозӣ «Дар мағоза»**

Ин бозӣ ҳангоми таълими мавзӯи «Синфи мо» иҷро карда мешавад.

Мақсади бозӣ: Инкишоф додани маданияти нутқи шогирдон, ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ ва шиносоӣ бо ашёҳои таълим.

Тарзи бозӣ: Яке аз талабагон баранда (фурӯшанда) мешавад. Гурӯҳи бачаҳо (5-6) нафар дар нақши ашёи таълим (ба дасти ҳар яке як расм ё худи ашё дода мешавад) бозӣ мекунанд, гурӯҳи дигар дар нақши харидор.

Фурӯшанда мегӯяд: «Мо ашёи хониш дорем, ба шумо чӣ даркор?» Харидоре баъди ба ҷо овардани одоби муошират (салом гуфтан) номи яке аз асбоби хониш (ҷузвдон, китоб, дафтар…)-ро мегирад: «ба ман китоб даркор аст, бемалол бошад, китоби «Алифбо»-ро ба ман диҳед».

Хонандае, ки номи ҳамон ашёро дорад, аз гурӯҳ баромада бо харидор ҳамроҳ мешавад. Баъд харидорони дуюм, сеюм… ҳар кадом баъди саломи алейк ашёи дилхоҳашонро харидорӣ мекунанд. Ба ҳамин тариқ, бозӣ то ба кулли фурӯхта шудани ашё идома меёбад.

**Бозӣ «Дар бешазор»**

Бозии мазкур барои дар кӯдакон тарбия кардани меҳру муҳаббат нисбати ҳайвоноту паррандагони беша гузаронида мешавад. Он барои фарқ кардани навъҳои ҳайвоноту паррандагон низ муфид аст.

Шарти бозӣ:

Аз ҳамаи иштирокчиён хоҳиш карда мешавад, ки чашмҳояшонро пӯшанд ва баранда бозиро оғоз мекунад: «Бегоҳӣ фаро мерасад, дар бешазор ҳамаи ҳайвонот ва ҷонварон ба хоб мераванд. Ҳангоми субҳ дамидан ҳайвоноту ҷонварон аз хоб бедор шуда, ҷуфти худро меёбанд». Иштирокчиёне, ки овози якхела баровардaнд, якҷоя шуда гӯё рақс, бозӣ ё сурудхонӣ мекунанд. Масалан, рӯбоҳ бо рӯбоҳ, шер бо шер, тӯтӣ бо тӯтӣ ва ғайра.

**Бозӣ «Ин кист?»**

Дар ин намуди бозӣ 2 нафар иштирок мекунанд. Яке нақши омӯзгор ва дигаре нақши хонандаро иҷро мекунанд.

Шарти бозӣ чунин аст: хонанда бояд номи ашёро аз рӯйи амали он муайян намояд ё баръакс аз рӯи ном амали онро муайян кунад.

Масалан, хонандае (омӯзгор) мепурсад. кӣ месарояд? кӣ кор мекунад? кӣ меомӯзад? кӣ меомӯзонад? кӣ табобат мекунад? кӣ табобат меёбад? кӣ парвоз мекунад? ва ғайра.

Хонандаи дигар (ҷавобдиҳанда) бояд баробари ҳар як пурсиш ҷавоб гӯяд. Ҳангоми беҷавоб мондани савол ҷавобгӯянда мағлуб мешавад.

Бозиҳои нақшии хубу муассир - ин усуле мебошад, ки барои ба даст овардани якчанд мақсадҳои асосӣ ёрӣ мерасонанд. Бозӣ кӯдаконро бештар ба ҳаёт тайёр мекунад. Чунин бозиҳо бо хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ, варзиш, дар соатҳои тарбиявӣ, машғулиятҳои майдончаҳои тандурустии наздимактабӣ ва ғайра гузаронида мешаванд.

Бозиҳои нақшӣ метавонад, ки маълумот омода намоянд, ҳавасмандиро таъмин кунанд, дар инкишофи маҳорату малака мусоидат намоянд ва алоқамандиро бо ҳаёт таъмин кунанд.

Дар ҷараёни таълиму тарбия бозӣ барои ба вуҷуд овардани муҳити таълимӣ нақши муҳим дорад. Истифодаи бозиҳо дар ҷараёни кор бо хонандагон метавонанд бисёр монеаҳои психологиро, ки алалхусус дар рӯзҳои аввали фаъолияти таълимӣ пайдо мешаванд, бартараф кунанд. Монеаҳои психологӣ дар раванди таълими хурдсолон нисбат ба калонсолон тез бартараф карда мешаванд. Бинобар он ҳангоми интихоби бозиҳо ва машқҳо бояд масъалаи синну сол ба назар гирифта шавад. Бозиҳо имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои махсуси хонандагон кушода шуда муҳити боварӣ ва ҳамкорӣ ба вуҷуд оварда шавад. Дар аввали машғулиятҳо як қисми хонандагон кӯшиш мекунанд, ки донишу малакаҳои доштаи худро намоиш диҳанд, қисми дигар бошад хомӯш нишаста ба фикр мерванд, ки агар андешаи худро баён кунанд, на он қадар ҷолиби диққат мешавад. Ин тарс ба онҳо имконияти баёни андешаро намедиҳад. Аз ҳамин лиҳоз, аз рӯзҳои аввал сар карда мо бояд муҳите фароҳам оварем, ки ба ҳамаи фикру ақидаҳо эҳтиром гузошта, хонандагонро баробар ба ҷараёни донишандӯзӣ ҷалб намоем. Дар ҳамин маврид нақши калонро бозиҳою машқҳои таълимӣ иҷро карда метавонанд. Ҳангоми интихоби бозиҳо ҳама чиз ба назар гирифта мешавад: сину сол, хусусият, ихтисос, фардият, шахсияти хонандагон, вазъяити мамлакат, боду ҳаво ва амсоли ин.

Ҳамин тавр яке аз роҳҳои муассири раванди беҳдошти сифати омӯзишу парвариш дар синфҳои ибтидоӣ истифодаи бозиҳост.

Истифодаи бозиҳо дар ҷараёни таълим вазифаҳои асосии методиро амалӣ менамояд. Ба монанди:

- омодагии равонии хонандагон ба нутқи мураттаб;
- таъмини табиии такрори пайвастаи маводи зарурии забон;
- тамрини дурусти талаффуз, ки тайёрӣ ба фаъолияти нутқ мебошад.

Махсусан дар фосилаи аввали омӯзиш гузаронидани бозиҳои таълимӣ аҳамияти вижа дорад. Дар ҷараёни ин гуна бозиҳо гуфтори мураттаби хонандагон ташаккул меёбад. Дар ҳар як бозӣ фаъолияти муайяне амалӣ мегардад. Иштирокдорони бозӣ аз вижаҳо истифода менамоянд ва бо ёрии калимаҳо талаботи бозиро иҷро намуда, саъй меварзанд, ки муносибати худро нишон диҳанд.

Бозӣ ҳамин гуна намуди фаъолияти таълим аст, ки кӯдак дар ҷараёни он имконияти аз назар гузаронидану ламс намудани ашё, тарзҳои гуногуни ҳаракат додани онҳо ва истифодаи малакаҳо ҳосилкардаашро ёд мегирад. Дар бозиҳои таълимӣ калима ва ашё, калима ва ҳаракати ашё ба кӯдак якбора пешниҳод карда мешаванд, чунки бо бозӣ принсипҳои аёният дар таълим амалӣ мегарданд.

Ҳангоми бозӣ кӯдакон бояд худро озод ҳис кунанд ва аз иштирокашон дар он қаноатманд бошанд.

Бозӣ фаъолияти шавқовар буда, беихтиёр хонандаро ба дарс ҷалб менамоянд. Ба ӯ имконияти нишон додани ҷиҳатҳои хуби шахсиро медиҳад. Ҳавасмандии хонандаро ҳангоми дарс таъмин менамояд ва аз нигоҳи равонӣ ӯро барои иҷрои фаъолияти минбаъда тайёр менамояд.

Дар ташкили бозиҳо нақши асосиро муаллим мебозад.

Фаъолияти якҷояи муаллим ва хонанда обрӯю нуфузи муаллимро мустаҳкам намуда, аҳли синфро муттаҳид менамояд.

Нақши муаллим дар ташкил ва гузаронидани бозӣ ба нақши режиссёри театр монанд аст. Муаллим бояд шахсияти ҳар як хонандаро хуб донад ва ба ҳар яки онҳо тарзу усулҳои муносибати фарди намуданро ёбад. Барои бо муваффақият ташкил намудани бозӣ муаллим бояд ҳангоми аз як фаъолият ба фаъолияти дигар гузаштан, яъне аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти бозӣ гузаштан ё баръакс аз фаъолияти бозӣ ба фаъолияти таълимӣ гузаштан маҳорати кор карда баромадани тарзу усулҳои гуногунро дар лаҳзаҳо мувофиқат намояд.

Агар муаллим аз ҳад зиёд ҷиддӣ бошад, ҳангоми беихтиёр аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти бозӣ гузаштан ягон хел далеловарӣ ба назар намерасад ва хонандагон ба бозӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намекунанд. Худи бозӣ бошад, ҷаззобият ва мақсаднокиашро гум мекунад. Аз тарафи дигар, агар муаллим ба табъи ниҳоят хуши ахли синф дода шавад, дар ин ҳолат бозӣ хонандагонро аз мавзӯъ дур мебарад.

**АДАБИЁТ:**


1. Лутфудллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. - Душанбе, 2006.
2. Лутфудллоев М., Котибова Ш., Каримов Т. Бозӣ ва инкишофи нутқ. - Душанбе, 2009.
3. Лутфуллоев М. Осор. Ҷилди 4. Китоби дарсӣ /Лутфуллоев М. – Душанбе, Собириён, 2013.- 511 с.
4. Кайнова Э.Б. Курс современной практической педагогики. –М., 2005.
5. Котибова Ш. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълимӣ. - Душанбе, 2016. -200 с.
6. Мухторов З., Муҳиддинов Ф. Асосҳои технологияҳои навини таълим. – Душанбе, 2007.
7. Тарз ва воситаҳои омӯзиши фаъол: дастури амалӣ.- Душанбе: Устоз, 2006, Мураттиб Мирзоева Ф.
8. Шарипов Э. Методика развития речи младших школьников» - Худжанд, 2009.- 208с.
9. Элконин Д.Б. Некоторые вопросы психологии усвоения грамоты //Вопросы психологии. – 1956. - № 5.


**САЛИМОВ З.**

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРИИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Ҷомеаи муосир дар назди омӯзгорон ва волидон вазифаи тарбияи насли навраси ҳамаҷонибаташаккулфта ва босазое, ки ҳама гуна дастовардҳои фарҳангии аз ҷониби инсон офаридашударо доро бошад, мегузорад. Ташакили дарсҳои забони модарӣ бо истифода аз технологияи инноватсионии таълим аз синни хурди мактабӣ, ки он инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагонро таъмин намуда, минбаъд инкишофи ҳамаҷонибаи онҳоро дар маҷмӯъ муайян мекунад. Бинобар ин, дар шароити муосир вазифаи муҳими таълими хонандагони синни хурди мактабӣ ин ташакили дарсҳои забони модарӣ бо истифода аз технологияи инноватсионии таълим аст. Технологияи инноватсионии таълим маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагонро ташаккул медиҳад, ки он минбаъд таъмини истифодаи оқилона ва босамари забон бо мақсади муошират мебошад. Технологияи инноватсионии таълим дар ташаккули маданияти нутқ ва воситаҳои лингвистӣ нақши муҳимро доро мебошад ва дар ҳолатҳои муайяни муошират ҳангоми риояи меъёрҳои забони адабӣ ва одоби муошират имконияти самаранокии ҳалли вазифаҳои коммуникатсиониро медиҳад. Дар таълими ибтидоии забони модарӣ роҳу усули гуногуни истифодаи технологияи инноватсионии таълим амал мекунанд. Барои бой гардонидани таркиби луғавӣ ва нутқи шифоҳию хаттӣ, инчунин нутқи мураттаби хонандагон роҳу усули мухталиф, аз ҷумла бозиҳои нақширо истифода намудан зарур аст. Ба ин восита метавон алоқамандии нутқи шифоҳӣ, хаттӣ ва маданияти нутқи хонандагони хурдсолро дар ҷараёни таълим таъмин кард.

**Калидвожаҳо:** усулҳои интерактивӣ, маҳорат, маҳорат, муаллим, хонандагон, бозиҳои нақшбозӣ.

**САЛИМОВ З.**

## ИННОВАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В ОБУЧЕНИИ РОДНОГО ЯЗЫКА В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ

Современное общество возлагает на учителей и родителей задачу воспитания всесторонне развитого и продуктивного молодого поколения, обладающего всеми рукотворными культурными достижениями. Организация занятий на родном языке с применением инновационных технологий обучения с раннего возраста, обеспечивает развитие речи и мышления учащихся, а в дальнейшем определяет их общее развитие в целом. Поэтому в современных условиях важной задачей воспитания младших школьников является организация уроков на родном языке с применением инновационных технологий обучения. Инновационные образовательные технологии формируют совокупность знаний, умений и навыков учащихся, что в дальнейшем обеспечит рациональное и эффективное использование языка для общения. Инновационные технологии обучения играют важную роль в формировании культуры речи и языковых средств, а в определенных ситуациях общения при соблюдении норм литературного языка и этики общения позволяют эффективно решать коммуникативные задачи. Существуют различные способы использования инновационных технологий обучения в начальном образовании. Для обогащения словарного запаса и устной и письменной речи, а также регулярной речи учащихся необходимо использовать разные методы, в том числе и ролевые игры. Таким образом можно обеспечить связь устной, письменной и речевой культуры младших школьников в процессе обучения.

**Ключевые слова:** интерактивные методы, умение, навыки, учитель, ученики, ролевые игры.

**SALIMOV Z.**

## INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN TEACHING THE NATIVE LANGUAGE IN PRYMARY SCHOOL.

Modern society entrusts teachers and parents with the task of educating a comprehensively developed and productive young generation, possessing all the man-made cultural achievements. Organization of classes in the native language using innovative teaching technologies from an early age, which ensures the development of speech and thinking of students, and further determines their overall development as a whole. Therefore, in modern conditions, an important task of educating younger students is to organize lessons in their native language using innovative teaching technologies. Innovative educational technologies form a set of knowledge, skills and abilities of students, which in the future will ensure the rational and effective use of the language for communication. Innovative learning technologies play an important role in shaping the culture of speech and language means, and in certain communication situations, while observing the norms of the literary language and the ethics of communication, they can effectively solve communication problems. There are various ways to use innovative teaching technologies in primary education. To enrich the vocabulary and oral and written speech, as well as the regular speech of students, it is necessary to use different methods, including role-playing games. Thus, it is possible to ensure the connection between the oral, written and speech culture of younger students in the learning process.

**Keywords:** interactive methods, skill, skills, teacher, students, role-playing games.

**Маълумот дарбораи муаллиф: Салимов З**. - докторанти Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. г. Душанбе, ул. Айнӣ 126. Тел: 201399996
**Сведение об авторе**: **Салимов З.** - докторант Института развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образованияТаджикистана.г.Душанбе, ул. Айнӣ 126. Тел: 201399996
**Information about the author: Salimov Z.** - doctoral student of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhmoni Jomi of the Academy of Education of Tajikistancity. Dushanbe city, st. Aini 126. Tel: 201399996.

**БОБОКАЛОНОВ С.**

## ОЗМОИШ ВА МУШОҲИДАҲОИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА КОР БО ДОНИШҶӮЁНИ МУБТАЛОИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Мубталоии интернетӣ ин вобастагӣ аз Интернет ҳамчун воситаи глобалии муошират, машғулшавӣ, ҷаҳди гирифтани ахбор ва ғайра фаҳмида мешавад. Тавре, М. Гриффитс қайд менамояд, «фард метавонад ба он дараҷаи баланде мубталои воситаҳои онлайнӣ гардад, ки аз он дигар тарафҳои ҳаёти он қурбон гарданд».

Якумин табақабандии шаклҳои тобеияти интернетӣ, ки К. Янг дар соли 1998 муайян карда буд, аз панҷ шакл иборат мебошад:

- тобеияти компюторӣ ки шавқоварии он бозингарро ба худ мекашад;
- навгониҳои компулсивии шабака;
- ахбори барзиёд;
- тобеияти кибер, муоширатӣ ва тобегии кибер-шаҳвонӣ.

М. Гриффитс ду намуди тобеиятро ишора менамояд:

- тобеияти ғайрифаъол, ки ба он тамошои барномаҳои телевизионӣ мисол шуда метавонад;
- тобеияти фаъол, ки он бозиҳои компютерианд.

Маълумотро дар бораи вобастагии компютерӣ аниқ ва бехато баровардан дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муқоиса бо дигар мамлакатҳои ҷаҳон қариб номумкин аст. Ин ба фикри мо аз он вобаста мебошад, ки методика ва дараҷаи баҳодиҳии ин тобеият як хел буда наметавонад. Масалан, дар мамлакатҳои аз ҷиҳати технологияи компютерӣ, пешрафта ба монанди Гонконг, аз рӯйи маълумоти А. Е. Войскунский дар соли 2004, 37% ҷавонони тобеи бозиҳои компютерӣ ошкор карда шуд, дар байни хонандагони Кореяи Ҷанубӣ шумораи тобеон ҳамроҳи гурӯҳи хатарнок 40%-ро ташкил медод.

Асоси гурӯҳи хатарнокро аз тобеияти интернетӣ мувофиқи андешаи мо бештар метавонад одамони синнусоли хурд ташкил диҳанд. Ба ҳама маълум аст, ки наврасӣ ва ҷавонӣ- давраест, ки дар он инсон метавонад тобеи маводи психологӣ гардад, зеро онҳо ҳама чизро донистан мехоҳанд ва омодаанд, ки ба касе ё чизе тақлид намоянд.

Дар таҳқиқоти махсуси баргузорнамудаи В. А. Лоскутова, ки аз рӯйи интихоб дар Россия гузаронида шудааст, синну соли мубталоёни интернет ва бозиҳои компютерӣ аз 21

солагӣ муайян гардидааст, ки ба синни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рост меояд. Фикр мекунам, ки дар ин синну сол ҷавонон намедонанд вақти худро чӣ тавр гузаронанд, аз ҷониб, дар онҳо механизми худзоҳиркунӣ чандон ташаккул наёфтааст аз ҷониби дигар, нисбат ба одамони калонсол дастрасии компютер ба онҳо бештар муяссар мешавад.

Истифодабарандагони Интернет рӯз аз рӯз ҷавонтар шуда истодаанд ва аз ин рӯ, мо зарур донистем, ки дар ин самт таҳқиқот гузаронида, натиҷаи таҳқиқоти баргузоргардидаро ҷамъбаст намоем.

Тавре, ки маълум аст, яке аз шаклҳои паҳнгардидаи тобеияти- интернетӣ ин тобеи аз бозиҳои компютерӣ мебошад. Дар ин раванд С. К. Бондарев қайд менамояд, ки «ба бозиҳои компютерӣ машғул шуда, фард тамоми имкониятҳои олами таҳайлотиро аз худ менамояд: вақт ёфта, фазои дар он ҷойдоштаи ашёро пайдо намуда, метавонад бо онҳо тамоми кореро кунад, ки дилаш мехоҳад. Аммо, ба тафовут аз ҳаракат дар интернет, ки худ аз худ диққатҷалбкунанда мебошад, бозиҳои компюторӣ ба ӯ боз чизҳои бештарро медиҳанд, ки ба олами ҷисмонӣ дастрас намебошанд. Зарари асосии бозиҳои компюторӣ дар ҳамин мебошад, ки ҷисм дар ҳолати беҳаракатӣ ва оромӣ мавқеъ мегирад».

Ба ҳамагон маълум аст, ки агар ҳаракат мутлақ, доимӣ ва сарчашмаи инкишоф бошад, оромӣ мафҳуми нисбӣ буда, кӯтоҳмуддат ва даргузар мебошад. Таҷриба ва озмоишҳои мо собит менамоянд, ки дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 29,8% нишонаҳои тобегӣ доштан ба интернет, дар 19,3% аломати фаромӯшхотирӣ, дар 11,9 % ваҳму, тарсу воҳима, дар 12,3% характери дағалӣ ва зӯроварӣ ҳис карда мешавад.

Дар раванди озмоиш ҳар чӣ бештар диққат ба ноустувори психикии донишҷӯён дода шуд, ки чунин донишҷӯён 7% ва шиддати асабонияти онҳо 5,3 %-ро ташкил дод, ки ин чандон хатарнок нест.

Таҳлилу муқобилгузории хусусияти шахсиятии тобеии компюторӣ ва интернетӣ донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ ошкор намуд, ки дар онҳо ташвиш, эҳсоси ноустуворӣ, худназорат паст, тобеии баланд, дараҷаи баланди ноумедӣ дарк карда мешавад. Дар вуҷуди чунин донишҷӯён бештар стротегияи «гурехтан» аз «қабули масъулият» мушоҳида карда мешавад.

Мақсади асосии таҳқиқоти мо, ки дар солҳои 2019, 2020 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ш.Душанбе ва ноҳияҳои атрофи он баргузор карда шуд, ошкор намуд, ки робитаи хусусиятҳои рафтории донишҷӯён ва дараҷаи зоҳир намудани майлу хоҳиш ва тобегии онҳо аз бозиҳои компюторӣ мебошад.

Таҳлили мақоми рӯй овардани донишҷӯён ба бозиҳои компюторӣ имкон медиҳад, ки манзараи зеринро пешниҳод намоем: 58% донишҷӯён барои он вақтро дар бозӣ мегузаронанд, ки аз проблемаҳо озод гарданд, 18% барои хешро ғолиб ҳис кардан, 16% барои хориҷ гардидан аз воқеият ва ворид гардидан ба олами хеш, 8% вобаста ба ҳолатҳои оила.

Дар таҳқиқот бештар аз 300 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷалб карда шуданд, ки 230 нафарашро писарон ва 70 нафарро духтарон ташкил медиҳанд, ки синну соли онҳо 19-21 сола мебошад. Таҳқиқи донишҷӯён бо мақсади ошкор намудани тобегии онҳо аз бозиҳои компюторӣ собит намуд, ки дар 12% донишҷӯён одати ташаккулёфта ба бозиҳои компюторӣ мавҷуд аст, 51% - и донишҷӯён ба гурӯҳи хатарнок мансубанд, дар 37% ягон нишонаи тобегӣ мушоҳида карда намешавад. Агар маърифати оила, роҳбарони синф ё кураторон баланд бошад, дар натиҷаи пурзӯр намудани корҳои фаҳмонидадиҳӣ ҷавононро аз ин рафтори номатлуб гардонидан мумкин аст.

Расми 1. Тақсими ҷавонон аз рӯйи аломатҳои зоҳиргардидаи тобегӣ ба бозиҳои компюторӣ

Дар таҳлили натиҷаи чанд соати вақти хешро дар бозӣ сарф кардани донишҷӯён оварда шудааст.

Маводи дар натиҷаи озмоиш бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки бисёрии ҷавонон, тахминан 35% онҳо дар як рӯз 1-2 соат вақти хешро дар бозиҳои компюторӣ мегузаронанд. Дар байни бачаҳои ба озмоиш фарогирифта 31% дар як рӯз 5-6 соати вақти хешро дар бозии компюторӣ мегузаронанд, 21% донишҷӯёни ҷавон 3-4 соат, бештар аз 6 соат, 13% ҷавонон бо бозӣ машғул мешаванд. Озмоиш собит менамояд, ки дилбастагии сахт пайдо намудан ва вақти зиёдро бе ҳаракат дар пушти компютор сарф кардан ба солимии ҷисмонӣ ва маънавии донишҷӯён зарар ворид менамояд.

Озмоиш собит намуд, ки бозиҳои ба ҷавонон маъқул бозиҳои бисёристифодашавандаи онлайни мебошанд, ки зиёдтар аз 36% -и ҷавонон ба чунин бозиҳо (ММО) таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ин яке аз намудҳои машҳуртарини бозиҳои видеоӣ мебошад. Моҳияти ин бози дар он мебошад, ки ин бозиҳо беохир ва адонашаванда мебошанд. Ин шакли бозӣ ҷавонро ба тобеӣ ворид менамояд, ки ояндаи ҳузнангез дорад. Чунин бозиҳо таъсири психологӣ дошта, донишҷӯро барои анҷом додани бозӣ бештару бештар домангирӣ менамояд, ки дар натиҷаи он дар донишҷӯ тобеии бозӣ ба вуҷуд меояд.

Аз он каме камтар, яъне 32 %-и бачаҳо бозиҳои компютерии жанри «action»- ро маъқул медонанд. Ин жанр бо он тавсиф карда мешавад, ки қисми зиёди ин бозиҳо барои калонсолон истеҳсол карда шудаанд. Бозиҳои видеоии жанри action метавонанд мазмуни зӯроварӣ, гуфтори қабеҳ дошта бошанд, ки ба ҷавонон таъсири манфӣ расонад. Қариб 14% ҷавонони мавриди озмоиш қароргирифта, бозиҳои- стимуляториро дӯст медоранд, ки идоракунии ким кадом ҷараён, дастгоҳ, таҷҳизот, воситаҳои нақлиётро дар назар доранд. Танҳо 7%-и ҷавонон бозиҳои инкишофдиҳандаро меписанданд, ки бештари онҳо духтаронанд.




Дар ибтидои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ мо тахмин намудем, ки бачагон нисбат ба духтарон бештар ба бозиҳои компютерӣ майл доранд ва тобеӣ дар байни ҷавонон нисбат ба духтарон бештар мушоҳида карда мешавад. Дар 25% писарон ва 53% духтарон аломату нишонаи тобеъгии компютерӣ ошкор карда нашуд.Ба гурӯҳи хатарнок (риск) бештар аз 58% писарон ва 41% духтарон мансубият доранд. Дар 12% писарон ва 6% духтарон тобеии ташаккулёфтаи бозиҳои компюторӣ мушоҳида гардид. Таҳқиқоти мо тасдиқ намуд, ки дар бачагон майл ба тобеии бозиҳои компютерӣ бештар мушоҳида карда мешавад.




Дар раванди озмоиш ошкор гардид, ки миқдори минималии вақт, яъне 1-2 соатро дар як рӯз дар бозӣ 25% писарон ва 50% духтарон мегузаронанд, Аммо 40 % писарон ва 35 %

духтарон бештар аз 3-4 соати вақти худро дар бозӣ мегузаронанд. Қариб 30% писарон ва 30% духтарон бештар аз 5-6 соат ба бозӣ машғул мешаванд. Дар баробари ин писарон ва духтаронеро низ пайдо намудан мумкин аст, ки аз 6 соат бештари вақти хешро дар бозиҳои компюторӣ мегузаронанд.




Гуфтан мумкин аст, ки писарон бештар ба бозиҳои оммавии бисёрнафараи онлайн (ММО) ва action- машғул мешаванд, ки ин 17% писарон ва 15% духтаронро ташкил медиҳад. Духтарон бошанд бештар ба бозиҳои инкишофдиҳанда марок зоҳир менамоянд, ки ин 4-8%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, муқобилгузории моилии донишҷӯён ба бозиҳои компюторӣ аз рӯйи нишонаҳои ҷинсӣ нишон дод, ки писарон бештар ба бозиҳои оммавӣ (ММО), ки тобеиро тавлид менамояд майл доранд, аммо духтарон бештар бозиҳои маърифатиро меписанданд, ки дар онҳо хатари тобеъшавӣ камтар мушоҳида карда мешавад.

Тестҳо ё саволномаҳои гузаронидашуда оид ба тобегии- интернетӣ нишон доданд, ки аз нисф зиёди духтарон аз рӯйи интихобашон ба гурӯҳи ягон нишонаи тобеӣ надошта мансубанд. Дар навбати худ қисми зиёди бачагон ба гурӯҳи хатарнок мансубанд ё тобеии ташаккулёфта аз бозиҳои компюторӣ доранд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаи таҳқиқоти баргузорнамуда ду намуди мухолифати ҳамдигарии шахсиятро ҷудо намудан мумкин аст, ки метавонанд гурӯҳи хатарноки ташаккули тобеияти бозиҳои компютерӣ бошанд. Шакли якум пеш аз ҳама бо он робитаманд мебошад, ки аломатҳои рафторӣ ҳамеша бо баланд гардидани қаҳру ғазаб мутобиқи фаъолият, фаъолияти тез, таркиш, суст гардидани назорат нисбати афзоиши барангезаҳо мушоҳида мегардад.

Намуди дуюм, дар он майл ба тарс, баланд гардидани ҳиссиёти ғуломӣ, тарсончакӣ, дараҷаи баланди ташвиш, чуқурии эҳсос, андӯҳ ҳис карда мешавад. Агар дар гурӯҳи аввал майлу хоҳиши дар муошират фаъол будан ҳис карда шавад, дар гурӯҳи дуюм бештар дараҷаи тарсу ҳарос, эҳтиёткорӣ мушоҳида карда мешавад, ки онро танҳо пайваст шудани ӯ бо компютор паст менамояд. Танҳо бозиҳои компютерӣ метавонанд тарсу ваҳмро аз ҷисми ӯ берун намуда, худбаҳодиҳиашро аз ҳисоби таркиби дигар амалиёт баланд бардошта, ҳимояро таъмин намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Абульханова-Славская, К.А. Особенности типологического подхода и метода исследования личности / К.А. Абульханова-Славская // Принцип системности в психологических исследованиях: Сб. тр. М.: Наука, - 1990. -С. 20-28.
2. Анастази, А. Психологическое тестирование / А. Анастази, С. Урбина. -СПб.,-2001.-688 с.
3. Андреева, Г.М. Психология социального познания. / Г.М. Андреева, -М.: Аспект Пресс, 1997. - 240 с.
4. Андреева, Г.М. Социальная психология. / Г.М. Андреева, — М.: Аспект Пресс, 1998., -173 с.
5. Акопов, Г.В. Психология сознания: Вопросы методологии, теории и прикладных исследований / Г.В. Акопов. М.: Институт психологии РАН, -2010.-272 с.
6. Аксенова, Ю.А. Символы мироустройства в сознании детей / Ю.А. Аксенова, — Екатеринбург: Деловая книга, — 2000. 272 с.

7. Аронсон, Э. Общественное животное. Введение в социальную психологию / Э. Аронсон / Пер. с англ. М.А. Ковальчука под ред. В.С. Магуна. М., - 1998. - 517 с.
8. Артемьева, Е.Ю. Основы психологии субъективной семантики / Е.Ю. Артемьева / Под ред. И.Б. Ханиной. М.: Смысл, - 1999. - 350 с.
9. Бабаева, Ю.Д. Взаимодействие человека с компьютером. / Ю.Д.Бабаева, А.Е. Войскунский // Психологический журнал, — 1998, № 1. — С. 89-100.
10. Белавина, И.Г. Психологический аспект компьютерных форм детского творчества / И. Г. Белавина // Пользоват. интерфейс: исслед., проектирование, реализация. — 1993. — № 2. С. 19—23.
11. Бубнова, С.С. Ценностные ориентации личности как многомерная нелинейная система / С.С. Бубнова // Психологический журнал. 1999, № 5. -С. 38-44.
12. Бурлаков, И.В. Homo Gamer. Психология компьютерных игр / И.В. Бурлаков. М.: «Класс», - 2000. - 144 с.
13. Войскунский, А.Е. Психологические аспекты деятельности человека в Интернет-среде. / А.Е. Войскунский, Режим доступа: URL: htth:// web.psychology.ru/internet/ecjlogy/01.stm.
14. Войскунский, А.Е. Психологические исследования феномена Интернет-аддикции. / А.Е. Войскунский, Режим доступа: URL: htth:// web.psychology.ru/internet/ecjlogy/04.stm.
15. Войскунский, А.Е. Мотивация хакеров: психосемантическое исследование / А.Е. Войскунский, В.Ф. Петренко, О.В. Смыслова // Психологический журнал. 2003. - Т. 24. - № 1. - С. 104-118.
16. Волков, А.Н. Стратегии преодоления Интернет-зависимости в подростковой среде / А.Н. Волков // Феноменология и профилактика девиантного поведения: материалы Всерос. науч.-практ. конф. — Краснодар, -2008.-С. 144-150.

**БОБОКАЛОНОВ С.**

## ОЗМОИШ ВА МУШОҲИДАҲОИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА КОР БО ДОНИШҶӮЁНИ МУБТАЛОИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Интернет ҳамчун воситаи глобалии муошират, машғулшавӣ, ҷаҳди *гирифтани* ахбор ва ғайра фаҳмида мешавад. Асоси гурӯҳи хатарнокро аз тобеияти интернетӣ мувофиқи андешаи мо бештар метавонанд одамони синнусоли хурд ташкил диҳанд. Ба ҳама маълум аст, ки наврасӣ ва ҷавонӣ-давраест, ки дар он инсон метавонад тобеи маводи психологӣ гардад, зеро онҳо ҳама чизро донистан мехоҳанд ва омодаанд, ки ба касе ё чизе тақлид намоянд. Истифодабарандагони Интернет рӯз аз рӯз ҷавонтар шуда истодаанд ва аз ин рӯ, мо зарур донистем, ки дар ин самт таҳқиқот гузаронида, натиҷаи таҳқиқоти баргузоргардидаро ҷамъбаст намоем. Моҳияти ин бозӣ дар он мебошад, ки ин бозиҳо беохир ва адонашаванда мебошанд. Дар 25% писарон ва 53% духтарон аломату нишонаи вобастагии компюторӣ ошкор карда нашуд. Қариб 30% писарон ва 30% духтарон бештар аз 5-6 соат ба бозӣ машғул мешаванд.

**Калидвожаҳо:** педагогӣ, бозиҳои компютерӣ, донишҷӯён, писарон, духтарон, интернет, синну сол, гурӯҳи хатарнок.

**БОБОКАЛОНОВ С.**

## ЭКСПЕРИМЕНТЫ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАБЛЮДЕНИЯ ПО РАБОТЕ СО ШКОЛЬНИКАМИ ЗАВИСИМЫМИ КОМПЬЮТЕРНЫМИ ИГРАМИ

Интернет понимается как глобальное средство связи, взаимодействия, поиска информации и так далее. На наш взгляд, основная группа риска интернет-зависимости - это молодые люди. Как известно, юность и юность - это период, когда человек может пристраститься к психологическим веществам, потому что он хочет все знать и готов подражать кому-то или чему-то. Интернет-пользователи становятся моложе день ото дня, и поэтому мы почувствовали необходимость провести исследования в этой области и подвести итоги исследований. Суть этой игры в том, что эти игры бесконечны и неисчерпаемы. У 25% мальчиков и 53% девочек признаков компьютерной зависимости не выявлено. Около 30% мальчиков и 30% девочек проводят в игре более 5-6 часов.

**Ключевые слова:** педагогика, компьютерные игры, школьники, мальчики, девочки, интернет, возраст, группа риска.

**BOBOKALONOV S.**

## EXPERIMENTS AND PEDAGOGICAL OBSERVATIONS ON WORKING WITH STUDENTS WITH COMPUTER GAMES

The Internet is understood as a global means of communication, engagement, information seeking, and so on. In our opinion, the main risk group for Internet addiction is young people. It is well known that adolescence and youth is a period when a person can become addicted to psychological substances, because they want to know everything and are ready to imitate someone or something. Internet users are becoming younger day by day, and therefore we felt the need to conduct research in this area and summarize the results of research. The essence of this game is that these games are endless and inexhaustible. In 25% of

boys and 53% of girls, no signs of computer dependence were detected. About 30% of boys and 30% of girls spend more than 5-6 hours playing.

**Keywords:** pedagogy, computer games, students, boys, girls, internet, age, risk group.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Суҳроб Бобокалонов,** – муаллими калони кафедраи инфарматика ва фанҳои табиӣ- риёзӣ Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/1 Тел.: (+992 37) 933 17 17 42 E-mail: ddzt_tarikh@mail. ru
**Сведения об авторе: Сухроб Бобокалонов** Старший преподаватель кафедры информатики и естественно - математических наук Таджикский Государственный институт языков им. Сотим Улугзоде, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев 17/1 Тел.(+992 37) 933171742 E-mail: ddzt tarikh @ mail. ru.
**Information about author: Suhrob Bobokalonov,** -Senior teacher of the Department of informatics and Mathemetical Sciences of the Tajik state Institute of Languagis named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, Muhammadiev street 17/1 tell: (+99237) 933-17-17-42 E-mail ddzt tarikh @mail. ru.

**САТТОРОВ А. К.**

## РОЛЬ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В СОЦИАЛИЗАЦИИ СТАРШЕКЛАССНИКОВ

Таджикско-персидская литература, несомненно, всегда являлась кладом науки и этики, дружбы, любви и верности. Данная литература, отражая общечеловеческие ценности, получала признание мирового сообщества. Великие таджикско-персидские поэты и писатели, такие как Абдуабдулло Рудаки, Фирдоуси, Носири Хусрав, Саади Шерази, Гафиз Шерази, Зайнуддин Махмуди Восифи, Абдурахаман Джами, Ахмади Дониш и многие другие получили признание в связи с тем, что все они писали о проблемах общества, воспевали общечеловеческие ценности и становились проводниками общества. В рамках духовно-нравственного и морального воспитания в настоящее время особое место занимают вопросы общечеловеческого-гуманистического воспитания подрастающего поколения. Когда посмотрим на творчество современных таджикских литераторов, такие как: Садриддин Айни, Абулкасым Лохути, Мирзо Турсунзаде, Лоик Шерали, Мумин Каноат, Бозор Собир, Фарзона и других, увидим, что они все являются детьми своей эпохи и творили ради соединения сил человека, любви, природы и других существ мира.

За последние годы в нашей стране постоянно растет число молодых литераторов. Следует отметить, что эти юные дарования, новые создатели, вошедшие в литературу, свое творчество начинали с воспевания любви, к этому прекрасному чувству. Воспевания любви также присуще творчеству таких великих поэтов, как Рудаки, Саади, Гафиз, Хаям. Мирзо Абдулкадыри Бедил еще в 9-летнем возрасте посвятил своей возлюбленной однокласснице следующее рубаи:

Каждый раз, когда она молвит слово,
Прекрасный запах исходит из рта её.
Запах перца или цветка благоуханья,
Или это аромат мускуса Хутана. [3, с.158]

В таджикской классической литературе на данную тему больше всего писал поэт Бадриддин Хилоли.

Поэтому творчество поэта Бадриддина Хилоли имеет большое воспитательное значение и более других восхищает сердца, становится руководством влюбленных. Молодежь посредством стихов поэта признается в любви своим возлюбленным:

Отреклась от любви, а я её сохранил,
Ненавидишь меня, а я люблю от души.
Тысячи мучений, ранений ты мне причинила,
Как лепесток цветка в душе не хранится обида.
Ты желала того, чтобы отказался от тебя,
Расстанусь с жизнью, но не откажусь от тебя.
Если вырвут душу и сердце выскочит из груди,
Без сердца останусь, но не смогу тебя забыть. [7, с. 8.]

В этих стихах красочно и искренне воспевается любовь мужчины к женщине, они понятны молодым и оказывают на них глубокое влияние. В творчестве поэта можно найти еще десятки подобных газелей, которые говорят о любви и верности влюбленных. И женщина, и мужчина являются членами общества. Чистая любовь становится фактором их

верности. Это связано с тем, что женщина всегда выполняла задачу созидателя в обществе. Женщина услаждала нашу жизнь, дает нам тепло скрашивает наше проживание. Именно образ женщины делает привлекательным фильмы, их голоса ласкают наши уши. Женщина оберегает мужчину от различных ненужных споров и мужчину вступать в борьбу. Женщина украшает мир, и именно женщины обязывают мужчин любить красоту. Неслучайно считают женщин создателями красоты, ибо лишь женщина постоянно соревнуется с цветками и постоянно побеждает в таких соревнованиях [2, с. 3].

За годы независимости взгляды таджикского общества на жизнь женщин, их положение в обществе резко изменились. Наши политики больше стали уделять внимание новому поколению. Принятый Закон РТ «О повышении положения женщин в обществе» доказывает, что женщина является не только матерью и любимой супругой, она также является хорошим сотрудником, испытанным и умелым специалистом. Наряду с тем, что женщина украшает жизнь мужчины, она также придает им уверенность, дарит любовь и ласки, в то же время является источником вдохновения поэтов. Абдурахмани Джами пишет:

Женщина - труженица, благо она,
Для этой женщины не жалей себя.
Эй, музыкант, предложи свою ты музу,
Вынеси скрытую мелодию наружу.
Мудрому понятно это мнение,
Повелитель женщин - ниже женщин. [2, с. 26]

*Отражение естественности стремления и проявления первой любви молодежи в классической литературе и современной художественной литературе*

Стремление и привязанность молодежи к тем или иным вопросам встречается как в творчестве классиков литературы, так и в творчестве наших современников. Бадриддин Хилали, поэт 16 века, в своих произведениях «Шах и дарвеш» (Шах и бедняк»), «Сифотулошикин» («Воспевание влюбленных»), «Лейли и Меджнун» обращается к данной теме. В том числе, в «Воспевании влюбленных» поэт выражает привязанность двух девушек следующим образом: жили две красотки-сверстницы, не было предела их красоты, но хотя они были красивы внешне, они также отличались духовно:

Ты отдушина каждому усталому в пути,
Ты притеснитель моей израненной души.
Ты то становишься бальзамом в груди,
То сто пятен чёрных в сердце поместишь. [6, с. 208]

В данном стихотворном отрывке поэт поднимает важную воспитательную тему. По его мнению, для того чтобы женщина была достойна любви и уважения, недостаточно ей быть красивой. Женщина становится любимой лишь тогда, когда кроме красоты она еще красноречива. Плохую, капризную женщину никто не любит. Лишь хорошо воспитанная, открытая душой женщина становится любимой и уважаемой. Другими словами, Хилоли считает, что человек достигает своей цели благодаря милости, богатству души.

В критических рассказах «Алчность» и «Милость», «Храбрость», в рассказе «Благородство Фархада» и других поэт считает, что привязанность молодых связана с их естественными желаниями и стремлениями. Ибо по природе безнравственный человек не достигнет собственных целей. Термин «любить» означает любить жизнь. Талантливая таджикская поэтесса Фарзона на данный вопрос смотрит под другим углом зрения. Она любит душевно и любит жизнь так, как любит собственную мать. Она также с любовью вспоминает о прошедших днях молодости.

Жизнь нашу прекрасную люблю,
В её объятиях я живу.
Каждый день, что ты мне подарил,
Днями рождения считаю их!
Как мать свою обожаю я жизнь,
Её силе и мощи нет границ.
Обнимаю с желанием особым,
И будущее и прошлое её.
Люблю все те моменты,
Дарившие мне надежды. [6, с. 26]

Данный стихотворный отрывок связывает читателя с жизнью, способствует рождению в его сердце мечты, направляет его на выполнение великих задач. Действительно, при чтении подобных стихов душа оживает, появляется надежда, продолжает пульсировать наше сердце, и все это вынуждает нас любить жизнь и считаться с любым мгновением. Свежие поэтические образы оказывают влияние на души, чувства молодых, а также на особенности великой поэзии. Кроме того, такие свежие образы мотивируют эмоции молодых, привлекают их сердца к хорошим новациям жизни. Это можно встретить в стихах Лоика Шерали (сборник стихов «Крик, который не слышит никто»), Бозора Собира (сборник стихов «Колючая проволока»), Фарзоны (сборник стихов «Восхождение росы»).

А неповторимый Хилоли о любимой пишет так, что его изображение оказывается красивее возлюбленной.

Душа хороша, но не хочу назвать тебя душой,
Дороже души есть что-нибудь, чтоб назвать тебя той.
Как назвать, чтоб было достойным тебя,
Вели сама, как мне назвать тебя.
Душа мая, ты желаешь вмиг уйти от меня,
Часок посиди, вечную жизнь получили от меня [5, С. 8]

Поэт проповедует больше собственной жизни любить и уважать людей - друзей, сотрудников, собеседников. В другой газели Хилоли ласкает возлюбленную. Словосочетания, употребляемые в газели: «кровный враг», «тонкое чувство», «лепесток цветка» и другие сделали газель образной, привлекательной.

Посредством таких словосочетаний образ возлюбленной надолго сохраняется в памяти читателя:

Если вырвут сердце мое, из темницы души моей,
Нет, любимая, я не вырву тебя из души моей [5, С. 6]

Поэтесса Фарзона в целях усиления стремлений и чувств молодых использует поэтические словосочетания, такие как «сладкое и новое чувство», «чистота помыслов», «кровь мира», «зеленая весна», «светлый и чистый сезон года», «солнце мало видимое», «берег освобождения», «улыбка цвета», «прекрасный поцелуй», «стих улыбок», «алое солнце», «жемчужина любви» и другие, которые в совокупности дают надежду людям:

Ангел левой стороны,
Ангел правой стороны.
Где тот, чья солнечная любовь,
Приветствует через светопроём.
Где тот, чьи лучи навек согревают меня,
Кто моими губами приветствует меня.
Кто моими глазами смотрит на меня… [4, С.17].

Молодость является ее золотой порой, периодом любви. Поэтому молодые стремятся и любят читать поэзию, в которой больше всего воспевается молодость.

Подруга - луна
Юность твоя прошла,
Взошла и погасла звезда.
Взрыв ощущения, очень жаль,
Что не повторится никогда,
Не повторится, а что предпринять. [4, С.21]

Воспевание чистоты нравов, веры в бога и совестливость молодежи особенно успешно воссоздается поэтом:

… Как рассеянный ветер не понимает,
Шёпот листьев нежданно упавших.
И в это несчастное время,
У людей отсутствует вера.
В гарем превратится бога дом.
С именем твоим на моих устах
К дверям твоим привела нужда,
Та-кибла, я совершаю намаз. [4, С.25]

Но для воспитания молодежи в основном используется жанр сказки и любовных историй. Классики литературы так мастерски передавали события, что молодежь

практически верила в их правдивость: «… С одной стороны, шел солидный молодой человек, с тигровым нравом, похожий на льва, красивый, как солнце, с горящими глазами, похожими на чашу, заполненную кровью, с висячими волосами, одетый в кожу, перевязанный в талии широким ремнем, цепь вокруг головы, с щитом на спине, злой и быстрый, как ветер. За ним следовали двое слуг луноликих, с виду четырнадцатилетние, обутые в золотые сапоги, которые шли, неся гроб на руках. Как только они добрались до перекрестка, по указке своего хозяина положили гроб на землю. Молодой человек подошел к гробу, присел и начал громко плакать и горько произнес следующие строки:

Без тебя бессонница мучает меня,
И с каждой ресницы чистая кровь пошла.

И так он продолжал рыдать горько, да так, что начали плакать окружающие его люди, большинство людей потеряли силы и пали без сознания… [8, С.48]

Например, жанр «проза в стихах» наблюдается в рассказе Юсуфа Акобирова под названием «Мой хороший друг Тураб». Автор вспоминает годы учебы в школе и своего друга Тураба:

Практика показывает, что сегодня трудно себе представить самостоятельную работу студента без использования компьютерных технологий. В соответствии с запросами современного информационного общества студентам необходимо владеть персональным компьютером. Цифровые технологии позволяют студентам в процессе обучения рационально организовать свою деятельность, т.е. им необходимо повысить уровень самообразования и мотивацию учебной деятельности, развивать творческие способности, более эффективно использовать различные источники информации, получить доступ в единое мировое информационное пространство и др.

При реализации в вузе учебных планов и программ самостоятельная работа выступает одной из основных форм *внеаудиторной работы*, когда в ходе познавательной учебной деятельности сам студент определяет последовательность умственных и практических операций, направленных на усвоение материала.

В.Д. Зеленский в своей работе определяет, что самостоятельная работа неразрывно связана с педагогическим контролем, так как завершает любую последовательность занятий самостоятельной работы. А при выборе вида и формы самостоятельной работы педагогу необходимо учитывать предполагаемую форму контроля - письменную, устную или смешанную [6,5]. Время на контроль может выделяться за счет обязательных учебных занятий по дисциплине, или непосредственно в течение внеаудиторной самостоятельной работы.

Самостоятельная работа проводится среди студентов в виде упражнений: для изучения и усвоения нового материала - подготовительных, для закрепления и повторения - текущих, для самоконтроля и контроля знаний - проверочных.

Для эффективной организации самостоятельной работы необходимо выполнение следующих условий:

- готовность обучающихся работать самостоятельно;
- наличие и доступность соответствующих учебно-методических, информационных и справочных материалов;
- консультативная помощь со стороны преподавательского состава [6].

Местом проведения самостоятельной работы могут выступать лекционные залы и учебные аудитории, помещения лабораторий и компьютерных классов, читальные залы библиотек, рекреации и, конечно, место жительства студента. В ходе самостоятельного учебного труда обучающиеся тренируют морально - волевые качества, активизируют мышление: память и внимание, оттачивают логическую сообразительность, воспитывают работоспособность и инициативу, формируют навыки общественного поведения и полезной деятельности, и т.д. [6].

Занимаясь научной деятельностью можно видеть как у студентов в результате многоплановых и учебных заданий пробуждается интерес к предмету. Указанная деятельность также помогает развитию таких личностных качеств обучающихся как умение самостоятельно пополнять и обновлять, корректировать знания; осуществлять текущий и итоговый контроль, оценку и коррекцию собственной деятельности; нести ответственность за результаты своей работы, вести самостоятельный поиск и оформление необходимого материала, работать в коллективе и команде, быть творческой личностью [15, 23].

О.И. Кобер в своей работе отмечает, что **с**амостоятельное изучение русского языка, готовит студентов к практическим занятиям по электронным учебным пособиям, размещенным в глобальной сети на веб-страничках институтской библиотеки, выполняются индивидуальные творческие задания в виде презентации, активно используются ресурсы Интернета с различными источниками информации по культуре языка [8,4].

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Андреев, В.И. Педагогика: Учебный курс для творческого саморазвития/В.И. Андреев. – Казань: Центр инновационных технологий, 2000. – 608с.
2. Архангельский, С.И. Учебный процесс в высшей школе/С.И. Архангельский. – М., 1980.
3. Буренок, Е.А. Внеаудиторная деятельность как средство интенсификации профессионального обучения английскому языку студентов туристского вуза: дис. канд. пед. наук/Е.А. Буренок. – Сходня, 2004. – 129с. [Электронный ресурс].http://www.dissercat.com/content/vneauditornaya-deyatelnost-kak-sredstvo-intensifikatsii-professionalnogo-obucheniya-angliisk
4. Даськова, Ю.В. Самостоятельная работа в процессе формирования творческой самостоятельности студентов-дизайнеров/ Ю.В. Даськова. [Электронный ресурс] // Современные научные исследования и инновации : электрон. науч.-практ. журнал. – 2014. – № 3. [Электронный ресурс]. http://web.snauka.ru/issues/2014/03/31660
5. Дыбина, О.В. Контроль самостоятельной работы студентов в вузе**.** [Электронный ресурс]. http://teoria-practica.ru/rus/files/arhiv_zhurnala/2015/4/pedagogics/dybina-shchetinina.pdf
6. Зеленский, В.Д. Методические рекомендации по выполнению самостоятельной работы студента/В.Д. Зеленский. - Краснодар, 2016. ФГБОУ ВПО «КубГАУ, [Электронный ресурс]. kubsau.ru/.../9b51dbff0469cc6a740b0f5bcf7e28df.docx
7. Иоганзен, Б.Г. Контроль как средство управления учебно-познавательной деятельности студентов в обучении/Б.Г. Иоганзен. – М., 2005.
8. Кобер, О.И. Самостоятельная работа бакалавров- архитекторов по изучению истории искусства. – Оренбург. [Электронный ресурс]. conference.osu.ru/assets/files/conf_reports/.../598.doc
9. Компетентностная модель современного педагога. – СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2009. – 158с.
10. Листенгартен ,В.С. Самостоятельная деятельность студентов: Пособие для преподавателей вузов/В.С.Листенгартен [и др.]. - Воронеж, 1996. - 94с.
11. Милованова, Т.М., Сырецкая, В.А. Внеаудиторная работа со студентами – важное звено совершенствования процесса обучения иностранному языку в техническом вузе. – Новосибирск. [Электронный вариант]. http://cyberleninka.ru/article/n/vneauditornaya-rabota-so-studentami-vazhnoe-zveno-sovershenstvovaniya-protsessa-obucheniya-inostrannomu-yazyku-v-tehnicheskom-vuze

12. Молибог, А.Г. Вопросы научной организации педагогического труда в высшей школе/А.Г. Молибог. - Минск: Высшая школа, 1975.
13. Низамов, Р.А. Активизация учебно-познавательной деятельности студентов на основе группового взаимодействия/Р.А. Низамов. - М., 2005.
14. Новиков, А.М. Методология образования/А.М. Новиков. - М.: Эгвес, 2002.
15. Реализация компетентностного подхода в подготовке специалист. – Чита: Редакционноиздательский отдел ГПОУ ЧТОТиБ, 2015. - 83с.
16. Силласте, Г.Г., Письменная, Е.Е., Белгарокова, Н.М. Самостоятельная работа студентов: методические рекомендации/Г.Г. Силласте [и др.]. – М.: Финансовый университет, 2013. – 35с.
17. Язык и культура. Отражение в языке культуры общества. [Электронный ресурс]. http://studopedia.org/8-53988.html

САМАДОВА Г.Ю.

## КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ҲАМЧУН МУҲИМТАРИН ҶИҲАТИ ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ СИНФӢ ВА БЕРУНАЗСИНФӢ

Дар рафти кори мустакилона донишҷӯйи мактаби олӣ маҳорату кобилияти худидоракунӣ ва худташкилкуниро пайдо карда, субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ мегардад. Дар баробари ин, маркази таълим раванди омӯзиш аст, на таълим, яъне донишҷӯ бояд ҳамчун субъекти раванди таълим амал кунад, на объекти он. Донишҷӯ бояд «мустақилона кор кардан бо иттилоот, азхуд кардани дониш, аз худ кардани усулҳои фаъолияти маърифатиро, ки салоҳияти умумии фарҳангӣ ва касбии ӯро таъмин мекунанд», омӯзад. Таҷриба ва мушохидахои мо дар машғулияти дарсӣ ва беруназсинфӣ нишон медиханд, ки кори мустакилонаи донишҷӯён дар раванди таълими хар як донишгоҳ, агар он аз тарафи муаллим дуруст ташкил карда шавад, аҳамияти калон пайдо мекунад ва донишҷуён шартҳои максадноки маърифати ва эчодии онхоро фаъолона мураккаб ва васеъ менамоянд. кор. Донишҷӯёне, ки бо чунин фаъолиятҳо машғуланд, қобилияти мустақилона ба накша гирифтани раванди таълимро пайдо мекунанд, майл ба рушди худшиносӣ, худдорӣ, қобилияти интихоби беҳтарин роҳҳо пайдо мешавад; қобилияти кор кардан дар як даста барои ноил шудан ба ҳадафи умумӣ. Донишҷӯён тамоюли баҳодиҳии худ ва худшиносиро пайдо мекунанд, майл ба омӯзиш на танҳо дар давраи донишҷӯӣ, балки дар тамоми ҳаёт пайдо мешавад. Ҳангоми татбиқи плану барномаҳои таълимӣ дар донишгоҳ кори мустақилона яке аз шаклҳои асосии корҳои беруназсинфӣ ба ҳисоб меравад, дар ҳоле ки дар рафти фаъолияти маърифатии таълимӣ худи донишҷӯ пайдарпайии амалҳои фикрӣ ва амалиро, ки ба аз худ кардани мавод нигаронида шудааст, муайян мекунад.

**Калидвожаҳо:** донишҷӯ, кори мустақилона, машғулияти синфӣ, таҷриба, маҳорат.

САМАДОВА Г.Ю.

## САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА СТУДЕНТОВ КАК ВАЖНЕЙШИЙ АСПЕКТ ОРГАНИЗАЦИИ АУДИТОРНОЙ И ВНЕАУДИТОРНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ.

В процессе самостоятельной работы студент вуза приобретает навыки и умения самоконтроля и самоорганизации, становясь активным субъектом учебной деятельности. При этом центром обучения является процесс изучения, а не преподавания, то есть студент должен выступать субъектом процесса обучения, а не его объектом. Обучающийся должен научиться «самостоятельно работать с информацией, приобретать знания, овладеть способами познавательной деятельности, которые обеспечат его общекультурную и профессиональную компетентность». Практика и наши наблюдения на аудиторных занятиях и внеаудиторной деятельности показывает, что самостоятельная работа студентов становится важной в учебном процессе любого вуза, если она только правильно организована преподавателем, а студенты активно усложняют и расширяют целевые предпосылки своей познавательной и творческой работы. У студентов при такой деятельности будет наблюдаться способность самостоятельно планировать учебный процесс, появится стремление к саморазвитию, самоконтролю, способность выбирать оптимальные пути; умение работать в коллективе на достижение общей цели. У обучающихся появится склонность производить самооценку и самодиагностику, возникнет тяга к учению не только в студенческий период, но и в целом по жизни. При реализации в вузе учебных планов и программ самостоятельная работа выступает одной из основных форм *внеаудиторной работы*, когда в ходе познавательной учебной деятельности сам студент определяет последовательность умственных и практических операций, направленных на усвоение материала.

**Ключевые слова:** студент, самостоятельная работа, аудиторная работа, опыт.

SAMADOVA G.U.

## INDEPENDENT WORK OF STUDENTS AS THE MOST IPORTANT ASPEKT OF THE ORGANIZATION OF AUDITORIUM AND EXTRACURRICULAR ACTIVITIES

In the process of independent work, a university student acquires skills and skills of self-control and self-organization, becoming an active subject of educational activity. At the same time, the learning center is the process of learning, not teaching, that is, the student must act as the subject of the learning process, and not its object. The trainee must learn to "work independently with information, acquire knowledge, master the methods of cognitive activity that will ensure its general cultural and professional competence." Practice and our observations in classroom and extracurricular activities show that independent work of students becomes important in the educational process of any institution, if it is only properly organized by the teacher, and students actively complicate and expand the prerequisites for their cognitive and creative work. Students with such activities will be able to independently plan the educational process, there will be a desire for self-development, self-control, the ability to choose the best ways; the ability to work in a team to achieve a common goal. The students will have a tendency to make self-assessment and self-diagnosis, there will be a craving for teaching not only in the student's period, but also in life as a whole. When implementing curricula and programs at the university, independent work is one of the main forms of out-of-class work when, in the course of cognitive learning activities, the student himself determines the sequence of mental and practical operations aimed at mastering the material.

**Key words:** student, independent work, classroom work, experiment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Самадова Г.Ю. номзади илмҳои педагогӣ, кафедраи забонҳои хориҷии донишкадаи давлатии маданият ва санъат ба номи Мирзо Турсунзода Тел. 935242226. Почтаи электрони: kahor-452@mail.ru

**Сведения об авторе:** Самадова **Г.Ю.** кандидат педагогических наук, кафедра инностраных языков Т.Г.И.К. им. Мирзо Турсунзаде. Тел. 935242226, Электроная почта: kahor-452@mail.ru

**nformation about the author:** Samadova G.Y. Candidate of Pedagogical Sciences, Department of Foreign Languages T.G.I.K. named after Mirzo Tursunzade. Tell: 935242226, E-mail: kahor-452@mail.ru

**ҲАМРОЕВ Ҳ.Ҷ.**

## МАФҲУМ, ДАРК, ТАФАККУР, ЗЕҲН ВА АҲАМИЯТИ ИСТИФОДАИ БАМАВРИДИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дарк мафҳумест, ки дар илми забоншиносӣ дарёфтани маънӣ, сарфаҳм рафтан, фаҳмиданро ифода менамояд. Аз ин хотир, ин мафҳум дар таҳқиқоти мо барои кушодани гиреҳи асосии мафҳуми ин ё он матн нақши муҳимро адо мекунад.

Бача дар хондани ин ё он мавзуъ дар ибтидо чизе намедонад, аммо вақте ки бори аввал муаллим ба шарҳу эзоҳи он шуруъ менамояд, вай дарк кардан мегирад ва ҳамин тавр тадриҷан фаъолияти маърифатӣ сар мешавад.

Дар дарсҳои грамматика (хониш) ва имло ин зина хеле муҳим ва зарур аст, ба шарте ки фаъолияти амалии бачаҳоро бедор намуда, самаранокии онро таъмин намоем. Дар акси ҳол талабаҳо ба шахси мушоҳид мубаддал мегарданд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар назария ва амалияи методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ роҳ ва воситаҳои гуногуни ба маърифат шавқманд намудани бачаҳо кор карда шудаанд. Масалан, истифода бурдани таҷрибаи амалӣ, ташкили шаклҳои гуногуни кори мустақилона, ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ва ғайра. «Таҷрибаи амалии бачаҳо на танҳо ҳамчун принсипи таълими забон ба ҳисоб меравад, - мегӯяд, академик М. Лутфуллоев,- вай инчунин шавқу ҳавас ва рағбатнокии онҳоро бедор менамояд. Бачаҳо мисолҳои тартибдодаи худро мушоҳидаю таҳлил намуда, қоидаҳои грамматикӣ - имлоиро нағзтар дарк мекардагӣ мешаванд.

Ташкили корҳои гуногуни мустақилона, хусусан, корҳое, ки характери эҷодӣ доранд, шавқи талабаҳоро оварда, фаъолияти таълимиашонро баланд мебардоранд. Бачаҳо таъсири қоидаҳои грамматикӣ - имлоиро дар ин гуна корҳо рӯз то рӯз бештар дарк менамоянд ....

Дар ин ва дигар мавридҳо муаллим вазъияти проблемавиро ба амал оварда меистад: «Ба фикри шумо, чаро ин гуна воқеа рӯй дод?» «Барои чӣ...?» Талабагон ба ин гуна саволҳо фаъолона ҷавоб меёбанд.

Баъзан таҳсину офарин ва суханҳои рӯҳбахши муаллим («Офарин!», «Хеле хуб», «Ана акнун ба кори дигар мегузарем», «Дар ин дарс савол доданро ёд мегирем», «Ана дар ин дарс ба саволҳо ҷавоб доданро меомӯзем», «Пеш аз иҷрои амал аввал фикр мекунем, ки...» низ қобилияти дарк ва маърифатҷӯии бачаҳоро вусъат медиҳанд» [111].

Ҳамин тавр, дарк дар пешравии маърифатҷӯйии хонандагон ва махсусан фаҳмидани мазмуни матни хонда аҳамияти калонро молик аст. Ба тарзи дигар дарки маънои матни хонда ва маърифатҷӯйии хонандагони хурдсолро бе истифодаи роҳ, тарз, усул ва воситаҳои гуногун таъмин кардан ғайриимкон аст.

Кӯдак бе тафаккур ба дунё меояд. Танҳо дар охири соли аввали умр дар кӯдак зуҳури баъзе аз нишонаҳои тафаккурро мушоҳида кардан мумкин аст.

Шарти асосии рушди тафаккури бачагон таълиму тарбияи мақсадноки онҳо маҳсуб меёбад. Дар ҷараён тарбия кӯдак батадриҷ амалҳои ҷудогона ва нутқро азхуд мекунад, аввал мустақилона ҳал кардани масъалаҳои оддӣ, сипас, нисбатан мураккабтарро меомӯзад, ҳамчунин талаботи калонсолонро мефаҳмад ва оҳиста-оҳиста мутобиқ ба онҳо амал мекунад.

Тафаккур дар тамоми тӯли ҳаёти инсон дар ҷараёни фаъолияти ӯ рушд мекунад. Дар ҳар як давраи синнусолӣ тафаккур махсусиятҳои худро дорост.

Тафаккури бачагони синни томактабӣ дар шакли амалҳои ба ҳалли масъалаҳои мушаххас нигаронидашуда рух медиҳад: ягон ашёи ба назар намоёнро овардан, пиёларо гирифта ба нафари дархост карда дароз кардан, дарро кушодан ё пӯшидан, чизи пинҳонкардашударо ёфтан, бозичаро овардан ва ғ. Ин амалҳоро иҷро карда, кӯдак фикр мекунад, вай амал карда, андеша мекунад. Тафаккури вай аёнӣ-фаъолиятӣ аст.

Азхуд кардани нутқи одамони атроф ба рушди тафаккури аёнӣ-фаъолиятии кӯдак такон медиҳад. Ба туфайли забон бачагон ба таври умум андеша карданро шуруъ мекунанд.

Рушди минбаъдаи тафаккур дар тағйирёбии таносуб миёни амал, образ ва калима ифода меёбад. Дар ҳалли масъалаҳо аз ҳама бештар калима нақши муҳим мебозад.

Як пайдарҳамии муайяне дар рушди навъҳои гуногуни тафаккур дар хурдсолӣ мавҷуд аст. Аввал рушди тафаккури аёнӣ-фаъолиятӣ ба вуқуъ пайваста, баъдан, тафаккури аёнӣ-тасвирӣ ва ахиран, тафаккури баёнӣ ташаккул меёбад.

Проблемаи даркро ҷудо аз масоили умумии таълиму тарбия ва муносибати он бо воқеият, ташаккули шахс, дарки ҷаҳон ва дунёи маънавӣ ҳаллу фасл кардан ғайриимкон аст.

Дарк асоси ҳамагуна таҳлил аст, сарфи назар аз он ки он мактабӣ аст ё адабиётшиносӣ, дар акси ҳол он таҳлил нест.

Равоншиносони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ (Л.С. Выготский [59, 60, 61], Левитов Н.Д. [104], А.Н. Леонтьев [105], Б.Г. Ананьев [14], Н. Амонов [13]) ба он аҳамияти махсус додаанд, ки дарк ин аксбардории оддӣ ва қабул оддии иттилоот набуда, он амали фаъолест, ки дар он ҳавасмандии мусбат, талабот, ангеза ва шавқу завқ нақши бузург доранд.

Шарти аввалини дарки муътамади матн фаҳмидани маънои ҳар як таркиби калима аст. Агар мо дар хонандагон муносибати нозукбинона ва саволиро ба калима, ибора ва ҷумла наомӯзонем, дар онҳо бетаваҷҷуҳӣ ба тамоми ҷумлаҳо рушд мекунад. Дар натиҷа онҳо тамоми маънои матни хондаашонро намефаҳманд ва ба мутолиаи рӯякии худ қаноатманд мешаванд. Дар синни хурди мактабӣ калима-калима ба хотир гирифтан монеа (тормоз) барои рушди маҳорати бо суханони худ нақл кардан мешавад ва оқибат барои дарки маънои матни хондашуда монеа эҷод мекунад.

Барои он ки бахотиргирии калима ба калима ба рушди тафаккур ва нутқи бачагон халал ворид насозад, зарур аст, ки ҳангоми такроран хондани матн, масалан, афсона, ҳикоя, шеър, чистон ва мақолу зарбулмасал, матни он камтар тағйир дода шавад, синоними калимаҳо истифода бурда шавад, тартиби калимаҳои ҷумла ва тартиби худи ҷумлаҳо иваз карда шавад. Ғайр аз ин, бояд ки мунтазам бачагонро омӯзонем, ки маънои калимаҳои нофаҳморо пурсанд.

Ғ. Бобиев дар мақолааш таҳти унвони «Омӯзиши чистон, зарбулмасал ва тезгӯякҳо дар дарси хониши синфи дуюм» қайд кардааст, ки жанрҳои қадимтарини эҷодиёти даҳанакии халқ - чистон, мақол, зарбулмасал аз куҳантарин жанрҳо маҳсуб меёбанд, ки онҳо дар инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон, ҷаҳонбинии онон аҳамияти беандоза доранд. Истифодаи ин жанрҳо фикрро равшан, суханро таъсирнок ва кӯтоҳ мегардонад. [32, С. 47-51].

Оре, халқ беҳуда нагуфтааст, ки: «Зарбулмасал - кафшери сухан аст». Беҳуда нест, чунин жанри зебои адабиёти тоҷикро аз замони Рӯдакӣ то замони мо мардум васеъ истифода мебарад.

Аз ҷумла, муаллим Ғ. Бобиев дар мақолааш зикр кардааст, ки омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо дар таълим ва таҳкими дониши хонандагон саҳм хоҳанд гузошт. Алалхусус, дар дарси хониш омӯхтани чистону масал нақши бениҳоят бузургро мебозад. Истифодаи онҳо дар таълим нутқи хонандагонро инкишоф дода, тафаккур ва дарккунии онҳоро пурра мегардонад, зарбулмасалу мақол ва чистон дарсро шавқовар ва диққатҷалбкунанда намуда, нутқи хонандагонро инкишоф медиҳанд. Аз ин рӯ, онҳоро ба ҳар як мавзӯи дарс ба мавқеъ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Вақте ки муаллим ба хонандагон чистони наву завқовареро мегӯяд, онҳо барои ёфтани ҷавоби чистон дар олами хаёлот сайр менамоянд ва ҳама ашёҳои зиндагӣ, ҳодисаҳои табиат,

воқеаҳоро як-як чун навори синамо аз назар гузаронида, ҷавоби аниқи чистонро фикр мекунанд.

Чуноне, ки гуфтем, чистони мароқовар ба хонандагон рӯҳи тоза, илҳом, завқу фараҳ мебахшад. Ёфтани ҷавоби чистон хонандагонро ба муқоисакунии асбобҳои рӯзгор, техника, парандагон, асбобу олоти меҳнат, ҳайвонот, ҳодисаҳои табиат ва ғайра водор менамояд. Зарбулмасал бошад, каме душвортар, яъне хонандагон, бояд зиёдтар фикр кунанд, чизеро дуруст дарк намоянд. Бо ин мақсад Ғ. Бобиев дар дарсҳои худ панду зарбулмасалҳои зеринро дар бораи дӯстӣ, мардӣ, некӣ истифода кардааст:

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

Рӯдакӣ

Некӣ кунӣ - некӣ ёбӣ.
Дӯстии халқҳо шикастнопазир аст.

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

Саъдӣ

Хонандагон оид ба маънии калимаҳои фитодае, мардӣ, некӣ, шикастнопазир, дармондагӣ баҳсу мулоҳизаронӣ мекунанд.

Чистонҳо:

Меҳмони бологузар,
Аз ҳама гап бохабар? *(Оинаи нилгун).*
Хурдакак асбоби доно, чист он?
Хушхабарҳо мерасонад, чист он?
Безабон асту вале дар гуфтугӯ
Аввалаш Р, охираш О, чист он? *(Радио).*

Хонандагон аломат, шакл ва намуди ашёи болоро фикр мекунанд. Ҳамин ки ҷавоби чистонро ёфтанд, расми оинаи нилгун ва радио ба онҳо нишон дода мешаванд, ки онҳо ҳамаи аломатҳои ёфтаашонро бо чашми худ мебинанд, - қайд кардааст муаллиф.

Мафҳум, маънӣ, зеҳн, тасаввур, хушфаҳмӣ, хушзеҳнӣ, фаросат, фаҳм ва ғайра воҳидҳое мебошанд, ки ба хонанда дар дарк кардани чизҳои дида, шунида, хондашуда ёрӣ мерасонанд. Ба тарзи дигар ин мафҳумҳо ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва тафаккури хонандагон асос гузошта, барои фарқ кардани аломат, хусусият ва муқоисаи ашёҳо кумак мекунанд [32, С. 47-51].

Ба ақидаи М. Р. Львов мафҳум умумӣ ва аз он камтар манзаравӣ мешавад. Аммо мактабиён дар аксар ҳолатҳо дар муайян кардани аломат ва хусусияти ашё мафҳуми умумиро зиёдтар истифода мебаранд. Машқҳои махсуси муқоисавӣ барои фаҳмиши аломат ва хусусияти ашёҳо асосан дар синфҳои 1-2 гузаронида мешаванд, ки онҳоро Львов М. Р. ба шаш намуд ҷудо кардааст:

1. Шумурдани пай дар пайи ашё барои ҷамъбасткунӣ асосан дар синфи 1 истифода мегардад. Масалан, бачаҳо ба расм нигариста, номбар мекунанд: «Ин арча, ин себ, ин помидор аст».

2. Ашёе, ки шаклҳои гуногун, вале иҷрои корашон нисбат ба якдигар мухталиф мебошад. Мисол: тухмипошак, алафдарав, трактор, юғу омоч, комбайн, телевизор, радио.

3. Машқҳои минбаъда нисбати машқҳои 1-2-юм каме мураккабтар гардонида гузаронида мешаванд. Масалан: тухмипошак, алафдарав, комбайн ва юғу омоч - инҳо мошин ва олоти хоҷагии қишлоқанд. Бо омоч замин шудгор мекунанд. Баъд деҳқонон бо тухмипошак ғалла мекоранд. Тобистон бо комбайн гандум медараванд. Бо алафдарав дар саҳро алафро даравида, баъд онро хушк мекунанд....

4. Ҷамъбасткунӣ бо як намуди фаҳмиш. Моҳияти ин намуди ҷамъбасткунӣ дар он аст, ки хонандагон на гурӯҳи ашё, балки як намуди онҳоро номбар мекунанд. Мисол: «Зелол - ин чист? - Ин намуди дарахти буттагӣ мебошад. Пиёз - ин чист? - Як намуди сабзавот аст».

5. Кушодани фаҳмиши ҳаҷму намуди ашё. Масалан: Ангур. Бачаҳо намудҳои онро номбар карда ҳикоячае тартиб медиҳанд (ангури ҳусайнӣ, тагобӣ, ҷавз, чилик, шибирғонӣ, кишмиш....)

Дар боғи мо ангурҳои гуногун аст. Дар он ҷо ангури пешпазак ҳам мавҷуд ҳаст. Вай моҳи май мепазад. Ангурҳои дигар баъд мепазанд.

6. Машқҳои ҷамъбасткунии думаъноӣ. Мисол: Сафедор, ар-ар, арча - чиҳоянд? (Инҳо дарахтанд).

Себ, олу, шафтолу, ангур чӣ мебошанд? - (Мева мебошанд) [114].

Зеҳн дар луғатҳо ҳамрадифи истилоҳоти фаҳм, фаҳмиш, зудфаҳмӣ, ҳуш, ақл, фаросат, идрок, қобилияти фикркунӣ, ба маънои васеаш - фаъолияти дарк намудан, ба маънои махдудтараш - тафаккур омада, дар тафовут аз мафҳумҳои ҳис, эҳсос, ирода, тасаввур ва гувоҳи қалб мутобиқан ба ақоиди Афлотун ва Арасту барои ифодаи қобилияти олии даркнамоӣ истифода шудааст.

Мафҳуми зеҳн - ҳамчун зинаи аввали қобилияти олии даркнамоӣ дар илоҳиёти асримиёнагӣ, баъдтар дар таълимоти фалсафии Кант ва Гегел баррасӣ шудааст.

«Зеҳн - мафҳуми равоншиносӣ, яъне категорияи психологӣ мебошад... Дар раванди таълим ташаккул ва рушди зеҳн дар омӯзиши кулли фанҳои мактабӣ, новобаста аз зинаҳои таълим, имрӯз дар маркази диққат ҷой дорад. Мо комилан ва мутлақо хато мекардем, агар зимни таълими ин ё он фан ё омӯзиши ин ё он мавзӯъ танҳо донишҳои навро ҳадафи асосии дарс қарор диҳем. Зеро мурод аз дарс ҳам донишу маърифат, ҳам тарбия ва ҳам рушд, қабл аз ҳама, рушди мантиқии зеҳнро нигаронем. То зеҳни мактабиёнро тамрин надиҳем, онҳо дониши андӯхтаашонро маърифат карда наметавонанд, тезфаҳм, нуктасанҷ ва ҳозирҷавоб намешаванд, ҷавҳари мавзӯъ ва мақсаду арзиши амалию ҳаётии онро ҷудо карда наметавонанд», - қайд кардааст равоншинос М. Шайхов дар мақолааш бо унвони «Омилҳои зеҳнии беҳдошти таълиму тарбия» [140, С. 143-145].

Ба ақидаи мо, зеҳн дар таълиму тарбия, инкишофи нутқ, дар ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона, махсусан дар маънифаҳмии мактаббачагони хурдсол ҳамчун таҳкурсӣ хизмат мекунад ва тавассути он аз матнҳо дурри маънӣ чида мешавад. Ҷоиз аст, ки барои ташаккули дарки маъно дар шогирдон муаллим қабл аз ҳама бояд зеҳни онҳоро омӯзад ва рушд диҳад ва он гоҳ аз шогирдон дарки маънои матнро талаб намояд. Истифодаи маводи дидактикӣ дар корҳои мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои инкишофи нутқи шифоҳӣ ва таҳрирӣ ва баланд бардоштани дараҷаи саводнокӣ, корҳои эҷодӣ, фаъолгардонии диққати бачаҳо ба дарс, аз худ кардани мазмуни матни хондашуда ва қоидаҳои имло ёрӣ мерасонад. Махсусан истифодаи маводи дидактикиро оид ба грамматика ва имло зикр кардан бамаврид аст.

Доир ба ин масъала муаллифон Р.Давлатова ва Р.Мирзоев дар дастури методии хеш таҳти унвони «Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ» дуруст қайд кардаанд, ки дар таълими забони модарии синфҳои 1-1У истифодаи аёният – варақчаҳо (карточки) хусусан дар омӯхтани ҳиссаҳои нутқ: исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, пешоянд ва пайвандакҳо нақши муҳим мебозанд.

Масалан, муаллифон дар таълими исм 52 варакча омода сохтаанд, ки дар онҳо ҳама паҳлуҳои таълими ин ҳиссаҳои нутқ дар бар гирифта шудаанд. Масалан: Варақчаи № 4, с-3:

1. Номи ашёро навишта, ба онҳо савол гузоред. Дарахт, асп, гул, мурғ, рӯймол, сел, шапалак, самолёт, туфлӣ, об, трактор, офтоб.

2. Бо калимаҳои арча, тӯб ду ҷумла тартиб диҳед.

Варақчаи № 5, с-3:

1. Аз ин шеър исмҳояшро навишта гиред, ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред. Маънои ибораи «Хирмани пуршарор»-ро шарҳ диҳед.

**Аввали тобистон**

... Дар шаби моҳтоб, дар шаби тор
З-осмонаш ситора меборад,
Аз чароғи электрикӣ ба сарам,
Хирмани пуршарора меборад...

2. Бо калимаҳои мактаб, бачагон, боғ ҷумла созед, ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред [66].

Ҳамин тавр, истифодаи аёният дар дарсҳо ба хонандагон имконият медиҳад, ки онҳо тадриҷан ба забономӯзӣ омода гарданд, дар онҳо млакаҳои кор бо матнҳои гуногунмазмун ва гуногунжанр ташаккул ёбад ва ба дарки маънои ин ё он матн ба осонӣ сарфаҳм раванд.

Ба осори шифоҳию хаттии ниёгонамон рӯ овардан ва аз онҳо истифода кардан дар айни замон яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад. Тавассути омӯзиши матнҳои ниёгон рӯзгори аҷдодиро варақ зада, бо ҳаёташон шинос мешавем. Махсусан хонандагони синфҳои ибтидоиро аз ин ганҷи нодир бархурдор намудан зарур аст, зеро онҳо ба шунидану хондани панду ҳикмат, афсонаю ҳикоятҳои мероси аҷдодӣ зиёдтар мароқ зоҳир намуда, онҳоро бо завқ мутолиа хоҳанд кард. Масалан, муаллимаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ш. Бохтар М. Аминова таълими афсонаи «Захми забон»-ро, ки он хӯшае аз насри бадеии ниёгонамон мебошад, дар синфи 2 ин тавр баргузор намуд:

Муаллима баъд аз эълони мавзӯъ ва навиштани унвони он дар тахтаи синф намунаи насри ниёгон будани онро хотирнишон кард.

Сипас матни мазкурро муаллима бо суҳбати муқаддимавӣ ва гузаронидани саҳнача иборат аз се қисм шуруъ кард.

Қисми якум ба хонаи Далер меҳмон шудани Халил (хирс), қисми дуюм ба ҷангал рафтани Далер ва қисми сеюм сиҳат шудани Халил (баъд аз бо табар задани Далер Халилро (хирсро) он анҷом пазируфтааст ва афсона бо байтҳои зерин анҷом ёфтааст:

Сухан нарм гӯй, эй ҷаҳондида мард,
Маёлой лабро ба гуфтори сард.
*А. Фирдавсӣ*

Сухан Дониста гӯй, то дӯстро душман нагардонӣ,
Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад.
*Аз халқ*

Сухандонон сухан бо парда гӯянд,
Ба рӯйи ҳамдигар санҷида гӯянд.
*Аз халқ*

Панди бузургонро хулоса карда муаллима ба шогирдон фаҳмонд, ки сухани хуб одамро хурсанд мекунад, қуввату дармон мебахшад. Сухани бад бошад, касро хафаю ғамгин мекунад, меранҷонад, дилшикаста менамояд, табъро хира месозад.

Ҳамин тариқ, дарсро то чи андоза шавқовар ва мазмунашро дастраси хонандагон гардонидан ба маҳорат ва эҷодкории омӯзгор вобастагӣ дорад.

Дарки ашё ё маънои матн вобаста ба он аст, ки муаллим то кадом дараҷа захираи таркиби луғавии хонандагонро афзун гардонидааст, малакаю маҳорати забондонии онҳоро таъмин кардааст.

Муаллимаи муассисаи таълимии № 15 ш. Бохтар Машрапова З. дар ҳар дарси навбатиаш мекӯшад, ки хонандагони синфро ҳарчи бештар ба қироати матн ва дарки маънои он ҷалб намояд. Бо ин мақсад вай аз варақчаҳо, расмҳои мазмундор, гузаронидани саҳнача, суолҳои даҳонӣ, луғати зерматн, васоити аёнии техникӣ аз қабили ДВД, видеопроектор, филмҳои тасвирӣ ва ғайра самаранок истифода мебарад.

Масалан муаллима, аснои таълими матни «Ӯ пиразан аст» китоби «Забони модарӣ» дар синфи 2 чунин усули корро истифода намуд:

**Ӯ пиразан аст**

Як писарбача ва як духтарчае дар кӯча мерафтанд. Пеш-пеши онҳо пиразане мерафт. Замин, ки ниҳоят лағжонак буд, пиразан лағжиду афтид.

- Китобҳои маро дор! – гуфта Қодир ҷузвдонашро ба духтарча доду худаш ба ёрии пиразан давид.

Вақте ки Қодир баргашта омад, духтарча аз вай пурсид:

- Пиразан модаркалонат-мӣ?
- Не, - ҷавоб дод Қодир.
- Набошад модарат-чӣ? - ҳайрон шуда пурсид.
- Не!
- Набошад, холаат? Ё ягон шиносат?
- Охир, не гуфтам-ку? - табассумкунон гуфт писарбача, - Ӯ пиразани роҳгузар аст.

Саволҳо: Киҳо аз кӯча гузашта мерафтанд? Писарбача ба кӣ ёрӣ дод? Духтарча аз вай чиро пурсид? Писарбача дар охир чи ҷавоб дод? Оё писарбача кори дуруст кард? Оё Шумо боре ба муйсафеде ё пиразане ёрие расонидаед?

**Панд:** Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.
*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Саравввал муаллима матнро ифоданок қироат карда, ба шогирдон рӯ оварда гуфт:

- Бачаҳо! Сухан дар бораи киҳо меравад?

Хонандагон:

- Сухан дар бораи пиразан ва писарчаю духтарча меравад.
- Кӣ модаркалон дорад?
- Мо модаркалон дорем (якчанд хонанда ҷавоб медиҳад).
- Офарин, бачаҳо, Шумо доноякак будаед. Ҳатто аз як маротиба хондани матн шумо аллакай пай бурдед, ки гап дар бораи чӣ мерафтааст.

Сипас муаллима ба хонандагон рӯ оварда гуфт:

- Шумо ҳам матнро хондан мехоҳед?

- Ҳа, мехоҳем, изҳор карданд бачаҳо.

- Бисёр хуб, биёед акнун бо навбат ба хондан шуруъ мекунем, - гуфт муаллима.

Азбаски матн аз 12 ҷумла иборат аст, ҳар нафар як ҷумлагӣ бо навбат қироат карданд. Сипас, муаллима ба бачаҳо рӯ оварда пурсид, ки оё ҳамаи маънои калимаҳои матн ба шумо фаҳмоянд?

Як хонанда гуфт, ки ба ман калимаи «ниҳоят» фаҳмо нест, дигаре калимаи «ҷузвдон» ва сеюмӣ бошад калимаи «табассум»-ро нафаҳмидааст. Баъд аз ин омӯзгор аз он бачаҳое, ки мазмуни калимаҳои номбаршударо нафаҳмидаанд, хоҳиш кард, ки онҳо ба назди тахтаи синф омада ҳамон калимаҳоро нависанд. Баъд аз адои супориш муаллима ба аҳли синф рӯ оварда гуфт:

- Кӣ маънои ин калимаҳоро шарҳ медиҳад? Маълум гашт, ки баъзеҳо мазмуни он калимаҳоро нафаҳмидаанд. Сипас, муаллима калимаҳои дар тахта навишташударо бо ҷалби хонандаҳо эзоҳ дод:

**Ниҳоят** - хеле бисёр, берун аз ҳад.

**Ҷузвдон** - асбобе, ки дар он қаламу китоб ва дигар анҷомҳои хонишро мегузорем.

**Табассум** - хандаи беовоз ба тавре, ки дандонҳо намоён нашаванд, нимханд, лабханд.

Баъд аз маънидоди калимаҳо бо супориши муаллима бачаҳо тафсири калимаҳои номбурдаро дар дафтари луғат рӯбардор карданд. Пас аз адои супориш дақиқаи дамгирӣ гузаронида шуд ва бозии «Себчинӣ» иҷро гардид. Шеъри «Себак» ба таври умумӣ хонда шуд.

Себаки сурхи сероб,
Ширин асту хӯрданбоб.
Себак хеле хушрӯй аст,
Хушмаззаю хушбӯй аст,
Рангу рӯяш гулмонанд.
Шириниаш мисли қанд.

Баъд аз дақиқаи дамгирӣ саҳначае бо унвони «Мадад» гузошта шуд.

**Иштироккунандагон:**

1. Пиразан /Дилбар/.
2. Мактабхонон /Раъно, Қобил/.
3. Баранда /Нодир/.

Чунон ки маълум аст, гузаронидани саҳнача дар дарсҳо аз як тараф, аҳамияти тарбиявӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, дар хонандагони хурдсол салоҳиятҳои коммуникативӣ, эҷодкорӣ, тафаккури мантиқӣ, кор бо матн ва дарки маъниро ташаккул медиҳад, ҳамчунин, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мекунад.

Чи тавре аз мушоҳидаи дарс маълум гашт, муаллима дар оғози дарси нав сӯҳбати муқаддимавӣ нагузаронида, якбора дарсро аз қироати матн шуруъ кард. Хуб мешуд, ки сараввал суҳбати муқаддимавӣ мегузаронид. Муаллима мебоист унвони мавзӯъро дар тахта навишта, ба шогирдон рӯ оварда то 3-4 дақиқа дар атрофи мавзуъ суҳбат мегузаронид. Дар ин суҳбат роҷеъ ба мазмуни мавзуъ, ки дар китоби дарсӣ оварда шудааст, маълумот надода, балки баъзе хусусиятҳои муҳиму фарққунандаи иштироккунандагони воқеа ва ҳодисаҳои ба мавзуъ вобаста хотирнишон гардида, таҷрибаи амалӣ ва чизҳои дидаю шунидаи талабагон ҷамъбаст карда мешавад.

Ғайр аз ин муаллима дар ин суҳбат баъзе луғатҳоро дар тахта навишта (беҳтараш пешакӣ навишта монда бошад), маънои онҳоро, ки ба маънои умумии матн иртибот доранд, шарҳ медиҳад, муаллима ҳангоми ин суҳбат худи ашё (агар имкон дошта бошад), расму хӯса, наклу ривоятҳо, чистону зарбулмасалҳо ва дигар чизҳоро истифода мебарад.

Мақсади суҳбати муқаддимавӣ ба омӯхтан ва фаҳмидани мазмуни матн омода сохтани талабагон аст. Аҳамияти суҳбати муқаддимавӣ дар дарсҳои хониш хеле калон буда, на танҳо талабагонро ба омӯхтани мавзуъ тайёр мекунад, балки маълумоташонро оид ба ин ё он мавзуъ зиёд менамояд.

Бояд таъкид кард, ки тайёр намудани хонандагон ба дарки бошууронаи мавзуъ бедор кардани шавқи маърифатҷӯии онҳо ба дарс аз муҳимтарин қобилияти дидактикии муаллим ба шумор меравад.

Дар интиҳо гуфтан ҷоиз аст, ки ба истисноии пешниҳоди мавод ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ лозим аст, ки омилҳои ташаккули малакаҳои дурусту равон хондану дарки маъно намуданро бо истифода аз роҳ, тарз, усул ва воситаҳои таълимӣ бамавриду самаранок истифода намоянд.

## АДАБИЁТ:

1. Лутфуллоев М.  Табассуми муаллим. Душанбе: 2005  -52с
2. Выкогский Л.С. Мышление и речь. М.; Просвещение,1996 - 115 с
3. Выкогский Л.С.  Воображение и творчество в детском возрасте.Психологический очерк. Книга для учителя.3-е изд. / Выкогский Л.С.. – М., Просвещение;1991  - 93 с
4. Выкогский Л.С. Педогическая психология / Выкогский Л.С. – М.; Просвещение 1991 – С. 349
5. Левитов Н.Д. Детская и педагогическая психология.  – М.; Государсвенное учебно – педагогическое издательство. Министерство просвещение РСФСР, 1958  - 320 с
6. Леонтьев А.А. Язык, речь, речевая деятельность.  М.; Просвещение, 1969 – 214 с
7. Ананьев Б.Г.  Человек как предмет познания. М.; Просвещение 1986 – 284 с
8. Амонов Н. Сабабҳои сустхонии хонандагон. Мактаб ва ҷомеа – Душанбе, 2006 №2(9)  - с. 23-25
9. Бобиев Г. Омӯзиши чистон, зарбулмасал ва тезгӯякҳо дар дарси хониши синфи дуюм // Маорифи Тоҷикистон  2003, №4  -С. 47-51
10. Шайхов М. Омилҳои зеҳнии беҳдошти таълиму тарбия. // Паёми ДМТ,№3 (51)  -С. 143-145
11. Давлатов Р. Мирзоев Р.  Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ - Душанбе . 2012   -112 с

**ҲАМРОЕВ  Ҳ.Ҷ.**

## МАФҲУМИ ДАРК, ТАФАККУР, ЗЕҲН ВА АҲАМИЯТИ ИСТИФОДАИ БАМАВРИДИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ.

Давраи муосири рушди устувори ҷомеа зарурати дастёбӣ ба таҳсилоти босифат ва таҳсилот барои ҳаётро ба миён мегузорад. Доштани тафаккури мантиқӣ ва малакаҳои кор бо иттилоот (матн) аз салоҳиятҳои асосии насли “асри иттилоот” арзёбӣ мегардад. Аз омӯзгори имрӯза талаб карда мешавад,ки ба истиснои доштани маҳорати касбӣ, малакаҳои истифодаи усул, роҳ, тарз ва воситаҳои таълимро бамаврид ва самаранокро дар раванди дарс  татбиқ намуда тавонад. Дар мақолаи мазкур омилҳои рушди дарк, зеҳн ва тафаккури хонандагон таҷассум гардидааст, ки дар боло бардоштани сифати таълиму тарбия метавонад мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо:** Суҳбати муқаддимавӣ, тафаккури интиқодӣ, дарки маъно, хониши бошуурона, арзёбӣ, ташаккули шахсият, корҳои мустақилона ва гуруҳӣ

**ХАМРОЕВ  Х.Дж.**

## ПОНЯТИЕ ВОСПРИЯТИЯ, МЫШЛЕНИЯ, ИНТЕЛЛЕКТА И ИХ ЗНАЧЕНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ.

Современное развитие устойчивости общества предусматривает необходимость доступа к качественному обучению к образованию для жизни. Владение логическим мышлением и навыками работы с информацией (текстом) оценивается одним из основных компетенции поколения «Информационного века». От современного учителя требуется чтобы наряду с профессиональным мастерством, овладеть навыками реализации эффективных методов, путей и способов в процессе уроков. В данной статье отражается факторы развития восприятия, интеллекта и мышления учащихся, способствующих повышению качества обучения и воспитания.

**Ключевые слова:** Предварительная беседа, критическое мышление, познание значения, сознательное чтение, оценивание, развитие личности, самостоятельная и групповая работа.

**HAMROEV H. J.**

## THE CONCEPT OF PERCEPTION, THINKING, INTELLIGENCE AND THEIR SIGNIFICANCE AND USE AT THE LEARNING PROCESS.

Modern development of the stable society provides for the need of  reaching qualitively teaching to the education for life. Holding logical thinking and skills of work with information (text) evaluated one of the main competencies of the generation of “ Information centure”. From the modern teacher it is required to master skills of relization effective methods and ways  during the lessons along with professional skills.

In the given article reflected factors of development, perception, intelligence and thinking of the pupils, conducive and promotion of quality of the teaching and upbringing.

**Key words:** Preliminary discussion, critical thinring, understanding meaning, conscious reading, evaluation, developing personality, independent and group work

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ҳамроев Ҳабибулло Ҷӯраевич – унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ. мутахассиси шуъбаи таълимии филиали РИПКПРСО дар шаҳри Бохтар. Тел: (+ 992) 903-02-67-68, e.mail: habibhamroev013 @gmail.com

**Сведения об авторе:** Хамроев Хабибулло Джураевич, соискатель ИРО имени Абдурахмона Джоми АОТ зав. учебным отделом Филиала РИПКПРСО в городе Бохтар. Тел: (+ 992) 903-02-67-68, e.mail: habibhamroev013 @gmail.com

**Information about the author**: Hamroev Habibullo Juraevich the educational department of the RIPKPRSO Branch in the city of Bokhtar. Tel: (+ 992) 903-02-67-68, e.mail: habibhamroev013

## 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
## 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
## 20TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

**АБДУЛЛОЕВ И.К.**

### ИНТЕГРАТСИЯИ ИНФОРМАТИКА ВА МАТЕМАТИКА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мусаллам аст, ки илмҳои дақиқ дар рушди ҷамъият ва фанҳои дигар нақши калидӣ бозида, дар амалишавии ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонӣ мамлакат аҳамияти калон дорад. Ба илмҳои дақиқ математика, физика, химия, информатика ва инчунин, баъзе бахшҳои биологияро дохил мекунанд. Ҳама илмҳои дақиқ, ки илмҳои табиӣ низ меноманд, метавонанд ҳам бунёдӣ ва ҳам татбиқӣ бошанд.

Математика илми дақиқест, ки дар ибтидо муносибатҳои миқдорӣ ва шаклҳои фазоиро таҳқиқ менамояд, дар муосир ин илм дар бораи муносибатҳои байни объектҳои мебошад, ки дар бораааш чизе маълум нест, ба ҷуз баъзе хосиятҳое, ки онҳоро тавсиф мекунанд, яъне онҳое, ки дар асоси назарияи муайяни математикӣ ҳамчун аксиома қабул карда мешаванд.

Таърихан математика дар асоси амалҳои ҳисобкунӣ, ченкунӣ ва тавсифи шакли объектҳо инкишоф ёфтааст. Объектҳои математикӣ бо роҳи абстракткунонии хосиятҳои объектҳои воқеӣ, ё дигар объектҳои математикӣ ва навиштани ин хосиятҳо бо забони формалӣ сохта мешаванд.

Математика ба илмҳои табиӣ дохил нашавад ҳам дар онҳо ҳам барои таҳияи дақиқи мазмун ва ҳам барои ба даст овардани натиҷаҳои нав васеъ истифода мешавад. Математика як илми бунёдӣ мебошад, ки ба илмҳои дигар воситаҳои ифодакуниро медиҳад; ин фан муносибати сохтори байниҳамии дигар фанҳоро ошкор месозад ва ба дарёфти қонунҳои умумии табиат мусоидат мекунад.

Информатика – ин илм дар бораи усулҳо ва равандҳои ҷамъкунӣ, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол, таҳлил ва арзёбии иттилоот бо истифода аз технологияҳои компютерӣ мебошад, ки имконоти истифодаи онро барои қабули қарорҳо таъмин менамояд.

Математика ба маънои томаш дар ҳама ҷо лозим аст, илова бар ин, ин фан дар ҳар қадами ҳаёти ҳаррӯзаи инсон зарур аст. Бе донистани ин фан хона сохтан, ҳисобкуниҳо кардан, масофаро то девори ҳамсоя чен кардан ва ғайра ғайриимкон аст.

Дар дигар фанҳо математика ҳам барои таҳияи дақиқи мазмуни онҳо ва ҳам барои ба даст овардани натиҷаҳои нав васеъ истифода мешавад.

Аз таърих маълум аст, ки юнониҳои қадим омӯхтани математикаро ҷиҳати дарки олами атроф, румиён бошан барои сохтани шаҳрҳо, роҳҳо, чен кунии қитъаҳои замин барои легионерҳо тавсия додаанд. Қариб барои ҳамаи касбҳо математика зарур аст. Ҳатто дар давраҳои қадим мушоҳида менамуданд, ки математика инсонро барои андеша намудан водор мекунад. Олими шинохтаи рус М. Ломоносов таъкид кардааст, ки «Математикаро бояд омӯхт, зеро он фикрронии одамро ба тартиб медарорад» [5, с. 112].

Таълими муосирро бидуни технологияи иттилоотӣ ва информатика тасаввур кардан ғайриимкон аст. Технологияи иттилоотӣ ин фанест, ки аз воситаҳои пешниҳодкардаи компютер васеъ истифода мекунад. Омӯзиши информатика бидуни робитаҳои байнифаннӣ ғайриимкон аст. Ин пайвастагиҳо дар омода сохтани хонандагон ба фаъолияти касбӣ нақши муҳим доранд, зеро онҳо таваҷҷуҳи маърифатӣ ва илмӣ-назариявиро ба фан фаъол мекунанд ва сатҳи омодагиро ба он баланд мебардоранд. Дар курси информатика мавзуъҳо ва мафҳумҳо омӯхта мешаванд, ки дар математика низ мавҷуданд:

– омӯзиши мафҳуми алгоритм;

– омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ бо истифода аз маводи дидактикии соҳаи математика;

– омӯзиши забонҳои барномасозӣ бо истифодаи маводи математикӣ;

– ворид намудани унсурҳои мантиқ ва назарияи маҷмуъ ба курси информатика;

– дохилкунӣ бо курси математика системаи ҳисоб; қонунҳои алгебраи мантиқ; хосиятҳои функсияҳо / инъикос, алгоритмҳо, амсилаҳо;

– таълими курси математика бо истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ;

– омӯзиши амсилаҳои математикӣ дар курси математика ҳамчун намуди амсилаҳои иттилоотӣ;

Дохил шудани робитаҳои байнифаннӣ бо математика ба омӯзиши фанни «Информатика» ба низомдарорӣ, амиқӣ ва беҳтар гардидани дониши хонандагон мусоидат мекунад, ба азхуд кардани ягонагии олам ёрӣ мерасонад, самаранокии таълим ва тарбияро афзоиш медиҳад, имконоти бевоситаи татбиқи дониш ва малакаҳое, ки дар фанҳои гуногун ба даст овардаанд, таъмин месозад.

Вазифаи муассисаи таълимии имрӯза танҳо ба шогирд додани маҷмуи муайяни дониш ва назорат азхудкунии маводи таълимӣ, балки аз ташаккули тасаввурот дар онҳо барои алоқамандию бефосилагии раванди омӯзиш ва ягонагии олам ҳосил кардан иборат аст.

Ба амалишавии ин мақсад ҳамгироии фанҳои табиӣ ва математика бо курси информатика ва технологияи иттилоотию - коммуникатсионӣ (ТИК) беҳтар хидмат мекунад [4, с. 138]. Нақши афзалиятнок дар ин самт ба ҳамгироии информатика ва математика вогузор шудааст, зеро ин фанҳо, аз як тараф, аз ҷиҳати ба вуҷуд омаданашон наздик бошанд, аз тарафи дигар, аз имконоти якдигар фаъолона истифода мебаранд. Барои асоснок кардани робитаҳои байнифаннии информатика ва математика бояд қайд кард, ки робитаи амиқи дохилии байни ин фанҳо таърихан рушд кардааст: информатика ҳамчун як бахши математикаи амалӣ ба вуҷуд омадааст ва танҳо тадриҷан ҳамчун як илми мустақил ба вуҷуд омадааст, аммо робитаҳои дуҷонибаи байни онҳо ҳоло ҳам муҳиманд. Ғайр аз он, информатика бо амсилаҳои иттилоотию ҳисобӣ, усули сохтан ва таҳлили онҳо сару кор дорад ва дастовардҳои он дар ин самт бидуни алгоритмҳо, ки дар асоси усули математикӣ таҳияшуда аст, ғайриимкон аст.

Интегратсияро ҳамчун ҳамбастагии (ба якдигар воридшавии) ақидаву, фаҳмиш, назарияҳову предметҳои гуногун, ки як объектро аз нуқтаи назари гуногун мефаҳмем.

Дурнамо:

– гузаронидани чунин дарсҳо вақти иловагии компютериро талаб намекунад, зеро он дар доираи дарси информатика сурат мегирад;

– дониши ҳаматарафаи хонандагонро дар ҳолатҳои ғайристандартӣ месанҷад;

– зуд, самаранок ва холисона арзёбӣ кардани дониши хонандагонро имкон медиҳад.

Намудҳои дарсҳои интегративӣ




**Расми 1. Намудҳои дарсҳои интегративӣ**

*Интегратсияи информатика ва математика.* Имрӯзҳо ҳама зарурат ва мувофиқи мақсад будани татбиқи ТИК дар тамоми соҳаҳои раванди таълимро дарк мекунад. Динамикаи афзоиши шумораи дарсҳои фаннӣ бо истифода аз ТИК далели боэътимоди самаранокӣ ва зарурияти чунин татбиқ мебошад [1, с.152].

Аммо, аксар омӯзгорони фаннӣ дар шароити лозими техникӣ ва таъмини барномаҳои мувофиқ танҳо бо гузаронидани дарсҳои намоишӣ маҳдуд мешаванд, вақте ки имкони пешниҳоди иттилоот дар экрани калон бо истифода аз компютер, проектор, тахтаи интерактивӣ ва маводи барномавии омодашуда мавҷуданд. Барои омӯзгор маъмул шудааст, барои дарсҳои худ намоишномаҳо (презентатсияҳо) эҷод кунанд. Имрӯзҳо ин навъ [2, с. 323] маъмултарини дарсҳо бо истифодаи ТИК ба ҳисоб меравconfigured.

Бояд қайд кард, ки дар дарсҳо бештар барномаҳои тестӣ истифода мешаванд ва ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки мавзуъҳои назоратиро худаш интихоб созад, сатҳи душвории супоришҳоро муайян кунад ва муҳимтар аз ҳама, натиҷаи корро зуд арзёбӣ намоядд .

Вақте ки дар бораи интегронии ин фан сухан меравад, на танҳо истифодаи барномаҳои намоишӣ ва гуногуни назоратӣ дар назар дошта мешавад. Барномаҳои муассисаҳои таълимӣ чунинанд, ки бо баъзе тағйир додани банақшагирии тематикии курсҳои информатика ва математика, миқдори хеле зиёди мавзуъҳоро дар як вақт дар доираи ду фан омӯхтан мумкин аст.

Дар дарсҳои информатика хонандагон усули кор дар компютерҳои фардиро аз худ мекунанд, барномаҳои гуногуни амалиро меомӯзанд, дар Интернет маълумоти гуногунро меҷӯянд, барномасозиро меомӯзанд ва алгоритмҳо тартиб медиҳанд. Ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани дарсҳо маҷмуӣ ҳамаи салоҳиятҳое, ки хонандагон ба даст овардаанд, метавонанд ба назар гирифта шаванд.

Дар ин ҳолат, чунин қисмҳои математика, монанди, диаграммаҳо, координатаҳои декартӣ дар ҳамворӣ, ҳосилаи функсияи як тағирёбанда ва татбиқи он, таҳқиқи функсияҳои элементарӣ ва сохтани графики онҳо, ҳалли муодилаҳои ғайрихаттӣ бо усули ададӣ ва ғайра, аз нуқтаи назари сифатан нав омӯхта мешаванд ва ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки мазмун ва мундариҷаи ин бахшҳоро ба таври возеҳу равшан фаҳмонад.

Интегратсияи информатика ва математика [3, с. 334] дар раванди таълим дар барномасозии алгоритмҳои математикӣ, ҳалли масъалаҳо бо истифодаи ҷадвалҳо, сохтани нақшаҳои геометрӣ ва графикҳои функсияҳо, ҳангоми омӯзиши бастаҳои графикӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад. Дар айни замон, омӯзгор имконият дорад вобаста ба маводи барномаҳо, ки барои таҳсил дар ҳар як синфи мушаххас пешбинӣ шудаанд, воситаҳои ТИ ва забонҳои барномасозиро интихоб кунад.

Ба ақидаи Холмуродова С.Б., Давлатов Р.Ҷ. ва Давлатов Н. «…Бинобар ин, вориднамоии технологияи иттилоотӣ дар замони муосир саривақтӣ буда, имконияти хубтару беҳтар таъмин намудани шароити таълимро барои омӯзгорон ва донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фароҳам меоварад. Аз он ҷумла, истифодаи он дар таълими фанни математика метавонад на танҳо барои дар муддати кӯтоҳтарин ба даст овардани натиҷа, ҳатто боиси беҳтар гардидани хусусияти даркнамоии донишҷӯ мегардад.»[1]

Дар натиҷаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзиши амиқи математика зиёд мешавад, иқтидори иттилоотии дарс меафзояд. Ҳолати муҳим он аст, ки кор бо объектҳои графикӣ ҳамеша шавқи хонандагонро бедор мекунад ва фаъолияти маърифатии онҳоро рушд медиҳад. Чунин дарсҳо вақтро сарфа мекунанд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки аз дигаргуниҳову ҳисобкуниҳои калон иҷро карда шавад ва дар мавзуъҳои мухталиф нусхабардорӣ нашавад.

Мазмуни дарсҳои интегратсионӣ мантиқи дохилии математика ва робитаи онро бо информатика нишон медиҳанд, ба ягонагии матлуб мусоидат мекунанд, барои муайян кардани нақши омилҳои дохилӣ ва беруна ба дастовардҳо ва муваффақиятҳо мусоидат мекунад [2, с. 13].

Усули зерин сохтани амсилаҳои нави математикӣ, алахусус дар информатика, азхудкунии дониши технологӣ ва техникаи нави муосирро, инчунин донистани падидаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо истифода аз амсилаҳои математикиро дар бар мегирад.

Ба омӯзгорон лозим аст, ки баъзе мавзъҳо ва ғояҳои дарсҳоро, ки информатика ва математикаро бо ҳам мепайвандад, баррасӣ кунад. Зеро алҳол аксар хонандагон имтиҳони фанни информатикаро дар донишгоҳҳо интихоб мекунанд ва дар он ҷо 80% супоришҳо ба математика марбутанд.

Масалан, дар китоби дарсии информатика ва математика мавзуи «Системаҳои ҳисоб ва системаи ҳисобкунии римӣ» баррасӣ карда мешавад. Муаллим назария ва амалияро дар дарсҳои математика якҷоя намояд ва дар фанни информатика бошад танҳо системаи ҳисобҳои дуиро дида барояд. Дар мавзӯи «Забони алгоритмӣ» ҳангоми навиштани формулаҳо дар ҷадвали электронӣ, барномаҳо, ҷадвалҳои блок-схема, аксар вақт дар тартиби амалҳо хатогиҳо ба назар мерасанд. Дар математика муаллим тарзи ба қисмҳо ҷудо кардани ифодаҳои мураккаби алгебравиро аз рӯйи амалҳо таълим диҳад, то ки ҳам мантиқ ва ҳам алгоритм дар иҷрои амалҳои алгебравӣ иштирок кунанд. Ва, баръакс, дар дарсҳои информатика, ба тариқи тест, муаллим пешниҳод кунад, ки маънои ифодаҳоро ёфта, ба забони алгоритмӣ гузаронад.

Мавзуи «Диаграммаҳо» барои информатика ва математика низ маъмул аст. Дар дарсҳои математика баъди омӯзиши назария, ҳамаи гистограммаҳоро нишон додан мумкин, дар дарсҳои информатика бошад тарзи сохтани диаграммаҳои гуногунро меомӯзонад, Муаллим метавонед ин мавзӯро танҳо дар дарсҳои информатика омӯхта, вақти худро аз математика сарфа кунед. Дар мавриди масъалаҳои матнӣ бошад, ҳалли онҳо ҳамеша ҳангоми дарси математика вақти зиёд талаб мекунад. Дар дарсҳои информатика муаллим тафтиши ҳалли масъалаҳои матниро бо истифодаи ҷадвалҳои электронӣ дар шакли кори санҷишӣ чӣ дар математика - донистани формулаҳо ва чӣ дар информатика - дониши ба катакчаҳо дохил кардани формулаҳоро гузаронад.

Дар мавзуи «Графики функсияҳо», ҳангоми мустақилона пур кардани формулаҳо дар ҷадвали электронӣ барои кашидани графикҳо бо коэффитсиентҳои гуногун, ки чӣ гуна ҷобаҷогузории шохаҳои параболаро тағйир медиҳанд, хонандагон хеле возеҳ мебинанд, ва худи онҳо дар бораи фишурдан ва кашиши шохаҳои ин фигура хулоса мебароранд. Сохтани графикҳо [2, с. 351] дар дарсҳои математика дар ҷадвали электронӣ вақтро сарфа менамояд зеро, масъала на аз сохтани графикҳо, балки таҳлили ҷойгиршавии шохаҳои фигура бо коэффитсиентҳои гуногун иборат мебошад.

Дар мавзуи «Графҳо» бошад, барои сохтани графҳо донистан ва ҳал карда тавонистани масъалаҳои мантиқӣ лозим, ба онҳо хонандагон олимпиада ва озмунҳо, дар масъалаҳои ҷойивазкунӣ, дар масъалаҳои комбинаторӣ ва ғайра вомехӯранд. Ин мавзуъ ҳам математика ва ҳам информатикаро якҷоя менамояд. Ба мавзӯи «Системасозӣ ва таснифот» низ дар саҳифаҳои китобҳои дарсии информатика ва математика ҷой дода шудааст. Ҳангоми интихоби ҷумлаҳои математикӣ, ки дар маълумоташ схемаи блок ё ҷадвал тасниф шудааст, инро омӯзгор метавонад дар дарси информатика созад. Дар мавзӯи «Амсиласозӣ» калимаи амсила на танҳо дар информатика омӯхта мешавад, балки дар фанни математика низ пайдо мешавад. Ҳангоми омӯзиши ин мавзӯъ муаллим ҳам амсиласозии математикӣ ва ҳам амсиласозии компютериро метавонад якҷоя кунад.

Алгоритм чунин аст:




**Расми 2. Намудҳои алгоритм**

Дар мавзуъҳои «Статистика», «Фракталҳо» муаллим метавонад ҳамчун лоиҳаҳои интегратсионӣ баррасӣ кунад. Хонандагон дар ин самт маълумоти иловагӣ пайдо мекунанд, намоишномаҳо (презентатсияҳо) тархрезӣ мекунанд ва ҳамчун маводи истинод ва василаи таълимӣ намоиш медиҳанд.

Самаранокии дарсҳои интегратсионӣ [2, с.125] аз фанни информатика ва математика дар ҳоле ба даст оварда мешавад, агар дар таълими математика мустақиман тавассути ҳалли масъалаҳо бо истифода аз компютер азхуд карда шавад ва дар интихоби масъалаҳо

бо назардошти сатҳи дониш ва имкониятҳои хонандагон ба ҳисобгирифта мешавад ва шакли интегратсия дар таълими информатика ва математика аз масъалаҳои характери проблемавӣ – чустуҷӯйӣ, воситаҳои ТИ, забонҳои барномасозӣ иборат хоҳад буд.

Интегратсияи информатика ва технологияҳои иттилоотӣ бо дигар фанҳои умумӣ ва махсусан бо математика, зарурати воқеӣ мебошад. Сабаби асосии ин дар он аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ одатан диққати асосӣ ба ҷамъоварии донишҳо равона карда мешавад, дар ҳоле ки дар давраи муосир хатмкунандаро омода кардан лозим аст, ки ӯ дониши худро дар ҳолатҳои воқеӣ татбиқ карда тавонад. Хонандагон бояд қобилияти дарк ва коркард кардани миқдори зиёди иттилоотро дошта бошанд, воситаҳо, усул ва технологияи муосирро барои кор бо онҳо дар ҳама гуна мавзӯъҳо азхуд кунанд.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмию методӣ ҷиҳати омӯзиши интегратсияи информатика ва матемтика натиҷаҳоро дар намуди зерин тасвир хоҳем кард.




**Расми 3. Натиҷаи омузиши интегратсияи информатика ва математика**

Аз ин ҷиҳат, ТИ на танҳо объекти омӯзиш, балки васила ва муҳити кории омӯзиш низ шуда истодааст ва дарсҳои информатика пайвасткунандаи универсалие мебошад, ки қариб ҳамаи фанҳои муассисаи таълимиро «пайваст» хоҳад кард.

## АДАБИЁТ


1. Холмуродова, С. Б. Давлатов Р.Ч., Давлатов Н. Самаранокии истифодаи технологияи иттилоотию иртиботи дар таълими фанни математика // Маҷмӯаи маводҳои конфронси илмӣ-назариявии Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат «Масоили рушди Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ». – Душанбе, «Меҳроҷ Граф», 2019. – С.155
2. Т.П. Кульневич, С.В Лакоценина. Современный урок. Часть III. – Ростов., 2006. – 288 с.
3. Н.Д. Угринович. Информатика и информационные технологии. – М.: БИНОМ, 2003. – 512 с.
4. Е.А. Колмыкова, И.А Кумскова. Информатика. – М.: 2012. – 416 с.
5. В.П. Беспалько. Слагаемые педагогической технологии. -М., 1989. –192 с.
6. Ю.К. Бабанский. Методы обучения в современной общеобразова-тельной школе. - М., Просвещение, 1985. – 208 с.


**АБДУЛЛОЕВ И.К.**

## ОИДИ ИНТЕГРАТСИЯИ ИНФОРМАТИКА ВА МАТЕМАТИКА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мақола ба баёни масъалаҳои робитаи байнифаннии информатика ва математика дар раванди таълим бахшида шуда, дар он нақши ин робитаро дар баланд бардоштани донишҳои математикию

информатикӣ арзёбӣ шудааст ва қайд мегардад, ки маводи математикӣ барои баланд бардоштани донишҳои махсусан информатика шароити мусоид фароҳам оварда, муносибати хонандагонро барои азхуд намудани донишҳои кампютерӣ ҳавасманд мегардонад, ки барои талаботи имрӯза аҳамияти калон дорад.

**Калидвожаҳо:** компютер, технологияи иттилоотӣ, алгоритм, математика, усул, системаҳои ҳисоб, дарсҳои интегративӣ, проектор, робитаҳои байнифаннӣ, интернет.

**АБДУЛЛОЕВ И.К.**

## ОБ ИНТЕГРАЦИИ ИНФОРМАТИКИ И МАТЕМАТИКИ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье рассматривается взаимосвязь информатики и математика в образовательном процессе, оценивается роль этой взаимосвязи в совершенствовании математических и информатических знаний, отмечается, что математические материалы создают благоприятные условия для совершенствования знаний, особенно информатика, и развивают творческие способности учащихся. Отношение поощряет развитие компьютерных знаний, что имеет большое значение для сегодняшних потребностей.

**Ключевые слова:** компьютер, информационные технологии, алгоритм, математика, метод, системы счисления, интегрированных уроков, проектор, межпредметных связей, интернет.

**ABDULLOEV I. K.**

## ON THE INTEGRATION OF INFORMATICS AND MATHEMATICS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article deals with the relationship between computer and mathematics science in the educational process, assesses the role of this relationship in improving mathematical and computer science knowledge, and notes that mathematical materials create favorable conditions for improving knowledge, especially computer science, and develop students' attitudes. encourages the development of computer knowledge, which is of great importance for today’s needs.

**Keywords:** computer, information technology, algorithm, mathematics, method, number systems, integrated lessons, projector, intersubject connections, the internet.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Абдуллоев Имомали Комилжонович, докторант (PhD) – и кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 938386644. E-mail: imomali_abdulloev93@mail.ru

**Сведения об авторе:** Абдуллоев Имомали Комилжонович, докторант (PhD) кафедры информатики и информационной технологии БГУ имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 938386644. E-mail: imomali_abdulloev93@mail.ru

**Information about author**: Abdulloev Imomali Komiljonovich, person working for the degree of doctor – PhD the department of informatics and information technology of BSU named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 938386644. E-mail: imomali_abdulloev93@mail.ru

**БАЧАҶОНОВА С. Т.**

## МОҲИЯТИ ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАШАККУЛИ ҲИФЗИ ТАБИАТ

Истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ аз инсоният инкишофи тафаккури экологиро, ки он ба таври бошуурона кӯшиши иродавии инсонӣ баҳри муҳофизати табиат, инчунин мубоизаи фаъол бо вайронкунандагони қонуниятҳои муҳити атроф мебошад, талаб мекунад. Вазифа ва моҳияти тарбияи экологии хонандагон аз дуруст дарк кардани табиат ҳамчун ҷойи сукунати инсоният ва инкишофи камолоти эстетики шахс иборат мебошад.

Дар Консепсияи миллии маълумоти Ҷумурии Тоҷикистон чунин қайд шудааст, ки «Маълумот – раванди мақсаднокии тарбия ва таълим буда, моҳиятан ба манфиати одам, ҷамъият, давлат ва табиат нигаронида шудааст». Аз ин бармеояд, ки имрӯз ва минбаъд дар раванди тарбияи насли наврас ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва табиат, ки онҳоро илми экология меомӯзад, эътибори ҷиддӣ бояд дод. Мегӯянд, ки замин модари боигарӣ ва табиат падари боигарист. Ҳифзи ин ҳардуро ба хонандагон талқину таъкид намудан яке аз вазифаҳои тарбиятгарон мебошад. Мо педагогҳоро водор мекунад, ки бо талаботи тарбияи экологӣ ва моҳияти он аҳамияти махсус диҳем [1. с. 34].

Барои ҳалли проблемаҳои экологӣ дар мактаб ба тарбияи ин самт диққати махсус дода, мувофиқи нишондодҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳофизати табиат амал карда вазифаҳои зеринро бояд баррасӣ намоем:

– донистани асосҳои демократии истифодаи табиат;

– ташаккули масъулият нисбат ба табиат;

– дар амалӣ гардонидани ҳифзи табиат фаъолона иштирок кардан;

– ташаккул додани маҳорати истифодаи сарватҳои табиӣ дар асоси нишондодҳои илмӣ;

– омӯхтани роҳҳои харобӣ наовардан ба табиат;

– муносибати эҳтиёткорона ба табиат ва сарфакорона истифода бурдани он;

– омӯхтани асосҳои илмӣ-техникии муносибати мутақобилаи одам бо табиат.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 феврали соли 1996 «Барномаи давлатии тарбия ва таълими экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2000 то 2010- ум ва то солҳои 2020» қарор қабул карда таҳия ва тасдиқ карда шуда буд, ки дар он оид ба таълиму тарбияи экологии хонандагон ва донишҷӯён боби махсус ҷудо карда шудааст.

Ин барнома имрӯз ҳам раҳнамои кори маорифчиён мебошад. Барои амалӣ гардонидани нишондодҳои барномаи давлатӣ дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ҳамаи имконниятҳои мавҷуда – дарсҳои иловагӣ, корҳои беруназсинфӣ ва берун аз мактабӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, радио ва телевизион, театру кино истифода мешавд шавад.

Тарбияи экологӣ дар худ чунин донишҳоро мепарварад: далелҳо, маълумотҳо, хулосаҳо, натиҷабарорӣ, нисбат ба алоқамандӣ ва ивазшавӣ, ки дар тағйирёбии олами ҳайвонот ва наботот ба вуҷуд меояд, фаро мегирад. Ҳиссиёт ва уҳдадории эстетикӣ ҳам ба экология тааллуқ дорад. Онҳо шахсро водор мекунанд, ки нисбат ба табиат эҳтиёткор бошанд, пешакӣ аз натиҷаҳои манфии об, замин, ҳаво, дигар унсурҳои табиӣ огоҳ бошанд, аз ифлосшавӣ, нобудгардӣ онҳоро нигоҳ доранд, зеро бидуни онҳо ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад.

Муаллимон бояд аз дастури методии «Тарбияи экологӣ ва иқтисодиёт», ки Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода сохта ба чоп расонидааст, ҳаматарафа истифода баранд. Дар ин дастур муҳим қайд шудааст, ки муаллимон дар бораи тарбияи экологии хонандагон мероси таърихии гаронбаҳо ва пурарзиши халқамонро васеътар истифода баранд.

Гузаштагони халқи тоҷик насиҳат кардаанд, ки бо чор унсури барои ҳаёт зарур – об, ҳаво, хок ва оташ эҳтиёткорона муносибат намоем. Бе онҳо зиндагӣ имконнопазир аст. Роҳи ягонаи муносибати дурустро бо муҳити зист ва ҳодисаҳои табиат таълим ва тарбияи экологӣ нишон дода метавонад. Аз ин рӯ чорабиниҳое гузаронидан лозим аст, ки ба баланд гардидани маданияти экологии хонандагон ва мардум оварда расонад [ 2, с. 66].

Тарбияи экологӣ кори душвору мураккаб буда, он аз рӯзе, ки кӯдак ба табиат қадам мегузорад, оғоз мeёбад, чунки вай дар тӯли ҳаёт аз он баҳраманд мешавад. Мақсади тарбияи экологӣ дар насли наврас тарбия намудани мeёрҳои муайяни муносибатҳои оқилона ба табиат, парваридани ҳисси масъулият нисбат ба он ва сарфакорона истифода бурдани он мебошад. Вале мазмуни таълими экологияи мактабӣ дар як фанни алоҳида инъикос намегардад. Онро дар алоқамандӣ бо фанҳои дигар физика, химия, география ва ғайра ба амал овардан лозим аст.

Бояд гуфт, ки дар шароити пешрафтаи илму техника дахолати инсон ба табиат хело зиёд мебошад. Ва тарбия намудани хонандагон дар руҳияи табиатдӯстӣ, тоза нигоҳ доштани муҳит яке аз талабҳои муҳимми тарбияи экологии мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ мебошад.

Кӯдаконро аз овони хурдсолӣ нисбат ба табиат муносибати оқилона намуданро тарбия кардан лозим. Дар мактаб бошад хонандагон бояд дар тули ёздаҳ соли таҳсил, дар рафти дарс ва дар корҳои беруназсинфӣ дар бораи проблемаҳои ҳозираи экологӣ ва муҳофизати табиат тасаввуроти ҳамаҷониба пайдо намоянд. Хусусан дар дарсҳои табиатшиносӣ ба муҳофизати набототу ҳайвонот ва афзун гардонидани онҳо диққати калон додан лозим аст. Шиносоии хонандагонро бо табиати мамлакатамон аз омӯзиши атрофи мактаб ва ҳудуде, ки мактаб дар он ҷо воқеъ гардидааст, оғоз бояд намоем. Бо мақсади омӯзиши тарбияи экологӣ дар вақти гузаронидани экскурсия хонандагон бояд муайян кунанд, ки мактаби онҳо бо кадом шаклҳои муҳити табиӣ иҳота шудааст. Бо ин мақсад муаллим метавонад бисёртар аз маводи маҳал истифода барад. Масалан захираҳои бойи обҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои охир бо ташаббуси Президенти Ҷумҳуриамон диққати тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст, ё ки сарватҳои зеризаминии кишварамон, ки бисёри онҳо то ҳол таҳқиқ нашудаанд ва ғайраҳо мисол шуда метавонад.

Ин фаҳмиши хонандагонро дар бораи гуногунии сарватҳои табиӣ кишварамон васеъ намуда, имконият медиҳад, ки роҳҳои омӯзиши онҳоро инкишоф диҳанд [1, с. 87].

Омӯзиши иқлими Тоҷикистон ва сарватҳои табиии он ба хонандагон на фақат маълумоти экологӣ медиҳад, балки дар оянда барои интихоби касб ҳам ёрӣ расонида метавонад. Ба хонандагон инчунин оид ба аҳамияти иқтисодӣ доштани сарватҳои табиӣ маълумот дода шарҳ додан лозим аст, ки захираҳои табиӣ беҳудуд нестанд. Сарватҳои табииро ба гурӯҳҳои барқароршаванда, барқарорнашаванда ва тамомнашаванда ҷудо мекунанд. Барои дуруст истифода бурдани сарватҳои табии барқарорнашаванда аз нуқтаи назари иқтисодӣ донистани онҳо барои хонандагон зарур аст. Чунин тарзи баҳодиҳӣ на фақат мавқеи ҷойгиршавии сарватҳои табииро инчунин таҳлили захираи умумӣ, сифат, шароити геологию нархи аслии истеҳсолӣ, омилҳои кашондани он, дараҷаи аз худ шудани ҳудудро низ дар бар мегирад. Ҳамаи ин нишондодҳои иқтисодӣ то кадом дараҷа фоиданок будани истифодаи ин ё он манбаи ашёи хомро мефаҳмонанд. Инчунин хонандагон оиди аҳамияти иқтисодии сарватҳои табии Тоҷикистон, оқилона истифода бурдани онҳо, оиди муҳофизат ва барқароркунии онҳо маълумоти мушаххас гирифта метавонанд. Нисбати масъалаҳои муҳофизати табиат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар замони муосир диққати ҷиддӣ дода мешавад. Мо муллимон дар дарсҳо, машғулиятҳои факултативӣ ва корҳои беруназсинфӣ хонандагонро бояд ба масъалаҳои муҳофизати табиат ошно намойем.

Ба хонандагон оид ба сарфакорона истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва боигариҳои он маълумот додан ҳатмист. Муҳофизати табиат на фақат кори муаллимони фанҳои биология, химия, география, балки кори ҳамаи омӯзгорони мактабҳои маълумоти умумӣ мебошад. Масъалаҳои муҳофизати табиат дар раванди таълими ҳамаи фанҳо ҳалли худро ёфта метавонанд. Бинобар ин ҳар як муаллим дар донишандӯзӣ оиди муҳофизати табиат иштирок намуда, хонандагонро барои меҳру муҳаббат доштан нисбат ба табиат тарбия намоянд.

Ҳисси вазифа ва масъулият аз шавқи зебоии олами воқеӣ сарчашма мегирад, ки ин фаъолияти талабагонро нисбат ба муҳофизат намудани табиат зиёд мекунад. Донистани табиати кишвари азизамон ба онҳо ҳисси ватандӯстӣ мебахшад. Хонандагон дар корҳои сохтмонӣ истифодаи замин, ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш ширкат варзида ва аз ҳамаи ин огоҳ мегарданд. Донистани хусусиятҳои тарбияи экологиро аз тарафи талабагон ба назар гирифта барои мубориза баҳри сулҳ, баҳри зиндагии осоишта, зидди ҷангҳои қатли инсоният, ки ба харобии тамоми мамлакат ва табиати кишварамон ҷалб мекунад [3, с. 45].

Ҳар як фард бояд донад, ки дар маркази диққати омӯзиши муҳити зист ин табиати зинда меистад. Омӯзиши муҳити зист метавонад одамонро бо захираҳои ғизоӣ таъмин кунад, шароити ҳаётиро дар биосфера ба вуҷуд биёрад. Биёед як лаҳза андеша кунем, ки дар натиҷаи муносибати нодуруст ва таъсири техникаи ҳозиразамон табиати зинда тамоман хароб мегардад. Ҷомеаро чӣ мушкилӣ пеш меояд ва дар оянда оё мо зиндагиамонро идома дода метавонем ё не ?

Баъд аз омӯзиши асосҳои тарбияи экологӣ ҳар як фарди ҷомеа мақомашро дар табиат муайян карда, қисми ҷудонашавандаи табиат будани хешро эҳсос менамояд. Бояд гӯем, ки, экология калиди назариявии оқилона истифода бурдани сарватҳои табиат буда, омӯзиши мукаммалу муфассали он вазифаи ҳар фарди солимақли ҷомеа аст. Омӯзиши муҳити зист нишон медиҳад, ки одам чун як ҷузъи таркибии олами органикӣ нафақат онро ҳаматарафа истифода мебарад, балки вазифадор низ аст, ки қонуниятхои табиатро омӯзад ва онро оқилона идора намояд. Маълум гардид, ки ҳар як намуди набобот ва ҳайвонот дар табиат хусусиятҳои хосси худро дорад ва дар муҳити гуногун инкишоф меёбад.

Дар минтақаҳои гуногуни географӣ дар таркиби олами зинда дигаргуниҳои зиёде ба чашм мерасанд ва онро дар давоми сайри кӯтоҳ бо мақсади шиносоӣ бо муҳити зист (ҷангалҳо, дарёҳо, кӯлҳо) ҳис кардан мумкин аст. Табиат асрори зиёде дорад, ки омӯхтани ҳаматарафаи онҳо ба мо бо осонӣ муяссар намегардад. Конунҳои муҳити зист аз мо талаб мекунанд, ки муносибати худамонро нисбат ба онҳо ба куллӣ тағйир диҳем. Маҳз табиат инсониятро дар ҳолати мувозинавӣ нигоҳ медорад. Мо як қисми таркибии табиат ҳастем ва аз он пурраг вобастагӣ дорем. Барои ҳамин омили асосии инкишофи инсоният на аз ҳукумронӣ ва поймол кардани он, балки аз муносибати оқилонаю беғаразона, ҳифзи тамоми ҷузъҳои олами органикӣ ва ғайриорганикӣ дар рӯйи замин иборат мебошад. Одами табиатдӯст ба муҳити атроф дилсӯз аст. Вай на танҳо об, ҳаво хоку заминро эҳтиёт карда, тоза нигоҳ медорад, балки барои табиат кор карда, гулу ниҳолҳои мевадиҳанда ва

сояафкан месабзонад, паррандаву ҳайвоноти касалро нигоҳубин намуда, дарахтонро аз сӯхтору нобудшавӣ эмин медорад [5, с. 106].

Бояд гуфт, ки одам аз ҳавои табиат нафас мекашад, кӯдак барои инкишофи худ об, нури офтоб, маҳсулоти хӯрокаро аз табиат мегирад. Дараҷаи саломатии одамон ба муҳити зист вобастагӣ дорад. Табиати мусаффо одамро солиму бардам месозад. Ҳавои чангу ғуборнок бемориҳо меорад. Воситаҳои нақлиёт, корхонаҳои саноатӣ ҳавоеро, ки одамон нафас мекашанд, ғуборолуд мекунанд. Муъҷизакории табиат дар он аст, ки ҳаворо тоза карда медиҳад. Дарахтон ва сабзазорҳои табиат ҳамин корро иҷро менамояд. Аз ҳамин ҷост, ки мардум бисёр ба кабудизоркунӣ ва ниҳолшинонӣ машғул мешавад ва онро кори савоб мегӯяд. Табиати зебо аз одам хастагиро дур мекунад, вай барои халос хӯрдани одамон аз бемориҳо гиёҳҳои гуногун, меваҳо офаридааст, ки онро бояд оқилона истифода бурд.

Барои баланд бардоштани савияи тарбияи экологӣ аҳолӣ дар ҳар як муассиса ҷорӣ намудани омӯзиши экология ҳатмист. Дар тарғибу ташвиқи маърифати экологии шаҳрвандон фаъолияти «Ҷамъияти муҳофизати табиат», «Ихтиёриёни муҳофизони табиат» ва садою симоро баланд бардоштан лозим аст. Ҳамин тариқ проблемаҳои тарбияи экологиро дар ҷумҳуриамон дар он вақт амалан ҳал кардан мумкин аст, ки агар он аз рӯи барномаҳои махсус дар ҳамаи муассисаҳо, ташкилотҳо ва мактабҳои миёнаю олӣ омухта шуда, диққати аҳли ҷомеъаи имрӯза ба он ҷалб карда шавад.

Дар байни мардум панде вуҷуд дорад, ки он нобуд кардани ҷонваронро ба одамон раво намебинад, зеро ҳамаи онҳо дар табиат лозиманд, ҳар кадом вазифае доранд, ки ба табиат фоидаоваранд. Як гурӯҳ шоирон ва адибон низ бахшида ба наботот, ҳайвоноту парандагон асарҳо эҷод кардаанд. Хусусан дар адабиёти классикиамон дар ҳикоятҳои тамсилӣ образҳое офарида шудаанд, ки хусусиятҳои одамонро дар симои ҳайвоноту парандаҳо муҷассам гардонидаанд [4, с. 29].

Хуллоса, тарбияи экологӣ муносибати дурусти байни хонандагон ва ҷамъияту табиатро ба роҳ монда, ҳифзи муҳити зистро, ки гузаштагонамон кори савоб мегуфтанд, одат мекунонад. Дар баробари ин тарбияи экологӣ аз несту нобуд кардани наботот, ҳайвоноту парандагон, ифлос кардани обу замин дар табиат, ки ин гуноҳҳисоб мешавад, худдорӣ намуданро ба хонандагон ёд медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдуллозода, Ҳ. Экология.- Душанбе: - ДДЗТ,. 2017. - 131 с.
2. Барномаи давлатӣ комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 – 2020 / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.04. 2015. - № 178 /.- 25 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Душанбе: «Ирфон», 2012. - 40 с.
4. Забиров, Р.Ғ. Экология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. –Душанбе: «Эр-граф», 2013.- 480 с.
5. Давлатов, А. Асосҳои экология. - Душанбе: «Эр-граф», 2005.- 392 с.
6. Сафаров, Х., Файзалиев, М. -Асосҳои экология ва ҳифзи муҳити зист.- Душанбе: «Ирфон», 2001. – 416 с.
7. Қаландаров, А.С. Экологияи умумӣ (маҷмӯаи таълимӣ).– Душанбе:«Ирфон», 2013.- 150с
8. Эргашов, А. Экологияи умумӣ (дастури таълимӣ). - Душанбе: «Ирфон», 2011. - 200 с.
9. Юнусов, Ю. Педагогикаи умумӣ. – Душанбе: 2000.- 200 с.



**БАЧАҶОНОВА С.Т.**


## МОҲИЯТИ ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАШАККУЛИ ҲИФЗИ ТАБИАТ


Дар мақола оид ба табиати Тоҷикистон маълумоти мушаххас оварда шуда, бахри зиёд кардану барқарор намудани сарватҳои табии кишварамон ва баланд бардоштани тарбияи маърифати экологӣ мисолҳо оварда шудаанд. Роҳҳои ҳалли тарбияи экологӣ дар оила, боғча, мактаб ва донишкадаву донишгоҳҳои олии мамалакатамон ҳаматарафа таҳлил гаридааст. Вазифа ва моҳияти тарбияи экологии хонандагон аз дуруст дарк кардани табиат ҳамчун ҷойи сукунати инсоният ва инкишофи камолоти эстетикии шахс иборат мебошад. Қайд кардан лозим аст, ки ҳисси вазифа ва масъулият аз эҳсоси шавқи зебоии олами воқеӣ сарчашма мегирад, ки ин фаъолияти талабагонро нисбати муҳофизати табиат зиёд мекунад. Донистани табиати кишвари азизамон ба онҳо ҳисси ватандӯстиро мебахшад.Ташаккули тарбияи экологӣ он вақт амалӣ гардонида мешавад, ки агар оила, мактаб ва ҷомеа дар ҳамбастагӣ ҳамкорӣ намуда, тарбияи хонандагонро нисбат ба

муҳофизати табиат дуруст ба роҳ монанд. Омӯзиши муҳити зист нишон медиҳад, ки одам чун як ҷузъи таркибии олами органикӣ нафақат онро ҳаматарафа истифода барад, балки вазифадор низ аст, ки қонуниятхои табиатро омӯзад ва онро оқилона идора намояд. Дар баробари ин тарбияи экологӣ аз несту нобуд кардани наботот, парандагон, ифлос кардани обу замин, ки ин гуноҳ ҳисоб мешавад, худдорӣ намуданро ба хонандагон ёд медиҳад.

**Калидвожаҳо:** маърифат, экология, биология, табиат, таълим, тарбия, сарватҳои табиӣ, муҳити зист, ҷомеа, оила, мактаб, наботот, ҳайвонот, рафтор, ахлоқ, инсонгарой,саломатии одамон, моҳият, педагог, консепсия, боигарӣ, барнома.

## БАЧАДЖОНОВА С. Т.
## СУЩНОСТЬ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧЕНИКОВ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ЗАЩИТЫ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ

В статье представлена конкретная информация о природе Таджикистана и приведены примеры по восстановлению природных ресурсов нашей страны, для повышения экологической осведомленности. Комплексно проанализированы проблемы решения экологического просвещения в семье, детских садах, школах, и вузах нашей страны. Задача и сущность экологического воспитания школьников помогает осмыслить природу как место обитания человека и развивать эстетическую зрелость личности. Следует отметить, что чувство долга и ответственности проистекает из интереса к красоте реального мира, что она повышает приверженность студентов делу сохранения природы. Знание природы нашей любимой страны дает им чувство патриотизма.

Формирование экологического образования возможно только в том случае, если семья, школа и общество работают вместе и обучают учащихся в области охраны природы. Изучение окружающей среды показывает, что человек как неотъемлемая часть органического мира должен не только в полной мере использовать ее, но также изучать законы природы и мудро управлять ими.

Следует отметить, что в то же время экологическое образование учит студентов воздерживаться от уничтожения растений, животных и птиц, загрязнения воды и земли в природе, что является грехом.

**Ключевые слова:** образование, экология, биология, природа, воспитание, природные ресурсы, окружающая среда, общество, семья, школа, растения, животные, поведение, этика, человечество, здоровье человека, сущность, воспитатель, концепция, богатство, программа.

## BACHAZHONOVA S. T.
## THE ESSENCE OF ENVIRONMENTAL EDUCATION OF STUDENTS FOR ENVIRONMENTAL PROTECTION

This article provides specific information about the nature of Tajikistan and provides examples of increasing and restoring our country's natural resources and raising environmental awareness. The ways of solving environmental education in families, kindergardens, schools, institutes and universities of our country are comprehensively analyzed. The task and essence of the ecological education of schoolchildren helps to comprehend nature as a human habitat and to develop the aesthetic maturity of the individual.t should be noted that a sense of duty and responsibility stems from an interest in the beauty of the real world, which increases students' commitment to nature conservation. Knowing the nature of our beloved country gives them a sense of patriotism. Environmental education is only possible if the family, school and community work together and educate students in the field of nature conservation. The study of the environment shows that man, as an integral part of the organic world, must not only make full use of it, but also study the rules of nature and manage them wisely. It should be noted that at the same time, environmental education teaches students to refrain from destroying plants, animals and birds, pollution of water and earth in nature, which is a sin.

**Key words:** enlightement, ecology, biology, nature, education, upbringing, natural resources, environment, society, family, school, plants, animals, behavior, ethics, humanity, human health, essence, educator, concept, wealth, program.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Бачаҷонова Субҳия Толибовна ассисенти кафедраи математика – информатикаи коллеҷи омӯзгории Хосият Махсумова. Тел: 93-810-07-84

**Сведения об авторе:** Бачажонова Субхия Толибовна **-** ассистент кафедры математики и информатики колледжа, преподаватель Хосият Махсумова. Тел: *93-810-07-84*

**Information about author**: Bachazhonova Subhiya Tolibovna - assistant of the Department of Mathematics and Informatics of the College, teacher Hosiyat Makhsumova. Tel: 93-810-07-84

**ГУЛМОЧОЕВ Д. К.**

## ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ГЕОГРАФИЯ

Одам- офариниши ягонаи табиат аст, ки дар назари аввал гӯё аз табиат ва қонунҳои ягона озод мебошад, аммо муваффақиятҳои одам то ҳар андозе бузург бошанд ҳам, дар амал ӯ ҳеҷ вақт таҳмони экологии худро напартофтааст. Ба инсон доимо ҳаво, об ва хӯрок зарур аст, ки инҳоро аз табиат мегирад. (1)

Табиат сарчашмаи асосии қонеъ гардонидани талаботи инсон мебошад ва бидуни он вуҷуд дошта наметавонад, бинобар ин, масъалаҳои экологӣ яке аз қисмҳои муҳимми ҳаёти инсон ба шумор меравáнд.

Дар охирҳои асри XX ва аввали асри XXI- дар натиҷаи муносибати нодурусти одамон ба табиат дар сайёраамон баландшавии ҳарорат, обхезиҳо, гирдбодҳои даҳшатовар, нестшавии олами ҳайвоноту наботот, ифлосшавии обҳо ба назар мерасанд, ки он аз надонистани қонунҳои экологӣ ва хунукназарии одамон нисбати табиат мебошад. (2)

Зимни суханронӣ дар форуми «Даҳсолаи байналмилалии амал об барои рушди устувор солҳои 2018-2028»- Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зикр карда буд, ки таҳдиду хатарҳои муосири глобалӣ, аз ҷумла буҳрони молиявию иқтисодӣ, афзоиши аҳолӣ, тағйири иқлим, ҳодисаҳои офатбори гидрометеорологӣ, норасогии об ва дар натиҷа боло рафтани сатҳи камбизоатӣ, густариши бемориҳои сироятkунанда ва афзоиши фавти модару кӯдак, аз мо саъю талоши бештар ва дар ин маврид андешидани тадбирҳои марбутаро тақозо доранд.

Чуноне ки аз гуфтаҳои боло бар меояд, ҳамаи ҳодисаҳои мудҳиши дар солҳои охир ба вуқӯъ пайваста асоси антропогенӣ доранд, бинобар ин инсониятро зарур аст, ки ҳар чи зудтар барои бартараф кардани ин, мушкилиҳо тадбир андешад. Яке аз ин тадбирҳо- тарбияи экологии хонандагон мебошад.

Мушкилоти таълими экологӣ вучуд дошт ва дар давоми инкишофи ҷамъият боқӣ мемонад. Таълими дурусти экологӣ дар оянда боиси пешгирии чандин мушкилотҳои экологии инсоният мегардад. Дар шароити ҳозира яке аз воситаҳои тарбияи одамон, алахусус чавонону наврасон, маърифати экологӣ мебошад, ки яке аз самтҳои педагогӣ ба шумор рафта, роҳу усули хосси худро дорад. (3)

Тарбияи экологии одамон аз оила, боғчаи бачагон, мактаб, воситаҳои ахбори умум ва ғайра сарчашма мегирад. Мақсади тарбияи экологӣ ба камол расонидани шахсони дорои маърифати кофӣ, маънавиёти баланд, ахлоқи ҳамида, ҷисман инкишофёфта, меҳнатдӯст, ватанпарвар ва кордони ба ҷамъият заруру фоидаовар мебошад. Моҳияти таълимот бошад, дар хонандагон бедор кардани ҷаҳонбинии илмӣ-экологӣ, муайян намудани мавқеъи ҳар як шахс дар ҷомеа, фаҳмидани меъёрҳои маънавию ахлоқӣ, меҳнати зеҳнию ҷисмонӣ ва касбӣ аст.

Низоми дурусти тарбияи экологӣ ва ҷамъиятию шахсӣ бехатарии ҳаёти одамон ва давлату табиатро таъмин карда метавонад. Тарбияи экологӣ ҳамчун ҳамоҳангсози муносибатҳои байни ҷомеа ва табиат шинохта шудааст. Эътирофи нақши пешбарандаи соҳаи маориф дар байни тадбирҳое, ки ба ҳалли мушкилоти экологӣ нигаронида шудааст, дар санадҳои меъёрии кишвари мо инъикос ёфтааст.

Ҳадафи асосии таълиму тарбияи экологӣ аз он иборат аст, ки хонандаро ба омӯзиши масъалаҳои муҳимми экологӣ ҷалб намуда, дар ботини ӯ бояд нисбат ба олами набототу ҳайвонот, обу хок, ҳавою табиати зебоманзар муносибати дилсӯзонаро ташаккул диҳад ва ба ин восита барои наслҳои оянда муҳити зисти тоза ва манзараву мавҷудоти бенуқсон боқӣ гузорад. (4)

Дар барҳам додани бесаводии экологӣ нақши махсусро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебозанд, зеро ҳамаи истифодабарандагони захираҳои табиӣ аз он мегузаранд. Табиат, одамон, иқтисодиёт- се рукни география мебошанд, дар ҷое, ки онҳо якҷоя истифода мешаванд ва муносибати байни онҳо дар харита нишон дода шудааст, аҳамияти география ба таври раднопазир мавҷуд аст.

Дар мактаби миёна таълими экологӣ характери байнисоҳавӣ дорад ва ба мундариҷаи бисёр фанҳо дохил мешавад: табиатшиносӣ, география, биология, химия ва ғайра, аммо география дар муқоиса бо дигар фанҳои таълимӣ маълумоти бештарро дар бораи экология дар бар мегирад:

Якум, мундариҷаи ғояҳои пешбарандаи мавзуъ дар таълими экологӣ асосӣ мебошад. Пас таълими география барои хонандагон ташаккул ёфтани фаҳмиши якпорчагии табиати замин, ваҳдати равандҳои он, робитаи табии инсон ба он, мусоидат мекунад.

Дувум, дар таълими мактабӣ, курси география ягона мавзуест, ки мушкилоти экологиро дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ барраси мекунад. Ин аз таъсири бузурги ҷомеаи инсонӣ ба муҳити зист, бад шудани ҳолати экологии сайёра ва тарбияи одамони аз ҷиҳати экологӣ босавод иборат аст, ки алоқаро дар системаи «табиат-инсон-ҷомеа» ифода карда, оқибати таъсири истеҳсолотро ба табиат пешбинӣ мекунад.

Омӯзгори фанни география бояд чунин мафҳумҳоро аз қабили «фарҳанги экологӣ» - « муносибати экологӣ «- «таълими экологӣ» - «шуури экологӣ»-ро бояд хуб донад ва ба хонандагон таълим дода тавонад. (5)

Истилоҳи » фарҳанги экологӣ» ки ба ҳама фанҳои курси мактаби дахл дорад, фарҳангӣ ҳама намудҳои фаъолияти инсониро дар назар дорад, ки ин ё он тарз ба дониш, рушд ва таъғирёбии табиат алоқаманд аст.Он донишҳои стандарти экологӣ, дарки онҳо, ташаккули ҳиссӣ масъулияти шаҳрвандӣ барои тақдири табиат,таҳияи чораҳои экологӣ ва иштироки мустақим дар татбиқи онҳо, риояи қонунгузории экологӣ,таҳкими волоияти қонун дар ҳифзи муҳити зист иборат аст.

Таълими экологӣ ин азхудкунии дониши асосҳои экология(саводнокии экологӣ) малакаҳои муошırати байни инсон ва табиат, иштироки созанда дар хифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табии мебошад.Ҷорӣ намудани ғояҳои экологӣ дар таълими география аз қобилияти пешниҳод кардани мавод ба хонандагон вобаста аст, то онҳо маводро на танҳо бо ақл, балки бо ҳисси худ дарк кунанд.

Таълими экологӣ раванди доимиест,ки ҳадафи сегонаро дар бар мегирад:омӯзиш, таълим ва рушд,-аммо бо назардошти ин масъала бояд чунин мафҳумҳо, аз қабили «огоҳии экологӣ», масъулияти экологӣ»-ро таъкид кард.Чаҳонбинии хонандагон, рафтори одамон, чи дар табиат ва чи дар ҷойи кор, дар ҳёти ҳаррӯза аз дараҷаи дониши экологӣ ва салоҳияти экологӣ вобаста мебошад.Хусусияти рафтори мо дар табиат аз он донише иборат аст, ки хонандагон дар синф ва баъди дарс ба даст овардаанд.

Тарбияи экологии хонандагон дар марҳилаҳо рушд меёбад: дар марҳилаи аввал омодаги ба ҳифзи муҳити атроф ташаккул ёфта,дар марҳилаи дуюм- идеали муносибат ба муҳити атроф ташаккул меёбад, дар марҳилаи сеюм қобилияти хонандагон барои ҳифзи муҳити атроф рушд мекунад.Дар ин раванд таҷрибаи самтҳои арзишӣ ва қабули қарорҳо нисбат ба муҳити табиӣ фаъолона ташаккул меёбад.

Вазифаи асосии таълими экологӣ на танҳо ташаккул додани системаи донишҳои географӣ барои муайян кардани муносибатҳои экологӣ дар замин ,балки муссалаҳ кардани хонандагон бо роҳҳои истифодаи дониши дар ҳайёти ҳаррӯза бадастоварда барои ҳифз ва баланд бардоштани сифати муҳити зист мебошад.

Таълиму тарбияи экологиро дар мавзӯҳои гуногуни фанни география ба роҳ мондан мумкин аст. Мавзӯъ: «Релефи замин»- ҷавоби хонандагон ба саволи «ташаккули релеф дар натиҷаи кадом омилҳо ба амал меояд?-тавре равон карда шудааст,ки ҳангоми номбар кардани омилҳои беруна, фаъолияти инсон низ номбар карда шавад,баъдан бо ёрии мисолҳо дониши хонандагон дар бораи таъсири инсон ба релеф васеъ карда мешавад.

Мавзуи «Атмосфера»- системаи саволҳо таҳия карда мешавад:

1-Аҳамияти атмосфера барои ҳайёти замин чигуна аст?

2-Дар зери таъсири инсон таркиби ҳаво чӣ гуна таъғйир меёбад?

3-Ҳавои ифлос ба организмҳои зинда чӣ таъсир дорад?

4-Нобудшавии оламии набототу ҳайвонот ба чӣ оварда мерасонад?

Омӯзгор ҷавоби хонандагонро ба ин саволҳо шунида,хатоҳоро ислоҳ намуда ҷавобҳоро пурра мекунад. Бо ҳамин усули саволу ҷавоб дар дарсҳои география тарбияи экологии хонандагон ташаккул ёфта дар зеҳни онҳо меҳру шафқат нисбат ба рустаниҳо,парандаҳо,ҳайвонот хулоса ба муҳити зист нақш мебандад.Ҳангоми омӯзиши географияи материкҳо дар якҷоягӣ бо саволҳо оиди табиати материкҳои курраи замин,инчунин дар дарс чунин масъалаҳо ба назар гирифта мешаванд:Таъғирот дар табиат дар натиҷаи фаъолия тиинсон,ифлосшавии обҳо,тағйирёбии хок ,набототу ҳайвонот.Дар дарсҳои география дар вақти гузаштани мавзуъҳо, дар баробари таълими экологӣ салоҳиятҳои гуногуни хонандагон ба монанди: ташаккули самтҳои арзишӣ,дарки эстетикии табиат,қобилиятҳои эҷодӣ ва тасвири ташаккул дода мешаванд.

Ҳамзамон дар рафти ошкор кардани таъғироти дар табиат ба амал омада, хонандагон аз манбаъҳои гуногуни дар даст дошта (адабиёт, слайдҳо, видеоҳо) истифода менамоянд. Яке аз хусусиятҳои таълими экологӣ дар дарсҳои геогрефия ин ба таври куллӣ омӯхтани донишҳои қаблан ба дастомада дар бораи таъсири мутақобилаи табиат ва

ҷомеъа дар сатҳи мушкилоти глобалӣ мебошад, ки манфиатҳои муҳимми ҳаммаи кишварҳо ва халқҳо дахл дорад ва амалиёти муштараки ҳамаи давлатҳоро талаб мекунад.

Ошкор кардани хусусиятҳои ҷаҳони муосир ба номутаносибӣ, зидиятҳо дар муносибати байни кишварҳо,одамон,табиат ва ҷомеъа имкон медиҳад,ки хонандагон душвориҳои ҷиддӣ дар айни замон имкониятҳои бузургро барои ҳалли мусбати мушкилоти умумиинсони нишон диҳад.шакли асосии ишфои мундариҷаи чунин саволҳо дар мактаб-маърузаҳо, семинарҳова корҳои эҷодӣ мебошанд.Ҳоло чанд мавзӯро барои семинар ба хонандагон пешниҳод менамоем:1) -Техногенез, миқёси ҷаҳонӣ ва минтақавӣ. 2)-Мушкилоти ашёи хом ва захираҳои дуюм дараҷа. 3)Мушкилоти солимии инсон ва дарозумрӣ.

Вазифаи асосӣ на танҳо ташаккул додани системаи донишҳои географӣ барои муайян кардани мушкилоти экологӣ, балки мусаллаҳ кардани хонандагон бо роҳҳои истифодаи дониши дар ҳаёти ҳаррӯза ба даст омада барои ҳифз ва баланд бардоштани сифати муҳити зист мебошад.

Дар охир хонандагон бояд: донистан ва фаҳмидани таъсири фаъолияти иқтисодии инсон ба литосфера, гидросфера, атмосфера, биосфера, чораҳои ҳифзи онҳо, фаъолияти инсон дар самти истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок, намудҳои асосии идоракунии табиат,манбаҳои асосии ифлосшавии муҳити атроф, қоидаҳои рафтори одамон дар муҳити зист, чораҳои муҳофизат аз падидаҳои табиӣ ва техногениро азхуд кунанд.Маводи картографӣ, оморӣ, иттилоотиро ҷамъбаст карда тавонанд. Хусусиятҳои табииро ба ҳаёт ва фаъолияти хоҷагии одамон муайян кунанд. Арзёбии вазъи экологӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва ҷаҳон.Хонандагон бояд маълумоти географиро ба сатҳи татбиқиамалӣ расонанд, аз донишу маводи илмӣ –табиӣ ҳамаҷониба истифода баранд.Дониши экологиро барои муайян кардани мушкилоти экологӣ дар замин татбиқ кунанд, роҳҳои ҳифз ва беҳтар гардонидани сифати муҳити зистро пайдо намоянд.Таблиғи дониш ва малакаҳои экологӣ дар мактаб, дар байни аҳолӣ саҳми худро дар фаъолияти муфиди ҷамъияти барои ҳифзи табиати маҳалли худ гузоранд.

Вазифаҳои таълими экологияро дар ҳар як дарси география ҳал кардан мумкин аст,зеро ҳар як инсон бо истифода аз таҷрибаи ҳаёти гузаштава ҳозирақодир аст, ки оқибати амал ва муносибати худро бо шахси дигар пешбини кунад,сабаби падидаҳои мушоҳидашавандаро фаҳмад ва дар ҳаммаи ҳолатҳои имконпазир эҷодкорона изҳори назар кунад. Дар охир чунин гуфтанием, ки бояд ҳар як хонанда бо худ суол кунад!Кай шаҳри мо тозава сабзу зебо мешавад? Кӣ барои нобудь кардани саломатии инсон бо партовҳои саноатӣ масъул аст? Чӣ гуна чашмаҳо,дарёҳо,кӯлҳо,олами набототу ҳайвонотро аз нобудшави наҷот додан мумкин? Ҳар як инсон бояд сарватҳои табиат, ҳаво, обу заминро ҳимоя кунем.Мо бояд як шахси оқил аз ҷиҳати экологӣ солимро тарбия намоем, ки барояш принсипҳои «Зарар нарасонед» «Муфид бошед»-ро шиори зиндагӣ гардонад. Аз ин рӯ, мо бояд захираҳои модию маънавиро истифода барем ва як насли аз ҷиҳати экологӣ маърифатнокро барои бехатарии ояндаи сайёраи замин тарбия намоем.

## АДАБИЁТ


1. Питер Фарб Экологияи оммафаҳм Душанбе» Эр-граф» 2010. с-10
2. Дарвозиев М.,Сафаров Экология. -Душанбе»Маориф ва фарҳанг»2014. С.18
3. Баховский А.В. Экологическое воспитание -Москва-1996, с-6
4. Савина ТВ-Санкт- Формирование экологической компитенции обучающихся. Петербург-2016 г.(меж-науч-конфер).
5. Жит в согласии сприродой.-Горелов АА- Москва 1990 г.(геог-в школе-№5



## ГУЛМОЧОЕВ Д. К.


## ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ГЕОГРАФИЯ


Дар макола оид ба мушкилоти экологӣ сухан рафта, саҳми фанни география дар тарбияи экологии хонандагон нишон дода шудааст. Маҳз тарбияи дурусти экологии хонандагон тақозои замон буда, яке аз омилҳои муҳимми рушди маърифати экологӣ мебошад. Рушд ёфтани маърифати экологии одамон боиси ҳалли мушкилоти зиёд дар сайёра мегардад.



**Калидвожаҳо:** экология, география, тарбия, таълим, мушкилот, инсон, маърифат, ифлосшавӣ.

**ГУЛМОЧОЕВ Д. К.**

**ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ШКОЛЬНИКОВ НА УРОКАХ ГЕОГРАФИИ**

В статье рассматриваются экологические проблемы и вклад географии в экологическое образование учащихся. Правильное экологическое образование учащихся - требование времени и один из важных факторов развития экологического образования. Развитие экологического образования людей решит многие проблемы на планете.

**Ключевые слова:** экология, география, образование, обучение, проблемы, человек, просвещение, загрязнение.

**GULMOCHOEV D. K.**

**ENVIRONMENTAL EDUCATION OF SCHOOLCHILDREN IN GEOGRAPHY LESSONS.**

The article deals with environmental problems and the contribution of geography to environmental education of pupils. Correct environmental education of pupils is a requirement of the times and one of the important factors in the development of environmental education. The development of environmental education for people will solve many problems on the planet.

**Key words**: ecology, geography, education, training, problems, people, education, pollution**.**

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Гулмочоев Диловар Кишварович ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А Ҷомии АТТ.тел-555559364.

**Сведения об афторе:** Гулмочоев Диловар Кишварович ведущий научный сотрудник Института развития образования имени А. Джами АОТ. Тел.:555559364.

**Information about the author:** Gulmochoev Dilovar Kishvarovich Leading Researcher Institute for the Development of Education named after A. Jami AOT. T.-555559364.

**РАБИЕВА З.Р.**

**ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ДАР КОЛЛЕҶҲОИ МИЁНАИ ТИББӢ**

Ташаккули фарҳанги истифодаи технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ зарур мебошад. Доштани технологияҳои муосири иттилоотӣ барои гирифтани маълумоти касбӣ ва такмили пайвастаи касбӣ зарур аст. Дар замони муосир фарҳанги иттилоотӣ аз худ кардани таҷҳизоти муосири тиббии технологӣ, истифода аз имкониятҳои телетиббӣ ва рушди илм ғайриимкон аст .

Муқаддима ба иттилоотсозӣ ҳоло аз ибтидоӣ оғоз шуда, ба хатмкунандагони иттилоот дар шакли мултимедиявӣ (презентацияҳо, видеоҳо ва ғ.), барномаҳои компютерӣ, гиперматнҳои шабакавӣ пешниҳод мегардад. Барои бисёре аз онҳо, доираи истинод ва муошират дар шабакаҳои иҷтимоии интернет манбаи асосии иттилоот аст. Донишҷӯён маълумотро дар системаҳои ҷустуҷӯии шабакаи ҷаҳонӣ ҷустуҷӯ мекунанд, сайтҳои гуногунро аз назар мегузаронанд. Аз ин лиҳоз, дар фазои таълимии муосир дарсҳои амалӣ самараноктаранд, ки дар рафти он барои мустақилона иҷро кардани супориш маводи таълимии дар шакли мултимедия пешниҳодшуда фаъолона истифода карда мешавад.

Таълими педагогикаи муосир ҳангоми истифодаи технологияи электронӣ (таълим бо ёрии мултимедиявӣ ва интернет) самаранок аст. Барои он, ки бо донишҷӯён дар баробари омӯзиши электронӣ, омӯзгорон низ технологияи омӯзиши m-learning- ро (омӯзиш бо ёрии гаҷетҳои мобилӣ)-ро аз худ мекунанд.

Барои истифодаи технологияи омӯзиши электронӣ шумо бояд миқдори кофии мундариҷаи таълимии чандрасонаӣ дошта бошед . Дар таълими касбӣ-техникӣ ҳоло чунин мазмун камӣ мекунад. Бисёр муаллимон мундариҷаи таълимии мултимедиявии худро эҷод мекунанд.

Эҷоди таълимии мултимедия ва мазмуни таълим дар ин фан аз қисмҳои алоҳида дар шакли мавзӯъҳо ва машқҳои гуногун иборат аст. Одатан, мавод барои ҳар як мавзӯъ инфиродӣ эҷод карда мешавад. Супоришҳо ва машқҳо пайдарпай интихоб карда мешаванд, усулҳои оптималии амалӣ ( қисман анъанавӣ, қисман муаллифӣ) муайян карда мешаванд. Маводи таълимӣ ё дар шакли матни оддӣ ё дар шакли мултимедия дода мешавад.

Барои сохтани мултимедия мундариҷа аз камераи видеоӣ, барномаҳои гуногуни компютерӣ истифода мешавад. Муаллимони фанҳои информатика бо назардошти хусусиятҳои фанни худ, скриншотҳо мегиранд ё клипҳои видеоиро дар экрани компютер сабт мекунанд. Сипас мавод дар шакли презентатсия ё видеои таълимӣ, китоби дарсии электронӣ, манбаи шабакаи таълимӣ омода карда мешавад. Минбаъд омӯзгор мазмуни офаридаашро дар ҷараёни таълим амалӣ мекунад, ки он щангоми истифода пайваста

такмил дода мешавад. Агар ягон маҳдудияти ҳуқуқ вуҷуд надошта бошад, пас муаллиф мустақилона мундариҷаи муаллифии худро ба донишҷӯён ва шабакаи ҷаҳонӣ ҷойгир мекунад. Дастрасӣ ба мундариҷаи дар веб ҷойгиршуда метавонад:

а) бо рамз;

б) агар истинод ба манбаъ мавҷуд бошад (дар ин ҳолат манъи индексатсия лозим аст);

в) озод, бидуни маҳдудият бошад.

Дар мундариҷаи таълимӣ як қатор захираҳои онлайн мавҷуданд. Муаллим метавонад онро дар вебсайти шахсӣ, дар системаи таълими фосилавии худ (агар дар андозаи файлҳои интишоршуда маҳдудият вуҷуд надошта бошад) ё дар анбори абрии худ ( Google drive ва ғайра) ҷойгир кунад. Мундариҷаро метавон дар порталҳои махсуси таълимӣ (MED - EDU . ru ва ғ.), ё дар хидматҳои маъруфи видеоӣ ( YouTube ва ғ.) ҷойгир кард.

Барои дарсҳо аз фанҳои «Информатика» ва «Таъмини иттилоотии фаъолияти касбӣ» аз ҷониби мо мундариҷаи электронии таълимӣ - презентатсияҳо, видеоҳои таълимӣ, супоришҳои гуногун дар шакли электронӣ, барномаи компютерии Test 4 барои санҷиши назорати дониш ва тестҳо барои нармафзор таҳия гардидааст.

Шабакаи глобалии системаи таълими фосилавии коллеҷ барои корҳои мустақилонаи беруназсинфии донишҷӯён презентатсияҳо, маводи назариявӣ ва супоришҳо ҷойгир карда мешаванд. Наворҳои таълимӣ аз сабаби андозаи файлҳои видеоӣ дар системаи фосилавии коллеҷ ҷойгир карда намешаванд , бинобар ин онҳо дар хидмати видеоӣ ҷойгир карда мешаванд. Дар YouTube ва системаи таълими фосилавӣ истинодҳо мавҷуд буда, дастрасӣ ба филмҳои таълимӣ ройгон аст ва шарҳи баъзе филмҳои таълимӣ дода мешавад.

Филмҳо барои омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби донишҷӯёни тиб пешбинӣ шудаанд, аммо сарфи назар аз самти тиббии маводи таълимӣ, аз рӯи шарҳҳо, онҳоро танҳо табибон тамошо намекунанд.

Дар филмҳо садо вуҷуд надорад, зеро онҳо пешбинӣ шудаанд, ки дар синфҳои компютерӣ дар як вақт аз ҷониби ҳамаи донишҷӯён тамошо карда шаванд, аз ин рӯ ҳама метавонанд мустақилона порчаҳои заруриро барои тамошо интихоб кунанд.

Дар амалияи тиббӣ , нармафзори махсус ва нармафзори маъмулии барномавӣ, ки ба бастаи нармафзори муқаррарии офисӣ дохил мешавад, метавонад истифода шавад. Намунаҳои нармафзори махсуси тиббӣ :

- системаҳои гуногуни автоматикунонидашудаи иттилоотии тиббӣ: системаҳои маъмурию идоракунӣ, оморӣ, таъминоти доруворӣ, системаҳои суғуртаи тиббӣ, феҳристи шахсии беморон, ҷойҳои кории мутахассиси тиббӣ;
